# АХТАРОНИ АДАБ

# 47

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА ВА ТАҲРИРИЯИ
50-ҶИЛДАИ ОСОРИ КЛАССИКОН ВА МУОСИРОН
«АХТАРОНИ АДАБ»**

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

*Абдуҷаббор Раҳмонзода*
*Зулфия Давлатзода*
*Фарҳод Раҳимӣ*
*Низом Қосим*
*Носирҷон Салимӣ*
*Давлат Сафар*

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

*Абдулҳамид Самад*
*Кароматулло Олимзода*
*Абдураҳмон Абдуманнон*
*Абдунабӣ Сатторзода*
*Аламхон Кӯчарзода*
*Мирзо Муллоаҳмад*
*Алӣ Муҳаммадии Хуросонӣ*
*Муҳтарам Ҳотам*

# Муъмин ҚАНОАТ
# ЯК ЧАМАН СУХАН

# Бозор СОБИР
# ШОХИ ҚАЛАМ

# Лоиқ ШЕРАЛӢ
# ЗАБОНИ ДИЛ

Душанбе
«Адиб»
2020

ББК 84 Тоҷик 7-4
К-52

Интихоб, сарсухан ва қисман шарҳу тавзеҳи
Низом ҚОСИМ

Муҳаррир *Давлат САФАР*

К-52 **Муъмин ҚАНОАТ. ЯК ЧАМАН СУХАН.**
**Бозор СОБИР. ШОХИ ҚАЛАМ.**
**Лоиқ ШЕРАЛӢ. ЗАБОНИ ДИЛ.**
– Душанбе, «Адиб», 2020, 480 саҳ.

Дар ин ҷилд мунтахаби ашъори сутунҳои шеъри муосири Тоҷикистон – Муъмин Қаноат, Бозор Собир ва Лоиқ Шералӣ пешкаши алоқамандон мегардад. Умедворем, ки бори дигар хонандаи соҳибзавқро ҷалбу мафтун намуда, дар вуҷудаш беҳтарин эҳсоси инсонӣ – меҳру садоқат, ишқу вафо, ватанпарварию миллатдӯстӣ бармеангезанд.

ISBN 978-99947-2-661-5

© Нашриёти «Адиб», 2020

# Муъмин ҚАНОАТ

# ЯК ЧАМАН СУХАН

## Ба ҷои пешгуфтор

Муъмин Қаноат 20 майи соли 1932 дар деҳаи Курговади ноҳияи Дарвоз таваллуд шуда, таҳсилро дар мактаб-интернати ноҳияи Ғарм, омӯзишгоҳи омӯзгории Навобод ва факултаи филологияи тоҷики Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон фаро гирифт.

Ба сифати ходими адабӣ ва котиби масъули маҷаллаи «Шарқи Сурх» («Садои Шарқ»), муовини аввали Раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ва котиби якуми Садорати он, директори Институти осори хаттии Академияи илмҳо, муовини раиси Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон, муовини раиси Кумитаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ хидмат намуд, Шоири халқии Тоҷикистон ва узви вобастаи Академияи илмҳои мамлакат буд.

Чунон ки дар як мусоҳибааш омада, аҷдод, бахусус модараш, аҳли завқ будаву ӯро дар чунин муҳит тарбият кардаанд. Хеле барвақт ба шеъргӯӣ оғоз намуда бошад ҳам, дар ин роҳ муъмину боқаноат будааст ва нахустин навиштаҳояшро қариб баъди хатми донишгоҳ ба чоп супурдааст.

Маҷмӯаи нахустини ашъораш «Шарора», ки соли 1960 ба табъ расид, чун падидаи шеъри тоҷикии замон зуд ба дилҳо роҳ ёфт ва хонандаро аз шоири фарохназару амиқандеше умедвор сохт. Баъдан ба достон рӯ оварда, ба масири асосиву умрбодии эҷодаш ворид гардид ва ин азмаш чунон қатъиву фарогир буд, ки ҳатто ашъори алоҳидаи гоҳ-гоҳе сурудааш низ рӯҳи ҳамосӣ ва шукӯҳмандии тавсифу тасвир доранд.

Ду асари ҳамосии шоир – «Достони оташ» (дар бораи бунёдкорони Нерӯгоҳи обии барқи Норак) ва «Мавҷҳои Днепр» (маҳсули сафари шоир ба ҷумҳурии Украина), зоҳиран аз шеърҳои алоҳида иборат бошанд ҳам, ботинан дорои мавзӯъ ва мундариҷаи ягонаанд ва ҳар шеър натанҳо ҷузъи ҷудоно-

пазири достони баландғояву фарохмаъност, балки бо ифодаи сифату хислати ашёву ашхоси ҷудогонаи мавриди назари муаллиф ва шукӯҳу шаҳомати хеш асари комили ҷудогонае низ буда метавонад. Ин асарҳо натанҳо дар ташаккули бештари маҳорати бадеии шоир нақши бузург бозиданд, балки дар тарғибу ташвиқи ғояи созандагиву бунёдкорӣ дар байни чанд насли ҷавонон хидмати босазо карданд ва, аз ин рӯ, бо Ҷоизаи Комсомоли ленинии Тоҷикистон мукофотонида шуданашон табииву шоиста буд.

Нақли пуртаъсири шоирона ва фарогири Муъмин Қаноат бо тамоми рангу ҷило дар достони «Китобҳои захмин» аён гашт. Дар Ленинград чоп шудану ба дасти хонандагони диёр расидани китобҳои дарсиву бадеии тоҷикиро ҳама медонанд, лекин шоир аз ҳамин санади ба ҳамагон маълум маъниву мазмун ва рамзу образҳое офаридааст, ки ҳам қотеан ҷангу ҷангҷӯёнро маҳкум мекунанд ва ҳам ноаёну зебо, бе талқину тарғиби ошкор, вале ҳадафрасу муассир мактабу муаллим, китобу маърифат, меҳру вафои инсониро ситоиш менамоянд.

Достони машҳури «Сурӯши Сталинград» давраи комилест дар эҷодиёти Муъмин Қаноат. Шоир онро низ зоҳиран ба ҳамон услуби фардии достонҳояш – иборат аз пораҳои ҷудогонае, ки воқеа ё шахсияти бузурги мавриди тасвири кулли достонро тавсифу тасвир мекунанд ва забону баёни беҳад баланду шукӯҳманд сурудааст. Дар он ҳам воқеаҳои набарди бемисли таърих тасвир шудаанду ҳам рӯйдодҳои пурфоҷиаву муассири ақибгоҳ, ҳам аскару афсарони ҷонфидо амал мекунанду ҳам ашхоси фидокору чашмбароҳи Тоҷикистони аз набардгоҳ дур. Сурӯш дар он танҳо дар маҷмӯъ сурӯши Сталинград нест, балки пора-пораву оя-оя сурӯши ҳар кадоми онҳоест, ки бо нархи ҷону ҷонфидоиҳои хеш Ғалабаи Бузургро имконпазир намуданд. Аз ин рӯст, ки ҳар яки онҳо бо хислату сифатҳои мушаххаси дилрас дар ёд мемонанд ва сурӯшҳояшон дар маҷмӯъ сурӯши рӯҳи Инсонро ба вуҷуд меоранд. Ин достон натанҳо дар Тоҷикистону кишварҳои ҳамзабон, балки дар саросари давлати бузурги шӯравӣ машҳур гашт ва бо қалами пурэъҷози Роберт Рождественский ба русӣ тарҷумаву бо Ҷоизаи давлатии СССР қадр шуданаш далели ин аст.

Муъмин Қаноат шоирест, ки аз аввалин навиштаҳояш бо хусусиятҳои миллии осор фарқ мекунад. Ин ҳам дар забону баён ифода меёбад, ҳам дар корбасти ҷузъиёти хоси таъриху имрӯзи миллати тоҷик ва ҳам дар ғурури баланду ифтихори бегазанди миллӣ. Достони «Тоҷикистон – исми ман», ки ба 50-солагии кишварамон бахшида шудааст, дар ин масир қадами ҷиддие гардид.

Мавзӯи он бо тасвири воқеиятҳои замони нав дар достони «Падар» идома ёфт. Ин асар чанд рухдоди мушаххаси давраи баъди Инқилоби Октябр ва ҷанги гражданиро дар Тоҷикистон дар бар гирифта, дар тасвири симоҳо, суннатҳо, расму одатҳои кӯҳистони тоҷик тозагӯиҳои назаррас дорад.

Яке аз махсусиятҳои аёни сухани Муъмин Қаноат ин аст, ки дар мавзӯъҳои хеле маъмулӣ ҳам диду назари тоза зоҳир мекунад. Масалан, Ибни Сино он қадар маъруфу машҳур аст, ки зоҳиран дар борааш гуфтани сухани тозаи бадеие имкон надорад. Вале бо итминони комил метавон гуфт, ки достони нави Муъмин Қаноат «Гаҳвораи Сино» натанҳо сухани тозаест дар ин маврид, балки гуфтаҳои таърихиву ривоятии маълумро низ бо ҷилои тозаи бадеият ва муҳокимаҳои баландмазмуни фалсафӣ манзури хонанда карда, симои комили ин фарзонафарзанди халқи тоҷикро мушаххасу хотирмон ва муассиру дилрас ба ёдҳо месупорад. Халқу давлат мақоми арзандаи ин асари хонданиву монданиро бо Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ таъкид карданд.

«Ситораи Исмат» собитқадамии Муъмин Қаноатро дар тасвири мавзӯи Ҷанги Бузурги Ватанӣ бори дигар собит намуд. Он асари ҷолибест оид ба ҳаёту набардҳои Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ Исмат Шарифов, ки аз майдони осоиштаи кишти Данғара ба майдони набарди ҷумҳуриҳои мубталои зулми фашистон рафта, корномаҳои бемисл нишон дод. Ҳамзамон дар он воқеаву симоҳои бисёр заминиву дилраси ақибгоҳ мавриди тасвир қарор гирифтаанд.

Достонҳои охирини шоир «Ҳамосаи дод» дар бораи мухолифати шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва «Масъуднома» оид ба воқеаҳои Афғонистону яке аз сипаҳсолорони номдори он – Аҳмадшоҳи Масъуд ҳикоят мекунанд.

# АЗ ШЕЪРҲО

## БА ҲАВОДОРИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

Қанд гӯӣ, панд ҷӯӣ, эй ҷаноб,
Ҳар чӣ меҷӯӣ, биҷӯ.
Бекарон баҳрест, гавҳар беҳисоб,
Ҳар чӣ меҷӯӣ, биҷӯ.
Форсӣ гӯӣ, дарӣ гӯӣ варо,
Ҳар чӣ мегӯӣ, бигӯ.
Лафзи шеъру дилбарӣ гӯӣ варо,
Ҳар чӣ мегӯӣ, бигӯ.
Баҳри ман танҳо забони модарист,
Ҳамчу шири модар аст,
Баҳри ӯ ташбеҳи дигар нест, нест,
Чунки меҳри модар аст.
З-ин сабаб чун шӯхиҳои дилбарам
Дӯст медорам варо,
Чун навозишҳои гарми модарам
Дӯст медорам варо.

## ОБШОР

Эй обшор!
Оинаи беғубори ман,
Ёри замони кӯдакии беқарори ман,
Аз рӯзҳои рафта туӣ ёдгори ман.

Оҳангҳои куҳнаро такрор мекунӣ,
Ёди бахобрафтаро бедор мекунӣ,
Рози маро ба лафзи худ изҳор мекунӣ.

Дорӣ ба ёд лаҳзае, он хуб манзаре,
К-омад ба об субҳдам он куртапарпарӣ,
Пои бараҳна рӯи гул он ҷӯҷаи парӣ?

Мӯи сиёҳ бар қади мавзун чу обшор,
Чашми чу чашмаи сафо, рӯе чу навбаҳор.
Қадде ба мисли шаршара ларзону беғубор.

Гулхандае мекарду гул дар об мефиканд,
Тифле ба оби гавҳари ноёб мефиканд,
Сӯзе ба ҷони баччаи бетоб мефиканд,

Мерафту рангу равнақи гулзор мешикаст,
Меомаду аз омадаш хуммор мешикаст,
Лабташнагии ташнаи дидор мешикаст.

Он духтарак кӣ буд маро?
Балки хоҳарам,
Ё дар баҳори наврасӣ ӯ буд дилбарам?
Ё чун кабӯтари сафед ӯ буд ҳампарам?

Ҳар кас, ки буд,
Ӯ маро аз ҷон азиз буд,
Ҷонам зи ҷоми шарбати ӯ рез-рез буд.

Рӯзе, ки чун ду соҳили дарё ҷудо шудем,
Дарё садо намудаю мо бесадо шудем,
Дар торҳои шаршара ҳарду наво шудем,

Он лаҳзаҳои бебадал гӯё ба хоб рафт,
Умри азизи баччагӣ монанди об рафт,
Чун кабки рав фаромаду лекин шитоб рафт...

Эй обшор!
Боз биё дар канори ман,
Бинвоз он таронаро чун ёдгори ман,
Боре намой сурати он навбаҳори ман!

## ҲУКМ БАР СИТОРА КУНЕМ

Тилисми гунбади афлокро чу пора кунем,
Ба чашми ақл ба асрори ӯ назора кунем.
Дигар малоф ту аз сарбаландӣ, эй афлок,
Ба даври чархи ту худро чу моҳвора кунем.
Зи қаҳр мешавӣ гоҳе сиёҳу гоҳ сафед,
Ки рози пардагиёнат ба ҳар канора кунем.
Вакили мардуми мо дар зиёфати Миррих
Бидод ваъда, ки ин сулҳро дубора кунем.
Тавонгарӣ нигар, эй Офтоб, мардуми хок,
Ки хоку олами афлокро идора кунем.
Ба назди ахтари толеъ мурод кай ҷӯем,
«Ки ноз бар фалаку ҳукм бар ситора кунем».

## ҶИЛВАГОҲИ ҲАҚИҚАТ

Мо зи эъҷози худ намелофем,
Қиссаи зӯри худ намебофем.
Бекаромоту одами хокем,
Рӯи хокему зери афлокем.

Лек ҷон дода, ҳақ талаб кардем,
Ростиро ба худ насаб кардем,
Бар вай имрӯз болу пар додем,
Дар раҳи Офтоб сар додем.

Бин, ҳақиқат зи ҳафтумин афлок
Мекунад синаи фазоро чок.
Бо забони фасеҳ бар дунё
Мебарад муждаю паёми мо!

## ПИРИ ГУЛФУРӮШОН

Кӯҳи Варзобро чи даврон аст,
Гӯӣ, он пири гулфурӯшон аст:

Ҷомаи бекасаб ба бар дорад,
Локии шоҳӣ дар камар дорад,
Саллаи суф гирди сар дорад,
Сабади гул ба пеши бар дорад.

## ОТАШИ ИШҚ

Донед, ки ишқ оташи сӯзон аст,
Ҳарчанд ки сӯзи ӯ ҳузури ҷон аст.
Аз оташи асл гар касе дур шавад,
Аз дур алангааш варо нур шавад.
Ҳайҳот, ки ин оташи бедуди ниҳон,
Гар дур фитад, дучанд гардад сӯзон.

## НА ҲУКМ, НА ҲИКМАТ...

Агар дорад ҷавоне табъи мавзун,
Агар бошад ба ҳусни шеър мафтун,
Нишинад, хешро ранҷур созад,
Зи нури дидагонаш нур созад,
Зи шавқи синааш то рӯз сӯзад,
Ки як дилро ба нури худ фурӯзад.
Агар табъе чу шамъи зинда дорад,
Фуруғе з-оташи оянда дорад.
Ба рӯи ӯ маяфшонед домон,
Сухан оҳистатар гӯед, ёрон,
Мабодо аз дами сарде бимирад,
Ки шамъи мурда боре дарнагирад.

## МЕЗЕБАД

Баҳри рухсораи анори ту
Зери мижгони соядори ту
Наргиси масти хоб мезебад.

З-он ду лаъли садафниҳони ту,
Сад қасам, ҷони ман, ба ҷони ту,
Таъна бар Офтоб мезебад.

Моҳ дар рӯи ту ватан дорад,
Мавҷ аз зулфи ту шикан дорад,
Ҳардуро обутоб мезебад.

## ҲУСН

Мӯй дар пешонии чун коғазаш
Бо назокатҳо хати зар мекашад.
Рӯй аз болои нахли қоматаш
Ҳар пагоҳӣ Меҳри ховар мекашад.
Шарм дар рухсораҳои нарми ӯ
Ҳар замон ранги гули тар мекашад.
Шавқ дар наззораҳои гарми ӯ
Дар миёни шуъла ахтар мекашад.
Ханда дар лабҳои чун оби ҳаёт
Гоҳ марҷон, гоҳ гавҳар мекашад.
Аз даруни синаи ман қалбро
Ҳар замон бо роҳи дигар мекашад.
Бин, кадом устод чун момои ӯ
Ҳуснро ин қадр дилбар мекашад!

## МАНУ ШАБҲОИ БЕХОБӢ

Ба ёди мӯи шабранги ту
Шабро то саҳар бурдам,
Нанолидам,
Агарчи умри булбулро ба сар бурдам.
Сарам дар бистари қу,
Гӯӣ, дар гирдоб меғӯтид,
Нигоҳам то саҳар дар шуълаи маҳтоб меғӯтид,
Ки шояд дар лаби дарё
Туро ёбам тани танҳо,
Бигӯям бо лаби хомӯш дар гӯшат
Диламро – достонамро,
Супорам дар таҳи боли ту ҷонамро...

Чи лутф аст ин,
Ки ногаҳ омадӣ дар хоби ширинам,
Нишастӣ дар барам, болид болинам,
Сафедӣ ёфтӣ дар мӯи мушкинам.

Туро чун тифл бӯидам,
Туро чун тифл бӯсидам.
Ту хандидӣ,
Зи лабхандат саҳар омад,
Парӣ гаштӣ,
Паридӣ, аз сарам рафтӣ,
Ба мисли хоб аз чашми тарам рафтӣ.

Зи ҷо ҷастам,
Ки аз пуштат кунам парвоз,
Барорам то фалак овоз,
Зи худ растам,
Вале дидам:
Маро дар пой занҷир аст,
Садо бархост аз занҷири тиллоӣ:
Магар овози занҷир аст,
Ё овози тақдир аст?..

Бирафтӣ, монд афсона,
Ҳамон болин, ҳамон хона;
Тую шабҳои маҳтобӣ,
Ману шабҳои бехобӣ...

## НАРАВ, ҚУИ САФЕДИ МАН!

*Ба М. С.*

Навоҳо об мегардад,
Ба рӯи саҳна мерезад,
Садо аз мавҷҳои реза мехезад.
Ба нармӣ қуи зебое

Ба рӯи мавҷ обӣ шуд,
Ба пояш зарраҳо ҳавзи гулобӣ шуд.
Гаҳе аз нармрафторӣ
Гули дар об мегардад,
Гаҳе дар гирди худ гирдоб мегардад.
Гаҳе аз ишқ меболад,
Гаҳе хомӯш менолад.
Чи хомӯшӣ,
ки ҳар мӯяш забон дорад!
Ман аз ин печутоби ӯ,
Азобу изтироби ӯ
Шудам дар ин шаби сармо кабоби ӯ.
Зи дилбозии он дилбар,
Зи рақси қуи афсунгар
Ҳазорон чашмҳо чун ҳавзи пуроб аст, –
Дар он ҷо ҳур мерақсад,
Ба дилҳо ҷӯр мерақсад,
Даруни дидаҳо чун нур мерақсад.
Ба афсуне ҳақиқатро
Ба ман афсона месозад,
Маро аз хештан бегона месозад.
Худам ин ҷо, вале ҷонам
Паи ҷонона мегардад.
Дилам дар олами афсона мегардад.
Нарав, эй лаҳзаи ширин,
Машав хомӯш, эй оҳанг,
Ки умри бебаҳоям меравад аз чанг!
Нарав, қуи сафеди ман,
Макун афсонаам вайрон,
Ки ширин аст ин афсонаат, ҷонон!
Нарав, ҷонам, ки васли мо
Дар ин афсона мемонад,
Ҷаҳони сарду
оташхона мемонад!

## ОБ МЕХУРАД...

Пои булӯру мавҷаи нилоби доманаш –
Худ моҳие, ки ғӯта ба гирдоб мехурад.
Мӯи сиёҳи пеши бараш расми дилбарист,
Ҳар тори он ба тори дилам тоб мехурад.
Аз ҳар нигоҳи софи ӯ чашмони ташнаам
Гӯё зи оби чашмаи Варзоб мехурад.
Ӯ чашмаи равону манам ташнаи висол,
Чун ташнае, ки об шаби хоб мехурад.

## ГУЛИ БОДОМ

*(Монологи қаҳрамони Ҷанги Бузурги Ватанӣ Саидаҳмади Карим)*

Суми мармар, думи мухпар,
Пари кафтар, дави сарсар.
Миёне дастаи ханҷар,
Чӣ гардан, гардани духтар!
Аҷаб хушрӯю бозингар –
Гули Бодом!

Ба Волга бори аввал
Чун садои тӯп бишнидӣ,
Чу тори чанг ларзидӣ,
Садо кардӣ,
Нидо кардӣ,
Гули Бодом.

Даме ҷанги ҷаҳон
Бори гарони ин замин будӣ,
Фишанги оҳанин будӣ,
Ба Волга дар камин будӣ,
Ҳамеша зери зин будӣ,
Гули Бодом.

Зимистон, як саҳар
Монанди тире аз камон ҷастӣ,
Зи банди оҳанин растӣ,
Чу абру бод дар даште
Зи садҳо асп бигзаштӣ,
Гули Бодом.

Зи Волга то Калач он рӯз
Пешоҳанг мерафтӣ,
Нахустин ҷанг мерафтӣ,
Зи саҳрои ба хуни одамӣ
Гулранг мерафтӣ,
Гули Бодом.

Сипас чун Рахши майдонӣ
Шудӣ дар ҷанг беҳамто,
Чу тӯфон – ҳокими саҳро,
Басе шабҳо, ки душманро
Шабохун мезадӣ танҳо,
Гули Бодом!

Ба зери зин гузаштӣ
Се баҳору се зимистонро.
Гузаштӣ чӯли тафсонро,
Аёсу барфу боронро,
Гузаштӣ даври гардонро,
Гули Бодом.

Ба девори Брест имшаб
Ҷилаврез омадӣ, Бодом,
Арақрез омадӣ, Бодом,
Накарда хокро озурда,
Гулрез омадӣ, Бодом,
Эй Бодом!

Аз ин ҷо хок дигар шуд,
Дават гардам, парат гардам,
Сумат гардам, сарат гардам,

Кунун як зӯри дигар зан,
Чу соҳиб чокарат гардам,
Гули Бодом!

Бизан дар кӯчаҳои Аврупо
Бонги саодатро,
Бирон аз он асоратро!
Ба оби Висла мешӯям
Кунун чангу ғуборатро,
Гули Бодом.

Дави аспи ҳисорӣ,
Марди човандози хатлонӣ,
Замини сахти олмонӣ,
Ба сарҳо хашми яздонӣ,
Ба дилҳо меҳри инсонӣ,
Набуд ин роҳи осоне,
Гули Бодом!

Агар душман ба по бошад,
Зи рӯяш хез мекардӣ.
Агар афтода бошад, зер не,
Парҳез мекардӣ,
Аҷаб рафтори пандомез мекардӣ,
Гули Бодом.

Гули ман, дар таҳи поят
Кунун Одер мехобад,
Аҷаб ором метобад
Такопӯи дилат ин ҷо.
Даме ором меёбад,
Гули Бодом.

Ҳамин дам танк аз беша
Баногаҳ рӯ ба рӯ омад.
Нафасҳо дар гулӯ омад,
Кушод оташ, фитодӣ,

Хунат аз ҳар тори мӯ омад,
Гули Бодом.

Чу одам гиря кардӣ,
Чашм пӯшидию ларзидӣ,
Ҷаҳонро лолагун дидию
Хандидӣ;
Маро ду пой бибридӣ,
Гули Бодом!

Кушо чашмони бодомӣ,
Бубин, дар пеш як дарё,
Бубин, дар пушт як дунё,
Бихез аз ҷо, бихез аз ҷо!
Намур, эй муждаи гулҳо, –
Гули Бодом!

Кушояд дар диёрат
Ин пагоҳӣ ғунчаи бодом...
Видоъ, эй ҷӯраи хушном!
Раҳи ман боз дар пеш аст,
Ту додӣ роҳро анҷом...
Гули Бодом,
        Гули Бодом!

## САДДИ НАЗАР

Дар пушти тиреза менишастам рӯзе
        Бо дидаи чор.
Дидам: ба хирому нози оламсӯзе
        Меомад ёр.
Наззораи ман бол ба сӯяш бикшод,
        Афтод ба дом.
Ҳушам зи сарам парида омад бари ӯ
        Аз баҳри салом.
Дил зарба ба девори вуҷудам мезад
        Ба гурзи гарон,

То рози варо зи сина берун созам
Дар назди нигор.
Алқисса, дилу дидаву ҳушам буданд
Бесабру қарор.
Аммо нафасам душмани ҷонам мешуд,
З-он буд хатар,
Дар рӯи тиреза нақш мешуд оҳам,
Мебаст назар.

## ЯК ЧАМАН СУХАН

Қасам ба чашмаки хуршед,
Қасам ба боди сари шоххҳои баланд,
Қасам ба хок
Ва оби зулоли синаи ток,
Ки замҳарири заминро шукуфазор кунам.
Қасам ба хандаи оташ,
Қасам ба гиряи шамъ,
Ки шамъхонаи хомӯши ин хиёбонро
Даруни синаи ин раҳравони беово
Ҳазор ояи нурӣ ман интишор кунам.

Қасам ба равзани рӯзу
Қасам ба тавсани шаб,
Ки аз хироми баланду маҳину мушкинаш,
Зи ёли болфишону зи наъли зарринаш,
Зи Каҳкашон
Ба хаскашони хиёбони шаҳри сармоӣ
Зи гарди ситора шароразор кунам.
Қасам ба сабзии саҳро,
Ба рӯи гандумгун,
Ба майсаи лаби ҷӯи лабони хубонаш,
Барои зинати домони духтари наврӯз
Ба кӯҳу дашту даман
Як чаман
Сухан бисабзонам.

## ОЛАМ ҒАЗАЛОМЕЗ ШУД

Шайхи мо, Табрезро чун ҷои ҷонат хондаӣ,
Рафтаиву баҳри мо нақши ғарибӣ мондаӣ.
Аз камоли ишқ мехезад зулоли шеъри ту,
Метаровад з-он тараб ҳам гиряи шабгири ту.
Роҳи Табрезу Хуҷанд аз лутфи ту гулрез шуд,
То ғизоли мо рамид, олам ғазаломез шуд.
Аз Хуҷанду аз Самарқанду зи Хоразму Сарой
Дарди ҳиҷрон мебарояд аз найистону зи ной.
Восили ҳақ гаштаву дар роҳи ҳақ саргаштаӣ,
Қутби орифон яке бошад, аз он бигзаштаӣ.
То ба кай дар гӯшаи узлат нишинӣ, эй Камол,
Пир шуд шаҳри арӯсат аз таманнои висол.

# АЗ “СОЗҲОИ ШЕРОЗ”

## ТАХТИ ҶАМШЕД

Туро, эй духтари тоҷик, ҳамчун тифли рӯҳонӣ
Ба раҳми сина парвардам, ба гардан тавқи шайтонӣ,
Чу ишқат ҳар замон пуршӯртар шуд ҳамчу зиндонӣ,
Маро ҳар марди соҳибдил, маро ҳар фарди бедил гуфт:
«Чаро оқил кунад коре, ки бозорад пушаймонӣ?»[1]

Пушаймон нестам, гар зинда кардам ишқи Маҷнунро,
Даруни сина пинҳон доштам саҳрою ҳомунро,
Фурӯ бурдам зи чашми хеш пинҳон ашки гулгунро,
Кушодам, пош додам пеши поят ганҷи Қорунро,
Пушаймон нестам ҳаргиз!

Кунун дар қасри Доро ҷоми Ҷамшед аст дар дастам,
Зи бӯи бодаю мӯи бути Шероз сармастам.

[1]Ин мисраъ аз ғазали Ҳофиз аст.

Лабамро бо лабони оби Рукнобод пайвастам,
Ба рӯят лаҳзае оҳиста дар бастам.

Чу боло мешавам бар маснади хуршедии Ҷамшед,
Ки дорад ошён Эзид, ки дорад хокдон Хуршед,
Дар ин қасри хароботе, ки Доро буду дунё буд,
Дирафши ковиёнӣ найзае аз Моҳ боло буд,
Биорам дар назар тахти забарҷад, тоҷи зарринро,
Ба шифти мармарини осмонӣ шамъи Парвинро
Ва мебинам бутони майгусору сарви симинро
Ва он дунёи деринро.

Ба чашмам медурахшад оташи Зардушт дар соғар
Ба дасти духтари пири муғон дар лаълии озар,
Ба гӯшам хониши пири муғон бо нола меояд,
«Авесто» мекашад фарёд аз минбар.

Чу «пайғамбар» ба базми шоҳи шоҳон мешавам ворид,
Сурӯше мерасад бар гӯши ман аз нағмаи Ноҳид,
Паризоде ба дастам мегузорад ҷоми марворид,
Ҳамехоҳам бинӯшам ҷурьае аз лаҳзаи ҷовид.
Вале дарро намекӯбию ворид мешавӣ бебок
Даруни синаи ман – хонаи худ, раҳзани чолок!
Ва барҳам мезанӣ дунёи пурасрори ширинам,
Ту аз ҳам меканӣ пайвандҳои аслу оинам...

Ва боми қаср боло мешавад чун гунбади афлок,
Хуморам меравад барбод, ҷому бодаам бар хок,
Ду дона ашки марворид, ҳамчун ҷоми марворид
Дурахшон дар кафи дастам,
Ки танҳо дар хароботи бузургон будаму ҳастам.

Ҳамон қасри ҷаҳоноро, ки аз хашми Сикандар сӯхт,
Зи дасти духтари бозингари шӯхи ситамгар сӯхт.
Ҳаметарсам зи васлу оташи ҳаҷри ту, ҷонона,
Ки охир мешавам монанди ин вайрона вайрона.

* * *

*Ба Нодири Нодирпур*

Маро гуфтӣ: – Биё, Шероз – пойандоз,
Ман акнун мекунам парвоз то Шероз,
Ки гарди корвонҳоро наангезам
Зи фарёди шарархезам.

Ба зери боли симин мекунад парвоз
Раҳи он корвони рафта беовоз,
Ба истиқбол танҳо корвони кӯҳ меояд,
Ба сад андӯҳ меояд.

Ҷарас фарёдҳо дорад ба гӯши ман,
Ба гардун мерасад бонги сурӯши ман,
Ба ҳомун бозмегардад хурӯши ман
Зи лабҳои хамӯши ман.

Чи шаҳбозам,
Ки аз парвоз метарсам?
Аз ин аърофи беовоз метарсам...
Чу Ҳофиз буд аз обу гили Шероз,
Ман аз васли гули Шероз метарсам.

Ҳаметарсам, ки фардо ҳамчу бегона
Барандам бар тавофи шеъри шоҳона,
Зи ҳоли Хоҷа бархонанд афсона,
Аз он ғофил, ки набвад Хоҷа дар хона.

Ва пире баркушояд фоли Ҳофизро,
Ба арзонӣ диҳад омоли Ҳофизро,
Чу моли худ фурӯшад моли Ҳофизро...
Гирифта ман фақат иқболи Ҳофизро...

Кунун бо фоли Ҳофиз мекунам парвоз,
Худо ҳофиз, аё Шероз,
Худо ҳофиз, аё устоз!

## СУРУДИ ОХИРИН

Ба тундӣ хашми дарёям,
Ба тамкин сабри саҳроям,
Ба нармӣ чун дили ошиқ,
Ба сахтӣ санги хороям,
Ба савдо рафта дунё чун Самарқанду Бухороям,
Макун дигар ту савдоям;

Ки дар савдои ту аз даст додам сусту сахтамро,
Ки Доро будаму аз даст додам тоҷу тахтамро,
Ба мисли кафтари дубома дидам мурғи бахтамро,
Ба зери бол рахтамро.

Туро бо зевари лафзи дарӣ пардоз медодам,
Сукути сарду урёни туро овоз медодам,
Зи анҷоми суруди худ туро оғоз медодам,
Туро парвоз медодам.

Кушодӣ аз ниқоби гулпарӣ деви ниҳониро,
Задӣ бар хок ишқи беғубори осмониро,
Рабудӣ аз вуҷуди зиндаи ман зиндагониро,
Ҷавониро, ҷавониро...

Камони рустамиро мекашам бо панҷаи тақдир,
Пари афтодаатро мекунам пайкон,
Бо як тир
Туро дар синаи худ мекушам охир...

# АЗ ДОСТОНҲО

# СУРӮШИ СТАЛИНГРАД

***«Барои ман агар дар бораи шаҳре сухан гуфтан маҳол бошад, он шаҳри Сталинград аст...»***

*Долорес Ибаррури*

Суханро вазну тамкини замин бояд,
Суханро қудрати ҷонофарин бояд,
Дили сарбозу мисли ту камин бояд,
Замини ман,
Ки дастони туро хонад.

Суханро сеҳри мурдан, зинда гардидан,
Чу дарё дар муҳити хеш ғунҷидан
Бувад лозим, ки авсофи туро гӯяд.

Суханро талхии ашки дили модар
Ва ширинии ёди бӯсаи дилбар
Барои навкамону навҷавон аскар –
Ҳамебояд, ки асрори туро хонад.

Сухан бояд раҳи тақдирро гирад,
Дуои модарони пирро гирад,
Ки бо ҳикмат дами шамшерро гирад,
Ба нимовоз эъҷози туро гӯяд...

Зимистон тухми гул бар хок мерезад,
Баҳорон мавҷи гул аз хок мехезад,
Чу тухми одамӣ резад, намехезад,
Намерӯяд,  ки рози хешро гӯяд.

Ба ҷои ҷисмҳои бо замин яксон
Зи хоки зинда хезад ҳайкали беҷон,
Чу тимсоли Худо бар турбати инсон,
Ки сирри ғайбро бар ҳозирон гӯяд.

Вале ман рози дил аз модарон ҷӯям,
Барои пайкари сарбоз ҷон ҷӯям,
Чу Сино аз замин то осмон ҷӯям,
Ки як дам мурдаҳоро зинда гардонам.

Ба рӯи синаи модар чу сар монам,
Бисӯзам, дар миёни шуъла дармонам
Ва санги сардро рӯи ҷигар монам,
Ба ин мардӣ,
Чу тифли бепадар монам.

Ва рӯзи хайрбоди рафтагон бинам,
Сукути аскарону нолаҳои модарон бинам,
Дубора пирҳоро навҷавон бинам,
Ҳақиқатро чу тифли безабон гӯям.

Аё модар, дуои хайр меҷӯям,
Чу фарзанди ту роҳи хайр мепӯям,
Ҷаҳони розҳо,
бинмо ҷаҳонамро,
Кушо оғози талхи достонамро!

*«23 август. Полки мо аз дарёи Дон гузашта, ба Шарқ бемуқовимат пеш меравад... Советҳо чи саҳро ва паҳноҳое доранд, баъд аз ҷанг ин замин вақфи мо мешавад! Имон дорем, ки фюрер ин набардро ба зудӣ сомон медиҳад. Ба гуфти ӯ, армияи 6-ум метавонад осмонро тасхир кунад... Пас замин чӣ бошад...»*

*(Аз рӯзномаи сарбози немис)*

## СУРӮШИ ЯКУМ. ЗАМИН

Маро гаҳвора мегӯянд,
Чун гаҳвораи заррин,
Вале ман модари бечораам, хокам.
Агар тифле ба рӯям по ниҳад, шодам,
Агар марде фитад аз пой, ғамнокам.

Чу модар дар азо бо синаи чокам,
Напиндоред бедардам, кафи хокам!
Ба даври хеш чун сайёра ҷунбидам,
Ба даври хона чун гаҳвора ҷунбидам.
Ба рӯзи нек ҳамчун тифл хандидам,
Ба рӯзи бад чу марди пир ларзидам.
Баҳорон гул шудам,
Аз хеш рӯидам,
Ба уммеде, ки бӯедам.
Ғубори раҳ шудам дар роҳи дилёбӣ,
Ба уммеде, ки пӯедам,
Ҷаҳон гардеду рози якдигар донед,
Маро модар,
Шумо, эй қавмҳо, худро писар хонед.
Чу модар аз бисотам
Бар шумо эъҷоз бахшидам,
Зи ҷазби худ гузаштам,
Бар шумо парвоз бахшидам,
Ки боре модари ғамхор гӯедам.

* * *

Қиёми фасли тобистону
Ман хуни ҷигар будам,
Валекин гулбасар будам,
Ба уммеди самар будам.
Зи Волга то ба Дон мерафт
Мавҷи ғаллазори ман,
Чу мавҷи шӯхи дарё буд
Мавҷи лолазори ман,
Ба рӯи мавҷҳо мегашт
Ҷони беқарори ман.
Замини нодарав будам,
Ба сӯи ман хатар омад,
Ба рӯи мавҷҳои зиндагӣ мавҷи дигар омад,
Салиб омад,
Ба ҷои дос шамшери дусар омад.
Маро аз Ғарб

Бо таҳдиду хорӣ танг мекарданд,
Даравгарҳо миёни ғаллазорон ҷанг мекарданд,
Маро бо ранги дигар ранг мекарданд, –
Ранги хуну хокистар...
Миёни ҳалқаи оҳан,
Миёни ҳалқаи оташ,
Миёни ҳалқаи ҷангам,
Ҳама хатҳои тӯлу устуво дар гирди ман омад,
Тамоми бори дунё ногаҳон бар дӯши ман омад.
Ҳама ғунҷид дар ман –
бахру тӯфонҳо
Зи ашку хуну исёнҳо;
Ман охир шаҳр будам,
хонадон будам,
Ман акнун курраи арзам,
муаллақ дар фазои худ,
Ҳавоям дуди хунолуд,
Куҷо шири сафедам,
Рӯи сурхам,
панди шабҳоям?!
Ба ҳам часпид лабҳоям.
Диҳедам косаи обе...
Диҳедам косае обе,
Ки бе хуни ҷигар бошад!
Кунун гаҳвораам,
Аз тундгардӣ чаппагардонам.
Ба зери бори ман ҷон медиҳад тифлам.
Бубардоред аз ҷоям!
Мадад,
эй зодагони ман!
Ҳазар,
эй қавмҳои ҷонситони ман –
Аз он рӯзе,
ки ман бетифл меҷунбам.
Чунон тангам,
чунон бандам,
Ки дар як хона меғунҷам.

Маро озод бинмоед,
Ман сайёраам,
Дар банд мемирам!

*«5 сентябр. Пагоҳӣ манзараи марғубе маро ба ҳайрат овард, бори нахуст аз пушти оташу дуд Волгаро дидам, ки дар маҷрои худ орому солор мерафт. Мо аз самти шимол ба Волга – ба мақсад расидем, вале Сталинград ҳоло дар дасти русҳост, ҷангҳои шадид дар пеш аст... Чӣ асрорест, ки русҳо ба соҳили Волга ақиб нишастаанд, наход дар худи соҳил ҷанг кунанд? Ин девонагист!...»*

## СУРӮШИ ДУЮМ. ДАРЁ

Аё модар!
Шунидам аз лабони хушк овозат,
Манам парвардаи эҳсону эъҷозат,
Ҳамеша дар барат – пеши дарат будам,
Замоне духтарат, имрӯз сарбозат.
Ба соҳилҳои симинат,
Бари домони гулчинат,
Ману Ленин мисоли додару хоҳар калон гаштем,
Ду дарё бо дуои ту равон гаштем,
Ба тундӣ роҳ паймудем,
Туро аз бандагӣ озод бинмудем...
Баҳорон куртаи нилоб пӯшидам,
Зи оби чашмаҳоят об нӯшидам,
Парии обро ман бо ҳарири мавҷ печидам,
Чу духтарҳо зи домони ту гул чиданд,
Гул чидам,
Чу хандиданд, хандидам.
Дамидам, то заминро ташналаб дидам,
Баногаҳ душманатро хунталаб дидам,
Хурӯшидам,
Ман акнун ҷавшани пӯлод пӯшидам,
Ки ман Гурдофаридам, гурдавлодам,
Ту озодӣ,

Чу ман дарёи озодам,
Зимистон аст, яхбандам –
Ба роҳат шаҳпуле аз хеш мебандам,
Туро, фарзанди пайвандам,
Туро бо торҳои васл мебандам
Ба додарҳои ҳамширам, –
Ман акнун роҳи тақдирам.
... Шабонгаҳ тӯпҳою танкро бар дӯш меорам,
Ҳама бори гаронатро, харидорони ҷонатро
Ба заҳмат, бо лаби хомӯш меорам.
Чу ҳангоми гузар
Аз тири душман
Додарони ман
Фитода аз сари дӯшам,
Ба оғӯшам,
Ба монанди садаф дар синаи софам
Ниҳон гаштанд,
Сияҳпӯшам...
Ҳама хашми тую рӯҳи бародарҳост дар ҷӯшам!
Машав маъюс, эй модар!
Туро аз чашмаҳо уммед меорам,
Зи пушти қуллаҳо хуршед меорам,
Ки шабҳои сиёҳи ту шавад равшан.
Лабонат хушк гардидаст, ман қурбони лабҳоят.
Бигир, ман косаи обам,
Сафеду соф чун номуси авлодам,
Бинӯшам то дами серӣ,
Бишӯ чангу ғуборатро,
Бишӯ домони аз хун лолазоратро,
Шикан аз мавҷи нилобӣ хуморатро,
Биҷӯ аз ман баҳоратро.

*«14 октябр. Қӯшунҳои мо заводи «Баррикада»-ро гирифтанд, вале ба Волга, ки сад қадам беш нест, расида натавонистанд. Русҳо на аз ҷинси башар, балки махлуқи рӯинтананд, онҳо хастагӣ, тарс ва харосро намедонанд, аз оташ наметарсанд. Маллоҳон чун «девони сиёҳ» дар сармои*

*қаҳратун бараҳна мечанганд. Мо беҳолу бемадор шудем. Ҳар сарбоз худро туъмаи навбатии марг мешуморад. Маҷрӯҳ шудан ва ба ақибгоҳ рафтан ягона умед аст...»*

## СУРӮШИ СЕЮМ. МАЛЛОҲИ БАҲРИ СИЁҲ

Пас аз ҳиҷрон ба васли ту расидам боз, эй дарё,
Даруни синаи ман шӯри нав андоз, эй дарё!
Ба мисли зиндагонӣ меравӣ,
вопас намегардӣ,
Зи роҳи худ ба амри ҳар касу нокас намегардӣ.
Вале ман бар хилофи амри виҷдонам қафо гаштам,
Ман охир тифли дарё будам,
аз дарё ҷудо гаштам.
Даме, ки киштии тӯфониям аз бахти бефарҷом
Ба зери баҳр –
қабристони беором шуд ором,
Ба соҳил ду қадам роҳи нахустин гӯри ман будӣ
Ва мавҷи охирин аз пушти ман мисли кафан будӣ.
Ман охир зинда аз гӯрам гузаштам бо азоби гӯр,
Садои тӯпҳои дур ҳамчун таблаи ноҷӯр.
Гумон кардам: зи ҷунбиш монд дарёям,
Ба ҷои мавҷи дарё
Гарди саҳро дар таҳи поям.
Ба ранги зарди хоки дарднок оҳиста дил бастам,
Хуморамро ба ранги осмон бишкастаму растам.
Туро дар ташнагӣ дарёфтам, дарё,
Бишав бар киштии уммед лангарҷо!
Диламро ҳамчу лангар дар шиканҷи мавҷ андозам,
Агар сар зинда бошад,
баъди нусратҳо сар афрозам.
Барои исмати дарё,
Барои исмати модар.
Барои қисмати тифлони саргардони беёвар,
Ба он соҳил
Маро, эй мавҷ,
бо тундӣ бубар,
Ё аз сарам бигзар,

Ба он манзил,
Ки монанди дилам то рӯз месӯзад,
Миёни шаҳр садҳо хонаи нимсӯз месӯзад!
(Аз ин соҳил ба он соҳил
Гузар мекард аскар,
Даъвати модар
Ҳамеомад миёни мавҷҳо бар гӯши ҷанговар)
...Ана соҳил
Мана қотил,
Зи рӯи мавҷ барҷастам,
Замин танг аст монанди кафи дастам,
Ба ҳар як санг чун фарсанг,
Ба мисли синаи сарбоз дунё танг, –
Дар он ҷо дил намеғунҷад,
Дар ин ҷо одилу қотил намеғунҷад!
Ба зарби найзабозӣ, ҳамлагардонӣ
Саҳар шуд бо зафар ҷанги шабистонӣ.
Хамӯшӣ дар миён омад,
Сукути хоки лангардор,
Ба дӯшам бори ноҳинҷор.
Замин чун киштие ларзид ногаҳ
                                                  аз садои танк
Ва душман чун сиёҳӣ аз қафои танк.
Дамодам танкҳо наздиктар-наздиктар мешуд,
Чу умри ҷангҷӯ роҳи миён кӯтоҳтар мешуд.
Замин – дарё,
                    дили сарбоз лангар буд,
Лабони хушки соҳил ҳамчу сангар буд.
Садо омад:
«Ба сӯи танкҳо оташ!»
Гирифта танкҳо бо сангҳо оташ.
Валекин ҳамлаҳо такрор мегардад,
Саҳар оҳиста шоми тор мегардад...
Ба сӯи Миша танк аз пушти танк омад.
Баромад аз камонаш охирин тираш,
Бараҳна медурахшад ҷавҳари номус –
                                                  шамшераш.

Ягона шишаи таркандаро бардошт,
Ба ҷанги тан ба тан
Бо танки фӯлодӣ қадам бигзошт.
Вале таркид шиша дар сари дасташ,
Зи китфаш шуълае бархост монанди қаду басташ,
Шарар ҷони ҷавонаш сӯхт,
Нидои охиринро дар лабонаш сӯхт.
Саропо оташи зинда
Ба зери танк метозад,
Ба ин дастур Данкоро замоне зинда месозад...
Аз ин оташ тамоми шуълаҳо хомӯш мегардад,
Аз ин мардӣ адӯ беҳуш мегардад,
Сурӯше бесадо бар гӯш меояд,
Замин бар ҳуш меояд,
Чу меҳри модарӣ ин шуъларо дар сина мегардад,
(Ҳамин ҷо ҷанг мемирад...)
Ҳамин ҷо зинда мегардад,
Ба мисли шуъла механдад.

*«16 ноябр. Имрӯз аз занам мактуб гирифтам. Онҳо умедворанд, ки то иди мавлуд ба Германия бармегардем ва итминон доранд, ки Сталинград дар дасти мост, чи иштибоҳи бузурге. Ин шаҳр моро ба як дастаи беҳис ва берӯҳ табдил додааст...*

*Сталинград дӯзахи дунёст. Ҳар рӯзи Худо ҳуҷум мекунем. Агар пагоҳӣ 20 метр пеш равем, бегоҳ моро қафо мепартоянд...*

*Як аскарбачаи рус як дастаи моро рӯҳан ва ҷисман шикаст медиҳад...»*

## СУРӮШИ ЧОРУМ. МАТВЕЙ ПУТИЛОВ

Хаво тира,
Самои абргардон тиратар мешуд,
Замин аз ҳамлаи тайёраҳо дар зери пар мешуд,
Зи таркишҳо баландиҳо ҳама зери забар мешуд.
Миёни зиндаҳою мурдаҳо –
                                        аз роҳи ноҳамвор,

Зи рӯи барфи навборида,
аз саҳрои навшудгор
Ба сӯи қуллаи худ бо машаққат роҳ меҷӯяд
Ва тори кандаро бо дидаи ҷарроҳ меҷӯяд.
Нафасгиру камингирон ба рӯи қулла сар мекард,
Зи ҳадди зиндагию марг бо тундӣ гузар мекард.
Ана наздик шуд,
хун меравад дасти камондораш,
Ҳаметобад ба чашми хасм рухсори арақшораш.
Нафасҳо канда-канда,
Торҳои кандаро дарёфт,
Ба як дасташ барои бастани он торҳо биштофт.
Ба фарқаш тирборон шуд
Ва дасти солимаш чун шоҳи бишкаста
Ҳамоил гашт,
ларзон шуд.
Ба зӯри охирин бо дасти ларзонаш
Гирифта нӯкҳои симро дар зери дандонаш,
Садояш дар гулӯ раҳбанд,
бо савганд,
Намуд ӯ торҳои кандаро
бо тори ҷон пайванд
Ва сарлашкар сухан мегуфт бо лабҳои сарди ӯ,
Сухан мегуфт бо гармӣ
рафиқи ҳамнабарди ӯ.
Ватан бо гиряю ханда
Аз ин лабҳои пайваста,
Аз ин армони нашкаста
Сухан мегуфт...
Вале Матвей зери лаб фурӯ мебурд шеванро,
Фурӯ мебурд оҳанро,
Ки аз оҳаш
Нагардад ногаҳон пайвандҳо канда,
Нагардад аз лаби ояндаҳо лабхандҳо канда.
Ба вақти рафтани ҷон ин садо омехт бо ҷонаш,
Баромад аз вуҷудаш ҳамчу армонаш:
«Видоъ, ёрон!

Ба ҷои ман
Шумо хандед,
Дил бандед,
Гул бӯед,
Дил ҷӯед,
Бибӯсед,
Об нӯшед аз лаби чашма,
Ки ман лабташнаам,
Ташна...»

*«19 ноябр. Русҳо дар тамоми фронт ба ҳуҷум гузаштанд. Чархи таърих дар ҳақиқат ба пеш мегардад, дар ин давр аз шонаи мо гузашт...»*

## СУРӮШИ ПАНҶУМ. РОБИА

Шаби Наврӯзу мавҷи лолазорон гулхани Наврӯз,
Тани Робиа ё гулбарг ё пироҳани гулдӯз.
Рухаш гул-гул,
ба рӯяш сояи кокул,
Суруди ҳусни ӯро месарояд то саҳар булбул.
Гули Наврӯзро Аҳмад на аз дашту даман мечид.
Нахустин лолаҳоро аз лаби он гулдаҳан мечид.
Муҳаббат ногаҳон афтод мисли ҳалқаи тилло
Зи дасти ӯ миёни буттаи гулҳо,
Садоқат аз лабонаш ғарқ шуд дар софии дарё,
Ки онро ҳеҷ ғаввосе
намеёбад аз ин дарёи бемаҷро.
Шаби дилдодагон аз васлу ҳиҷрон буд обастан,
Гусастан буду барбастан,
шикастан буду пайвастан.
Хурӯси бемаҳал ифшо намуд асрори ин шабро,
Шафақ аз осмон мебурд ҳамчун дузд кавкабро.
«Надам, эй субҳи содиқ, кош козиб мешудӣ боре,
Мабар бори гарони ишқро бо ин сабукборӣ.

Ту, эй шаб, дояи бахти сафедам,
сояи мӯям,
Агар поён пазирӣ,
гир аз поёни гесӯям,
Идомат кун, ки имшаб осмон чун чодари гулдӯз
Ба рӯи бистарам ахтарфишонӣ мекунад то рӯз.
Агар як осмон бошад, дар он хуршеди ишқи ман
Фурӯзон аст, сӯзон аст,
Шабро мекунад равшан!
Ту, эй Зуҳра, кунун дар торҳои тираи мӯям
Бизан чанге,
ки ман сози сухангӯям.
Барор оҳанги софи осмонӣ аз мани хокӣ,
Ки бахшам зумраи нопокро як зарраи покӣ!
Манам конунаи олам,
Манам сарманшаи одам!
Ба ҳукми ғунча будам,
Гул шукуфт аз домани покам,
Нарав, бахти шабам,
савдои умрам, рӯзи ғамнокам,
Ки ишқам – шоҳболам дӯшборам мешавад охир
Ва ин ганҷи гарон санги мазорам мешавад охир.
Ман охир навбаҳорам,
навбаҳорам мешавад охир!
Агар ишқам зи оғӯшам фитад ногоҳ бар дӯшам,
Намеёбӣ ту дигар ростии сарви гулпӯшам...
Валекин осмон хандид бо лабхандаи хуршед,
Ки ман аз худфурӯзию баландӣ гаштаам ҷовид.
Саҳар рахти сафар мебаст Аҳмад, деҳаи Сина
Зи оби чашмаҳою чашмҳо медошт оина.
Ду дасти Робиа бар гарданаш чун ҳалқаи симин,
Ҷудо шуд ҳалқаи симин
Бо як бӯсаи ширин.
Ба хилват модари оинадаст ӯро дуо медод,
Ба рӯи оина оини аҷдодон ҷило медод
Ва Аҳмад дид дар оина рӯю обрӯяшро
Ва модар бӯсаборон кард мӯи нозбӯяшро.

Ба айвон шиҳа мезад аспи раҳвораш ба зери зин,
Ба қоши зини хотамкор
қамчини падар,
Омин...

*«23 ноябр. Бронзанҳо ва камонварҳо бешубҳа шогирдони Сталин ҳастанд, онҳо рӯзи дароз наҷунбида мепоянд. Тирашон хато намеравад...*

*Панҷоҳу ҳашт рӯз барои гирифтани як хона ҷонбозӣ кардем, барабас...*

*Агар муъҷизае рух надиҳад, ягон аскари мо ба Германия барнамегардад. Ба муъҷиза ҳам бовар надорам. Вақт ба ҳукми русҳо гузашт...»*

## СУРӮШИ ШАШУМ. АҲМАД ТУРДИЕВ

*Ба рағми марг дар хонаи мо – «Хонаи Павлов» тифле таваллуд шуд. Ҳама ӯро Зина[1], ман Зиндагӣ номидам.*

Замин оташ
Ва дарёи дамон оташ,
Ба рӯи об ҳамчун мавҷи хунине равон оташ,
Ба ҳар хона, ба ҷои ошдон дар остон оташ,
Ба ҷои гул
Ба боғу бӯстон оташ.

Самои дудаолуда
Ба Қӯрғони Мамай ларзону овезон,
Садои тӯпҳо чун хандаи шайтон,
Миёни наъраҳои тӯп ояд гиряи тифлон...

Худоро, об месӯзад,
Рухи маҳтоб месӯзад,
Туфанг аз тоб месӯзад
Ва мӯи модари бетоб месӯзад!

[1]Зинаида Селезнева ҳоло дар Волгоград истиқомат мекунад.

Сафи тайёраҳо бори бало бар дӯш меояд,
Зи таҳхона нидои зиндагӣ бар гӯш меояд,
Садои тифли навзод ончунон пурҷӯш меояд,
Ки аз фарёди ӯ тайёраҳо хомӯш меояд.

Магар дарди замину модари бечора якҷо шуд,
Ба як фарёд берун гашт,
равшан чашми шаҳло шуд,
Зи нав таскини дилҳо шуд,
Зи нав тамкини дунё шуд,
Ки тухми зиндагонӣ аз ниҳоди хок боло шуд.

Миёни ҷангҳо аз ёд бурдам меҳрубониро,
Шудам устод дарси ҷонфишонӣ, ҷонситониро,
Ба ман овард бӯи тифл бӯи зиндагониро,
Ҷавониро, ҷавониро...
Заминро хандарӯ аз гиряи тифлона мебинам,
Зи рӯи дӯстонам хандаи тифлона мечинам
Ва ободии фардоро дар ин вайрона мебинам,
Заминро ташналаб аз васли обу дона мебинам.

Туро дар ин садои тоза бишнидам, Ҳисори ман,
Туро аз дур ҳамчун равшанӣ дидам, нигори ман,
Сари гаҳвораи фарзанди ишқи беғубори ман
Ту шабҳо зинда медорӣ чароғи рӯзгори ман.

Дар ин ҷо лек ҷои шамъсӯзӣ, худфурӯзӣ нест,
Шаби оташгирифта камтар аз рӯзи тамузӣ нест,
Ба ҷои шамъ ин ҷо қомати шамшод месӯзад
Ва ин оташ маро то решаю бунёд месӯзад.

Дар ин ҷо бист ёронем, ба як паймону имонем,
Замин гаҳвораи тифл асту мо гаҳвораҷунбонем,
Гаҳе бо шеър, гаҳ бо тир ӯро алла мехонем,
Наафтад то ки як мӯяш, сари як мӯй ларзонем.

Дар ин хона, ки ҳоло чордевори валангор аст,
Ба чашми хасм гӯё зиндагӣ маҳруми такрор аст,
Вале аз ишқ осор аст,
Бузургии ҷаҳон дар ин ҷаҳони хурд подор аст.

Ҷаҳони додхоҳу додвар бо мост ҳамхона,
Агар ин хона афтад, мешавад сад хона вайрона.
Туро, эй тифли фарзона,
Ба мисли ҷони ин хона
Намоям ҳифз бо дастону бо дастури мардона!

*«28 декабр. Аспҳоро хӯрдем. Танҳо саманди баргузидаи генерал мондааст, ки ба вай на даст мерасад, на дандон. Наход ӯ умед дорад, ки бо ин ёбуи худмурда аз интиқом гурезад. Аскарони мо ба ҳукми мурдаанд ва чун васвосиён пайваста меҷӯянд, ки чизеро фурӯ баранд. Аз снарядҳо намегурезанд, маҷоли роҳ рафтан, хам шудан ва паноҳ бурдан надоранд.»*

## СУРӮШИ ҲАФТУМ. МОМОИ АСАЛ

Қади Робиа монанди ниҳоли себи хубонӣ,
Ба зери бори ҳусну меваҳои ишқи инсонӣ,
Зи боди тирамоҳӣ барг мерезонд, хам мешуд,
Ба бораш бор зам мешуд.
Нахустин меваи умри азиз аз шохи урёнаш
Бурун ҷаста зи курта аз гиребон то ба домонаш.
Ба зери парда меҳри модарӣ бо шир меҷунбид,
Каманди мӯи домангир чун занҷир меҷунбид,
Ба шабҳо хонааш аз гиряи шабгир меларзид,
Зи бӯи тир дар кӯҳу камар нахчир меларзид.

Гаронбор аст себи сурх,
Акнун поя меҷӯяд,
Гаронбор аст духтар,
                    ҳамчу модар доя меҷӯяд.
Валекин пояи ӯ пояи боғи калон будӣ,
Чанори соябонаш сарпаноҳи дигарон будӣ, –

Ба шаҳри номвар,
бебому дар,
бемурғ,
белона,
Муҳаббатгоҳи вайрона
Ва ҳар як хона паймона,
Ки холӣ мешавад, пур мешавад аз умри инсонӣ,
Дар он ҷо амри яздон рафта аз фармони яздонӣ.
Сари чархи фалак дар чархҳои танк мегардад.
Замин мегардаду дар як хиёбон танг мегардад.
Чу боби охири таърих-дарё бо гузаргоҳаш,
Барад уммеди душманро чу нақши об ҳамроҳаш.
Ҷаҳонбон паҳлавонон ҳамраҳи ин рӯд бедоранд,
Саморо ҳамчу боми хонаҳо бар дӯш медоранд...

Шабе бар хонаи ҳамсояҳо бурданд мардонро,
Зи дарди ногаҳон Робиа афшурд дандонро,
Ба болои сараш медид нури шамъи ларзонро,
Нигаҳбонии чашмонро, парастории дастонро.
Занони деҳаи Сина, зи рӯи тибби луқмонӣ
Чи меҷӯед бар дарди гарон дармони осоне?
Ки ин дарди варо сайёди бетадбир медонад,
Расиданҳои тиру гиряи нахчир медонад,
Ки ҷанги беамон – сайёди домангир, чун тақдир
Камар накшода, аз дунболи оҳу меравад, охир.
Паи тираш,
Паи маҷрӯҳ нахчираш,
Нишонад то ки аз пояш,
Биёрад то ки дар гираш...
Чу чашми Робиа –
чашми сиёҳи шом равшан шуд
Ва тифли ӯ зи доман шуд,
Ба ҳасрат дояҳо рафтанд,
Чу соя бесадо ҳамсояҳо рафтанд,
Кунун гаҳвораи бетифл чун тобут меҷунбид,
Ба маҳди кӯчаке дарди гарон бо зӯр меғунҷид.
Пагоҳӣ тифлро аз ошён бар хокдон бурданд,

Зи чашми Робиа бо суръати начми парон бурданд
Ва дардаш монд чун тири қазо дар синаи модар,
Ҳақи шираш чу оби шӯр андар дидаи модар.
Чи асрорест?
Дарди марги тифлона,
Ки умраш буд ҳамчун умри парвона,
Гаронӣ мекунад бар дӯши ин хона?
Шабонгаҳ Робиа назди шуои шамъи бобоӣ
Сари гаҳвораи зору сабил мехонд лолоӣ,
Вале гаҳвора холӣ, хона холӣ, ошён холӣ,
Танӯри тобдори синаи духтар зи нон холӣ,
Садо мекарду ҷанги дурро наздиктар медид,
Ба равзан кӯрдуду
Шуълаашро дар ҷигар медид.

*«30 январ. Аҷаб рӯзи офтобӣ. Тайёраҳои рус пайваста парвоз мекунанд.Замин шудгор мешавад. Соати 12 Геринг бо тасалло гап мезанад, ки мо ин ҷо мемонем ва соати Геббелс... Боз ҳолам хароб шуд... Русҳо корпуси армияро иҳота карданд. Мо дар ҷуволем... Ҷангро бо ин шиддат касе ёд надорад. Ана Волгаю мана ғалаба... Яқин аст, ки дидори якдигарро дар қиёмат мебинем.*

*31 январ. Фелдмаршал фон Паулюс дар муроҷиатнома ё васиятномаи худ оядаи моро ба Худо ҳавола кард...»*

## СУРӮШИ ҲАШТУМ.
## ВАСИЛИЙ ИВАНОВИЧ ЧУЙКОВ

Замини безабон,
хоки шаҳидон, дор маъзурам,
Ба он ҷое, ки ёрон сар ниҳода, пой мемонам,
Бубахшед, эй азизон,
ман қадам беҷой мемонам...
Ҳамон рӯзе, ки душман
зер кард аз кибр домонат,
Чи домоне, ки бо сад ноз мепарвард тифлонат,
Писарҳоят барои ҳифзи номусат камар бастанд,

Ҳазорон даст пайвастанд,
Қасам хӯрданд,
Нашкастанд,
Зи обу отašу сармо варо то хок мебурданд,
Ба ин савганд мезистанду бо савганд мемурданд:
«Зи Волга он тараф моро замине нест, ҷое нест,
Ки аз ту зиндаи мо, мурдаи моро ҷудоӣ нест!»
Ба ҳукми ин қасам як сарҳади ин шаҳр дарё буд,
Ҳади дигар –
хати ҷанги ҷаҳон дар байни дилҳо буд:
Сараш дар кӯчаи Ленин – миёни шоҳроҳи мо,
Давомаш рӯи ҷисми тифлҳои бегуноҳи мо,
Миёнаш аз миёни хонаи мардум гузар мекард,
Ҳазорон кӯдаконро бепарастору падар мекард.
Дами тезаш,
чу ханҷар аз дили мо мегузашт, аз ҷон,
Ба хунсардӣ намуда ошёни ишқро вайрон.
Куҷо буд охири ин хат?!
Хати сӯзони бепоён,
Хати тақдир байни ошиқу маъшуқаи хайрон?
Дар ин ҷо буд оғозаш,
Валекин буд осораш
Ба ҳар як шаҳри мо, дар деҳаи мо, хонадони мо,
Ба рӯи синаи мо, ҳамчу захми душманони мо.
Миёни ин ду хат дар Волга ҷанги беамон мерафт,
Агар мерафт, дар ҷанги ҷаҳон ҷони ҷаҳон мерафт.
Дар ин ҷо хонаҳо, чун қалъаҳо мекард подорӣ,
Дар ин ҷо ҷонсупорӣ буд исботи вафодорӣ,
Дар ин ҷо санҷиши дилбастагии хоку одам буд,
Ки ҳар сарбоз ҳамчун арчаи дар хок маҳкам буд.
Агар сарбоз меафтид, заминро панҷаҳои ӯ
Ба зӯри охирин медошт, ҳамчун решаҳои ӯ.
Дусад рӯзу шаби мушкил
Ба ҳам пайваст чун занҷир
Барои бастани қотил.
Пас аз рӯзу шаби якранг
Субҳи бахт хандон шуд.

Зи бонги тӯпҳо саҳро ба зери барф ларзон шуд,
Замину осмон дар чашми душман гирдгардон шуд,
«Хати тақдир» вайрон шуд.
Хати дигар зи ҷо ҷунбид,
хати занҷири фӯлодин,
Биёмад ҳалқасон бар гардани
он душмани бадкин.
Дар ин сония, эй модар!
Диловар зиндагони ту,
Муқаддас мурдагони ту
Забун карданд душманро, биёварданд пеши ту,
Чу дармоне ба дарди ту, ба қалби реш-реши ту,
Биёварданд, то душман фишонад гарди домонат,
Фурӯ орад сари мағрурро дар пои урёнат!
Ту ғолиб будӣ, эй модар,
Ту фотеҳ будӣ, Сталинград,
эй шаҳри ҷонбозӣ...
Ту хандидӣ,
Агарчанде ки дар бар доштӣ пироҳани мотам,
Чу модар дидамат имрӯз
аз фарзандҳо розӣ...
Замини қаҳрамон,
Хоки шаҳидон! Дор маъзурам,
Ба он ҷое, ки ёрон сар ниҳода,
пой мемонам,
Бихобед, эй азизон,
ман қадам барҷой мемонам!

## СУРӮШИ МОДАРОН ДАР ХОКИ ФАРЗАНДОН

Ситоиш мекунам кӯҳи баланди рӯҳи инсонро,
Фурӯ меоварам ман қуллаи кӯҳи
Бадахшонро
Ба пои ту, аё гултеппаи бори ҷаҳонбардӯш,
Ай сайёраи сокит, аё гаҳвораи хомӯш!

Ба Қӯрғон барфбоди навҳагар бо тундию бозӣ
Зи гардун мефароянд чун кабӯтарҳои парвозӣ,
Садои оҳанинро ҳар зимистон мекунад такрор
Ва рӯҳи хуфтагонро бори дигар мекунад бедор.

Дар ин рӯзи муқаддас модарони авлиёгашта
(Ҳамон ҳоҷатбаророне, ки муҳтоҷи асо гашта),
Ба эҳсосе, ки онро орифон эъҷоз мегӯянд,
Ба ёди зиндаи худ роз мегӯянд, меҷӯянд.

Ана модар, ҳама олам гувоҳи ӯ,
Ки то ин қулла барфи қулла шуд мӯи сиёҳи ӯ,
Ба рӯи хокдон истода чун ҳайкал, намеҷунбад.
Аё модар,
Адои мӯи ҳамчун ширу рӯмоли сиёҳат ман,
Фидои ашкҳои ҳамчу тифли бегуноҳат ман.
Ба зери лаб чӣ мегӯӣ, чӣ меҷӯӣ?
Гули худро намеёбӣ миёни буттаю гулҳои худрӯӣ.

Зи рӯи зинаҳои мармарин бо ин гаронборӣ
Ба нармӣ мебарой, бемададгорӣ,
Ба рӯи санг меҷӯӣ магар нақши ҷигарбандат?
Баландӣ мекунад оё баландиҳои фарзандат?
Бигир аз дасти ман бо дасти ларзонат, асоят ман,
Талабгори дуоят ман.
Чаро ҳарфе намегӯӣ, ба чашми хира меҷӯӣ
Ва чун пироҳани Юсуф дар ин ҷо сабза мебӯӣ?
Миёни роҳ
Пои ҳайкали сарбоз истодӣ,
Сари худро ба рӯи синаи сарбоз бинҳодӣ,
Чу нашнидӣ садои бозии дилро,
Гирифтӣ дар канорат санги соҳилро.
Калон гардида фарзандат, намеғунҷад дар оғӯшат,
Сукути ӯ бувад ҳамроз бо лабҳои хомӯшат,
Ба оҳе нарм кардӣ бо каромат санги хороро,
Ба дасти ӯ ниҳодӣ тозагулҳоро,
Вале нагрифт ӯ гулҳои боғатро,
Магар сӯзонд фарзандат димоғатро?

Намебинӣ, ки ҳар ду дасти ӯ банд аст,
Ба рӯзи сулҳ дар ҷанг аст,
Камони ӯ ҳамоно гарм аз оташ
Ва захмаш тоза чун пироҳани чокаш.
Бигир аз дасти ман бо дасти ларзонат,
Фидои ашки сӯзонат!
Ва аз нав зинаҳо дар пешу
Модар дар ҷаҳони хеш,
Намояд такя бо дасте ба зонуяш,
Ду девори валангор аз ду паҳлӯяш.
Ба ҳар девор разму рамзҳо хомӯш,
Садои ҷанг ояд аз дили деворҳо бар гӯш.
Баногаҳ чашмро бо хашм бикшодӣ,
Қадам бебок бинҳодӣ,
Бидидӣ ҳайкали хомӯши худро дар азодорӣ,
Ба зонуят ба хоби сахт фарзандат,
Аҷаб хобе, надорад ҳеҷ бедорӣ!
Ба рӯяш пораи парчам,
Кушодан хостӣ, накшод парчам,
Рӯи ӯ маҳкам.
Бигир аз дасти ман бо дасти ларзонат,
Фидои ашки урёнат!
Даромадгоҳи Пантеон,
Зиёратгоҳи ҳар як зодаи инсон,
Ду аскарбаччаи навхат чу ҳайкал рост истодаст,
Ба поси хотири шаҳмардҳо дар пост истодаст.
Ва байраққҳои хотамкор бар девор,
Сари модар чу ин деворҳо даввор.
Ба байраққҳои сангин номҳои зиндаи инсон,
Ба рӯи нурҳои арғавонӣ сояҳо ларзон
Ва меҷӯяд
Миёни номҳо як ном.
Ба мисли гардиши айём гирдаш номҳо гардон,
Зи гардиш монд модар – гардиши даврон,
Ду дасташро ба сӯи осмон бардошт,
Кафи дастони гармашрою рӯяшро
Ба девори хамӯши безабон бигзошт
Ва дардашро бурун овард бо як оҳ,

Ки девори мудаввар сӯхт аз оҳаш...
Бигуфто: «Миша», бо нармӣ, ба нимовоз
Ва худро канд аз девору
Омад ҷониби сарбоз.
Ба оғӯшаш гирифту бӯсаборон кард,
Тамоми мушкилоти хеш осон кард.
Валекин посбон дар пост меистод,
Нигоҳаш бар замину рост меистод.
Миёну модару аскар
Силоҳи сард ҳамчун садди Искандар.
Аё модар!
Замоне буд, сӯи қуллаҳо парвоз мекардӣ,
Зи болои баландӣ субҳидам овоз мекардӣ
Уқобатро,
Садоят мешудӣ дар кӯҳҳо такрор,
Намеомад садое аз дару девор.
Кунун истодаӣ дар хобгоҳу хоки фарзандат,
Садояш кун...
Намехоҳӣ, ки аз хобаш кунӣ бедор?
Чи тамкине, чи таскине!
Ки дар аҳди ту садҳо сарфарозон сарнагун гаштанд,
Худоёни заминӣ ҳамчу ҳайкал вожгун гаштанд,
Вале ту пойдорӣ, ҳайкали меҳру вафодорӣ,
Ҷаҳонро мекунӣ бо меҳри инсонӣ ҷаҳондорӣ.
Аё модархудо, дар гардиши ин чархи бесомон
Ту танҳо будию ҳастӣ ба як паймону як имон!
Биё, Модар,
Ба поят мегузорам шеърҳои зинадорамро,
Замини беканорамро, самои беғуборамро,
Ки онҳоро ҷигарбанди ту аз мурдан раҳо кардаст,
Заминро ӯ ато кардаст,
Саморо ӯ само кардаст.
Бихон аз ин баландӣ достони қаҳрамононро,
Ҳидоят кун ба сӯи қуллаи фарзандҳоят
навҷавононро,
Биҷунбон хокро – гаҳвораю тобути инсонро,
Бикун бо умри худ пайванд умри рӯзгоронро!

# ТОҶИКИСТОН – ИСМИ МАН[1]

## Сарахбор

Эй додгоҳи хокиён, эй осмони бекарон,
Танг аст ҳоли тоҷикон дар хоку зери хокдон!
Эй дуди оташгоҳҳо, омоҷгоҳи оҳҳо,
Тахти баланди Аҳуро, бахти бади аҷдодҳо!
Гӯянд бар аҷдоди мо будӣ зафар, будӣ падар,
Аз шакли ту месохтанд мардони майдонӣ сипар.
Байроқи адли ковиён пар мезадӣ болои сар
Дар дасти садҳо дастаи озодагони Бохтар.
Ҳам тухмаи мардона чун дурдона зери обҳо,
То ин ки рӯяд аз замин Фирдавсию Суҳробҳо…
Модархудо будӣ Замин, модархудои васлҳо,
Модархудои наслҳо, модархудои фаслҳо.
Гуфто Замин: «Эй Одамӣ, аз хандаат гул мекунам,
Гар тифл рӯяд аз гулам, тифлона ғул-ғул мекунам.
Гоҳе гули гандум шавам, дар мавҷи тилло гум шавам,
Пайдо шавам дар хони ту, чун файзи дастархони ту,
Чун шоҳиди эҳсони ман, чун меҳнати дастони ту.
Ман духтари дар бистарам, эй он, ки мекорӣ маро
Бо дасти чап, бо дасти рост, чун ганҷ бардорӣ маро…
Ман модарам, тифли туро бо чашмсерӣ парварам.
Ман доварам, доди туро то осмонҳо мебарам…»
Тоҷик зи роҳи ростӣ аввал заминро кишт кард,
Аз баҳри оташхонаҳо бо оби рӯяш хишт кард.
Кишти нахустинро дуруд, Яшти[2] нахустинро суруд
Дар васфи Митро – меҳри пок,
Қонуни аввалро навишт дар исмати зоянда хок.
Шаҳри наве бунёд кард, боғи наве обод кард,
Ҳар он чи будӣ дастрас, ӯ дар замин эҷод кард…
Як кас расиду ногаҳон гаҳвораи моро гирифт.
Як кас надида ҳарфро, «Қонуни» Синоро гирифт…

---

[1] Мунтахаб чоп мешавад.
[2] Яшт – гимн, суруд

Чун хони яғмо шуд Замин, бахри талоши як нигин
Сад қавми кӯтаҳостин аз ҳар канору ҳар камин
Ҷо кард Балху Суғдро дар ҳалқаи ангуштарин.
Дунёи тоҷик танг шуд, маъвои тоҷик санг шуд,
Аз ҳам гусаста бандҳо, ҳар санг як авранг шуд.
Аз дасти ақвоми араб нури муқаддас нор шуд,
Оташ баромад аз саро, сад шаҳр оташзор шуд.
Аз нури оташгоҳҳо Афросиёб оташ гирифт,
Тасвир дар девору дониш дар китоб оташ гирифт…
Қавми дигар ин шеваро бо тарзи нав такрор кард,
Ҳар ҷо баландии замонро бо замин ҳамвор кард:
Рӯҳи мадорои Хуҷанд –Темурмалики сарбаланд,
Лашкаршикан, занҷиркан, гардид худ занҷирбанд…
Аврангҳо, фарҳангҳо бо шаҳрҳо шудгор шуд,
Дониш нарӯяд аз замин…
Чун фасли нав бедор шуд,
Аз хоки фарҳанги куҳан рӯид алафзори баланд,
Чун мазраи сабзи фалак аз бахри гову гӯспанд…
Танҳо баландӣ кӯҳ монд,  рамзи баланди рӯҳ монд,
Байни ду кӯҳи сарбаланд  як қуллаи андӯҳ монд.
Аз ин баландии ҷаҳон то осмон як зина буд,
Лекин само бероҳ буд, кӯру кари дерина буд.
Тоҷик аз ин парвозгаҳ омодаи парвоз буд,
Дар роҳи ёре, ёваре як умр гӯшовоз буд.

### Нақши аввал

Бори аввал омад аз гардун хитоб[1]:
«К-эй мусулмонони Шарқи пуразоб,
Аз пайи таъмири дунёи хароб –
Инқилоб!

Ин замин, ин об, ин кӯҳу камар
Шуд раҳо аз банди мероси падар,
Гашт чун моли ҳалоли ранҷбар;
Бохабар!

---

[1] Телефонограммаи В. И. Ленин дар назар дошта шудааст. Ин аввалин муждае буд, ки ба Бухоро бо роҳи осмон омад.

Баҳри наврӯзи навозод иттиҳод!
Баҳри дунёи навобод иттиҳод!
Баҳри ҳифзи тифли навзод иттиҳод!
Иттиҳод!»

Чун камон хам гашт қадди ростон,
То фаромад муждае аз осмон:
Аз баландиҳои афкори Ленин –
Аз замин.

Дар Бухоро ҳам азо, ҳам сур буд.
Нола буд, сури наю танбӯр буд,
Айнӣ дар байни сафи муздур буд,
Нур буд.

Аз замини зардрӯи вожгун,
Гӯӣ ҳамчун сабза меомад бурун –
Аскари сурху либоси сабзгун, –
Раҳнамун.

Кӯчаҳои танг – дунёи кушод,
Парчами сурх аз дами боди мурод
Бар сари дохундаҳо пар мекушод, –
Парчами дунёи дод.

«Сояи ҳақ» аз замин чун соя рафт,
Баҳри оташ хонаи ҳамсоя рафт.
Ҳамрикоби олами сармоя рафт,
Давлати бепоя рафт.

Сарнагун шуд тахт чун бахти сиёҳ,
Парфишон шуд парчами олампаноҳ,
Сурхрӯ гардид арки рӯсиёҳ –
Ин пагоҳ.

Мардуми тоҷик ба роҳи офтоб
Субҳидам мехест бо чангу рубоб,
То бигирад рӯзи навро пешвоз –
Умрҳо, умри дароз…

Ин саҳар аз бом, аз рӯи манор,
Аз ҳарам, аз ҳуҷра, аз зиндони тор,
Сарбадорон, саркашон аз пои дор –
Аз Бухоро то Ҳисор –

Ҷумла сӯи рӯзи нав бархостанд,
Ҳурриятро то само бардоштанд.
Шеъри нав гуфтанд бо хуршеди нав,
Рӯзи нав, уммеди нав!

Инқилоб!
Омадӣ бар ташнагон монанди об!
Омадӣ ҳамчун замини киштбоб!
Омадӣ дар пирӣ айёми шабоб!

Тоҷик аз парвози байрақ пар гирифт,
Аз таги хокистараш ахгар гирифт.
Гулхани хомӯши Восеъ даргирифт.
Шуъларо дар бар гирифт.

Гирди байрақ – гирди оташ давр гашт,
Ҳамчу оташдор, чун оташпараст,
Хешро бо нури парчам пок кард,
Шукри обу хок кард…

Гашт ворид ӯ ба ин дунёи нав,
Хонаи нав, ҷодаи нав, роҳи нав!

## Нақши сонӣ

Расидӣ, Инқилоби сурх, бар сарҳо чу сомоне,
Барои куҳнадардони Бухоро ҳамчу дармоне.
Гадои мушти хоке буд тоҷик, бо дили Ҳотам,
Аҷаб соҳибзамини безамин аз давраи Одам.
Ба паҳнои замираш безамин тухми сухан мекошт,
Аз ин тухми алам ашъори шӯрангез мебардошт.
Аз он шеъри дарӣ аз кӯҳсори безамин рӯид,
Суруди базму разм аз синаҳои оташин рӯид…

Муроди халқ: қонуни замину обу ободӣ
Ба имзои Ленин омад ба мо аз роҳи озодӣ:
«Бигир, эй безамин, ин даҳ таноб аз ту!
Бигир, эй ташналаб, ин ҷӯи об аз ту!
Бихез, эй бехабар, ин инқилоб аз ту –
Алам аз ту, қалам аз ту, китоб аз ту!
Баро аз чодар, эй зан, ҳамчу рӯят офтоб аз ту!»
Ва деҳқон зад ба зону дар сари огард,
Нафасҳои таре бишнид аз хоки тари огард.
Агар то ҳол васли хокро дар гӯри тар медид,
Кунун дар зиндагӣ рӯи заминро диду ҷон бахшид.
Заминеро, ки ӯ бо оби рӯяш обёрӣ кард,
Вай аз нав ҷӯйборе канд, аз нав об ҷорӣ кард.
«Адолатро нигар, мулки амирӣ моли ман гардид,
Ҳазорон беватан монанди ман соҳибватан гардид.
Дар ин як қитъаи хоку дар ин як қитъаи олам
Аз ин соат фақирам ман, вазирам ман, амирам ман!»
Замин ҳамчун зани озоду дасти марди дилхоҳаш
Навозиш кард онро рӯзу шаб то соату моҳаш;
Ба зери бор буд модар, ба зери донаҳои бахт,
Замин оҳиста меболид зери гандуми сартахт.
Ва ризқи баччагонашро ба рӯи сина мепарвард
Ба ранги шираи гандум, ба ранги хӯшаҳои зард.
Чу рамзи сурхии байроқ аз ҳар боғ гул рӯид,
Сари хоки шаҳидон гӯӣ аз ҳар доғ гул рӯид,
Ниҳоли инқилобӣ панҷа мезад, решаҳо меронд
Миёни ҳотаи деҳқон.
Деҳқон ин дуо мехонд:
«Сари сарчашма рафтам ман ба вақте,
Ба оби дида биншондам дарахте.
Шамол омад, дарахтам решакан шуд,
Мани мискин надорам ҳеҷ бахте…»
«Дарахти бахти ман, акнун калон шав,
Сар афрозу ба сарҳо соябон шав,
Сутуни осмону хонадон шав,
Ҷаҳон дарёст, шаҳпули ҷаҳон шав!»
Ба қасди ин дарахт, ин майса, ин гулбун,
Ба қасди ин баҳору парчами гулгун

Ҷаҳони куҳна шӯри тоза барпо кард,
Ба мақсуди сияҳкорӣ ливои сабз боло кард.
Ливои сабзи пайғамбар
Ба дасти шоҳи duздон мезанад пар-пар
Ва Иброҳим ба қалби Олами нав мезанад ханҷар,
Ки хун аз дидаи деҳқону аз сарсинаи аскар
Ба хоки сабз мерезад чу гул дар домани модар…
Маҳи нав хаста дар сартуғаи Анвар – балои нав,
Ба гӯши мурдаи садсола мехонад салои нав.
Замин дар зери суми аспҳои турку тозӣ буд
Ва ин рӯбоҳи румиро ба думми шер бозӣ буд.
Чунон метохт бар озодию ободии тоҷик,
Ки аз ҳам мегусаст ин манзили аҷдодии тоҷик.
Замину сабза шуд помол аз наълайни аспонаш
Ва нақши моҳи нав рӯид зи гӯристону бӯстонаш.
Зи паҳнои Бухоро то Ҳисору тангии Дарвоз
Макони хушку холӣ шуд, фазои тири дар парвоз.
Чу дарё фавҷи дуздон мавҷзан аз ағба сар мекард
Ва аз ин тангии таърих бо тундӣ гузар мекард…
Ба мисли воҳаи сабзе дар ин майдони қористон
Сипоҳи сабзпӯши инқилобӣ – чун баҳористон,
Нумӯ мекард дар Ғарму Ҳисору Нораку Хатлон.
Ва деҳқони сарозод аз замину хоки озодаш
Ба ёрон дона мебардошт, бахри душманаш – оташ.
Ба рӯҳи инқилобӣ бо сару афзоли деҳқонӣ
Ниҳоли инқилобиро ҳамекардӣ нигаҳбонӣ.
Замоне киштзори халқ майдони шикорӣ шуд,
Басе гумроҳ зери босмачӣ аспи саворӣ шуд.
Замин омад ба фарёд: Эй замон, доде!
Ман озодам,
Чаро дар зери поям?
Халқ, имдоде!
Ман, охир, модари зояндаам, аз ёдҳо рафта,
Зи рӯям аспҳои бодпо чун бодҳо рафта.
Ба зери байрақи сабзу сафедат хушк гардидам,
Ба авҷи наъраи дуздони одамтоз ларзидам!
Мадад, эй парчами гулгун, фидои сурати досат!
Фидои чаккуши оташфишону доси алмосат!

## Нақши сеюм

Дар ин коргоҳи куҳан роз бин,
Ба анҷоми ҳар қисса оғоз бин.
Ту аз сабри сандон садое шунав,
Ту аз зарби чаккуш салое шунав.
Ки Дарвоз ҳамчун дари танг буд,
Ду дарвозаи ин замин санг буд.
Фузайли фирорӣ аз ин дар гузашт,
Чу лабташна аз оби Кавсар гузашт.
Сари аспи Юсуф ба афзори зар
Чу фирьавн дар Панҷ шуд ғӯтавар.
Диловар зи дарё тани кушта рафт,
Ба дарёи хун ғарқу оғушта рафт.
Аз ин ҷо гузашта чу боди самум
«Сафедони рус»-у сиёҳони рум.
Зи паҳнои дунё дар ин тангно
Гаҳе пой рафтанду гаҳ чорпо.
Чу аспони суда дар ин санграҳ
Зи раҳ монда охир, дар ин коргаҳ
Ба сар омада, наъл партофтанд
Ва наълайн бастанду биштофтанд.
Зада наълу мегуфт усто Ҷалил:
«Бизан сум аз ин хок, эй сумсабил!»
Сари ҳам гузаштанд гарданкашон,
Ҳама бекамону ба қадди камон.
Саворони озодаи инқилоб
Ба тамкини кӯҳу ба рафтори об,
Зи пӯлоди ванҷӣ ҳама наълбанд,
Зи нохуни хунин ҳама лаълбанд,
Раҳи ағбаро карда шамшербур,
Намуданд аз сели душман убур.
Зудуданд бас нақши нопокро,
Намуданд пайванд ин хокро –
Ба марзи калон, арзу тӯли ҷаҳон,
Ба асри ҳамӣ – арсаи ҷовидон.
Дар ин коргаҳ кор оғоз шуд,
Дами нав ба дамхона дамсоз шуд.

Зи наълайни румию теғи фаранг,
Зи асбоби қатлу зи афзоли ҷанг
Ҳамесохт устои номӣ каланд,
Шавад то ки дунёи пасту баланд
Баробар ба кирдори дунёи нав;
Ба рафтори дунёи нав тундрав.
Дар ин коргаҳ доси нав сохтанд,
Ки кишти навинро дарав сохтанд.
Ба сандон зада путки озодро,
Дар он тоб доданд пӯлодро.
Аз он оҳани ҷуфт омад ба тоб,
Заминро намуданд бедорхоб.
Ки шаб то саҳар бахтҷунбон шавад,
Аз он ризқи мардум фаровон шавад,
Ки бошад чу сарсабзии рӯзгор
Гаҳе зери кору гаҳе зери бор.
Ва зоянда гардад чу дар меҳргон
Ба лутфу навозиш зани меҳрубон.
Басе коргоҳе, ки дар кор шуд,
Ба ҷумҳури тоҷик мададгор шуд.
Зи релси замину зи сими ҳаво
Биёмад замину замон дар наво.
Трактор омад дар ин корзор
Ба фарёд ҳамчун сароғози кор.
Аз ин наъра бархост Вахшонзамин
Зи қаъри замин то ба чархи барин.
Замин дар кафи дасти деҳқони пок
Зари сурх гардид, агар буд хок.
Чи русу чи тоҷик нахустин баҳор
Бидоданд дасту дили худ ба кор.
Сари Вахш бурданд сарҷӯи сабз,
Ба қадди замин ҳамчу гесӯи сабз,
Хатти ҷӯяҳо ҳамчу абрӯи сабз,
Дами пахта монанди ҷодуи сабз.
Бруноюю Айнӣ аз ин ҷӯйбор
Сухан сабз карда чу пирони кор,
Ситоишгари Обу Одам шуданд,
Фақирон ба тасвир Ҳотам шуданд.

Қалам сурх,
        алам сурх,
                роғе сафед
Кашиданд ҳамчун ваноғе сафед –
Ба ҳар дил, ба ҳар манзили меҳрдор,
Ки чун меҳр монад сухан пойдор…
Душанбе чу деҳи ба гил пойбанд
Ба по хест чун азми инсон баланд,
Чу инсони озод ин пойтахт
Бишуд соҳиби тахту дорои бахт.
Зи хуни шаҳидону лаъли хушоб
Бишуд парчами давлатӣ интихоб:
Дар он ҳам сафедии роҳи навин,
Дар он сабзаи навбаҳору замин.
Дар он доси деҳқон ба вақти дарав,
Дар он зарби чаккуш ба сандони нав.
Дар он рамзи сарсабзии Инқилоб.
Дар он тобишу гармии офтоб.
Дар он бахти миллат занад болу пар
Ба Боми Ҷаҳон – роҳи ахтаргузар!

**Нақши чорум**

Мани модар ба умре кадхудо будам,
Равонбахши ҳазорон наслҳо будам,
Агарчи рӯзгоре бенаво будам,
Замин будам, замини зери по будам.

Балоҳои заминӣ аз сарам бигзашт,
Чи дарёҳо зи чашмони тарам бигзашт,
Чи лашкарҳо зи рӯи пайкарам бигзашт,
Чи ғамҳо аз дили ғампарварам бигзашт!

Сахо кардам ба вақти тангдастиҳо,
Баландӣ хостам аз дасти пастиҳо.
Ато кардам, намудам сарпарастиҳо –
Бузургонро ба роҳи бешикастиҳо.

Зи хашмам ҳамчу Рустам паҳлавон зодам,
Зи раҳмам чун Манижа меҳрубон зодам.
Ба қалбам Рӯдакиро ҳамзабон зодам,
Ба дасташ хома додам, достон додам.

Ки монад ҳар набарду марди майдонам:
Ба домони сухан – покии домонам.
Ба парвози сухан – парвози пайконам,
Ки монад дар паноҳи шеър – шеронам!

Ман имшаб дар сари гаҳвора бедорам,
Ман имшаб ҳамтани Сайёра пуркорам.
Ба зери осмон сокину сайёрам,
Зи равзанҳо пагоҳӣ файз меборам.

Вале асрори шаб ҳамчун сияҳдом аст,
Сиёҳию сафедӣ нақши авҳом аст,
Муроду номуродӣ зери як бом аст;
Шаб ором асту пеш аз обхезӣ рӯд ором аст…

Илоҳо, рӯдҳо ором бархезанд,
Пагоҳӣ булбулонам ғулғул ангезанд,
Занон аз ханда гул чинанд, гул резанд,
Шуои сабзу нури сурх омезанд!

Валекин бар хилофи амри модарҳо
Саҳар аз лонаҳо ҷои кабӯтарҳо
Бизад дар осмони мо сияҳпарҳо –
Сафи тайёраҳо…
Ларзид кишварҳо…

Ба амри дил ҳама аз хоб аскар хест,
Ҳама – пиру ҷавон чун рӯзи маҳшар хест.
Барои осмонбонӣ санавбар хест.
Қаламкаш бо даравгар хест, минбар хест!

Ба тифлонам дуоро роҳбар кардам,
Ситодам, аз пайи онҳо назар кардам,
Раҳи пурхавфашонро бехатар кардам,
Накардам гиря, худ бар худ зафар кардам.

Шафақҳо рӯ ба рӯям лолагун дидам
Ва барфи сурхро саҳрои хун дидам, –
Ба дуриҳои дурӣ ҷангро бо чашми сар дидам,
Яке захми писарро дар ҷигар дидам…

Чу холӣ дидам аз нав ошёнҳоро,
Арӯсони дуҷони остонҳоро,
Ба сарҳо рангу бори осмонҳоро,
Паи таскин кушодам достонҳоро.

Ман охир тифлбону хокбон будам,
Дарахтон борвар, ман боғбон будам.
Паи рӯзии тифлон – обу дон будам,
Парешон дар замин чун аскарон будам…

Агар як баччаам дар ҷанг меафтод,
Сутун аз посутуни санг меафтод,
Ба рӯи синаам ожанг меафтод –
Нишони гӯри холӣ дар замини танг меафтод.

Сафар дар роҳи саҳро рафту саҳроям,
Азизам роҳи дарё басту дарёям,
Чу Тӯйчӣ тирбанду тирполоям,
Писарҳо баҳри дунё рафту дунёям!

Зи назди ман ҳама сафбаста мерафтанд,
Чу моҳу солҳо пайваста мерафтанд,
Ғурури хасмро бишкаста мерафтанд,
Барои ман зи худ вораста мерафтанд.

Парешон омадед аз раҳ, парешонам,
Ҷавон рафтед чанде пеш, ҳайронам,
Чу мардон омадед имрӯз, хандонам.
Зиҳӣ, эй баччаҳои марди майдонам!

Ба роҳи Ойгул чашмам ба уммед аст,
Ки ҳамчун вақт дар парвози ҷовид аст.
Нишасташ чун нишастанҳои Хуршед аст,
Ки мешинад… намешинад…

Ҳаметарсад, ки аз он оташи думдор,
Ки гардад аз думи тайёрааш ҳамвор –
Бисӯзад марғзори зиндагӣ якбор;
Биёбад шуълаи Ҷанги Ҷаҳон такрор!

Дареғо, тифлҳоям дар сафар монданд,
Ба рӯи сангҳои қабр сар монданд…
Кунун дар кӯҳсорам баҳри ҳар аскар
Барорам қуллае чун ҳайкали мармар…

**Нақши панҷум**

Дар синаҳо ситора, дар дидаҳо шарора,
Дар пушти сар ниҳода дунёи беканора,
Бар дӯш бори дунё, дар каф қарори дунё,
То хона ғолиб омад аз он канори дунё –
Фарзанди модари мо, ёру бародари мо
Рафтанд чун қатора, баргашта тора-тора,
Дар осмон ситора, ситора пора-пора.
Сад шукр гуфт модар аз он, ки даста-даста
Гаштанд ғолибонаш – мардони сафшикаста, –
Дар кӯчаҳои Берлин дар ҷангҳои хунин…
Ҳангоми киштан омад, вақти дурудан омад,
Дар тӯйҳо суруди ҷангӣ сурудан омад.
Бо ин суруди ҷангӣ шудгор менамуданд,
Навошиқон муҳаббат изҳор менамуданд
Дар дашти кас надида бо ёри наврасида.

То ин ки донаи хайр дар хоки тар бигирад,
Деҳқони ҷангдида аз хок зар бигирад.
Ҳам донаи муҳаббат дар сина сабз гардад,
Дар зери боли кафтар набзе ду набз гардад;
То ки Замину Духтар Модар шавад баробар…
Панҷоҳ сол деҳқон бар хок саҷда овард,
Шакли замин ба шакли рангинкамон даровард.
Хамгашти курраи арз чун арзи эҳтиром аст,
Бар деҳқони тоҷик
Савганди бекалом аст.
Ҳошо, чунин садоқат, хошо, чунин садорат!
Панҷоҳ соли комил бофандагони тоҷик
Рангинматоъ бароранд, рангинкамони тоҷик.
Аз торҳои пахта, аз торҳои хуршед,
Аз риштаи муҳаббат, аз торҳои ҷовид,
Аз тору пуди тоҷик, ҷону вуҷуди тоҷик.
Як умр дашти Ёвон аз қатраҳои борон
Серӯза сабз мешуд, гулпӯш дар баҳорон.
Аммо зи сели гармо дармегирифт саҳро,
Месӯхт мағзи дилҳо дар шуълазори гулҳо,
Лутфат барои гулҳо оби равон баровард.
Дарёи оташине аз пеши дар равона,
Дар хонаҳо набудӣ аз оташе нишона.
Мардум ба ларза буданд аз барқи осмонӣ,
Дар пош саҷда карда аз дасти нотавонӣ.
Акнун ба нури Норак таъзим кунад ҷаҳоне!
Рӯзе, ки барқи Норак дар санг шуъла корад,
Панҷоҳсола Давлат боле чунон барорад,
Бахти баланди худро то осмон барорад,
Нақши баланди худро дар осмон гузорад, –
Аз болгоҳи тоҷик, аз коргоҳи тоҷик!

# ГАҲВОРАИ СИНО

То саҳаргаҳ Ситора[1]меҷунбид,
Тифл бо гаҳвора меҷунбид.
Дар нигоҳаш самои пурахтар
Аз карон то канора меҷунбид.

Мегузаштанд зулмати шабҳо
Дар назарбозиҳои кавкабҳо.
Субҳро мекушод бо сахтӣ
Аллаи модарону «ё Раб!»-ҳо.

Зери фоли баланди ахтарзод,
Бо баду некҳои модарзод,
Ба замин чун фariштаи хокӣ
Аз канори Ситора пой ниҳод.

Модар аз пас дуои ӯ мехонд,
Афшана чира даст меафшонд.
Пеш мерафту Афшана дар ҷой,
Бори ғурбат ба дӯши ӯ мемонд.

Дар Бухоро, ки дард арзон буд,
Дарди инсон атои Яздон буд.
Сад шифо дар китоб – дар ганҷур
Баста чун ганҷҳои Сомон буд.

Омаду дар кушод зиндонро,
Кард дар бар китоби дармонро,
Дар дили меҳрпарвари тоҷик
Ҷой бинмуд Ҳинду Юнонро.

Шамъу Сино ба роҳи матлабҳо
Ёр буданд шаб ҳама шабҳо.
Сӯхт аз васли шамъ парвона,
Сӯхт ӯ дар висоли кавкабҳо.

[1] Ситорабону – номи модари Ибни Сино.

Зарра-зарра фузуду шаст омад,
Осмони баланд паст омад,
Зина-зина расид рӯи манор,
Ахтари толеаш ба даст омад.

Дид, афсонаест наҳси Зуҳал,
Дид, бечорагист нақши азал.
Як замоне худои худ гардид,
Дид, дар дасти ӯст дасти аҷал.

Заҳрҳо хӯрд, то шавад дармон,
Ранҷҳо бурд, то шавад осон
Мушкилоти ҳазораи Инсон –
Мушкили беканораи Инсон.

## Мушкилоти як

Ба дарди Нӯҳи Сомонӣ[1] давое нест дар дунё,
Саропо дарди ӯ пайдо, давои ӯст нопайдо.
Табибон чораашро гоҳ аз таъбири тан ҷустанд,
Гаҳе аз роҳи ҷон ҷустанд,
Гаҳ аз гӯру кафан ҷустанд.
Ба ҳар як чора чун бечорае аз хеш мерустанд
Ва дасти кӯтаҳи худро ба оби сард мешустанд.
Биёварданд Синоро,
Ҷавони ақлбиноро.
Бидид ӯ бар сари бемор тоҷу шавқи миноро.
Бигуфто: «Ё амирам, авф бинмо, тоҷро бардор,
Ки аз баҳри ҳакиме дар даво кофист як бемор».
Сукуте дар миён омад,
Сукунат бар забон омад
Ва Сино дар баён омад:
«Надиме баҳри ман кофист,
Чу як ҷони муносиб аз барои як бадан кофист».

[1] Нӯҳ бинни Мансури Сомонӣ (соли 977) охирин амири солори ин хонадон буд.

Табибон интизори ҳукми шоҳи бистарӣ буданд,
Барои ин «Ҳусайни Карбало» чун муштарӣ буданд.
Амир аз ноилоҷӣ мефаромад аз сари кинаш,
Барои ҷони ширинаш
Гузашт аз тоҷи зарринаш.
Ба рамзи як ишорат кард хилватхонаро холӣ,
Намуд аз бодаи кибри шаҳӣ паймонаро холӣ.
Ва худро ёфт беморе,
Ва худро ёфт ночоре,
Ва худро ёфт озод аз шару шӯри ҷаҳондорӣ.
Ва Сино аз мизоҷаш кофт ҷои решаи дардаш,
Чу оташ ёфт савдои ҷаҳонро дар дили сардаш.
Бигуфто: «Эй надим, сӯи ҳакими хосаи дарбор,
Ҷаҳонро нек пиндору варо некӯ бигӯ ахбор».
Ба шаҳ гуфто: «Чу амри ман раво бошад, даво бошад,
Ва ҳар фармудаам дар ҳукми фармони шумо бошад».
Ба чил рӯзе гироид аз паи дорую дармонаш,
Ки боре сар намепечид амир аз амру фармонаш.
Бад-ин ҷо аз димоғи ӯ баромад бӯи беморӣ,
Набуд аз нахвати шоҳӣ ба хулқаш ҳеҷ осоре.
Ба Сино хӯ гирифту гуфт: «Ҳошо ин гирифторӣ,
Хушо аҳволи беморию чун Сино мададгоре,
Надонам аз куҷо омад, куҷо шуд бораи дардам,
Куҷо шуд тифли якрав бастаи гаҳвораи дардам».
Ман ин гаҳвораи танро гаҳе тобут медидам,
Нафасҳои ҳакимонро шамоли ҳут медидам.
Зиҳӣ гаҳворачунбоне, зиҳӣ инсони пурдоне,
Зиҳӣ шаҳри Бухоро бо чунин хуршеди тобоне!»
Чу Сино интиҳои дардро чун ибтидо дарёфт,
Ба дарди танпарастию фароғат, дар даво биштофт.
Ба амри вай май оварданду миное,
Бинӯшиданд се ҷоми саломатро ба танҳоӣ.
Зи Исмоил ҳадисе гуфт дар кори ҷаҳондорӣ,
Ки дар он шуд ишоратҳо ба тамкину гаронборӣ.
«Чи марде буд Исмоил ба адлу донишу инсоф,
Зи фикраш пур бувад атроф,
Ба зикраш пур бувад акноф.

Пас аз мавти муборак нимаи асре ба унвонаш
Тамоми додхоҳон арза меовард бо номаш».
Ба нафси шоҳ шуд бедор ногаҳ фарри шоҳияш,
Бигуфто: «Ман паноҳ овардаам дар бепаноҳияш».
Пасон рои дигар рух дод ногаҳ Ибни Синоро,
Куҳандижро ба ёд оварду девори Бухороро:
«Чу бо амри киромӣ вожгун карданд девораш,
Ки девори наве бояд Бухороро чу адвораш,
Бигуфто аҳли девонаш: «На аз ҳикмат бувад корат,
Чу саҳро ҳамла орад, не харам монад, на бозорат».
Бигуфто: «Аз сиёсат, аз мадоро мекунам девор,
Ба саҳро мебарам аз Шоҳрӯд, аз ростӣ анҳор,
Чу ман дар ҳифзи молу ҷони афроди ватан бошам,
Даме то зинда бошам, пояи девор ман бошам...»
«Ба шукри хақ Бухоро ҳасту Сомон асту девораш,
Набояд чашм пӯшидан вале аз чархи даввораш.
Чу туркони хито дар ин вилоят ҳамлаҳо доранд,
Паи коре бишав бо аҳли саҳро, то ба пайкоранд».
Аз ин ахбор шуд бемор як марди сипаҳсолор,
Набуд ин мард он бемор, набуд он хоб ин бедор.
Ва амре дод: «Боз оред тоҷамро, нигинамро,
Саманди зери зинамро, бубинам сарзаминамро».
Димоғи шоҳ дар як сония зайле дигаргун шуд,
Ки Сино шуд замину фарри шоҳӣ авҷи гардун шуд.
Ба ҳам овард девонро, сипаҳсолори волоро,
Бипурсид аз умури кишвари худ пасту болоро.
Шунид аҳволи кишварро, бидид авзои лашкарро,
Ба чашми дил бидид он хайли навкарро,
Ки дар роҳи мадоро кӯтаҳӣ доранд,
Ки аз роҳи сиёсат бераҳӣ доранд,
Ҳама бар тан либоси аблаҳӣ доранд,
На аз дунё, на аз дил огаҳӣ доранд.
Бигуфто: «Амри мо ин аст бар лашкар:
Паси девор бояд бораи дигар,
Чу садди зиндае аз лашкари ҷаррор,
Ки ҷорӣ бошаду дар ҷаҳд чун анҳор».

Равон кард ӯ расуле бар ҷайи туркон,
Ба коғазномае бо шеваи туркон:
Ки «Мо ҳамсояю ҳамбораю ёрем,
Салоҳу сулҳро ҳар ду талабгорем.
Хушо бо дастаҳо дар иди наврӯзӣ.
Пасон сабқат шавад дар гӯю дар ҷавгон,
Пасон рағбат шавад дар тиру дар пайкон.
Пасон дар найзабозию сипардорӣ,
Ба дастуре, ки н-ояд бӯи пайкоре...
Шаҳаншоҳи вилоят тухмаи Мансури Сомонӣ
Ба амри ҳақ, ба амри шоҳии шон дорад имоне».
Ҷавоби рад гирифт аз сарвари туркон,
Бигуфто: «Оштӣ ҷустем бебурҳон»,
Пас он меҳраш ба Сино бештар афзуд,
Тадорук аз барои анҷуман фармуд.
Ба ҳам омад ҳакимону вазиронаш,
Сияҳкорону ҳам равшанзамиронаш.
Бигуфто: «Ин ҷавонмард анқариби мост,
Ба ҳар дарде табиби мост,
Зи даргоҳаш насиби мост.
Бифармо, эй ҳаким, аз ин вилоят ҳар чӣ мехоҳӣ,
Дар ин кишвар бубахшоям туро аз мурғ то моҳӣ».
Бигуфто: «Ё амирам, чун гузаштӣ з-имтиҳони хеш,
Агар бигзашта бошам з-имтиҳони шоҳ чун дарвеш,
Ҳамин инъоми олӣ бас,
Дили пур, дасти холӣ бас!
Чу аз моли ҷаҳон дониш бувад гармии бозорам,
Вуҷуде дар дари ганҷинаи дониш талаб дорам!».
– Бувад ин амри ту воҷиб.
Дигар чизе наӣ толиб?
Табибон: «Зар биҷӯ, кишвар биҷӯ, нодон!»
Бигуфто: «Бод ин кишвар насиби дудаи Сомон!»
Яке хандон, яке ҳайрон,
Расид ин базмро поён,
Набуд ин назмро поён.

## Мушкилоти ду

Ривоят мекунад мардум,
Ишорат мекунад анҷум,
Ки Нӯҳ охир парешон кард ҳамчун тухма дар саҳро
Ба зарбе аҳли заҳроро,
Вале рӯид дар паҳно
Барои зиндагӣ одам,
Барои бандагӣ одам...
Барои ин зафар базме бапо бинмуд шоҳона,
Ба хосон туҳфаи хосе ато бинмуд шоҳона.
Бигуфто шоире, ки Нӯҳи Сомон аз малак омад,
Сифоти Нӯҳ аз рӯи замин то нӯҳ фалак омад.
Шаҳ аз ҷоми паёпай маст ё аз мадҳи маддоҳон
Ба имое бидод ин базмро, ин назмро поён.
Ҷамоатро дуое доду бо хосони дарбораш –
«Ба Сино имтиҳон дорам, ки раҳ ёбам ба асрораш».
Бигуфто: «Эй ҳаким, айвони мо танҳо ду дар дорад.
Агар шаҳ аз қазо азми сафар дорад,
Бигӯ, то аз кадомин меравад берун?» –
Сабуксорона зад бар тори қалби Бӯалӣ нохун.
Ва Сино гуфт: «Чун рою атои шоҳ яксон аст,
Зи ҳар дар, ки бараояд, роҳи имкон аст.
Агар хоҳед ройи хешу раъйи бандаро донед,
Бароеду дароеду сипас ин руқъаро хонед».
Амир амре намуд аз аксии фитрат:
«Дари дигар кушоед аз дари ҳикмат!»
Ба як дам амр иҷро шуд,
Ба девори ҷанубӣ як даре во шуд,
Амир он ҷою ин ҷо шуд,
Гирифт он руқъаро санҷид:
«К-амир аз тахт бархезад,
Раҳи имкон напӯяд,
бо раҳи касрат даромезад,
Дари дигар кушояд аз ҷанубию бадар ояд...»
Вале аз рӯи ҳикмат ин ҷаҳон танҳо ду дар дорад:

Раҳи бозомаду рафтан,
Раҳи бедорию хуфтан,
Раҳи вайронӣ, ободӣ,
Раҳи инсофу бедодӣ.
Амир аз роҳи охир рафт, вовайло
Бухороию аҳволи Бухороро!

* * *

Чу бозии бузургон ёфт поён,
Кушода раъйи дигар некроён,
Ки дар шаҳри Бухоро чун балое
Даде шабҳо намояд худнамоӣ.
Ҳар он шахсе, ки бозояд дучораш,
Барояд кӯрдуде аз димораш.
Басе зӯроварон зӯр озмуданд,
Зи рӯи хок нақши худ зудуданд.
Агар аҳвол ин бошад, ки бошад,
Аз ин девор нақши мо тарошад.
Чи дастурест Синоро дар ин боб,
Паи дафъи балою ҳифзи аҳбоб?
Ҳаким гуфто: «Агар он дад маҷозист,
Ба нафси хеш моро чорасозист.
Шуда дар нафси мо дарранда бедор,
Шуда фитрат мутеи ваҳш ночор.
Дар ин ҷанги дадӣ бо ақли солим
Бади худро бубояд кард таслим.
Агар он ҷинс бошад, кори саҳл аст,
Зарурат нест бар зӯри забардаст.
Дар ин сурат бибояд як ҳунар сохт,
Зи фӯлоди димишқӣ як сипар сохт,
Ки чун оина дар пардоз бошад,
Ки чун оина аксандоз бошад.
Пас он марде ба тадбиру ирода,
Шавад дар рӯ ба рӯи он пиёда:
Чу бинад акси шуми хештанро,
Даду бад тарк гӯяд ин ватанро,
Бимирад он зи бими ҳайбати хеш,
Надорам чорае дигар аз ин беш...»

* * *

Ҳаким аз ганҷи сомонӣ гузида илми оламро,
Ки бинмояд баробар бо Бухоро насли одамро.
Амир аз нобасомонӣ ба ҷое бурд сомонро,
Ки ҳамчун тоҷ медид бар сараш хуршеди тобонро.
Пас аз сулҳу мадоро хонд рӯзе Ибни Синоро,
Ки то аҳли назар бинад фурӯғи чашми биноро.
Ҷамоат буд ноҳамвор:
Яке хобу яке бедор,
Яке роҳиби безуннор,
Яке зоҳиди бедастор.
Басе донишварон аз Ҳинду Эрону Араб буданд,
Чу дониш нисбате дорад, ҳама доноталаб буданд...
Ҷамоат ҷамъу хомӯш аст,
Ҳама чашму ҳама гӯш аст.
Гаронии хамӯшӣ ҳамчу бори хона – бар дӯш аст,
Муроди ҷумла сарпӯш аст.
Ҷавони навхати болобаланде бо маром омад,
Ба сар имои таъзиме намуда, дар мақом омад.
Ба курсии худаш биншасту аз қайди худӣ вораст,
Замину сақфи ин даргоҳро санҷид бо як даст:
«Азизон, ман чунин дарёфтам: ё фарши ин маъво
Ба қадри бораи ханҷар шуда боло
Ва ё пастӣ гузида осмон чун бораи ханҷар,
Ба таъбири ҳаводис нест моро чораи дигар».
Ва ҷамъи гӯл гӯё шуд,
Ва ҷамъи кӯр бино шуд...
Ба таъзиме баромад ӯ аз ин даргоҳ,
Паяшро канда аз ин роҳи беҳамроҳ.
Пайафкан мефиканд аз дил
Ба ин дунёи беҳосил,
Ба ин дарёи бесоҳил
Ҳама дурдонаҳои ошноиро
Ва чашмаш роҳ медид – роҳи танҳоӣ, ҷудоиро...

## Мушкилоти се

Ривоят мекунад доною нодон,
Ишорат мекунад гардуни гардон;
Ба ҷое рафт охир кори Сомон,
Ки омад бо сари боло ба поён.
Чу дуд аз дудаи Сомон баромад,
Дигар оташ аз ин маҷмар наёмад.
Чу Нӯҳ аз тахт бар рахти дигар шуд,
Савори аспи чӯбӣ раҳсипар шуд,
Бухоро монд чун шаҳри кушода,
Саворон гашта чун марди пиёда.
Фаромад аз шимолӣ чун сияҳбод
Қарохонию дод ин хок бар бод.
Ғуломе аз ҷанубиҳо баромад,
Сару сомони Сомонӣ сар омад.
Пасон зад сиккаро бо номи Маҳмуд,
Баромад аз ватан ё аз кафан дуд?
Ва ҷӯи Мӯлиён чун ашк полуд,
Чу Нили маърифат гардид нобуд.
Ва Маҳмуду Ҳусайн ин ду бародар
Намуда саҷдаҳо бар хоки модар,
Намуда бӯсаҳо хоки ватанро,
Ба қадди хокдон дида кафанро,
Ба хорӣ мурдани дунёи фанро,
Дилогоҳони ҳоли мулки Доро
Видоъ гуфтанд бо шаҳри Бухоро.
Куҷо раҳ мебарам ин достонро,
Ки охир нест роҳи ростонро,
Ки имкон нест пайванди суханро,
Бигӯяд реҳлати ҷону баданро,
Чу Сино бо гирифторе чӣ созам?
Барояд оташи ӯ аз димоғам;
Бурун омад шаб аз дарвозаи нур[1],

[1] Дарвозаи нур – яке аз дувоздаҳ дарвозаи Бухоро, ки ба сӯи Хоразм кушода мешуд.

Ридо[1] пӯшидаю дастори кофур.
Ба Хоразм азми рафтан кард ночор,
Ки ёбад бар матои худ харидор.
Раҳи дури биёбон чун сароб аст,
Чу нақши бебақо болои об аст.
Дар он чун пай гузорӣ, нақши поят
Ба як дам пок гардад аз қафоят.
Аломатҳои ин раҳ ноаён аст:
Раҳи зангӯлаҳои корвон аст.
Ва Сино гуфт: «Бо рафтори анҷум
Бубояд рафт аз саҳрои раҳгум.
Қамар ҷинсе тамому нотамом аст,
Фақат Хуршеду ахтар дар мақом аст.
Ғуруби офтоби ин биёбон
Ишорат мекунад бар оли Сомон,
Аҷаб хунин фитода офтобе,
Ки онро ман надида дар китобе.
Сари шаб боди тунде дар садо шуд,
Равон реги биёбон зери по шуд,
Ба дастуре, ки ин дунё фано шуд,
Ва ё охир ва ё дунё бино шуд.
Аз ин саҳро, ки чун дарё равон аст,
Фақат тадбиру ҳикмат новадон аст.
Бубояд лангаре аз буттахоре,
Ки он ҷо хокро бошад қароре...»
Ки ҳар чӣ реша дорад, пеша дорад,
Зи ашколи муҳит андеша дорад,
Ки дида дар ҷаҳони бурдборӣ
Бузургеро чу Сино зери хоре?!
Бародар зор ӯро зери пар буд,
Чу раҳми модару ирси падар буд,
Ба тундӣ сафҳаҳои сурхи ҳомун
Чу дуди сурх мерафтӣ ба гардун.
«Аҷаб оташ, ки онро нест гармӣ,
Аҷаб дуде, ки онро нест нармӣ.

[1] Ридо – қабои аҳли зуҳд, ки ба китф мепартофтаанд.

Магар ин оташу дуди китоб аст,
Ки ҳамчун роҳи дониш беҳисоб аст?
Магар ин хашми яздон аст ё ман?
Фиғони ҷумла инсон аст ё ман?
Ба ин ҳикмат, ки дорам, нест роям,
К-аз ин бозии дунё чун бароям.
Аҷаб коре, ки дар саҳро бимирам,
Ба гумроҳӣ мани доно бимирам.
Ва илми оламе барбод гардад,
Ҷаҳолат дар ҷаҳон озод гардад».
Чу сар бардошт аз зери ридояш,
Зи машриқ медамад субҳи сафояш.
Бидид аҷсоди ҳар ду зери хок аст,
Сари ҳар ду бурун аз ин мағок аст,
Агар тан дар мақоми худ замин аст,
Аз он ақлу хирад болонишин аст.
Пас ӯ доманкашон бархест аз хок,
Зи ҷо Маҳмудро бардошт чолок,
Пас аз ранҷи шикебои шабона
Ду тан гардид дар саҳро равона.
Бародар об мепурсиду обе
Набуд ҷуз ранги нилии саробе.
Бародар нон мепурсиду ноне
Набуд ҷуз курси хуршеди ҷаҳонӣ.
Баногаҳ чун атои осмонӣ
Расид овози занги корвоне:
Расид як корвони ҳамли боре,
Ки онро нест сомону қароре.
Бидида сорбон ин ду ҷавонро,
Ду тири раста аз қавси камонро,
Бигуфто: «Ин ду дарвеш аз куҷоянд,
Дар ин саҳро чу инъоми Худоянд,
Ба онҳо ёрие кори савоб аст,
Ба ҳар аъмол дар дунё ҷавоб аст».
Пайи андешаи кору барораш
Гирифт охир ду сарборӣ ба бораш.
Ба дарвешон бифармуд обу ноне,
Даромад аз тариқи роздонӣ.

Бигуфто: «Аз куҷою то куҷоед?
Агар озода гӯям, дар ридоед».
Бигуфто Ибни Сино: «Аз тариқат
Раҳе дорем то сӯи ҳақиқат,
Ду муршидему аз як хонақоҳем,
Ба сӯи ҳақ ду чашми як нигоҳем».
Аз ин шева бидид он марди тоҷир
Ду сӯфиро ба ботину ба зоҳир.
Чу дид ин соликонро нест озор,
Сухан бинмуд аз гармии бозор.
Бигуфто: «Аз Яман дурҳо харидам,
Чу қатра аз дили дарё кашидам,
Зи пӯлоди Димишқу шоли Кашмир
Намудам пардаю шамшеру занҷир,
Пас аз соле расидам то Бухоро,
Надидам олами ҷуду сахоро,
Ҳама моли маро бурданд бебоҷ
Гурӯҳи раҳзане рӯзе ба тороҷ.
Қазоро бин, ки он рӯзи ғазо буд,
Бухоро бе Худою бо Худо буд.
Ҳамон рӯз аз аморат рафт Сомон,
Бухоро шуд ба амри ҳақ биёбон.
Кушода буд тамоми ганҷи шоҳӣ,
Дари ганҷинаю соҳибкулоҳе...
Мукофоти амал омад ба ёдам,
Дари ганҷури шоҳонро кушодам,
Зи симу зар ба ғайри тахту тоҷе
Гирифтам мулки сомонро хироҷе,
Ки аз моли ман ин дар сад фузун аст,
Касе, к-ин мол дорад, зӯфунун аст.
Ба каф н-омад фақат тоҷу нигинам,
Вагарна ман шаҳи рӯи заминам.
Ва Сино гуфт: «Ҳар касро маром аст,
Барои мо кафандуздӣ ҳаром аст.
Чу бинмудӣ яке суду зиёнро,
Макун андешаи тоҷи каёнро,
Агар фар нест, марде тоҷвар нест,
Ба ҷуз исме мар он чизи дигар нест.

Ба исми халқ тоҷе гашт нисбат,
Дигар тоҷе набуд аз рӯи ҳикмат...»
Ва тоҷир гуфт: «Эй солики бероҳ,
Ки як роҳ аст дар дарбору даргоҳ.
Ту шоҳу тоҷро нодида бошӣ,
Ба роҳи дигаре варзида бошӣ,
Макун пеши раҳи ман гомронӣ,
Ки бори корвон дорад гаронӣ».
Пас аз ин ҳар сухан бори зиёд аст,
Сухан ганҷ аст,
Ин дам лек бод аст,
Давоми гуфтугӯ бонги диро шуд,
Зи ҳомун то ба гардун пурсадо шуд,
Низоми ин садоро гашта ҷӯё,
Ки онро нест назме ҷуз ба савдо,
Ки зарби мусиқӣ аз илм пеш аст,
Чу набзи одамӣ бар назми хеш аст.
Ҷарас дорад аҷаб назми парешон,
Чу бонги нӯш дар базми парешон.
Чу фарёди ҷудоӣ нола дорад,
Зи расми бевафоӣ нола дорад.
Бувад ин занг оҳанги дили ман,
Ки менолад зи кишту ҳосили ман.
Ба ҷое норасида маҳмили мо,
Расида шоми дигар – қотили мо,
Ба пастие зи маҳмил бор канда,
На боре, давлати бедор канда,
Гурӯҳе хайма зад бар шабнишинӣ,
Аҷоиб шаб, ки дар хобат набинӣ,
Ҳама хиргоҳиён бедор буданд,
Мусаллаҳ бо сару афзор буданд.
Чу ман аз хайма берун хоб рафтам,
Чу санге гӯӣ дар гирдоб рафтам.
Ба хоби хеш дидам шаҳсаворе,
Ба тамкину ба рафтори бухорӣ,
Ки мекард аз сари саҳро суроғам,
Ҳамехонд аз биёбон сӯи боғам,

Ба он боғе, ки рафтам, ошно буд,
Ба дил наздику аз ҷисмам ҷудо буд.
Дар он боғи хаёлӣ хоб кардам,
Баногаҳ нолае бетоб кардам.
Зи ҷо ҷастам, бидидам маҳшареро:
Саворони чу боди сарсареро.
Гурӯҳи роҳзанҳои ниқобӣ,
Қароқчиҳо зи дуздони китобӣ
Рабуда хонумони корвонро,
Гирифта рӯҳу ҷони сорбонро,
Рикобӣ гаштаю дартоз рафтанд,
Чу розе омадаиду боз рафтанд.
Мукофоти амал дар ин шаби тор
Амал шуд бо раҳи инкори инкор,
Ки ҳар кӣ ҳирс дорад, ҳирс корад,
Аз он ҳирси фузунтар бор орад.
Ба ин дастур зери чархи даввор
Бигардад неку бад такрор-такрор.
Ба ҳирси сорбон ин ҷо ватан шуд,
Биёбон гӯру регистон кафан шуд.
Саҳаргоҳон бишуд маҳмил равона,
Чу осебе зи осеби замона,
Кунун бонги ҷарас оҳу фиғон буд,
Касеро не яқину не гумон буд,
Ки онҳо мебаранд аз ганҷи сомон,
Яке ганҷе, ки онро нест поён,
Намедонад, ки ӯ худ корвон аст,
Ки илми ин ҷаҳонро сорбон аст.
Ва ин ганҷур дарпӯшида беҳтар
Ва ин асрор сарпӯшида беҳтар.
Ба ин дастур раҳ бурданд, роҳе,
Ки нақше аз қафояш дуди оҳе.
«Ба рӯзи панҷ ранҷи мо ба сар шуд,
Аҷаб сабзии сабзе ҷилвагар шуд.
Аз ин сабзӣ биёмад бӯи райҳон,
Аз ин сабзӣ биёмад бӯи инсон.
Ана Хоразм, он чи азми мо буд,
Ба мо буд он қадар, к-аз мо ҷудо буд...»

## Мушкилоти чор

Ишорат менамояд чашми бино,
Ҳикоят менамояд Ибни Сино.
Ба Хоразми муборак то расидем,
Нахуст аз обу аз нонаш чашидем.
Замине чун зумуррад дар биёбон,
Ба сарсабзию сабзӣ чун хиёбон.
Дари Урганҷ ҳамчун ганҷ во шуд,
Дилу ҷонам дар ин ганҷина ҷо шуд.
Аҷаб шаҳре, ки Ҷайҳун рӯдбораш
Ва рӯди маърифат андар канораш.
Зи Ҷайҳунаш равон рӯди Ҳазорасп
Ва киштиҳо дар он ҳамчун қатор асп.
Зи бозаргони дунёю бузургон
Муҳите буд чун дарёи Гургон.
Дар ин ҷо рум дидам, рус дидам,
Шаҳи Хоразмро Ковус дидам.
Алӣ – фарзанди Маъмун – шоҳи кишвар
Ба ҷои тоҷ ақле дошт бар сар,
Ки дар дунёи пурғавғои пайгир –
Дар ин саҳрои тунди гургу нахчир,
Ба фазлу бо иродат рой мезад,
Ба роҳи ҳақшиносӣ пой мезад.
Маро рӯзе пазиро гашт Маъмун,
Магар дарёфт дар аҳволи Маҷнун,
Бигуфто: «Хуш расидӣ, нури дида,
Чунин фоли накӯро кас надида,
Ки фазли оламе ояд ба пояш,
Ки олам дарду он бошад давояш,
Ба ҷону дил бикӯшам дар маошат,
Тую илму фану баҳсу талошат».

* * *

Замоне бо Абӯсаҳли Масеҳӣ[1],
Кушодем аз Арасту сад гиреҳе.
Ба ҳикмат бо Абӯнасри Ироқӣ[2],
Шудем аз васлкориҳо фироқӣ.
Абӯрайҳони Берунӣ ба фарҳанг
Намуда мулкро хушбӯю хушранг,
Сари донишварони ин замин буд
Барои ҳалқаи шоҳӣ нигин буд.
Фалак дар чашми ӯ бошад чу байзо,
Даруни байза бошад ақл анқо,
Ки фаҳми он ба фарде буд хоса,
Ки созад пасту болоро хулоса.
Сутуҳ аз ҳикмати ӯ чоргоҳ аст,
Ки фаҳми ӯ фақат дар чор роҳ аст,
Миёни чорсӯ дар мӯшикофӣ,
Ба роҳи шаш ҷиҳат дорад хилофе,
Ба чашми ӯ фалак чун байзабоз аст[3]
Ва хуршеди фалак чун найзабоз аст.
Ба ӯ аз шаш ҷиҳат кардам ишорат,
Аз ин ҷо то само кардам иморат,
Ки одам дар мақоми худ ситода,
Намояд чор сӯяшро ифода.
Дар ин фан не саволу не ҷавоб аст,
Чу оғозаш тулӯи офтоб аст,
Чу одам аз замини ишқ рӯяд,
Нахустин чор сӯяшро биҷӯяд.
Чу нерӯи хирадро нест поён,
Ба чашми ақл мегардад намоён –

---

[1] Абӯсаҳли Масеҳӣ – файласуфи машҳур, ки дар хидмати Алӣ ибни Маъмуни Хоразмшоҳ буд, баъд аз номаи таҳдидомези Султон Маҳмуд аз Ғазнин рӯй тофт ва хамроҳи Бӯалӣ роҳи Хуросонро гирифт.
[2] Абӯнасри Ироқӣ – олими риёзӣ ва аҳли ҳикмат буд.
[3] Ин ҷо ишорат ба таълимоти Абӯрайҳони Берунӣ дар боби шакли фалак аст, бар хилофи Арасту Берунӣ фалакро на куррашакл, балки тухмшакл медонад.

Қабатҳои замину осмонаш,
Камони чарх бо рангинкамонаш.
Камону тир дар дасти камонвар,
Ба забти кишваре ё ҳифзи кишвар...
Ба шукри хидмати мардони доно,
Ба шукри неъмати ақли тавоно,
Дар ин ҷо ёфтам ганҷе ба сомон,
Дар ин ҷо ёфтам ҷамъе ба сомон.
Кунун бо ақлу тадбиру иродат
Умури кишваре гардад иморат.
Ҷаҳон дар илм олам ном дорад,
Зи гардишҳо сабоҳу шом дорад.
Агар ақли башар монад зи гардиш,
Агар гаҳворае монад зи ҷунбиш,
Само гардад ба амри хеш гардон,
Замин монад ба кори хеш ҳайрон.

* * *

Ба ин дастур се маҳ аз миён рафт,
Ҷаҳони шӯру ғавғо аз ҷаҳон рафт.
Ба маҷлисҳо сухан рӯшод мерафт,
Зи обу оташу аз бод мерафт.
Ва рӯзе дар мизоҷи обу оташ
Зи қабзи боду обу аз бисоташ
Ба Сино дод Берунӣ саволе,
Саволи содаю амри маҳоле:
«Мусаллам, ҷисм аз гармӣ физояд,
Зи ҳаҷми хештан чанде барояд.
Ба сардӣ ҷисмҳо афшурда гардад,
Зи ҳаҷми хеш чанде хӯрда гардад.
Агар пуроб бошад обгина,
Агар дар об бошад обгина,
Зи сардӣ бишканад он зарфи шиша,
Сабаб чию сабабро чист реша?»
«Ҷавоби ин масал чандон ҳувайдост,
Ки аз нафси масоил хеш пайдост,
Ҳаво аз гармӣ ҷӯёи маконест –

Ба вусъат, лек дар он шиша ҷо нест;
Ба ин иллат шавад он шиша пора,
Бигардад аз раҳи дигар дубора.
Ба сардиҳо чу оби обгина
Шавад афшурдаю аз худ камина,
Халое[1] чун шавад дар шиша пайдо,
(Балое мешавад дар шиша пайдо),
Ба рафъи ин хало мегардад имкон,
Ки шиша бишканад, дигар чи бурҳон!»
Абӯрайҳон намуда эътирозаш:
«Агар рафъи хало бошад ниёзаш,
Бубояд бишканад шиша дарунсӯй.
Шикастан лек меояд бурунсӯй.
Чунон бинам, ки он мазруф дар зарф
Нағунҷояд чунон, ки ҳарф дар ҳарф...»
Ва Сино гуфт: «Дар ин шишабозӣ
На шиша, ҷавҳараш дорад ниёзе,
Агар ҷавҳар ба зоташ устувор аст,
Варо не хавфи оташ, не фишор аст.
Тунукмоя чу ояд обгина,
Набошад ҷурми ӯ – ҷурми камина...»
Бувад ин муттасилӣ дар табиат,
Ҳамин пайванд бошад дар фазилат,
Ҳамин сон муттасилӣ дар фазо аст,
Ки ҳар зарра ба васл асту ҷудо аст.
Ҳамин аҳвол рӯзе ҳоли мо шуд,
Бухоро аз халоӣ мубтало шуд.
Чу тадбиру хирад шуд аз вилоят,
Вилоятро фишоре шуд кифоят,
Ки девони Бухоро бо шукӯҳаш
Ва девори бузурги ҳамчу кӯҳаш
Ба мисли шишаю андеша бишкаст,
Дарахти маърифат аз реша бишкаст.
Мабодо аз шару шӯри ҷаҳондор
Ҳамон амри хало ояд ба такрор.

[1] Хало –холигӣ, дар истилоҳи физика – ваккум.

Сухан то аз даҳони ӯ баромад,
Ба мисли боди саҳро чопар омад,
Ба Маъмун номае аз номи Маҳмуд
Баровард ӯ сияҳтору сияҳпуд.
Ва Маъмун номаро чун амри султон
Чу доное пазиро шуд зи нодон.
Чу онро хонд, дар андеша афтод,
Дарахти пешааш аз реша афтод.
Бигуфто: «Ибтидою интиҳо шуд,
Дареғо, ҷони мо аз мо ҷудо шуд.
Ҳамин раъй аст он султони динро:
Пазирам ё шуморо ё нигинро.
Саҳар Микол[1]ояд, то рабояд
Шуморо аз ману аз ин вилоят.
Чу нерӯе надорам дар масофаш,
Сар афкандам ба ин амри хилофаш.
Ба Ғазнин ҳар кӣ раҳ гирад, бигирад,
Касе роҳи дигар дорад, пазирад».
Ва Сино хандаи талхе бино кард,
Ки ҳар чӣ ӯ ба мо кард, ӯ зи мо кард.
Азизон, бори дигар ман бидидам
Ба исботи ҳамин баҳси ҷадидам,
Ки кори шишаю санг аст олам,
Ба Маҳмуди гадо танг аст олам.
Абӯрайҳон, чи дидӣ аз фишораш?
Ки аз худ меравӣ дар ихтиёраш.
Чаро дар худ наметаркӣ дарунӣ?
Ки таркиш хуштар ояд аз забунӣ.
Чу он назми куҳан омад дубора,
Ту шиша гаштию ман зарфи хора.
Ту роҳӣ мешавӣ то сӯи дарбор,
Раҳи ман мебарад то сӯи асрор.
Ҳамин сония он маҳфил ҷудо шуд,
Яке бо худ, дигарҳо бо Худо шуд.

[1] Абдулфазл Ҳасан ибни Микол – яке аз навкарони Султон Маҳмуд.

## Мушкилоти панҷ

Ишорат мекунад ирфон,
Чу аз идбору аз имкон
Нишопур гашт пур аз бонги омад-омади Сино,
Вале худ ончунон омад, ки буд пайдою нопайдо.
Ҳама ҷӯёи Сино, гунгҳо гӯёи Сино буд,
Тамоми дардмандон аз пайи пайдои Сино буд
Ва Сино то зи роҳ омад,
Ба сӯи хонақоҳ омад,
Ҳарифе ҷуст дар ин шаҳр, к-ояд ҳамрадифи ӯ,
Варо дар пӯстин дарёфт бо ҷисми наҳифи ӯ.
Ба дил гуфто: «Киро ҷустам, чи мебинам, чи меёбам
Аз ин хиргоҳи пуродам, аз ин даргоҳи беодам?»
Гурӯҳе дид дар савму сало бо Пири Меҳонӣ[1],
На бо дастури исломӣ, на бо дастури имронӣ,
Ҳама дар худ фурӯ буданд,
Шароби дар сабӯ буданд,
Худоро дар худӣ дар ҷустуҷӯ буданд.
«Шудам ворид,
Наҷунбид
Ҳеҷ кас ҳамчун пари коҳе,
Чи дастури назарбинӣ, аҷаб роҳи дилогоҳӣ!
Нишастам гӯшае, сарпӯшае бардоштам аз дил,
Дигар сарпӯшае бархост аз худҷӯшии маҳфил.
Зи роҳи ақл рафтам дар тариқи нақлии эшон,
Дили худ ҷамъ медоранд худбинону худкешон.
Дар ин дунёи бесомон, дар ин саҳрои бедомон
Ба ин тобу тариқат менагардад мушкиле осон.
Чи ранҷу дардҳоро дидаам дар умри кӯтоҳам,
Чи банди нокушо бикшудаам дар нимаи роҳам.
Агар хосони ҳақ боре раванд аз хештан берун,
Аз ин зовияи дарбастаи худ – аз кафан берун,
Ба чашми сар бубинанд, он чи ман дидам,

[1] Шайх Абӯсаид Пири Меҳонӣ – намояндаи бузурги тасаввуф, ки бо Ибни Сино мукотиба доштааст. Баҳси онҳо дар Шаққон ба амал омадааст.

Ҳазорон ҷони ларзонро ба зиндони бадан дидам.
Зи дарди мардумон гарде шаванд огоҳ,
Ба ранҷи мардумон боре шаванд ҳамроҳ,
Бигарданд аз худӣ, мардум шаванд эшон,
Наҷуста қутбро, анҷум шаванд эшон...»
Дар ин андеша будам, маҷлиси хосон дуоӣ шуд,
Пасон аз шайх моро як саломе чун худоӣ шуд.
Магар он Пири Меҳонӣ парешон ёфт авзоям,
Чие бархонд аз пинҳону пайдоям,
Бигуфто: «Эй азизон, гар чунон бинам, ки мебинам,
Ба ин ҷо мантиқӣ омад барои баҳси деринам.
Варо бо ман, маро бо ӯ гузоред аз атои худ,
Шумо ҳам бо Худо бошед, мо ҳам бо Худои худ...»

**Шайх Абӯсаид:**
– Накӯ пайғом будӣ, омадӣ охир,
Ба пои худ расидӣ ё ба пои дил?

**Ибни Сино:**
– Зарурат аз қафо дунболагир омад,
На банда, аз камони давр тир омад.

**Шайх Абӯсаид:**
– Замона то кунун тиру камон дорад?
Чу Яздон дар бағал хатти амон дорад.

**Ибни Сино:**
– Агар шайхам зи ҳоли осмонҳо огаҳӣ дорад,
Қазоро, аз само дар ҷои борон тир меборад.

**Шайх Абӯсаид:**
– Чу мо фосилаи арзу саморо дӯхтем аз ишқ,
Дар ин фосила чандон сохтему сӯхтем аз ишқ,
Баланду паст шуд ҳамвора монанди кафи дастам,
Набошад тир дар дасташ,
Набошад тир дар қасдам...

**Ибни Сино:**
– Бигирям гар ба ҳоли даҳр, механдӣ,
Бихандам гар ба аҳволи ту, меранҷӣ.
Ман ин саҳро ба по паймудаю бо ақл санҷидам,
Ба ҷои тайр садҳо тирро дунболапар дидам.

**Шайх Абӯсаид:**
– Ҳаким, ин амри ботилро маёвар пеши рӯи ман,
Ки ман худ эминам, бошад амонӣ чорсӯи ман.

**Ибни Сино:**
– Нагардӣ то ҳадаф бар тиру пайкона,
Ки дар суръат уқоб аст он,
Ту дар суннат чу парвона,
Наояд бар ҳадаф тирам,
Бубахш, эй пир, тақсирам!

**Шайх Абӯсаид:**
– Ба амри ҳақ вуҷуди хокии одам
Бишуд аз баҳри ҷон маскан,
Тани фосид барои дардҳо пайдост,
Азоби ӯ барои рӯҳу ҷон авлост;
Чаро мекӯшӣ умре дар давои тан?
Шаби ялдо ба шамъе кай шавад равшан?

**Ибни Сино:**
– Тани солим бинои ақли солим аст.
Агарчи ними рӯ ним аст,
Агар он нимаро дард аст,
Аз он ними дигар зард аст.
Чу аз дарди шумо як хонақо дард аст бедармон,
Яке солики саргардон,
Яке муршиди бефармон,
Яке қутби висоли роҳи бепоён,
Гузида хонашерони шумо дар хонақо майдон,
Дигар майдони дунё аз далерон аст,
Баландӣ аз уқобону нишебӣ ҷои шерон аст!

**Шайх Абӯсаид:**
– Чу одам дар камоли зотии худ кӯтаҳӣ дорад,
Камоли воқеӣ аз баҳри хосон як раҳе дорад.
Дар ин раҳ чор даргоҳ аст:
Дари ҷаҳду яқин, дарвозаи ишқу дари тавҳид,
Ки дар поёни раҳ бошад камоли эзидӣ уммед.
Чу устурлоби асрори Худо ишқ аст, бо нафрин,
Ба тиру найзаю ханҷар наёбад корҳо тазмин.
Ҷиҳоди мо – риёзи тан, ҷиҳоди табъи инсон аст,
Дар ин ҷоҳида қутби олами имкон имкон аст.

**Ибни Сино:**
– Ба ҳикмат бар худоҷӯ як Худо кофист,
Чу аз баҳри замине як само кофист.
Ба одам одамӣ будан муроди ӯст,
Ки як ҷавҳар маводи ӯ, ниҳоди ӯст.
Худоро, ҷавҳари инсон куҷо бошад?
Куҷо як киштзоре дар само бошад?
Ҳақиқат ончунон гӯяд, ки мегӯяд,
Ки ҳар ҷинсе зи ҷинси хеш мерӯяд.
Агар шайхам яқин аз ҷинси инсон аст,
Варо чӣ нисбате бо зоти Яздон аст?
Вале нафси башар бо сураташ пайдост,
Чу сурат бишканад, сират пари анқост.

**Шайх Абӯсаид:**
– Мақоми аз ҳама боло атои Эзиди пок аст,
Ба ҳар хосе, ки арзонӣ бидорад, хок афлок аст.

**Ибни Сино:**
– Ба ҷисму ҷони одам ҳаст як умре сару корам,
Чу ман аз аҳли тиббу ҳикматам, ҳикмат талабгорам.
Макони қутби васли бандагон хок аст ё афлок?
Макони мавти шайхон бурҷи афлок аст ё дар хок?
Биомӯзед, шайхам чун Худо ё банда мемирад?
Зи дарди ҷонгудози одамӣ ё зинда мемирад?

**Шайх Абӯсаид:**
(Каломе лоҷавоб омад,
Сукуте дар гаронӣ ҳамчу хоб омад).
– Ба ҳар навъе, иваз созем ҷою ҷомаро охир,
Ба номи худ фиристонем охирномаро охир...
Хабар н-омад ба шайх аз манзиле дигар,
На аз қаъри гиле, не аз диле дигар...

## Мушкилоти шаш

Ба ҳар ҷо расидам, балое расид,
Зи ҳар санги хоро салое расид.
Ҷаҳон рафта аз ёди Яздон чунон,
Куҷо некмарде, ки созад ҷаҳон!
Агар даври Маҳмуд даврон бувад,
Аз он чархҳо чаппагардон бувад.
Зи пастии фикру баландии даст
Шуда илму фанро нишонанда паст,
Биҷӯяд ба аҳли башар як калом:
Асири ҷаҳолат, ғуломи ғулом.
Чу девон биҷангад ба нури саҳар,
Ба нури саҳар нест дасти зафар.
Бузургон чу тухми сухан коштанд,
Халоиқ аз он баҳра бардоштанд.
Вале шоҳ хоҳад аз ин хокдон
Барорад зи бун тухми деҳқон ба дон.
Надонад, ки як дона сад дон шудаст,
Ки як ҷони равшан дусад ҷон шудаст,
Ки ҳар ҷон, ки равшан шуд аз ин чароғ,
Сиёҳӣ нагирад зи дуди димоғ.
Ҳама амри ӯ зидди амри ман аст,
Натанҳо ба ман, бо фанам душман аст.
Агар ман бубахшам якеро даво,
Диҳад ӯ лакеро ба боди фано.
Ба аввал нагун кард ӯ маҳди ман,
Бурид аз Ватан риштаи аҳди ман.

Кунун банд орад ба ҳар ҷаҳди ман,
Дареғо зи аҳди ману маҳди ман!
Чу ғунҷида будам ба махде ба ноз,
Ба кас ҷуз ба модар набудам ниёз.
Кунун аз бузургӣ нағунҷам ба шаҳр,
Битарсам, замоне нағунҷам ба даҳр.
Биҷустам ба чашму ба ақлу ба пой
Замину замонро шаҳи некрой.
Шунидам, ки Кобус шаҳи кадхудост,
Ба аҳдаш ҳама аҳди Сосон баҷост.
Ба Гургон кунун расми гургон бубин,
Хирадро ба ҷанголи нодон бубин,
Ки Қобус он тухмаи Вушмгир
Ба дасти писар[1] шуд забуну асир.
Ба Мозандарон ку ғиреванда шер,
Ки ин ҷонваронро биёрад ба зер?
Сафар кард Рустам аз ин достон –
Навишта бад-ин хок аз бостон.
Фиребо шуд овозаи Вушмгир,
Надорам ба Гургон дигар чашмгир.
Чу умре сипардам ба оворагӣ,
Дили халқ ҷустам ба дилпорагӣ.
Яқин буд, ки ёбам дили ҷамъи хеш,
Фароҳам кунам илмҳои париш.
Чи бахти нагунсорам эҷод шуд,
Умедам на бар хок, барбод шуд!
Ба шукронаи неъмати илму фан,
Ки дорад ба паҳнои дунё ватан,
Ба Гургон харидори нав ёфтам,
Ба сар ахтари тозае тофтам.
Дари хонаи марди Шероз[2] боз
Ва маҷлис биҷӯшад шабони дароз.

---

[1] Манучеҳр – писари Шамсулмаолӣ амир Қобус ибни Вушмгир бо иғвои сипоҳиён падарашро банди зиндон карда, ба қатл расонд.

[2] Ибни Сино муддате дар хонаи Абӯмуҳаммади Шерозӣ истиқомат кард ва ба таълифи китоб машғул шуд.

Аз ин ҷамъи доништалаб хушдилам,
Ки кишти Бухоро диҳад ҳосилам.
Ба «Қонун» даре боз кардам шабе,
Ки будам гирифтори тобу табе.
Ба Шабдизи ин дард бошад савор
Ҷамоат ҳама шаб ҳазору ҳазор.
Аз ин дард ҷамъе шавад порикоб,
Бисӯзад ба оташ, биларзад ба об.
Чу тавфиқ бошад, зи по афканам
Ман ин дардро бо тану бо фанам.
Шудам бо «Маҷистӣ»[1] шабе ҳамнишин
Ба таъбири аҷсоми арши барин.
Масоили ин фан ба Юнон бувад,
Маро мақсади илм кайҳон бувад.
Ба он шаклу манзар камӣ мекунад,
Чу иқлими Юнон намӣ мекунад.
Агар манзари илм як кишвар аст,
Сари бетан асту тани бесар аст.
Ман онро фарохурди олам кунам,
Ду қитъа, ду қатра ба он зам кунам.
Чи неъмат, ба ғурбат ватан ёфтам,
Бародар ба илму ба фан ёфтам.
Чу Ҷузҷонӣ донишварам ёр шуд,
Ки офияти умри пурбор шуд.
Чу дар васли илму амал сохтам,
Ба таҷрибаам нек бишнохтам.
Агар фазл дунёст, беманзил аст,
Агар илм дарёст, бесоҳил аст,
Агар меҳр вақти ғурубу гусел
Нишинад ба дилҳо, барояд зи дил.

[1] «Ал-Маҷистӣ» – китоби ҳайати Батлимус – Птолемей – Путолемейи юнонӣ, ки Ибни Сино онро шарҳу такмил додааст.

## Мушкилоти ҳафт

Фарри шоҳон чун зи мардон рафтааст,
Рустам аз майдон ба кайҳон рафтааст,
Рӯй овардем бар даргоҳи зан,
Нармсӯз аст оташи хиргоҳи зан.
Сӯи Рай рафтем аз роҳи Ҷибол,
Аз дами сайёд монанди ғизол.
Дар дами Рай пешвозам омаданд.
Чорагарҳо чорасозам омаданд.
Хоса манзил буд, он ҷое шудам,
Баъди ранҷе дар дилосоӣ шудам.
Пас ба Ҷузҷонӣ ба дарбор омадем,
Бо Сайида[1]мо ба гуфтор омадем.
Буд малика рӯи тахту зери тоҷ,
Гуфт: «Илоҷе кун, агар дорӣ илоҷ...
Вориси ин тахт ин бадбахт шуд,
Сустии нафсаш балои сахт шуд.
Ин Маҷидуддавла фарзанди ман аст,
Бо билоду мулк пайванди ман аст.
Ҷамъ бошад дар сари сомони хеш,
Лек дар кори ҷаҳон бошад париш.
Ҳаст кӯтаҳ ақли ӯ бо умри ман
Дар умури кишвару ҳифзи Ватан...»
Гуфт Сино: «Умратон бодо дароз!
Дард агар кӯҳ аст, гардам чорасоз».
Дар муоина шудам беморро,
Боз бинмуд ӯ дари асрорро:
«Ғам агар дард аст, ғамбемор ман,
Сар ниҳода пеши ӯ ночор ман.
Ман малики ин билоду кишварам,
Ҳукмрони мулк бошад модарам.
Соли манро рӯзу шаб кам мекунад,
Ӯ ба умри хештан зам мекунад.

[1] Чун Маҷидуддавла – писари Сайида Малика-хотун ба синни балоғат нарасида буд, вилоятро модараш идора мекард.

Бо чунин аҳвол чун ёбам камол,
Давлати модар куҷо ёбад завол?!
Решаи дардаш бурун аз хок буд,
Сустии тан, сустии идрок буд.
Боз савдои вилоят дар сараш
Ҳалқа чун мори сияҳ дар бистараш.
Бӯалӣ гуфто, ки ин амри ман аст,
Амри фан бар касрати ҷону тан аст:
Аз ҳама фикри худӣ озод бош,
Аз ману дидори модар шод бош.
Давлати дидори модар кимиёст,
Ки ба дарди бедавоиҳо давост.
Баъд аз ин дорую дармонат кунам,
Мулки танро зери фармонат кунам.
Сар ниҳод ӯ зери фармони ҳаким,
Дасти кӯтоҳеву домони ҳаким.
То бад-ин минвол як моҳе гузашт,
Гӯиё аз теғи ҷарроҳе гузашт.
Рафт ранҷу шуд саломат ёри ӯ,
Ҷуръат афзун мешудӣ дар кори ӯ.
Чун ба ҳаждаҳ шуд баробар соли ӯ,
Тундие бархост аз омоли ӯ.
Шуд талабгор аз малика тахтро,
Бурд аз даргоҳи модар бахтро.
Аз ҳамин дарди гарон модар гузашт,
Пас балоҳои замин аз сар гузашт.
Чун маликро заъфи модарзод буд,
Корҳо на аз хирад, аз бод буд.
Кард исён зидди ӯ хайли сипоҳ,
Буд ҳайрон, то куҷо орад паноҳ.
Номае бинвишт бар Маҳмуди шар,
То ба дасти ӯ ба худ ёбад зафар.
Аз қазо, Маҳмуд аз Мозандарон
Сӯи Рай меомадӣ бо лашкарон.
Номаро бигрифту амре боз дод,
Амрро бепарда, бепардоз дод.
Гуфт: «Ҳоҷиб, ҳар чӣ дар ин нома аст,

Баҳри мақсуди шумо чун ҷома аст.
Мард бошад, бар Ватан сар медиҳад,
Ин ба тасхири худаш зар медиҳад.
Ин амир аст ё ки тифли бесар аст,
Ки варо бозӣ ба дурру гавҳар аст.
Ё сари бозӣ ба султон мекунад?
Ё маро пиндори нодон мекунад?
Гар ба тазвир аст, аз тадбир нест,
Дар қусури ӯ маро тақсир нест.
Аз зару гавҳар магардон рӯйро,
Лек аз майдон баровар гӯйро.
Ин амири бехирадро даст гир,
Ман бубинам, то куҷо бошад амир!
Қарматиҳоро чу асрори баланд
Каш якояк бар сари дори баланд.
То бидонад, амри султонӣ куҷост,
Пояи ҷоҳу ҷаҳонбонӣ куҷост?
Амри султонӣ зи яздонӣ гузашт,
Аз ҳади доною нодонӣ гузашт.
Рӯзи дигар субҳи содиқ шуд гувоҳ:
Худ Маҷидуддавла бо чандин сипоҳ
Омаду бо душманаш ҳамроҳ шуд,
Баста шуд... Охир саги даргоҳ шуд.
Ҳаст дар бозии қисмат шеваҳо,
Аз шаҷар афтад аҷоиб меваҳо!
Кист дар хуни худӣ зомин шавад?
Душмани худ, душмани ойин шавад?!
Кист аз беборагию бесарӣ
Дод бар марги муфоҷо кишваре?!
Амри султон бо масал омад баҷо,
Дар бало беҳтар, ки дар бими бало...
Ҳар дарахти бебаре пурбор шуд,
Дод шуд, зеби сару дастор шуд...
Дарди шоҳон аст дарди бедаво,
Аз чӣ бахшидам ба нодоне шифо!
Ман сабабгори ҳамин маҳшар шудам,
Зидди шар будам, зи аҳли шар шудам.

Ман, ки будам дар набарди неку бад,
Дар набарди нуру зулмат то абад,
Рӯ ба рӯ гаштам ба зулматпешае,
Чун кунам дар ҷанги ӯ? ... Андешае...
Ҳайфи ин дониш, ки ғофилгир шавам,
Равшаниро аввалу охир шавам,
Разми мо боқист бо назми куҳан,
Дасти мо болост аз гӯру кафан...

### Мушкилоти ҳашт

Худованди «Қонун»-и хокисиришт
Зи дӯзах баровард ё аз биҳишт,
Яке наъши неврафтаро ними шаб,
Ба расми кафандузди «дунёталаб»,
Ба таҳхонаи тор овард рост,
Ки амри ҳақикат ба ҳақ норавост,
Ба болои мизаш чу бигзоштанд.
Ҳама роз аз хона бардоштанд[1].
Ду тан аз балохона боло шуданд,
Калиди дари роз ҷӯё шуданд.
Яке монд бо наштару бо фанаш
Ва ҷисме ба сардии сарди танаш.
Биафрӯхт шамъе ба тори сараш,
Бисанҷид сар то ба по пайкараш,
Яқин кард Сино, ки ҷисми зан аст,
Ки дар паҳнаи синааш барзан аст.
Ва Сино бигуфто: Дар ин доварӣ,
Ба амри ду ҳақ мар маро хоҳарӣ.
Ва аз пайкари ғам кафан баргирифт,
Ки хуни ҳаким дар бадан даргирифт.
Бипӯшид чашму бигардонд рӯй
Аз он рӯи зебо, аз он мушкмӯй,

[1] Дар Ҳамадон шогирдони Ибни Сино пинҳонӣ ҷасади мурдаҳои навро барои муоинаву таҷриба берун меоварданд. Аз рӯи зарурати тибби амалӣ ӯ гуфта буд: «Барои ман ҷисме аз фанни Гален муҳимтар аст».

Аз он пайкари поки имдодҷӯй,
Ки аз барги гул рафта ҷонаш чу бӯй,
Аҷаб пайкаре дид, дар рӯзгор
Накарда танашро касе дар канор
Ба ҷуз хокдону ба ҷуз модараш,
Бигашт аз буридан дами наштараш,
Наомад баробар ба ӯ ҷавҳараш.
Қасам хӯрд дар пайкари мармараш:
«Агар аз биҳишти гумонӣ туро
Чу Момоҳаво ман бикардам ҷудо,
Бубахшо, чу фирдавси дунё манам,
Ба умри абадхоҳию бофанам.
Кашидам агар з-оташи дӯзахат,
Чаро нест доғе ба моҳи рухат?
Чаро нест дуде ба ҷуз мӯи ту,
Чаро нест чине ба абрӯи ту?
Чаро нест осори оташ туро?
Куҷо рафт ҷони мушавваш туро?
Набинам асар аз азоби анин,
Набинам асар аз саломи замин.
Бад ин шевае, ки туро ёфтам,
Ба як мӯя сад мӯй бишкофтам,
Ки аҷсодро хайру шар нест, нест,
Гунаҳ ҷуз ба нафси башар нест, нест.
Ба таъҷил рафтӣ чаро, эй парӣ?
Надорам ман эъҷози пайғамбарӣ,
Ки бо як нафас ҷон атоят кунам,
Магар ҷони худро фидоят кунам.
Ба сарвақти ту рафт аввал казо,
Намуда зи рӯҳу равонат ҷудо.
Агар мерасидӣ ба як шом пеш,
Аз ин бехудиям ба як ҷом пеш,
Агар хуни ту сар ба сар заҳр буд,
Фани ман чу дарёи позаҳр буд.
Кунун заҳр шуд нӯшдоруи ман,
Ба ҷои ту бояд, ки пӯшам кафан,

К-аз ин шармсорӣ биёбам раҳо,
Ба дарди ту дигар надорам даво...
Аё мӯи шабрангу эй рӯи рӯз!
Гирифтори он оташи хонасӯз,
Ки дар санги хоро асар мекунад,
Зи санг оҳи сангӣ бадар мекунад.
Аё навварӯси арӯси кафан,
Ки хушкида хунат зи ғам дар бадан,
Ба номат бубахшам китоби шифо,
Ки дарди замонро биёбам даво,
Ки дарди ту дарди замон ҳасту бас!
Ки марги ту марги замон ҳасту бас!
Дар ин музтарию дар ин бедарӣ
Баровард фарёд то Муштарӣ.
Бигуфто: Худованди ҷонофарин,
Ту чархи бариниию Сино –замин!
Ту ҷонбахшу ҷонгиру ман ҷонхарам,
Туӣ додгустар ва ман доварам.
Ба ин пастӣ охир чаро аз фароз
Диҳӣ кӯтаҳӣ кори дасти дароз.
Агар амри кул чун атои шумост,
Ҳама амри ҷузъӣ ба фармони мост.
Дар ин тирашаб нури тобон манам,
Агар ҳаст донои нодон, манам!
Битарсам, ки нурам барорам бурун
Аз ин тангнoю бигардам забун.
Чу соя зи думболи ман соят,
Басе шайхи гумроҳи ҳамсояат,
Ки амри маро куфр эълон кунанд,
Ки фанни маро фанни шайтон кунанд...
Чу ман бо аҷал ҷанг дорам, чаро
Азалро сипар мекунӣ, эй Худо,
Агар ҷанг ҷӯӣ дар ин корзор,
Бигирам зи ту парда, эй пардадор!

## Мушкилоти нуҳ

Ҷаҳон охир чу зиндони башар шуд,
Ҷавонмардӣ ҳама зери сипар шуд.
Фани ман аз замин то осмонҳо
Ба ҳикмат боз медорад ҷаҳонҳо.
Бувад ҳар одаме чун олами ман,
Ғами олам барояд аз ғами ман.
Чу дар рози ҷаҳон рафтам, расидам,
Ба роҳи ақли худ банде надидам;
Ба ҷуз банди аҷал, ки дар замин аст,
Надонӣ дар куҷое дар камин аст:
Ба дарбор аст ё дар зери дор аст?
Ба зери об ё дар кӯҳсор аст?
Намедонӣ, ки ӯ ҳамроҳи дард аст?
Чу марде ё ба майдони набард аст?
Надонӣ, дар фасоди тан ниҳон аст
Ва ё бо ҷон равон асту равон аст.
Надорам шиквае аз ин амирон,
(Ба доми ҷаҳлу нодонӣ асирон).
Намонда сар яке дар болиши ман,
Начида донае аз дониши ман;
Ба вақти дард ё донотароше
Кунанд аз баҳри доное талоше.
Маро боре ба маснад мебароранд,
Сипас то зери зиндон мефароранд.
Ҷаҳондорӣ агар илми барин аст,
Чаро гаҳ рӯи зин, гаҳ зери зин аст?
Ҷаҳондоре, ки аз худ бохабар нест,
Зи ганҷи адлу дониш баҳравар нест,
Раҳи ӯ ҷуз ҳамин зеру забар нест:
Чи соҳибтоҷҳо соҳиби сар нест!
Ҳамадон гар надонад, ман бидонам,
Зи дигар кону аз дигар маконам.
Вале чун роҳи дониш пеша кардам,
Ба зоти фан басе андеша кардам:
Чу дониш бемакону бомакон аст,
Аҷаб соҳибҷаҳони беҷаҳон аст!

Нашояд, ки шавад моли амире,
Чу ман дар ҳалқаи дунё асире...
Чу Шамсуддавла[1] шуд тобутсавора,
Ба ӯ кардам ато умри дубора.
Кулинҷашро кашидам аз ниҳодаш,
Валекин монд дар сар кибрбодаш,
Ки он бодаш балои ҷони мо шуд,
Аз ӯ моро ду зиндоне ато шуд...
Чу будам банди зиндони маҷозӣ,
Надорам бими зиндони асосӣ...
Чу зиндон аз барои зиндагон аст.
На зиндоне барои мо ҷаҳон аст?
Чу бо фан зиндаам, дар фан бикӯшам,
Бимонад бори дунё бори дӯшам.
Кушоям равзани дигар ба «Қонун»,
Фаро гирам гиёҳи кӯҳу ҳомун.
Зи заҳри мору бӯи гул бисозам
Яке таркиб, к-ояд чорасозам.
Ба асрори табиат рафтан осон,
Аз он ҷо барнахезад макри инсон.
«Шифо»-ро мекунам шаҳпули дунё
Ба рӯи панҷ ҳикмат – панҷ дарё,
К-аз он бошад гузар ақлу хирадро
Зи Юнон то Бухоро – неку бадро.
Барои ошиқон кардам рисола
Зи ишқи Ҳай[2], ки сӯзад чун ҷавола...
Ба ин ҷо гаҳ вазиру гаҳ асирам,
Гаҳе зери назар, гаҳ беназирам.
Басе омехтам бо дардмандон,
Забони ростгӯям зери дандон,

---

[1] Шамсуддавла – амири Ҳамадон то ҳадди Ироқ, писари дуюми Сайидо буд. Вақти расидани Ибни Сино ба Ҳамадон ӯ ба дарди қулинҷ гирифтор буд. Баъд аз муолиҷаи қулинҷаш Сино ба сарварии вазорати ӯ расид.

[2] «Ҳай бинни Яқзон» – қиссаи ишқии Ибни Сино, ки дар зиндони Ҳамадон таълиф шудааст.

Ки дарди ин замон танҳо ба тан нест,
Илоҷи дардҳо танҳо кафан нест,
Ки ин дарди замони бенизом аст,
Замон аз ранҷрӯзиҳо тамом аст.
Чи чора, чорасоз умре ба банд аст?
Фани ман дар шикели банду фанд аст!
Ба нафси кишвари шамси вилоят
Ҳамин кишвар наомад дар кифоят,
Ба Торам[1] лашкари таррор мебурд.
Сари худро сари бозор мебурд.
Ба ними раҳ қулинҷаш тоза гардид.
Намурда, мурданаш овоза гардид.
Аз ин раҳ мурдабор омад сипоҳаш,
Чу аспи бесавор омад сипоҳаш.
Валиаҳдаш[2] нишаст андар мақомаш,
Савори аспи безину лаҷомаш,
Ки ин аспи саворандози тозӣ
Ба ҷиддӣ мебарад анҷоми бозӣ...
Самоуддавла гуфто: «Ин аморат
Мабодо бе вазиру бе вазорат!
Чу Сино марди ботадбир бояд,
Ки қадри маҷлиси моро фазояд.»
Ҳаким гуфто: «Баландиҳои ҳикмат
Намерӯяд ба пастиҳои фитрат».
Чу медонист қавми бевафоро,
Зи дӯш андохт ин бори балоро.
Чу дилгир аз шару шӯри ҷаҳон шуд,
Чу бӯи гул ба барги гул ниҳон шуд.
Панаҳ додаш Абӯғолиби аттор,
Ки сирри хона нафрӯшад ба бозор.
Ба мантиқ баст ӯ боби «Шифо»-ро,
Кушода ҳикмати арзу саморо.

---

[1] Лашкаркашии Шамсуддавла ба кӯҳистони Кирмоншоҳ дар назар дошта шудааст.

[2] Баъди дар нимароҳ мурдани Шамсуддавла писараш Самоуддавла ҳокими Ҳамадон шуд.

Самоуддавла бо тоҷи амонат
Ба гардан баст Синоро хиёнат.
Нишонда дар Ҳисори Фардҷонаш,
Баробар кард ӯ суду зиёнаш.
Ҷаҳон хоб асту ӯ шабзиндадор аст,
Ба тадбири ҷаҳон дасте ба кор аст.
Нишаста ӯ ба ҷурми бегуноҳӣ,
Яке аз Исфаҳон омад сипоҳе.
Алоуддавла[1] дар тасхири ин хок
Биёмад бар ҳарифи суст чолок.
Амири беҷигар аз бими ҷонаш
Бурид аз кишвару аз хонадонаш,
Панаҳ овард рӯзе ихтиёрӣ
Ба зиндоне, ки ман будам ҳисорӣ.
Агар ин аст расми мулкдорӣ,
Мабодо дар ҷаҳон як тоҷдоре!
Чу ҷангу ҷӯши шоҳон гашт хомӯш,
Чу деги хомкорӣ монд аз ҷӯш,
Шаҳу зиндониён гашта баробар,
Бурун рафтанд аз зиндони якдар.
Аз ин ҷо риштаи ёрӣ буридам,
Ба сӯи Исфаҳон чашми умедам.
Шабе бо хилъати дарвеш рафтем,
Бало аз пушту роҳ аз пеш рафтем...
Чи меҷӯям қароре зери гардун –
Ба Алванду ба Гургону ба Ҷайҳун?!

**Мушкилоти даҳ**

Расидем то марзаи Исфаҳон
Ба дастури дарвеш бо ҳамраҳон.
Ба мо шуд ато хилъати хосае,
Бидидам дар ин коса нимкосае.

[1] Алоуддавла –амири Исфаҳон, ки бо Ибни Сино мукотиба дошт ва ӯро ба дарбори худ мехонд.

Ба дарбор рафтам фурӯ зери бор,
Ки рӯзӣ чӣ бошад аз ин рӯзгор?
Амири вилоят ба иззи тамом
Маро дод болою воло мақом.
Ба ҳар ҷумъа мешуд бапо анҷуман
Зи назми навину зи расми куҳан.
Басе куҳнадӯзон сало мезаданд,
Хирадро ба боди фано мезаданд.
Ҷавон пир буду ҷаҳон пиртар,
Замон оҳу ҳар оҳ шабгиртар.
Ҷаҳон ҳамчу шабгардии осиёст,
Ки санги забар гаҳ зи тираш ҷудост.
Чи тарсе зи гардуни гардон бувад?
Ва Маҳмуд серӯза даврон бувад.
Басе даври дигар барояд зи тир,
Шавад ҷаҳл дар пои доно асир.
Кашидам чу ин ҷамъро аз гиле,
Аз ин мазраи хушку беҳосиле.
Зи илму ҳунар баста зарринкамар,
Кашиданд теғе зи пушти сипар.
– Расидам замоне ба сомони хеш,
Фаро кардам илми парешони хеш.
Кашидам фани худ ба лафзи дарӣ,
Ки ояд аз он шеваи модарӣ.
Чу гуфтори ман бо ҳамин лафз буд,
Маро набз буду маро нафс буд...
Қазоро расид аз Хуросон хабар,
Ки Маҳмуд бинмуд азми сафар –
Ба он кишваре, ки наояд дигар,
Саровард кишти муродаш самар...
Зи домони дунё гирифт устувор,
Ки доман надорад чунин беканор.
Гар ин пиразан доманафшон шавад,
Басе тифли якрав зи домон шавад!
Раво дид бар ман басе ранҷро,
Хато рафт султони шатранҷро.

Ба сахтии ҷабраш накардам дуо,
«Ки бодо зи тахту зи бахташ ҷудо».
Чу киноварӣ бар хилофи ман аст,
Ба ҳикмат хилофу хилофи фан аст...
Магар одам омад ба дунё бад-он,
Ки оташ занад дар сарои ҷаҳон?
Магар баҳри мурдан шуд одам падид
Ба ин кухнадунё ба расми ҷадид?
Агар тира будӣ ҷаҳонро умед,
Шабе менагардид рӯзи сафед!
Биё, косагул, фурсате май кашем,
Ки умрест ранҷи паёпай кашем.
Бубахшо даме равшанӣ бар димоғ,
Ки шабро сафедӣ бубахшад чароғ.
Муғаннӣ, бизан нағмаи бемалол,
Ки бошад ба бозӣ чу набзи ғизол.
Даме душмани сактаи дил шавад,
Муроди дили банда ҳосил шавад.
Ба рақс ой, эй Зуҳраи хокдон,
Биларзон тану муҳраи хокдон,
Ки аз бори сангин раҳонӣ маро,
Ҷаҳоне чи бошад, ҷаҳонӣ маро,
Ки дар мӯшикофии банди аҷал
Ҳамин мӯи мушкин расид аз азал,
Шавад гар аз ин мӯй рӯям сиёҳ.
Чи боке, агар ҳаст рӯе чу моҳ.
Ту, Ҷузҷонӣ, бикшо зи рӯи вафо
Яке боби ҳикмат маро аз «Шифо».
Равам то ба кори худӣ сарфаро:
Саропарда беҳтар, ки мотамсаро.
Чу ин маҷлиси унс поён шавад,
Ба ӯ сар ба сар меҳри тобон шавад.
Яке рӯзи дигар шавад рӯзгор,
Бубинем, фардо чи орад ба бор...
Чи шуд кори фардо, чи субҳе дамид,
Ки Масъуд бар мулк лашкар кашид.

Ғиреве бирӯид дар Исфаҳон,
Зи шарҳаш бисӯзад забону баён,
Ба ин ҷанг Масъуд масъуд шуд[1],
Ҳама буди ин хок нобуд шуд.
Ба ҷои падар ӯ зи ганҷури ман
Фаробурд дастору дастури ман.
Рабуданд аз хона «Инсоф»-ро,
Зи ҳар сафҳае нақши саҳҳофро.
«Зи ҳар роз ман парда бардоштам,
Мар инро барои ту бигзоштам?»[2]
Куҷо мебарӣ ҳикмати Шарқро,
Чи сон мебарӣ оташи барқро?!
Дареғо аз ин ранҷи рӯзу шабам,
Дареғо зи аҳволи тобу табам,
Дареғо зи ман, водареғо зи фан,
Шавад гар матое ба ҳар ду кафан!
Зи қаъри замин то ба чархи барин
Басе роҳ бурдам, ба ҷуз роҳи кин.
Ҳамин роҳ моро ба ғофил гирифт,
Дареғо хирадро, ки ҷоҳил гирифт!
Бубояд аз ин мулк берун равам,
Фаришта наям, то ба гардун равам.
Битарсам, ки гардем дар ин сафар
Ман аз оламу Олам аз ман бадар.
Дар ин ҷанг аз ҳарчи дорад вуҷуд,
Бимонад яке зинда – Зоиндарӯд!
Чу пояндагии ҷаҳон бо фан аст,
Бувад то фанам, ин ҷаҳони ман аст!

---

[1] Султон Масъуд ибни султон Маҳмуди Ғазнавӣ соли 1030 ба Исфаҳон ҳамла карда, китобхонаи Ибни Синоро ғорат мекунад, аз ҷумла «Китоб-ул-инсоф»-ро дар 20 муҷаллад, «Ҳикмати Шарқ», китоби шашуми «Қонун» ва дигар дастнависҳои гаронбаҳоро ба Ғазнин мебараду бо амри малик Ҳусайни Ғӯрӣ Тоши Фаррош ин ганҷинаро оташ мезанад ва Ибни Сино бори нахуст аз шиддати ғазаб ба касалии қулинҷ гирифтор мешавад.

[2] Ин байт аз қасидаи «Айния»-и Ибни Сино иқтибос шудааст.

## Ҳалли мушкилот

Ҷаҳонро ҷовидон гуфтию ҷовид аст,
Хирадро нур гуфтӣ, олам испед аст.
Замин ҳамчун сари шӯридаи инсони пурдон аст,
Фани ту, мадфани ту ҳамраҳи ӯ гирдгардон аст,
Ба зери теғаи Алванд, рӯи рукнҳои фан
Гирифта гунбази сабзе чу ақли одамӣ маъман:
Ишорат бар сарони сабзи Инсон асту ирфон аст,
Чу рамзи сарбаландиҳою азми сарбадорон аст,
Ки зери бору зери дор,
Зери ханҷари хунбор,
Ҳама фарзонаю мардона бигзаштанд аз пайкор...
Бале, пайкор бошад,
То ҷаҳоне аз паи кор аст,
Даме, ки неку бад ҳампаллаю ҳамсангу ҳамбор аст.
Миёни асри мою асри пуршӯри шумо, устод,
Ҳазорон қабрҳо бархост,
Ҳазорон қасрҳо афтод.
Ҳазорон шаҳрҳо ҳамчун Бухоро шуд мазори мо,
Ҳазорон шаҳрҳо рӯид аз меҳри канори мо.
Ба нерӯи хирад охир баромад аз Замин Одам,
Ба авҷи осмонҳо, ду ҷаҳон гардид як Олам, –
Аҷаб Олам, ки маҳро дид чун саҳрои хокистар,
Аҷаб Одам, ки шуд бо Зуҳра ҳамовою ҳамбистар.
Ва холӣ ёфт бистарро ва худро ёфт, комил ёфт
Ва худро дар сари саҳрои киштат ҳамчу ҳосил ёфт.
Ва худро дар мақоме ёфт – дигар пасту боло нест,
К-аз он ҷо сад ҷаҳон пайдою як дунёи зебо нест;
Ба ҷуз дунёи инсонӣ, ки Инсон офарид онро,
Аз ин ҷо саркашону паркашон бигрифт Кайҳонро,
Ҳакимон бо аҷал имрӯз ҳам дасту гиребонанд,
Ба ҳукми фан ба ҷисми мурда ҷони тоза бахшоянд.
Вале банди аҷалро ҳеҷ кас накшуду накшоянд.
Барои бедилу соҳибдилон дил оварид Одам,
Ба одам нӯшдору, заҳри қотил офарид Одам.

Бале, пайкор бошад, то ҷаҳоне аз паи кор аст,
Кунун ҳам неку бад ҳамсояю ҳамсангу ҳамбор аст.
Чу некӣ маншаи Хуршед дорад, панҷаи Хуршед
Парасторӣ намояд зиндагониро ба сад уммед.
Заминро чун замон ӯ субҳгоҳон мекашад дар бар,
Ки ғайр аз оташи рӯяш нагирад оташи дигар...
Ба тӯфони ҷаҳолат аз биёбон новадон бурдӣ,
Ҳақиқатро, фазилатро миёни
бодҳо бебодбон бурдӣ.
Ва дар Алванд бандар ёфтӣ, эй марди тӯфонӣ,
Зи фазли форсӣ Алванд шуд Олимпи Юнонӣ.
Раҳи разми Худоёнро,
Раҳи базми гадоёнро,
Пазиро гашта яксон ёфтӣ болою поёнро.
Ту дарди мардумон ҷустӣ, ба дарди хеш дар мондӣ,
На бар болин, ба рӯи санги шер[1] оҳиста сар мондӣ.
Ба гӯшат мерасид аз дур танҳо аллаи модар,
Фуруд омад зи чашмат ашк ё ахтар?
Бубастӣ чашм ё равзан,
Вале аз равзаҳои илми ту чашми ҷаҳон равшан.
Ту мерафтию тобути ту чун сайёра меҷунбид,
Бухоро, модари зорат, сари гаҳвора меҷунбид.
Сароғозат Бухорою саровози ту Алванд аст,
Миёни ин ду манзил банд-банд, пайванд-пайванд аст,
Яке пайванди ҷисмонӣ,
Яке пайванди ирфонӣ,
Ту банду баст кардӣ марзро чун ҷисми инсонӣ.
Ба болои мазорат гунбазе чун косаи сарҳост,
Ба рӯи гунбази сабзат само чун гунбази дунёст.
Шафақ аз теғаи Алванд бар ҷоми Худовандӣ –
Ба рӯи гунбази ту аз майи сурхи самарқандӣ
Чу дар ҷоми нагуне бода мерезад ва он холист,
Ҷаҳон аз номи ту пур гашту он ҷоми Ҷаҳон холист.

[1] Санги шер дар Ҳамадон муҷассамаи табиии шер аст.

# ПАДАР[1]

* * *

Чор моҳи дароз дар Дарвоз
Роҳбанд Инқилоби пурэъҷоз.
Қалъаи бекаси амирон боз,
Кулбаи бехаси фақирон боз,
Ҳама ҷо боз, лек раҳ баста.
Роҳ чун риштаи гираҳбаста,
Овринги Каведа[2] – вайрона,
Пушти харсангҳо – ғазохона…

* * *

Меравад рӯди шӯх панҷи ба панҷ,
Роҳи лашкар гирифта сарҳади Ванҷ.
Осмон чун даричаи сангӣ
Мекунад бар ситораҳо тангӣ.
Капитан бо ду аскари барно
Раҳ гирифтанд лаб-лаби дарё.
Шаби торику соҳили тезоб,
Чашми тези қаровулон бехоб.
Се нафар меравад чу як лашкар,
Мерасад об аз камар то сар.
Лаби дарё, ки ташнаи хун аст,
Роҳ пурхавф чун шабохун аст.
Ду шарикаш, ки лоҷавоб афтод,
Дар таги об ё сароб афтод.
Ду шарора зи инқилоб афтод,
Ду ситора миёни об афтод.
Капитан бар масоф танҳо рафт,
Акси маҷрои тунди дарё рафт.
Субҳдам чун баромад аз дарё,
Дид худро миёни он дунё,
Ҷаст то шинаки Диловаршоҳ,
Аҳли хиргоҳро надид огоҳ.

---

[1] Мунтахаб чоп мешавад.
[2] Овринги Каведа – кӯҳи Каведа миёни Ванҷу Қалъаи Хум воқеъ аст.

Дид: саркор аз пайи кор аст,
Хоб рӯи камону бедор аст.
Баргирифт ӯ нишон ба шонаи ӯ,
Шонаи паҳни рустамонаи ӯ,
Аз қазо тири адл дарнагирифт,
Мурғи ҷони «шаҳид» пар нагирифт.
Тиру мили тапончааш тар буд,
Навбати имтиҳони ханҷар буд.
Гашт сӯи қафо чу сарлашкар,
Дид дар рӯ ба рӯи худ ханҷар,
Гуфт: «Агар сад ҳазор ҷон дорӣ,
Ҳамаро бошумор биспорӣ».
Даргирифт ӯю даргирифт камон,
Пардаи субҳ гашт пардадарон.
Ҳама ҷастанду адлро бастанд,
Бандро пушти асп пайвастанд.
Як асиру ҳазору як ғозӣ,
Ғозиён маст, масти ҷонбозӣ.
Сӯи Даштак намуда пешандоз
Ин шаҳидони зиндаи Дарвоз;
Капитан дар миёни ин даста
Буд чун шери даступобаста.
«Дӯстон, дӯстон, ҷидол кунед,
Рӯҳу ҷонро ҳақо ҳалол кунед», –
Гуфт ғозӣ... кашида ханҷарро,
Теғ зад тӯсро, санавбарро,
Ёри муздурро, бародарро,
Инқилоби азими кишварро.
Сад фидоӣ барои дасти ҳалол
Мезанад теғу захмҳо чу ҳилол
Мефитад аз ҳаво ба пайкари ӯ...
Медурахшад ситора бар сари ӯ...[1]
Охирин чора гашт бечора,
Инқилоби азим – овора.

[1] Оромгоҳи капитан Зинченко дар деҳаи Даштаки ноҳияи Ванҷ маъмур ва машҳур аст.

* * *

Гуфт бо дилхушӣ Диловаршоҳ,
«Ки ғазои Худоӣ дар шаш моҳ
Канд аз хок тухми кофарро,
Кошта тухмаи диловарро.
Панҷа зад чун Алӣ ба шонаи ман,
Давр-давру замон-замонаи ман!
Барг бе амри ҳақ намеҷунбад,
Бе сабақ як варақ намеҷунбад.
Нури Яздон, ки пеши рӯям буд,
Ду малоика аз ду сӯям буд,
Ҳама дар ғафлату Худо ҳозир,
Рӯ ба ҳақ будаму қафо бар тир,
Кофар омад, дами камон баста,
Баста омад, агарчи вораста...
Сад қасам мехурам ба номи Алӣ,
Саҷдаҳо мебарам ба Бурхи Валӣ[1].
Мекунам аз салиби кофарҳо
Наъли аспи шумо – диловарҳо!
Ҳаст ин теғи ман балогардон,
Аз паси теғи ман, мусулмонон!»

* * *

Капитан пора-пора мехобад,
Дар кулоҳаш ситора метобад...

* * *

Комисар аз сипоҳи сафбаста
Яккачин карду сохт як даста,
Дастаи тундгарди кӯҳнаворд,
Аҳли дил, аҳли роз, аҳли набард.
Гуфт: «Имрӯз вазъи мо ин аст:
Роҳ вазнину бор сангин аст.
Фасли сеюм дар ин замин бигзашт,
Ҷанги се фасл дар камин бигзашт.

---

[1] Мазори Бурхи Валӣ дар Сангвор аст.

Аз Каведа умеди мо канда,
Ағбае ҳасту роҳи чапканда,
Дараи Узбай, ки бероҳ аст,
Сардара хирман аст, хиргоҳ аст.
Ҳаст он ҷо камини Ғайратшоҳ,
Дастаи ғозиён ба ӯ ҳамроҳ.
Аз Бадахшон умеди ёрӣ нест,
Ки савобаш чу об ҷорӣ нест.
Кӯри Шермат ба тангии Мурғоб
Мекунад рӯзро ҳисобу китоб.
Полкҳои дигар дар он водӣ
Мекунад рустамию фарҳодӣ.
Лек раҳ баста сӯи Помир аст,
Роҳ ҳамчун тилисми Кашмир аст...
Шаб раведу дами саҳар бирасед,
Аз раҳи хавф бехатар бирасед.
Гар ба ғафлат раведу бетаъхир,
Сафи Ғайрат шавад сафи нахчир,
В-арна гардед рӯ ба рӯ бо шер,
Раҳбаладҳо ҳамин ду тан бошанд,
Аз фақирони ин ватан бошанд:
Ин Қаноат зи мардикорон аст,
Ҳам ҷаҳондида, ҳам забондон аст,
Ин Сироҷ аст марди тирандоз,
Роҳдони ягонаи Дарвоз.
Набарояд касе аз ин маҳфил,
Надарояд касе ба ин манзил!
Шаби бемоҳ пардадори шумо,
Инқилоб, Иттиҳод ёри шумо!»
Нақшаи раҳ ба дасти ботадбир,
Нақшаро роҳ мекунад таҳрир...

* * *

Соате рафту мо ниҳон рафтем,
Зери чашми ситорагон рафтем.
Шом чашми қаровулон кӯр аст,
Сардии шом неши занбӯр аст.

Якзабон гашта безабон рафтем,
Бор вазнин, гарон-гарон рафтем.
Мо зи пешу сипоҳиён аз дум,
Ҳамчу реша ва хӯшаи гандум.
Даҳани Об[1]масти хоб гузашт,
Бояд аз роҳи чун таноб гузашт.
Шарфаи пойҳо зи шарфаи рӯд
Буд мавҷуду буд номавҷуд.
Шаби торику чашми дил равшан,
Раҳи борику пеши раҳ душман.
Раҳравӣ шуд ба аскарон мушкил,
Сад гумон меравад зи дил то дил:
«Аз раҳи омма рафтан осон аст,
Баъд аз ин роҳ нобасомон аст,
Дараи Узбай, ки сартез аст,
Ҳар даму ҳар қадам балохез аст.
Ин мабодо, ки чанд танхоҳаш
Дидбонӣ кунад сари роҳаш,
Кори махфӣ чу ошкор шавад,
Охирин чора бебарор шавад.
Ё зи бими бало фирор кунанд,
Ё чунон шӯру корзор кунанд,
Ки шавад тангно ба сӣ аскар
Баҳри мо доми нанг, доми хатар,
Ман бимонам миёни кори савоб
Аз ду раҳ, аз ду сар миёни азоб...»
Роҳро қисса мекунад кӯтоҳ,
Гуфтаанд одамони дилогоҳ,
Роҳи яксоата ба хомӯшӣ
Буд сарборае ба ҳар дӯше.
Шуд ишорат барои дамгирӣ
Бе камингирию камонгирӣ.
Зери по дил, дили замин мезад,
Чархҳо чархи чанбарин мезад...

[1] Даҳани Об – номи ҷой, сари роҳи деҳаи Пшихарв.

Он тараф роҳ арсаи ҷанг аст,
Ҷодаи сарфароз аз санг аст.
Раҳравон дасти мою домани кӯҳ,
Мо ба доман, адӯ ба гардани кӯҳ.
Сад қадам пеш-пеш аз даста
Саду як раҳ гусаста, пайваста,
Роҳро озмуда баргаштем,
Раҳбару чопару сипар гаштем.
Камари кӯҳу дастаи шалпар
Сина бо синаю камар ба камар.
Шуд ишорат барои дамгирӣ
Бо камингирию камонгирӣ.
Чи хамӯшӣ, ки гӯш кар мешуд,
Нафас аз гӯшҳо бадар мешуд.
Таги по дар назар чу зерингоҳ,
Тори сар хам задаст хирмани моҳ,
Ба тарозуи вақт бахти сипоҳ, –
Паллае моҳу паллае дар ҷоҳ.
Як қадаммонии хато ин ҷо
Ҳаст роҳи яқини он дунё.
Ҳадафи роҳи мо чу ин дунёст,
Дар нишебу фарози он хаму рост
Рафтаю субҳ то макон бирасем,
На ба он... Мо ба ин ҷаҳон бирасем...
Пеши раҳ вонамуд кӯҳи баланд,
Ҳамчу марге барои марди лаванд.
Сар намуда ману Сироҷ ба фанд,
Шуд раҳи инқилоб нӯки каманд,
То кашидем ними аскарро,
Нима дидем хайли ахтарро.
Осмон ҳамчу ташти зар будӣ,
Вақт вақти ситорапар будӣ.
Пеши рӯ пуштае чу пушти наҳанг,
Аз куҷо то куҷост коми паланг?
Роҳ гирем бо рави нахчир,
Ҳар чӣ ояд, биояд аз тақдир...

То камингоҳ як-ду фарсанг аст,
Ёлаи бедарахту бесанг аст.
Раҳ гирифтем бо ҳамон дастур,
Зери боли ситораҳо мастур.
Ба замин зер мекунад «Максим»[1]
Синаамро чу пуштбори азим.
Синамолу гаваккашон рафтем,
Назди хиргоҳи ғозиён рафтем...
Гар ба хоки камин ҷабин монӣ,
Сина бар синаи замин монӣ,
Шавӣ огаҳ, ки хок дил дорад,
Ин куҳандард тасмасил дорад.
Ранҷи мо меравад барои замин,
Бӯалӣ нав кунад давои замин...
То расидем бар сари ёла,
Тофт гулхан чу хандаи лола.
Даври он ғозиёни имсола
Чун маҳи шомхӯрда бо ҳола.
Чун зафаркарда аз хатар ғофил,
Аз қазою дами қадар ғофил.
Шуъла мерехт аз ситораи рӯз
Ба замину замон чу пораи рӯз.
Шуд садо... Сӣ камону як «Максим»
Ҳалқаи хасмро намуд дуним.
Баъд «Максим» ба савтҳои дароз
Шуд ба кӯҳу камар танинандоз:
Ғозие тир бар ҳаво мезад,
Ғозие тир бар қазо мезад.
Субҳдам охири шабехун шуд,
Рӯи хуршеду хок гулгун шуд.
Субҳдам осмони сепора
Тифли хуршедро зи гаҳвора
Боз бинмудаю ба роҳ андохт,
Нури раҳмат ба ҳар гиёҳ андохт.

[1] «Максим» – номи пулемёт.

* * *

Бояд акнун ҳама шитоб кунем,
Бо Диловар сару ҳисоб кунем.
Аспҳо бесавору бесоҳиб,
Гашт аскар савору раҳтолиб.
Бояд аз Узбай фуруд оем,
Аз баландӣ ба Панҷрӯд оем.
Аз қафояш миёнагир кунем,
То ба ғафлат варо асир кунем.
Раҳ ба раҳ не паранда пар мезад,
Не касе бонг аз хатар мезад.
Зини аҷдодию савори навин,
Маркаби куҳна зери бори навин,
Шаш ҷиҳатро ба роҳ санҷидем,
То ба Даштак расидаю дидем:
Дастае беамон фирор намуд,
Дастае азми корзор намуд.
Аспҳо бастаю саворе чанд
Давр мезад ба даври меху каманд.
Аспи ғозӣ агарчи тозӣ буд,
Дар назар маркаби ҷувозӣ буд.
Дашт гардону асп гардон буд,
Чарх гардону бахт гардон буд.
Мефитодӣ зи тири якдаста
Ба замин ғозии камарбаста.
Буд ҷанги савора ҷанги бадав –
Ғарами коҳу боду кори алав.
Тунд бар пушти бодпо рафтем,
Ба камингоҳ аз қафо рафтем.
То расидем бар камингоҳаш,
На Диловар падиду не шоҳаш.
Соате пештар ба як даста
Садсавора зи оби яхбаста
Ҷасади ӯ гузашт аз дарё,
Монд дунё, гузашт аз дунё...

# КИТОБҲОИ ЗАХМИН

## I

Дару девору саҳни мактаби деҳа
Зи ҷасту хезу аз овоз меларзид,
Ба мисли селаи паррандаҳо тифлон
Аз ин озодӣ меболид,
Зи бонги занг метарсид.
Зи баъди бесарӣ аз бесаробонӣ
Хунук шуд бозии сарбозии тифлон,
Биёмад аз раҳи ҳаррӯзааш танҳо
Муаллима парешон, саргарон, ҳайрон.
Ба сӯи мо назар нокардаю бигзашт,
Ҳама дар ҷои худ ях баст,
Дусад чашми сиёҳ аз пушти ӯ мерафт,
Сукут аз ҷои худ ҷунбид, ях бишкаст.
Нафасҳо бастаю хомӯш мерафтем,
Муаллим рост бар золи калон мерафт,
Ҳама ором – кафтарбаччаҳои ром,
Зи пушташ ҳар диле бо сад гумон мерафт.
Ҳама дар ҷой биншастем,
Ӯ бар пой меистод.
Бигуфто бо садои хаста бе шеван:
«Муаллим ҷанг рафт... акнун ба ҷояш ман...
Ҳама ин ҷой мемонед,
Ҳама ин ҷой мехонед...»
Ва духтарҳо газида рӯймоли заргарониро,
Фурӯ бурданд фарёди аёниро.
Писарҳо – ҷӯҷаҳои навпари шаҳбоз
Фурӯ монданд аз парвоз.
Нахустин дарси мо бо ин сабақ сар шуд,
Вараҳо – боли ширкафтар ҳама тар шуд,
Сабақҳо бастаю парвозҳои мо таҳи пар шуд,
Кашида занг овози ҳазину дарс дигар шуд.

## II

Пагоҳӣ тахтаҳои синфро канда,
Ба девори зали зебои суратдор бинҳоданд,
Ба ҷои чор синфи бози дарбаста
Дари як синф бикшоданд.
Ба девори сафеди саҳнаи мактаб
Қатори тахтаҳои рӯсияҳ метофт,
Савоби рӯзгорон чун гунаҳ метофт.
Ба рӯи тахтаи аввал
Сарахбори тамоми илмҳо ҳарфи камарбаста
Зи пушташ ҳарфҳои созӣ пайваста,
Ҷудо буданд чун армони нашкаста.
Ба ман ин ҳарфҳо аз рӯзи аввал ошно буданд,
Зи устодам ба мисли ёдгори бебаҳо буданд.
Ман акнун ҳарфҳоро ҷанг меандохтам дар дил,
Аз он ёди муаллим мешуд андар синаам ҳосил.
Зи рӯи тахтаи дигар кунад такрору рӯбардор
Ҳисоби рӯзҳои якнаворо: ду карат ду – чор.
Аз ин тахта ба он тахта муаллима гузар мекард,
Ба як соат зи худ мерафт,
Оламро сафар мекард.
Миёни тахтаҳою баччаҳо озод меболид,
Зи рӯи лутф механдид,
Даруни сина менолид.
Муаллима нафас нагрифта, н-осуда,
Қаламро, дастҳоро, ҳарфҳоро рост бинмуда,
Ба кӯдакҳои синфи як сабақ медод, мебардошт,
Ба ҳусни хат чу ҳусни хеш меангошт.
Ба рӯи тахтаи ман ҳарфҳои ду карат ду – чор,
Даруни синаи ман мешудӣ такрор бо такрор.

## III

Садои занги мактаб ин саҳар дар кӯҳ мепечид,
Навои зиндагӣ дар қуллаи андӯҳ мепечид.
Ба мактаб омада сад баччаи нимсеру нимурён,
Зи оҳи модарон ғамгину аз ҳаҷри падар гирён.

Чи асроре?
Муаллима табассум дар лабон омад,
Ба золи соягравшан офтоб аз осмон омад.
Ба мӯяш дастаи райҳон,
Ба гардан шаддаи марҷон,
Ба дасташ номаи сегӯшаи мисли ҷигаргӯша,
Кушод аз нома – аз сандуқи пурэҳсос сарпӯша.
Ба як сӯ монд дафтаррову мистарро,
Зи ёдаш бурд мактаброву минбарро,
Кафи дасти булӯрашро барои нома миҷмар кард,
Ба ваҷде номаро – шаҳномаро сар кард:
«Салом, эй давлати ман, меҳрубони дуру наздикам,
Ало тоҷи сари ман, ёри тоҷикам!
Ба шабҳо офтоби раҳнамоям кулчаи рӯят,
Диҳам шамшери худро тоб аз оби ду абрӯят.
Балогардони ман ишқ аст, ман бебок меҷангам,
Ба мисли посбони ишқ бо нопок меҷангам.
Ба чашми худ чу бинам ҳар пагоҳӣ чашми душманро,
Ба номи зиндагонӣ мебарам аз ёд мурданро.
Яқин дорам, ки ҷонам дар тилисми ишқ пинҳон аст,
Даруни синаи ту, дар паноҳи кӯҳсорон аст.
Саломат бош, то ту зиндаӣ, ман зинда мемонам,
Зи барфи софи саҳро номаи ишқи ту мехонам...
Салом, эй бачаҳои болдори шӯхи бебокам,
Шуморо дар миёни корзорон турфа муштоқам.
Ба пеши рӯй душман, шаҳри Ленин дар қафои ман,
Гузаштан нест, рафтан нест аз роҳи вафои ман.
...Ана аз ҷониби душман садои тир меояд,
Агар ӯ пеш ояд, аз дами шамшер меояд,
Ба ҷои абрувонат бӯса кардам аз дами шамшер.
Сухан боқӣ...
Зи ҷо бархостам... ё пир!»
Ҳама аз ҷой барҷастему биншастем,
Зи худ растему бо устод пайвастем...
Муаллима табассум кард, аз чашмони хандонаш
Берун омад
Сиришки дона-дона мисли марҷонаш.

Касе дар рӯи коғаз муҳраро дидаст, медонад.
Аз ин сурху сафедӣ номаи душвор мехонад.
Нахустин бор дидам гиряи талхи худоёнро,
Баландиҳои инсонро,
Сукути абру боронро.
Садои занг ногаҳ чун садои тирборон шуд,
Дар ин ҷо дарс поён шуд.

**IV**

Садои занги мактаб ин пагоҳӣ дар ба дар омад,
Ба гӯши бачаҳо бо шеваи бонги хатар омад.
Чу аскарбачаҳо сӯи садо дартоз мерафтем,
Ба як овозу бо сад роз мерафтем.
Миёни дарсҳо кори ҳама «шамшербозӣ» буд,
Ба пои худ,
Савори чӯби хушке, асптозӣ буд.
Гурӯҳе чун муаллим шаҳри Ленинро ҳимоятгар,
Гурӯҳе бо салиби сохта дар синаи лоғар,
Ба ҳам афтода гирудор мекардем,
Ҳимоят шаҳри Ленинро муаллимвор мекардем.
«Фритс»-е оқибат мехӯрд муште бар сари урён,
Лабаш дар зери дандон, ашк дар чашмон,
Бурун мерафт аз бозӣ,
Хунук мегашт сарбозӣ.

* * *

Ҳама меҳри дили худро,
Саводи «комил»-и худро
Ба коғаз нақш бинмудем бо хома,
Ба ҳам кардему пӯшондем
Ба мисли ҷомаи садпораи худ бар сухан ҷома:
«Салом, устод!
Сабақҳои шуморо мекунем азёд.
Муаллима ба моён дафтари нав дод,
Валекин дарсҳоро аз китоби кӯҳна мехонем,
Тамоми ҳарфҳоро нағз медонем.

Китоби нав фиристонед, медонед,
Ки мактуби шуморо хондаю азёд бинмудем,
Муаллима ба вақти хонданаш бигрист, мо дидем...»
Бар зери нома бо шакли аҷибе сурати кафтар,
Ба сад имзою сад имло ...

## V

Шафақ аз теғаи Зартеғ ногаҳ нурборӣ кард,
Либоси оҳарии кӯҳҳоро зарнигорӣ кард.
Садои зангу овози хурӯсон ҷӯр мегардид,
Ба гӯши ман садои ғижжаку танбӯр мегардид.
Ба рӯи Панҷи яхбаста кунун яхсел меҷунбид,
Ба дарёоб сели ях намеғунҷиду меғунҷид.
Ба рӯи бомҳо аз пушти рӯзӣ селаи кафтар,
Ба зери бомҳо дар ҷӯстуҷӯи хомаю дафтар,
Ба ғамҳо хӯ гирифта беғаму бебок мерафтем,
Зи дуди хонаҳо сӯи ҷаҳони пок мерафтем.
Ба мактаб ин пагоҳӣ хушхабар омад, навид омад,
Ба тифлон рӯзи ид омад,
Китоб омад,
Ба ҷӯи хушк об омад.
Ва ҳар кас бо китоби тоза саргардон,
Намуда з-аввалу охир варақгардон:
Дар онҳо бӯи аскар буд,
Захми тиру ханҷар буд,
Дар онҳо розҳои талхи нохонда,
Дар онҳо рӯзҳои рафтаю монда –
Варақгардон – ҷаҳони гирдгардон буд,
Агарчи ошкоро буд, пинҳон буд
Зи банди розҳо озоду аз ғамҳои дунёӣ,
Ҳама будем аз хурсандӣ савдоӣ,
Ки аз Ленинград охир китоб омад.
Ба он мактуби мо охир ҷавоб омад ...
Муаллима даромад,
Ром гардидему осудем,
Ба истиқболи ӯ якбора кафтархез бинмудем.

Ба ҷо биншаста чашму гӯш гардидем,
Ҳама хомӯш гардидем.
Муаллима ба рӯи мо сабақ бикшод,
Ҷаҳон гардид ҳуснобод,
Китоби боз рӯи синаи софаш,
Ба пушташ чун каманде мӯи навбофаш.
Зи зарбу тарҳҳои ӯ маро дар дил
Садои ошноe мешудӣ ҳосил
Ва шабҳои гузашта мешудӣ эҳё,
Ҷаҳони нопадиде мешудӣ пайдо:
Навои Чорзарб аз дур меомад,
Муаллима ба мисли захмаи танбӯр меомад,
Аҷаб мастур меомад.
Пасон аз худ бурун мерафт дар бозӣ,
Намуда ҷилваҳои шӯхи шаҳбозӣ,
Ба рӯи саҳна мегардид парвозӣ,
Ҳама хомӯш, меомад фақат овози дилбозӣ...
Надонам, дар куҷои синаи ман дарди ширине
Аёну ноаён месӯхт ҳамчун ёди дерине...
Садои занг чун оҳангро пӯшид,
Ҳама аз нав либоси ҷангро пӯшид.
Муаллима гузашту рафт бо ёди шарарзодам,
Ман ахтарбаставу хомӯш истодам...

* * *

Ба ин аҳвол мешуд дарсҳою рӯзҳо такрор,
Ва мо азёд мекардем – як то чор.
Сабақро чун табақ аз гушнагӣ дидем,
Алифро бо алаф хӯрдему сабзидем.
Ва роҳи дурро як сол паймудем,
Ба мисли Шамси Табрезӣ ту гӯӣ авлиё будем.
Кунун мактуби аскарҳои барноро
Ба гӯши модарони пир мехондем,
Гаҳе оҳиста, гаҳ бо тезии шамшер мехондем.
Ба ҳамдардӣ
Гаҳе аз шавқ болидем,
Гаҳе бо модарони зор нолидем.

## VI

Баҳорон буд,
Ба рӯи лола ашки резаборон буд.
Фақат булбул зи дарди хеш нолон буд,
Варо на миннати яздону не парвои инсон буд.
Ба чашми тифл дида хандаҳоюю мурдани гулро,
Аз он соат ба ҳасрат бишнавам овози булбулро.
Замин гулхезу гулобод,
Намеомад хабар аз ҷониби устод.
Ба рафтори муаллима гаронӣ буд,
Рухи гулгунаи ӯ заъфаронӣ буд.
Аз он рӯзе китоби захмдори тозаро бикшод,
Ба рӯи синааш бинҳод,
Тамоми захмҳо дар синааш бинишаст
Ва тире аз китобу синааш бигзашт...
Насими субҳгоҳӣ ҳар нафас гулбез меомад,
Ба айни гулшукуф ӯро ғами гулрез меомад.
Гули рӯяш, гули боғаш ба чанги боди гулгардон
Фурӯ мерехт оҳиста ба нахлистону қабристон...
Пагоҳӣ сӯи мактаб хаткашон омад,
Гарон омад,
Хамӯшу безабон омад.
Зи пушти ӯ падид омад
Касе бо сурати аскар,
Либоси аскарӣ дар бар.
Гумон кардем, омад лаҳзаи дидор,
Ба чашми чор меҷустем як осор:
Қади сарви муаллимроюю чашмони сиёҳашро,
Каломашро, саломашро, хиромашро, нигоҳашро.
Ва ҳар чӣ пеш меомад, зи моён дур мегардид,
Дили уммедвор аз ноумедиҳо
Аҷаб ранҷур мегардид,
Саломи ӯ тамоми торҳои ҷӯрро бигсехт
Ва оби сардро ногоҳ аз фарқи сари ман рехт.
Ягона устодамро ба сӯи хонааш бурданд,
Ба дасташ номаеро бесадо, беҳарф биспурданд.

Муаллима «Карам!» гуфту фиғон бардошт,
Қаборо чок зад, сад парда аз захми ниҳон бардошт.
Сарои ишқи яздонӣ – азохона,
Ба гирди хонааш будем парвона,
Валекин шамъи мо хомӯш мегардид,
Шуои охиринаш суст меларзид
Ва сӯзе, оташе дар синаҳо мемонд,
Чу занге дар рухи оинаҳо мемонд.
Нахустин бор дида мурдани Лайлию Маҷнунро,
Аҷоиб паст медидам баландиҳои гардунро.
Давидам аз миёни селаи занҳо,
Гузаштам аз миёни оҳу шеванҳо,
Гирифтам аз кафи сарди муаллима сияҳнома,
Само будӣ сияҳкоса, замин будӣ сияҳҷома.
Ба мактаб тохтам, нашнохтам онро,
бидидам синфҳои гирдгардонро,
Кушодам номаро, дар он сафедӣ буд,
Зи ранги ӯ маро бӯи умеде буд,
Валекин ҳарфҳою лафзҳои ӯ сияҳ буданд,
Ҳама ғарқи гунаҳ буданд.
Хати манҳусро бо дасту дандон пора бинмудам
Ва бо ин маргро бечора бинмудам.
Китоби захмдорамро ба рӯи сина бинҳодам,
Бурун рафтам,
ба ёдам ёди устодам,
Ба дил меҳри паризодам,
Ба гӯшам охирин овоз,
Чу занги охирин будӣ танинандоз ...
Ба ёди рӯзҳои рафтаю монда,
Ба ёди номаҳои ишқи нохонда,
Ба ёди захмҳои дар ҷигар монда,
Ба ёди мурдаҳои дар сафар монда,
Ба ёди ҳар ду устодам
Зи дунёи дарунам роз бикшодам.
Ба ёди он китоби захмдори пур зи асрорам
Ҳадиси тоза меорам.

Зи тухми куҳна дар саҳрои навкорам
Барои мардуми оянда тухми хайр мекорам.
Ба мисли абри найсон ашк меборам,
Ки аз тухми муродам донаҳои бахт бардорам.
Ба ту, Ленинград, эй шаҳри мардистон,
Ба ту, эй марди ҷангӣ, дар сукути сарди кабристон,
Ки дар он рӯзҳои сахт сӯи мо назар кардӣ,
Барои бахти мо аз ҷони ширинат гузар кардӣ...
Миёни ҳалқаи оҳан,
Зи байни оташи душман,
Зи рӯи кӯли яхбаста
Шумо, эй марду занҳои камарбаста,
Ба ҳам пайванд бинмудед «Роҳи зиндагониро»,
Раҳо кардед аз мурдан ҷавониро.
Аз он роҳи ягона ҳамраҳи тифлон
Барои баччаҳои дури кӯҳистон
Китоби нав фиристодед, бахшидед
Ба онҳо зиндагонию ба мо уммед.
Зи рӯи ҳар варақ рӯи шуморо мекунам азёд,
Зи рӯи ҳар сабақ меҳри шуморо мекунам бунёд,
Шуморо ёд бодо, ёд бодо, ёд!

# МАВҶҲОИ ДНЕПР[1]

## Мавҷ дар пешонаи поки Тарас

То наҷӯяд ростиро,
То нагӯяд рост дар дунёи каҷ,
Асри сангин, ҳукми нангин
Шоири озодро сарбоз кард.
Рӯҳи шоир буд шоҳин,
Шоҳинеро манъ аз парвоз кард.
Фикри ӯро, зикри ӯро, –
Шеъри ӯро шери дар занҷир кард.
Баҳри ӯ бо амри дунё
Шеър гуфтан манъ шуд,
Гӯиё роҳи Днепро банд шуд.
Мавҷаи раҳбастаи ӯ
Дар даруни синаи ӯ оқибат гирдоб шуд, –
Ончунон гирдоби ҳоил
Ончунон гирдоби дил! –
Бо ғазаб мехост бинмояд нагун
Даври каҷбунёдро, ҳам олами бедодро.
Мавҷи дарё буд шоир,
Дар ғами дилҳост аз дилҳо ҷудо...
Дур аз мавҷи Днепр,
Дар ғамистон,
                    дар биёбони қазоқ,
Дар муҳити мавҷҳои реги тафсони қазоқ,
Дар сараш савдои Киев,
Дар дилаш ёди Днепри модараш
Моҳҳою солҳоро
Ҳамчу мавҷе дар биёбон сарф кард;
Оқибат мавҷи Днепр
Мисли чине дар ҷабинаш нақш баст,
Мавҷи дарёи тафаккур,

[1] Мунтахаб чоп мешавад.

Мавҷи кин,
мавҷи ғазаб,
мавҷи асаб –
Мавҷҳои зиндагӣ...
Турфа асрорест дар зери шумо,
Мавҷҳою
мавҷҳою
мавҷҳо!

**Мавҷ дар саҳро**

Мавҷро оё ба саҳро дидаӣ?
Шарфаи онро магар бишнидаӣ?
Дидаӣ уқёнуси беобро,
Мавҷҳои хушки нилитобро?..
Ман чунин баҳри аҷабро дидаам,
Дар сари ҳар мавҷ дил варзидаам.
Буд ин баҳри кабуди беканор
Дар канори Украини номдор.
Мавҷи қулзум, мавҷи гандум буд он,
Ризқи мардум, нони мардум буд он.
Мешиносам, мешиносам бӯи он,
Бӯи ширин, бӯи дерин – бӯи нон…
Ҳаст дар ёдам, ки ногаҳ ҷанг шуд,
Роҳи ин мавҷи саховат танг шуд,
Нон баробар шуд ба ҷони одамӣ,
Рафт лаззат аз даҳони одамӣ.
Ҳис мекардем дар он солҳо:
Аз тани мо буд узви мо ҷудо.
Баъд мавҷи лашкари бебоки мо
Рӯфт садди хасмро аз хоки мо.
Мавҷи ин дарё зи нав озод шуд,
Боз мардум сер, мулк обод шуд.
Донаи хайри ҳамин саҳрои пок
Сабз шуд андар биёбони қазоқ,
Сабз шуд, пурмавҷ шуд чӯли ғариб,
Зиндагии тоза шуд ӯро насиб.

Ман ба ҳар мавҷи маҳини ин замин
Боз дидам мавҷҳои Украин...
Украина, мавҷи ту, эҳсони ту,
Ҳосили сарпанҷаи деҳқони ту,
То Душанбею Қазоқистон расид,
Нони гандум қуввату дармон расид.
Ҷунбиши дарёст рафтори шумо,
Мавҷҳою
мавҷҳою
мавҷҳо!..

## Мавҷи одам

*Ба хотираи Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ*
*Саидқул Турдиев*

...Днепр!
Ҳаст дар ёдат магар он соли сели оташин,
Мавҷҳои одамин монанди сели оҳанин
Омаду дар мавҷҳоят банд шуд?
Як тараф урдуи мо роҳи гузар мекофтӣ,
Як тараф тири адӯ тӯри аҷал мебофтӣ,
Мегузаштӣ аз миёни як замину ду замон.
Ногаҳон тоҷикписар худро ба оғӯшат фиканд,
Шарфаи тири адӯ гардид он соат дучанд,
Мавҷҳоят гашт аммо ҷавшани ҷони ҷавон.
Аз пайи ӯ ротаи ӯ сӯи он соҳил шитофт,
Садди оҳан, садди оташ, садди хороро шикофт,
То ба он соҳил нахустин роҳи дарёро кушод,
Пораи хоки туро бигрифт аз чанги адӯ,
Аз ғазаб лабрез шуд гӯё дили танги адӯ,
Чашмро пӯшида аз тӯпу туфанги бешумор,
Тири дунёро ба рӯи паҳлавонон рехтанд,
Оби дарё, хоки соҳилро ба элак бехтанд.
То дами субҳ аз дусад ҷон панҷ ҷони зинда монд,
Панҷ одам дар канорат ҳамчу дил поянда монд;
Пушт – обу пеш – оташ, аз ҳаво – борони тир,
Дар миёни обу оташ – панҷ фарзанди далер

Тан ба тан бо лашкаре ҷангид... Овах, ногаҳон
Тири душман аз билети сурх – аз ҷавшан гузашт,
Аз дили пурхашми тоҷик – аз дами оҳан гузашт,
Ҳаст дар ёдат, чи сон афтонд ӯро бар замин?..
«Воҳ, модар!» – гуфтаю хоки туро оғӯш кард.
Лаҳзае Модар-Замин қалби ҷавонро гӯш кард…
Даргузашт ӯ...
Дар ҳамин дам
лашкар аз дарё гузашт.
Байрақи оғуштаи хунро зи нав бардоштанд,
Ҳамчу машъал, раҳнамо болои сар афроштанд,
Ҳар диле мезад ба зарби «Интиқому интиқом!»
Шуд ҳамон як пораи хоки Ватан маъвои ӯ,
Манзили бо нақди ҷон бигрифтаи ӯ, ҷои ӯ.
Манзилеро, ки ҳама бо ҷон харидорем мо.
Эй Днепр!
Солҳо аз пеши манзил меравӣ,
Гӯй, охир,
аз чи ин сон сӯи соҳил медавӣ?
Гуфт бар ман
бо забони мавҷҳои безабон:
«То бигирам ин дили ҷовидро
Дар канори мавҷҳо...»
Зикри бисёрест дар савти шумо,
Мавҷҳою
мавҷҳою
мавҷҳо!..

## Мавҷи ханда

Дар лаби рӯди Днепр
Духтаре дидам, чи духтар –
Тифли зебо дар канораш буд – модар.
Мӯи қамчин, рӯи гулчин,
Гардани зеби нигоҳаш,
Ҷабҳаи софу ду абрӯи сиёҳаш;

Домани шерозадору
Куртаи гулдӯзии ӯ,
Чеҳраи ранги гули наврӯзии ӯ:
Чашми шаҳлои кабудаш,
Ҳам сурудаш, ҳам вуҷудаш
Мекашад дар дидаам расми туро,
Катерина, Катерина!

Монд кӯдакро ба соҳил
Ӯ ба рӯи сабзаи тар,
Гашт берун аз қабо озода пайкар,
Ханда карду рафт тозон
Сӯи дарёи хурӯшон,
Пайкари покиза шуд дар мавҷ пинҳон.
Дида ин ҳолат,
баногаҳ
Нола аз ҷонам баромад,
Пеши чашмам даҳшати дирӯза омад:[1]
Кӯдаки дар барф танҳо,
Модари дар қаъри дарё,
Оҳи бӯрон, нолаҳои боди саҳро.
Ёди мозӣ боз омад,
Аз дилам овоз омад:
«Катерина, Катерина!»
Чун баромад рӯи дарё,
Бо адое кард нозе,
Мӯи ӯ бо мавҷҳо мекард бозӣ.
Дӯстонам,
бори аввал
Моҳро дар об дидам,
Обро дар партаваш гул-об дидам!
Дар ҳамин фурсат ҷавоне

[1] Қаҳрамони достони Т. Г. Шевченко Катерина баъд аз ҷустуҷӯи зиёде маҳбубашро меёбад, вале ӯ аз тифл ва модараш рӯй мегардонад. Катерина, тифлро ба рӯи барф монда, худашро ғарқ мекунад.

Тифлро озод бардошт,
«Катерина!» гуфтаю фарёд бардошт.
Дар ҷавобаш тез аз дарё баромад,
Бол бикшоду ба сӯи тифл омад.
Бачча хандон,
очa хандон,
Офтобу об хандон,
Аз миёни хандаҳо шуд бахт тобон.
Бахти ман ҳам тофт ногоҳ,
Ман шудам имрӯз огоҳ:
Зинда бошад ҳамчу дарё –
Катерина, Катерина!

## Мавҷи бародарӣ

Ба дида нақши рӯи ту, ба гӯш гуфтугӯи ту,
Ҳанӯз аз димоғи ман нарафтааст бӯи ту,
Ба ҷои дур меравад дилам ҳамеша сӯи ту,
Шудам калону омадам кунун ба ҷустуҷӯи ту,
Бародарам,
Бародари ба ҷону дил баробарам!

Замини Украинаро зи сарру бар қадам задам,
Ба ҳар диёр дар задам, ба ҳар мазор дам задам,
Зи лавҳаҳои мармарин ба ҳирс ҷуста номи ту,
Бикофтам, наёфтам нишони ноаёни ту,
Бародарам,
Бародари ба ҷону дил баробарам!

Замони кӯдакии ман ту аз ҳама калон будӣ,
Миёни аҳли деҳи мо ҷавони паҳлавон будӣ,
Чанори соябон будӣ, мадори хонадон будӣ,
Вале зи хоксориат ба чашм ноаён будӣ,
Бародарам,
Бародари ба ҷону дил баробарам!

Бигӯ, канӣ мазори ту, мазори хоксори ту?
Ба вақти захми охирин кӣ буд дар канори ту?
Даме фитодӣ бар замин, кӣ буд такядори ту?
Кӣ буд дар нигоҳи ту? Ба чашми интизори ту?
Бародарам,
Бародари ба ҷону дил баробарам!

Ба вақти ҷустуҷӯи ман ба сӯи ман, ба рӯи ман
Кушода буд ҳар даре, ба ҳар даре бародаре, –
Агар туро наёфтам, биёфтам дар ин макон
Ҳазорҳо бародарон, бародарони ҷовидон,
Бародарам,
Бародари ба ҷону дил баробарам!

Ба ҳар диле, ки во шавад, маро ба сина ҷо шавад,
Ба ҳар нигоҳи беғаше, ки нури дидаҳо шавад,
Ба хандаҳои ғамбарор – чу мавҷҳои беқарор,
Нигоҳи туст ошкор, ҳаёти туст пойдор,
Бародарам,
Бародари ба ҷону дил баробарам!

# ДОСТОНИ ОТАШ[1]

## Нур дар зулмот

Зулм – аз зулмот, озодӣ – зи нур,
Дод – аз инсоф, бедод – аз ғурур
Офарид одам барои одамон
Чун худованди замину осмон.
Доду озодӣ ба ҳар ҷо зӯр шуд,
Аз ҷаҳон то хонадон пурнур шуд.
Лек он давре, ки ёдаш мекунам,
(Ахтаре дорад, ки бодаш мекунам),
Зулм ҳоким буд, озодӣ – асир.
Дасти золим буд шамшери амир.
Зулму бедодӣ чу бо ҳам ёр шуд,
Рӯзи мардум мисли шабҳо тор шуд.
Боз одам дар паи анвор шуд,
Дар сиришти ӯ худо бедор шуд.
Боз марде хост орад бар замин
Оташе аз қалбҳои оташин,
На зи яздон; аз ниҳоди хокиён,
Ки ниҳон буд ахгаре аз бостон.
Зинда кард он оташи садсоларо,
Шуъла кард он ахгари садпорароо,
Марди деҳқону дами оҳангарӣ,
Меҳри озодӣ чу меҳри модарӣ…
Шаб аҷаб торику беовоз буд,
Нур дар зулматсаро чун роз буд.
Дар сари кӯҳи баланди Балҷувон
Гулхане афрӯхт имшаб ногаҳон.
Аз замин мехест боло оташе,
Оташи монанди Восеъ саркаше.
Аз ҳамин оташ, ки дар ин ними шаб
Шуълаафшон гашт чун нори ғазаб,

[1] Мунтахаб чоп мешавад.

Гашт равшан тирагии кӯҳсор,
Гашт мардум сӯи оташ раҳсипор:
Ҷуфтро хобонд марди ҷуфтрон,
Дастаи испор шуд дасти камон.
Доси деҳқон ногаҳон шамшер шуд,
Ғамзаи абрӯи хубон тир шуд.
Хест дар як дам ҳама Хатлонзамин,
Сӯи оташ рафт халқи оташин.
Гирд омад кӯҳсори бенаво
Баҳри озодӣ ба гирди пешво.
Пешво буд шербасти қадбаланд,
Аз замин меҷаст бар аспи саманд,
Баски меҳраш бо замини пок буд,
Дар саворӣ ҳам рикобаш хок буд,
Назди оташ ӯ ба по истода буд,
Гӯиё назди худо истода буд.
Реша дар гил дошт ин шамшердаст,
Шуъла дар дил дошт ин оташпараст,
Ногаҳон ӯ зад ба зону рӯи хок,
Саҷдае овард назди нури пок.
Гуфт: «Ёрон, ҳурмати номи ватан,
Ҳурмати ин оташи сӯзон, ки ман
Ас надорам даъвии тоҷу нигин,
Раъйи ман, саъйи шумо – обу замин;
Пас барои ҳурмати обу замин,
Ҷанг бояд кард, ёрон! Гап ҳамин!»
Кард омин, халқ ҳам омин гирифт,
Аз замин худро ба рӯи зин гирифт.
Гирди сар гардонд машъалро ба шаст,
Рафт машъал як замон дасти ба даст.
Баъд ҷорӣ гашт дарёи ғазаб,
Машъалистон гашт дунёи чу шаб.
Дар ҳамин пайкор мири Балҷувон
Гум бишуд, – зилли худои ломакон.
Чун сари сарбоз, кӯри Аллаёр
Рафт аз болои зин зери ҳисор.

Мардуми деҳқон бе гурзу сипар,
Бо силоҳи кор – бо досу табар
Баъди ҷанги сахт Хатлонро гирифт,
Аз ситамгар моли деҳқонро гирифт…
Баъди Хатлон буд ҷои корзор
Дар дили тоҷик – дар мулки Ҳисор.
Буд Восеъ пеш, мардум аз қафо,
Мавҷи досу путку калтак дар ҳаво.
Досҳои сохта баҳри дарав
Дар замин метофт ҳамчун моҳи нав.
Акси машъалҳо ба дарёи калон
Ҳамчу ахтар буд рӯи Каҳкашон.
Осмон имшаб фуромад бар замин,
Хасми инсон буд имшаб дар камин,
Зер – дарё, кӯҳ – боло, роҳ – танг,
Тангное, аз замин то моҳ санг.
Пули Сангин буд дар пеши сипоҳ
Чун гиреҳи суст дар байни ду роҳ.
Дар ҳамин дам ногаҳон аз осмон
Тир борид, теғ борид ногаҳон, –
Селаи сарбоз рӯи Кӯҳи Нор
Ҳилаи манҳусро мебурд кор.
Дар масофи досҳо шамшер рехт,
Саф шикасту дона аз занҷир рехт.
Дар сафи мардум парешонӣ фитод,
Дастае бар санги хоро сар ниҳод,
Дил пурармон, ҷовидон дар хоб рафт,
Як гурӯҳе мавҷ шуд, дар об рафт.
Як гурӯҳе гашт аз тангӣ асир,
Як гурӯҳе дошт ҳоло дору гир.
Ғарқа дар хун гашт халқи бегуноҳ,
Доди худро ёфт халқи додгоҳ.
Дар ҳамин ҷо машъали онҳо фитод,
Дар замин ё дар дили дарё фитод,
Рафта-рафта бод шуд хокистараш,
Боз дар дилҳо ниҳон шуд ахгараш…

## Нури саҳар

Асри бистум буд.
Дар ин хонадон
Зиндагонӣ дошт расми бостон.
Баъди Восеъ, баъди он рӯзи ғазо,
Баъди хунрезӣ, ҷазои носазо
Муждаи оянда чун афсона буд,
Шеъри Ҳофиз равшании хона буд,
Шамъ буд, парвона буд, вайрона буд,
Бенаво дар фикри обу дона буд.
Шом ҳар ҷо даврае тафсон шудӣ.
Ёди Восеъ гулхани тобон шудӣ.
Дар забони мардуми нокоми ӯ
Даври гулхан давр мезад номи ӯ.
Асри бистум буд, айёми баҳор
Мужда омад аз Бухорою Ҳисор:
«Ки амир афтод –хасми ҷони мо.
Инқилоб омад ба кӯҳистони мо».
Шайх гуфто: «Эй фақирони худо,
Охират омад, ана рӯзи ҷазо,
Бо ғазо хезед, ҷанги ҳайдарӣ,
Кӯҳсори мост садди хайбарӣ!»
Бой гуфто: «Куфр омад, аламон,
То ситонад молу ҷони муъминон».
Халқ гуфто: «Инқилобаш одам аст,
Бо амири бедиёнат душман аст,
Ёри Восеъ, ҷӯраи ҷонии мост,
Гар ба ӯ ҷангем, нодонии мост».
Асри бистум буд, рӯзи навбаҳор,
Аз Душанбе хест ду фавҷи савор,
Ҳурриятро сӯи Хатлон мебаранд,
Нурро сӯи шабистон мебаранд.
Асри нав аз қуллаҳои кӯҳи пир
Мегузашт озод, бе имдоди тир.
Кӯҳу саҳро гулфишонӣ доштанд,
Пир буданду ҷавонӣ доштанд…
Рӯз кам-кам рафт, омад шоми тор,
Моҳи нав омад зи пушти Кӯҳи Нор,

Пули Сангин бо ҳамон ларзонияш,
Бо ҳамон фарсудагӣ, нимҷонияш
Бурдборӣ дошт дар болои об,
То диҳад ёрӣ ба ин кори савоб.
Сулҳ буд, чун зери боло санг буд,
Суми аспон бо замин дар ҷанг буд.
Мепарид оташ зи наъли аспҳо,
Ҳар садо дар кӯҳ мешуд даҳ садо.
Гӯӣ дар ин роҳ даҳ фавҷи дигар
Буд онҳоро ниҳонӣ ҳамсафар.
Найзаҳо чун шуълаҳо месӯхтанд,
Шомро оҳиста меафрӯхтанд.
Ин садо, ин шуъла в-ин шоми сиёҳ
Назди имшаб буд ҳар сеяш гувоҳ,
Ки дар ин ҷо як замоне ҷанг буд,
Хок аз хуни фақирон ранг буд,
Ки ба ин ҷо халқ фирӯз омаданд,
Баҳри истиқболи имрӯз омаданд…
Ин шабе буд, интиҳояш рӯз буд,
Бо ду маънӣ ин саҳар Наврӯз буд.
Рӯз шуд, омад ба сӯи кӯҳсор
Асри бистум дар намуди навбаҳор.

**Нур дар дилҳо**

Шом буд, шоми пурасрори баҳор,
Сабз мешуд дона андар киштзор,
Боз мешуд бо навои андалеб
Ғунчаи хушхандаю хушбӯи себ.
Моҳ мезад ғӯта дар дарёи Вахш,
Об мешуд рахш аз рангу дурахш.
Олболу духтари хушрӯй буд,
Аз ҳавои он замин хушбӯй буд.
Дар бари он духтаре бо оби ҷӯй
Дошт аз ишқу ҷавонӣ гуфтугӯй.
Дар хамӯшиҳои шабҳои баҳор
Дар тапидан буд набзи беқарор,
Дар вазидан буд боди мушкбӯ,
Дар шукуфтан буд боғи орзу.

Дар миёни боғ мактабхона буд,
Чун ибодатхонаи тифлона буд,
Аз саҳар то шом дар ҷои азон
Бонг мезад беибо занги калон.
Аз саҳар медод тифлонро хабар
Аз сиёҳӣ, аз сафедӣ, аз ҳунар…
Шом буд, олам аҷаб ором буд,
Файзи имшабро амонӣ ном буд.
Ибтидо меёфт дарси охирин
Дар ҳавои чанд овози маҳин.
Ногаҳон ҳамчун балои осмон,
Бо раҳи навсоз, бо роҳи замон
Зад, баромад тӯдаи тороҷгар,
Ҳар саворе дошт афзоли дигар.
Дар сари онҳо Ҳасан-девона буд,
Аз ҳамин ҷо буд,
Вале бегона буд.
Рост онҳо сӯи мактаб тохтанд,
Гирди онро ҳалқае андохтанд.
Ӯ фаромад, саллаашро соз кард,
Бо ғазаб дарро ба пояш боз кард.
Чун сиёҳие дарун омад зи дар,
Аз қафояш тӯдаи бедодгар.
Гашт ларзон лаҳзае нури чароғ,
Баччаҳо буданд ҳайрон, бедимоғ.
Гуфт: – Оҳо, духтари зебо шудӣ,
Лол будӣ, булбули гӯё шудӣ.
Тавба кардам, як заифи мушти пар
Шубҳа меорад ба имони падар,
Дарс мегӯяд ба шайтонбаччаҳо
Аз китоби куфр, бар қасди худо.
Тавба кун, Сайрам, ки ҳоло дер нест,
Лутфи ҳақро аввалу охир нест, –
Тавба кун!..
– Ту тавба кун, эй рӯсиёҳ,
Ту гунаҳгорӣ!
Надорам ман гуноҳ!
– Беҳаё!

Бо ман баробар мешавӣ?
Ёғии дин, ёри кофар мешавӣ?!
Дор ӯро!..
Аз ду дасташ доштанд,
Кӯдакон оҳу фиғон бардоштанд.
Сад сипоҳӣ бо силоҳи англис,
Бепаноҳон дар паноҳи англис
Се муаллимро аз ин даргоҳ бурд,
Се шуоро дастаи гумроҳ бурд.
Дарсхона чун китоби боз монд,
Мактабу шогирд беустоз монд.
Яккаю танҳо миёни чорбоғ
Худфурӯзӣ дошт дар мактаб чароғ…
Субҳидам. Бозор оташзор буд.
Дар миён се духтару се дор буд.
Гирди онҳо издиҳоми бесадо
Буд ҳамчун ҳалқаи аз ҳам ҷудо.
Дастҳои бесилоҳи пеши бар,
Синаҳои размҷӯи бесипар,
Абрувони чун камони пурситез,
Чашмҳои модарони ашкрез
Буд шоҳид аз вафодории халқ,
Аз тавоноию ночории халқ…
Баъд аз ин бо як имое аз замин
Канд пои духтарони нозанин,
Бор шуд бар дӯшҳо ҳамчун гувоҳ,
Гӯиё бори замин, бори гуноҳ.
Пои мардум медаромад ноаён
То ба зону дар замини безабон.
Дар ҳаво се куртаи алвони тар
Буд аз ҳар оташе тобандатар.
Халқ мисли аввала хомӯш буд,
Ин хамӯшӣ нафрати дарҷӯш буд.
Бо ҳамин нафрин то шоми дигар
Гашт аз ҷанги муаллим бесипар.
Шоми дигар зору танҳо мегурехт,
Сӯи охират, зи дунё мегурехт,

Пеши чашми ӯ занони сурхпӯш
Оташе буданд гӯёву хамӯш…

### Нур дар қуллаҳо

Хонаи бобо Назар тӯёна буд,
Тӯй пурасрор чун афсона буд.
Зоҳиран ором буд, дилҷӯй буд,
Ду гиреҳаш байни ду абрӯй буд.
Зӯр мезад, ки намояд рӯкушод,
Хашми пинҳон, душмани ҷон дар ниҳод.
Дар забонаш зикри номи Мустафо,
Дар дилаш тарсе: мабодо аз қазо
Духтари яктои беҳамтои ӯ
Нашканад бозори ӯ, савдои ӯ.
Зери айвон чой мезад бо сукут
Дастаи домоди боришу бурут.
Чун падарро ҷӯраю домод буд,
Аз «қаламкаш» то сурайё шод буд.
Кист дар ин тӯй он якто ҷавон,
Ки баҳорон аст дар биmi хазон?
Ҷумъагул… ин номро тафсир нест,
Ҳусни онро ҳоҷати тасвир нест.
Ҳамчу бут имшаб варо оростанд,
Аз худо бахту саодат хостанд.
Ҳолае гардида гирди моҳи ӯ,
Буд як села занон ҳамроҳи ӯ.
Дилдиҳӣ карданд он дилдодаро,
Панд мегуфтанд тифли содаро.
Бахт бо ӯ корсозӣ менамуд,
Дар сари як мӯй бозӣ менамуд,
Лек ӯро тӯй бозӣ менамуд,
Рӯи ҳавлӣ оташи даврони Ҷам
Бесадо месӯхт, бо дарду алам.
Аз даруни гулхани поки қадим
Мебаромад сад забони оташин.
Ҷумъагул бо рӯи чун мавҷи гулоб
Ноаён мегашт дар оташ кабоб.

Шуълаи оташ гирифта рӯи ӯ,
Дуд мекард аз сиёҳӣ мӯи ӯ.
Дур аз ҳавлӣ кранҳои қатор
Дар баландӣ буд ҳамчун Кӯҳи Нор,
Аз яки онҳо чароғи роҳи дур
Дар ду чашми нурҷӯяш гашт нур.
Он чароғи дур дар чашмони ӯ,
Оташи наздик дар виҷдони ӯ,
Дар хаёлаш ҳурмати номи падар,
Дар ҳаросаш кандани банди ҷигар,
Дар вуҷудаш нанги марди ришдор,
Дар дилаш ишқи муқаддас, ишқи Ёр, –
Мекунад роҳи яқинро интихоб.
Ёфт аз байни гунаҳ роҳи савоб:
«Ё бисӯзам дар алови дуднок,
Ё фурӯзам дар бари он нури пок!»
Хест бо азме ба сӯи хона рафт,
Аз худӣ бигзашт, бо бегона рафт.
Қиссаи аҳволро кӯтоҳ кард,
Бозии дилро ба он ҳамроҳ кард:
«Акаи Юнус, ҳамин соат биё!
Бехабар монӣ, паноҳат бар Худо.
Чун Душанбе рафт ёрам бегумон,
Ғайри ту дигар надорам пуштибон.
Гар наоӣ… Бо таваллo, Ҷумъагул».
Дод коғазро ба дасти додараш,
Баски аз ӯ буд танҳо бовараш.
Шевани занҳо, суруди «Ёр-ёр»
Мерабуд аз беқарорияш қарор.
Ҷилваҳо медод пеши дидааш
Рӯзҳои ҷону дил бахшидааш:
Қуллаи кӯҳу дамиданҳои гул,
Бар рухи софаш расиданҳои гул,
Дидани хандидани гулҳои нав,
Ҷилваҳои лолаи мисли алав.
Ҷуфт рафтан, лек танҳо омадан,
Ҷои кори Ёр шабҳо омадан.

Бар кран наззора кардан аз замин,
Бар замин наззора аз чархи барин,
Дар бари ёраш расида бе каманд,
Аз замин, аз кӯҳ, аз мардум баланд.
Дар баландӣ ишқбозӣ, дилбарӣ,
Мисли як ҷуфти кабӯтар ҳампарӣ.
Рӯзи аввал аҳдбастанҳои ӯ,
Аҳдро имшаб шикастанҳои ӯ…
Мавҷигул ҳамчун гули беранг буд,
Орзу бисёр,
Фурсат танг буд.
Фотиҳа бинмуда ҳатми тӯйро,
Пеш оварданд он бадрӯйро,
Хутбаро бо ҳузни чун овози гӯр
Мекашад алломаи Деҳи Сабур.
Дар сукути марг дарро кӯфтанд,
Гӯиё дари қадарро кӯфтанд.
Шаш ҷавон, шаш комсомоли норакӣ
Гашт ворид аз дари ҳавлӣ яке.
Хутбаашро дар гулӯи домуло
Баст ногаҳ ин садои беибо:
«Акаи Юнус!
Аҷаб дер омадӣ,
Дер не, монанди тақдир омадӣ!
Омадӣ… Хуш омадӣ…»
Аз ҷой ҷаст,
Рафт аз ҳавлию дар мошин нишаст.
Баъди як сония мошин дур шуд,
Тӯйи имшаб бар ҳама дастур шуд.

* * *

Ин хабар байни занони бедаҳон
Гашт ҳамчун қиссае вирди забон,
Кард бобои Назарро таънасор,
Як суханро менамудандӣ ҳазор.
Лек мехонад ба духтар офарин
Аҳли Норак, мардуми нурофарин.

Рафтани ӯро ба шубҳа, боварӣ,
Ҳар кӣ мебахшид рамзи дигаре.
Он яке мегуфт: «Аз ин ҷо гурехт,
Обрӯи хонадонашро бирехт».
Он дигар мегуфт: «Нанге буду рафт,
Дар рухи оина занге буду рафт…»
Рӯзи тобистон.
Баромад ин саҳар
Офтоби Норак аз бурҷи дигар.
Духтари болобаланди нозанин
Буд болои кран болонишин.
Зери фармон, зери дастони маҳин
Гирдгардон буд кӯҳи оҳанин, –
Гирдгардон буд гирди ӯ замин,
Азми одам, разми одамро бубин!
Аз ду ҷониб Ҷумъагул ҳамроҳи Ёр
Ду ҷавони шаҳсавори беқарор
Дар бинои як бино пардохтанд,
Хонаи худро ба ҳам месохтанд.
Ғайбати мардум ба зери пои ӯ,
Осмони соф шуд маъвои ӯ.
Мерасад бар гӯш овози маҳин,
Шом чашмак мезанад сӯи замин
Чашми ахтар, ахтари шабҳои ӯ
Олами нур аст худ дунёи ӯ…

## Нур дар зери замин

*Ба Нур Аҳмадов*

Субҳидам,
Дар сар кулоҳи оҳанин,
Медарояд Нур дар зери замин,
Ҳамраҳи ӯ чор ёри кӯҳкан,
Чор тан аз чор ҷои як ватан:
Аз канори Волга, аз паҳнои рус,
Аз лаби дарёи дарёҳои рус,
Аз Енисей, аз муҳити нурхез,
Аз Днепрогэс, аз номи азиз,

Аз хурӯшу ҷунбиши ороми Дон,
Аз лаби рӯди равон, ороми ҷон
Сӯи Вахш омад баҳори аввалин
Чор марди хокии нурофарин,
Чор дарё ёри як дарё шуданд,
Ҳамчу Нури норакӣ таҳҷо шуданд…
Ин сабо чун паҳлавони довхоҳ
Дидам онҳоро даруни коргоҳ.
Бетакаллуф ҳазлу бозӣ доштанд,
Боз будӣ, хар чӣ розе доштанд.
Зиндагӣ як, кор як, виҷдон яке,
Гар хатар ояд, нафас як, ҷон яке.
Гуфт Морози шӯх: – Нури ҷон, биё,
Пеш шав, роҳи маро равшан намо…
Нур гуфто: – Дор аз ангушти ман,
Пӯш чашматро, биё аз пушти ман…
Панҷ ханда дар ҳаво парвоз шуд,
Акси он дар кӯҳ як овоз шуд.
Нақби пурасрор чун афсона буд,
Равшанӣ бо тирагӣ ҳамхона буд.
Нур ҳамчун хандаи ҷонона буд,
Ханда бар санги сияҳ бегона буд.
Лек механдиду меафрӯхт барқ,
Аз сиёҳӣ лолагун месӯхт барқ.
Тирагӣ монанди тӯри оҳанин
Буд пеши чашмҳои оташин.
Меҷаҳад барқи кабуде ногаҳон
Аз дами кафшер чун тиру камон,
Мешавад аз зарра то одам аён,
Боз мегардад ниҳон…
Чашми ҳайрат буд чашмони сарам,
Боз овозе шунидам аз барам;
Нур гуфто бо ҳамон дилдодагӣ,
Бо ҳамон соҳибқиронӣ, содагӣ:
– Андаке хам шав, Морози[1] қадбаланд,
То нагардад каллаат дар кӯҳ банд…

[1] Мороз – сардори бригадаи нақбканон.

– Гар биафтад аз сари ман Кӯҳи Нор,
Бар сари сахти ту мегирад қарор,–
Шуд ҷавобаш. Бори дигар ханда шуд,
Лек ханда бо садое канда шуд.
Бо тапиш аз пеш меомад садо,
Лек мошин аз қафо
Омаду истод дар паҳлӯи мо,
Мо нишаста дар кабина, дар ҳаво,
Даргузар будем аз афсонаҳо.
Бо хамӯшӣ роҳ мерафтему роҳ
Кӯр шуд дар синаи санги сиёҳ.
Буд ин тангӣ магар доми сукут,
Хандаҳо рафтанд дар коми сукут.
Бо садое дастгоҳи пармагар
Гашт бо кӯҳи шикебо сарбасар.
Шаш синон, шаш пармаи алмосранг
Ҷой шуд дар синаи берӯҳи санг.
Сахт буд ин пора ҳамчун ҷони санг,
Кам намешуд заррае аз кони санг.
Дастгоҳи СБУ бо як хурӯш
Монд аз фарёд, шуд охир хамӯш.
Боз ҳоким гашт овози сукут,
Дар садо дар гӯшҳо сози сукут.
Қатраи алмосранги қирадор
Медамид аз рӯйҳо – рӯи ғубор.
Нурро дидам: Ба ранги рӯи моҳ
Ними рӯяш буд аз оташ паноҳ,
Беҷило, бенур, бо ранги сиёҳ.
Нимаи рӯ, нимаи мӯяш сафед.
Гашт аз чашми сиёҳи ӯ падид
Нур ё барқи умед…
Дар миёни сахтиҳои ҷонканӣ
Нур гуфт: – Автоматчиҳо, ба пеш!..
Ногаҳон аз ҷой ҷаст панҷ одам
Пармаи дастӣ ба даст.
Як сари парма ба рӯи синаҳо,
Як сараш дар синаи санги сиёҳ,

Пармаҳо омад ба кор,
Гашт ларзон мӯйҳо тори ба тор.
Санги хоро, панҷ марди нурҷӯ –
Танбатан, бозу ба бозу, рӯбарӯ,
Дошт монанди адӯ
Бо забони безабонӣ гуфтугӯ.
Мебаромад аз даруни санг дуд,
Рӯйҳо буданд аз сурхӣ кабуд.
Чашмҳои софи ахтарҳои роҳ
Мезанад аз равшанӣ гоҳе сиёҳ.
Пармаҳо дар тоб, дил дар изтироб,
Синаи хоро хароб.
Синаи одам чу дарёи дамон,
Ишқро маҷро, бузургиро макон.
Дар тапиданҳои дил, дар мавҷи он,
Дар муҳити бекарон
Акс меёбад замину осмон,
Ҷой мегирад ҷаҳон…
Чист пеши дил шукӯҳи обу гил,
Кӯҳи хоро, ҳайкали беҷону дил?!
Дар китоби вақт аз рӯи шумор
Буд ин рӯзи ҳазор.
Соати шаш ёфт ин бозӣ барор,
Ҳамчу ҷонбозии рӯзи корзор,
Аз Брест, аз ҷанги номӣ ёдгор…
Бегаҳӣ бо хастагии ғолибон,
Дар миёни чор марди кӯҳкан,
Соҳибони як ватан
Мебарояд Нур аз зери замин,
Мефарояд нур аз чархи барин…

**Нур дар дарё**

Моҳи найсон, аз даҳони коргар
Паҳн шуд бо нури хуршед ин хабар:
«Ин саҳар дар бастани маҷрои Вахш –
Дов-дови паҳлавон – Дарёи Вахш!»
З-ин садо ҷунбид саҳро, кӯҳсор,

Рехт одам аз ҳама кунҷу канор,
Аз Бухоро то Бадахшону Ҳисор,
Харсавору зинсавор…
Нимрӯзӣ.
Нури олам худфурӯзӣ мекунад,
Абри найсон симдӯзӣ мекунад,
Рӯз кӯтоҳӣ, дарозӣ мекунад,
Офтобу об бозӣ мекунад.
Аз ситеғи сабз то домони кӯҳ
Буд дунёи шукӯҳ.
Гӯӣ ҳамчун буттаҳою сабзаҳо
Аз замин одам баромад ин сабо
Дар миёни сангҳо бо ҳазорон рангҳо.
Дар кафи ҳар шахс банди лола буд,
Лола аз дурҳои борон мола буд.
Гӯӣ мекарданд Ленинро қабул,
Гӯӣ мебастанд дарёро ба гул.
Менамуд аз дур ними Кӯҳи Нор
Ҳамчу як ними анор,
Донаҳояш – одамони бешумор.
Нимаи он буд зери дасти ман
Ҳамчу дил гарми задан.
Дошт санги хора чун одам нафас,
Дошт дарё, донаи шабнам нафас.
Як нафас дарёю одам шуд хамӯш,
Дил хамӯш – олам хамӯш.
Бо хурӯше баъд аз он таркид кӯҳ,
Аз камар то қуллаҳо ларзид кӯҳ.
Роҳи Вахши бодпо гардид банд,
Ҳаму Рахши ҷангдида, худписанд
Шуд сари пояш баланд,
Шиҳа зад,
Фарёд зад,
Зӯр зад,
Беҳудаю барбод зад.
Гирди худ чанде ба тундӣ тоб хӯрд,
Шасти ӯро оқибат гирдоб хӯрд…
Нақбканҳоро бидидам зери об –

Аз арақ, аз изтироб –
Чашмҳо гирдоб, пайкарҳо ба тоб,
Дар лабон акси савол, азми ҷавоб.
Аз дили кӯҳ оби ҷайҳун мегузашт, –
Бо талотум, то талотум мегузашт, –
Гӯӣ онҳоро зи дил, аз раги хун,
Аз раги хун мегузашт…
Пири хатлонии ҳамсоли ду аср,
Дар ҷабинаш сирру асрори ду аср,
Рост меистод бо қадди расо,
Беасо… як замоне бо асо
Рӯ ба рӯ гардид бо теғи қазо
Дар бари Восеъ, дар рӯзи ғазо.
Роҳи дарё баст, рӯи зан кушод,
Рӯймолаш буд дар чанголи бод.
Бори аввал дар миёни маҳрамон,
Дар бари номаҳрамони меҳрубон
Ӯ гирифт аз рӯи нуронӣ ҳиҷоб,
Дид рӯи хешро дар офтоб.
Баъди моҳу солҳои интихоб
Баҳри ӯ имрӯз омад инқилоб…
Дар дами дарё, лаби дарё Нисор[1]
Буд дар мошин савор,
Рӯи кӯҳон, рӯи кӯҳи оҳанин,
Мавҷи дарё дар ҷабин,
Тухмаи Восеъ ба дарё ҷанг кард,
Мавҷи дарё, қатраҳоро банд кард…
Оби дарё аз дили кӯҳи бузург,
Чун ғами садсола, андӯҳи бузург
Зад баромад дар ҳаво
Бо фиғону бо навои асрҳо.
Зарраҳои обу нури офтоб
Васл шуд дар осмони нилтоб,
Чун шафақҳои гулоб –
Нури фардоро мунодии бузург,
Ҳамчу шодии бузург…

[1] Нисор Неъматов – экскаваторчӣ, ҳамдиёри Восеъ.

# СИТОРАИ ИСМАТ[1]

## Боби 1

### 1

Ситора мепарад аз осмони субҳи симобӣ
Ва меборад зи чашми осмон ашки ятим обӣ,
Замини намкашида аз барои ҷуфт нобоб аст,
Замири ғамкашида дар шаби Наврӯз нотоб аст.
Замини лойҷуфт аз баҳри неши дона зиндон аст,
Ки аз зиндони лойӣ сар кашидан ғайри имкон аст.
Замини рӯзи наврӯзӣ ба мисли синаи раҳм аст,
Сабоҳ оинаи раҳм аст, само оинаи ваҳм аст
Ва Исмат – ҷуфтрони охирини деҳааш имрӯз
Баромад дар адои фарзи Наврӯзи ҷаҳонафрӯз.
Зи рӯи ёлаҳо, ки сабза сабзӣ мекунад аз дур,
Ду тан рафтанд: пири пофитода, Исмати пурзӯр.
Ду ҷуфти гов пешандоз,
Гилеми сабза пойандоз
Ва мурғи дил ба як боли саломат мекунад парвоз.
Ҷуволи гандуми тухмӣ ба пушти гови борӣ буд,
Зи нури офтоби субҳ саҳро обёрӣ буд.
Ду ҷуфти говро баста Шарифи пири барнодил,
Бигуфт:«Эй хоки бобоӣ, зи ман кишту зи ту ҳосил.
Ду дастам бо дуою бо сахои ҳазрати Одам,
Дар ин саҳрои шакли нова ҳамчун нимаи Олам
Бикорам рӯзии инсон,
Бикоҳам тухмаи шайтон,
Чу вақти ҷуфт шайтон мегурезад аз раҳи инсон.
Барои ризқи аскарҳои дар саҳрои користон,
Барои модарони мушти пар дар ин баҳористон,
Барои кӯдакони бекасу бекӯй мекорам
Ду доман тухмро, то ки ду олам бор бардорам!»
Ва Исмат сар намуд огарди бепоёни гардонро.
Замини нов ними курраи арз аст говонро.

---

[1] Мунтахаб чоп мешавад.

Агар рӯи замин якрӯю яксон буд, мебурдам
Сари огардро то он сари дунёву мехӯрдам –
Сари бар сар яке бо арзи деҳқон, марзи деҳқонӣ,
Дар ин пайванд иҷро менамудам фарзи деҳқонӣ.
Заминро як камарбанди наве месохтам заррин,
Ба ранги хӯшаи гандум, ба ранги хӯшаи Парвин
Ва ҷуфти гови ӯ дар нов чун гирдоб мегардад
Ва Исмат аз қафои говҳо бо тоб мегардад.
Нафас аз гармхезӣ ҳамраҳи ҳаври замин мехест,
Зи ҷабри ин замони хунталаб ҷаври замин мехест.
Ба боло мебаромад аз замини сарнишеб Исмат
Ва боло мебаромад дар самои сарнагун қисмат.
Қиёми офтоб омад, нагун шуд сояи говон,
Ба лаҳни «Бош, ҷонвар!» ҷуфтро хобонд.
Падарро дид, чун кӯдак аҷаб хушҳол меболид –
Зи кори пухтаи фарзанд.
Уқоби гушна рӯи пушта менолид.
Фаромад аз бари шудгори худ, назди падар омад,
Чунон бо роҳи печон рафта, гӯё аз сафар омад.
Зи баъди нонхурӣ нонрезаҳоро чида бӯсиданд,
Кадуи обро бар сар кашида, об нӯшиданд.
Дуо гуфтанду мурғи дар ҳаво гӯё гирифт омин,
Фаромад, ё баромад дар замин доғи сияҳмушкин.
Даме осудаю бастанд ҷуфти гови сониро
Ва фарзанди Шариф медод доди ҷуфтрониро.
Тагорӯ мешавад хоку ба зераш рӯзии мардум,
Ба зераш донаи гандум, ба рӯяш хӯшаи анҷум.
Қариби шом шуд огард зери пардаи шомӣ,
Ситора дар само рахшид рамзи неканҷомӣ.

**2**

Саҳар аз равзани Исмат бараҳна офтоб омад,
Ҳама олам бараҳна пеши чашми масти хоб омад.
Зи равзан шуълаи хуршед дар рӯи Нигор афтод,
Ту гӯӣ, шохаи нуре ба рӯи лолазор афтод.
Аҷаб рӯи гулафшоне шукуфта дар канори ӯ,
Чи эъҷозест имшаб дар канори навбаҳори ӯ.

Зи рашки чашми худ пӯшонд рӯи офтобиро,
Ки чашми бад набинад ҳеҷ ин рӯи китобиро.
Зи ҷо бархоста, пӯшид ӯ афзори корашро,
Чи сон танҳо гузорад аз барои кор ёрашро?
Равон гашту дили ӯ то сари саҳрои неъматзо
Чу тифли якраве мерафт бо фарёду бо ғавғо.
Дили нарму замини нарм ҳарду донапарвар буд,
Миёни ин ду нармӣ ишқ довар, ишқ ёвар буд.
Накард озурда говонро, ки ӯро ёри ҳамкоранд,
Ки гарданро ба зери юғу зери теғ бигзоранд.
«Агар аз хок рӯидем, агар мо одами хокем,
Чаро дар сарнавишти ин замин лоқайду бебокем?
Замин чун хонаи дарёст,
Замин чун лонаи дилхост,
Замин бо лафзи мо гӯёст,
Замин бо одами дунёст,
Чаро қадри замину қадри инсонро намедонем,
Ҳама нон мехурему заҳмати донро намедонем?»
Ва Исмат нарм-нармак гом аз рӯи замин мезад,
Сараш сарчархҳо аз бӯи дилҷӯи замин мезад.
Даме, ки офтоб аз теппаҳо се найза боло шуд,
Чапони кори Исмат дар вуҷудаш нурполо шуд.
Кушода ҷуфти говашро, ба Итарка назар андохт,
Ба пои он паризоде, ки пеш омад, сипар андохт.
Нигори нозанинаш бо либоси оҳарӣ омад,
Кӣ медонад, барои дилдиҳӣ ё дилбарӣ омад.
Аҷаб сарве, ки дар ин теппаҳои бегияҳ руста,
Ниҳоли офтобе аз дили хоки сияҳ руста.
Ба дасташ кафши булғораш,
Ба фарқаш тӯшаи ёраш,
Ба рӯи куртаи карбос мӯи мушки аттораш.
Садаф моҳи маҷозӣ буд дар қулфи гиребонаш,
Саропо буд исмат аз гиребон то ба домонаш
Ва ҳар чӣ пеш меомад, ба сӯи хеш меомад,
Зи худвораста ҳамчун шоҳ ё дарвеш меомад.
Аз ин эъҷоз охир лол ё тимсол шуд Исмат
Ва ҷону дил ризоӣ дод аз пешомади қисмат.

Аҷаб давлат, ки духтар пеши чашми ман калон гардид,
Замоне шуд, ки ӯ зеботарини духтарон гардид.
Ба ман аз наврасиву навтанӣ меҳри ниҳонӣ дошт,
Ба фаҳми содааш балки маро дилдор мепиндошт.
Бароям себро бо дасти худ чун даста[1]меовард,
Гувоҳаш гунаҳои сурх – чун дилбаста меовард.
Худоро, бахти ман имрӯз чун Бобои деҳқон аст,
Ки ишқам дар сари саҳрои навкорида меҳмон аст!
Ба Исмат ҳолате рух дод, ӯро бурд бо роҳе,
Ки дар изҳори ишқаш нест ҳамтоеву ҳамроҳе.
Ва Исмат хест, ҷисмаш гарм,
Ҷисмаш шарм, ҷисмаш нарм,
Нигорашро ба чашми шубҳаю гушна ба серӣ дид:
Бидид он қадр мӯяшро, ки дар баҳри сияҳ ғӯтид,
Бидид он қадр рӯяшро, ки чашмонаш сиёҳӣ зад,
Гирифт аз банди дасташ, ки ба чангаш ширмоҳӣ зад.
Сабук бардошт, ҷои ҷон гирифт он марҳами ҷонро,
Ба нармӣ гуфт: «Исмат, ист охир, шир мерезад...
Зи дасти ишқ об аз панҷаи тадбир мерезад...»
Бале, аз дур дидам, тӯшае бар дӯш меомад,
Қарин дидам, ҷаҳони ишқ дар оғӯш меомад.
Худашро ончунон дидам, надида чашми хуршедаш,
Надида модараш на шом, на дар субҳи уммедаш.
Чунон бӯсид рӯяшро,
Ба рӯбинон сари мӯе намемонад,
Чунон бӯсид аз чашмаш,
Барои ташнагони гап лаби ҷӯе намемонад.
Бизад зону ба пояш, ламс кард ӯ китфу бозуяш,
Нишаста рӯ ба рӯю тан ба тан, зону ба зонуяш.
Ба ҳам нафсу нафас печид ҳамчун боди наврӯзӣ,
Дили духтар ба сина мезанад пар-пар зи пирӯзӣ
Ва хам зад қомати зебои ӯ дар хоки бобояш,
Замини нарми навкорида шуд болини болояш

---

[1]Даста – дар рӯзҳои иди Наврӯз наврасон ва духтарони қадрас ғолибан себ ё чизи дигарро ҳамчун даста ё туҳфа ба дасти бачаҳои хурдсол мефиристанд.

Ва Исмат дид ин пайванди якбанди тану ҷонаш:
Ба зери синааш ҷон метапад ё ҷисми ҷононаш?
Ба ду дасти тавонояш заминро мекашад дар бар,
Замин бо сабзаи наврӯ, замин бо пайкари духтар…

**3**

Само дар чашми Исмат софу боинсоф метобад,
Замини кишта ҳамчун рағзаи навбоф метобад.
Зи доман то сари ёла замини кадхудо бошад,
Ба ҷои киштаю нокишта пайванду ҷудо бошад.
Замини кишта халлоқ асту нокишта ҳамон хок аст,
Ки гандумзор чун субҳи дамон, оби равон пок аст.
Ва Исмат гов басту аз хати парчи замин сар кард,
Заминро чун китоби зиндагӣ гардонд, азбар кард.
Миёни хоки гандумкор,
Миёни ишқи оташзор
Савор омад зи рӯи кишти ноҳамвор ноҳамвор.
Зи дунболаш Нигору момаи Тилло равон буданд,
Ба лабҳо муҳри хомӯшию дар ботин фиғон буданд.
Чунон дармонд дар кораш, ки Исмат ҷуфтро хобонд,
Ту гӯӣ, оҳани ҷуфташ ба санги қисматаш дармонд.
Ҳамоно аз хамӯшӣ растагорӣ оҳу шеван буд
Ва он ҳам шӯру исёни дили зан буд.
Савор аз рӯи зин гуфто, ки Исмат, ҷуфтро хобон,
Ту бо Гитлери саг сагҷанг хоҳӣ рафт... Беимон!
Зи бераҳмии инсон чок зад Тиллобибӣ пироҳани покаш,
Бараҳна кард сарро, мӯйҳои абри баҳманро
Парешон кард,
Ба ҳам омехт шабро, рӯзи равшанро
Ва чоки куртаи якторааш бигзашт аз доман,
Ба домони замин пайваст.
Нигор аз олами ширини тифлӣ ногаҳон вораст,
Аҷоиб маҳшаре рӯид аз майдон...
– Забонатро нигаҳ дод, эй расули охири олам,
Ба одам гар сухан гӯӣ, суханро гӯй чун одам!..
...Замини киштаро чун арши ишқи одамӣ пиндошт,
Нигорашро зи ҷо бардошт,

Мобайни замин бигзошт
Ва ҷуфти говро гардонд дар гирдаш,
Чиеро вирд мекарду чӣ рамзе буд дар вирдаш.
Расо се давр зад, се давра пайдо шуд,
Миёни давраҳо бар ишқ маъво шуд.
– Кашидам аз муҳаббат се хати маҳсар,
Ба гирдат давр мегарданд то маҳшар.
Дар ин се хат ҳавою оташу об аст,
Тилисми ишқ гирдоб асту чун ҷаввола дар тоб аст.
Аз ин хат нагзарад на деву на инсон,
Аз ин хат бигзарад ҷон, бигзарад ҷонон.
Мани деҳқон, ки илми симиёиро намедонам,
Ба ҷуз гандум гиёҳи кимиёиро намедонам.
Агар Бобои Деҳқон аз барои донаи гандум
Басе овора шуд рӯи замину зери ин анҷум,
Дар ин оворагӣ ҳамвора бо ишқи Ҳаво будӣ,
Ҳаво обу ҳаво будӣ, ба дарди ӯ даво будӣ.
Агар мешуд, ки ман ҳам бо Нигорам ҷанг мерафтам.
Аз ин ҷо то лаби дунё ду лак фарсанг мерафтам,
Бадонро хок мекардам, ҷаҳонро пок мекардам
Ва одамро дубора мисли худ аз хок мекардам...
Аз ин саҳро, ки бошад хонаи ишқам,
Аз ин ҷонона чун дурдонаи ишқам
Ҷудоӣ сахту сангин аст,
Вале имрӯз ин ҷоро гузидан кори нангин аст.
Барои тухми шоҳин вусъати як ошён кофист,
Вале чун пар кашад аз байза, авҷи осмон кофист...
Зи марзи зодгоҳам додгоҳам мешавад оғоз,
Ки ин хоку фазоро метавон паймуд бо парвоз.
Падар, аз дасти испорат бигиру ҷуфтро гардон,
Намонад то ки даври зиндагӣ аз гардиши даврон.
Дуо гӯед, пирони хирад, дар ин раҳи дурам,
Ки бахшад заррае зӯрам:
Чу ман бо душмани пурзӯр меҷангам,
Ба ҷои дур меҷангам,
Агар ҷони адӯ санг аст, ман то гӯр меҷангам!

## Боби 2

### 1

Зи деҳқонӣ ба машқи ӯ заминкобӣ ба кор омад,
Муродиф бо силоҳи ҷангиаш тири сипор омад.
Ба нийят ин ду пеша он қадар аз ҳам ҷудо буданд,
Барои одамӣ чун раҳму чун хашми Худо буданд.
Ду пеша аз ду реша рустаанд аз хок,
Яке аз ҷанбаи покӣ, дигар аз ҷанбаи нопок
Ва Исмат ҷангро аз суннати пири шикор омӯхт,
Барои ҳифзи номуси Ватан, ишқи Нигор омӯхт.
Нахустин ҷанг дар Орёл, нахустин санҷиши сарбоз
Шурӯъ шуд бо ғиреви тӯпҳою тири дар парвоз.
Гумон мекард раъду барқ дар фармони инсон аст
Ва тирандозии «Катюша» оҳи шуълаборон аст
Ва акси ҳар садояш мегузаштӣ аз дили инсон,
Зи таркишҳо бадал мегашт инсон бо гили инсон.
Чи эҳсосе, ки дил холию мағзи устухон холӣ,
Ба рӯи синаи бекинаи ӯ ҷои ҷон холӣ
Ва гӯшаш мекашид овозу ин овоз
Саропои вуҷудашро танинадоз
Ва ҳиссаш аз замини тан ниҳон шуд дар замири тан,
Гузида муҳраи ҷон дар сутуни муҳрааш маскан
Ва фармон шуд: Ба пеш аз баҳри меҳан, пеш!
Ҳама бархост аз хандақ ва ҳар кас аз мароми хеш
Ва Исмат бори аввал хешро парранда мепиндошт,
Намедонад, заминӣ ё ҳавоӣ пой мебардошт.
Расид ӯ то даруни хандақи душман,
Набуд як ҷон, ҳама ҷо тан,
Ҳама ҷо мурдаҳои бекафан дар охирин маскан,
Дар ин водии хомӯшони пурҷӯшанд бе «ман-ман»...
Камингоҳи адӯ чун хонаи сели бало будӣ,
Ки сели оҳанин бигзашта, акнун бесадо будӣ.
Касеро ӯ надид аз ҳамяроқонаш ба паҳлӯяш,
Ки бошад қуввати дил, зӯри бозуяш.
Бидид, аз пеши рӯяш танк мелағжид чун харсанг,
Садояш мебаровард аз замин бо ларзае оҳанг,

Мароҳил танг, фурсат танг.
Ба кор ин ҷо наояд ҳилаю найранг.
Ба дил гуфто, ки ман бардошта мошину борашро,
Сари дав доштам аспу саворашро,
Ба танки «Шаҳпаланг»-аш мерасад зӯрам,
Вагарна зинда дар гӯрам!
Ва тир андохт, н-омад ҷуз садои тиру занҷире,
Гулӯла ҳам накарда кора, ё пирам, чи тадбире?
Ба по шуд, то бидорад танкро бо зӯри бозуяш
(Ва ин амри ҳақиқат буд, мапиндоред ҷодуяш),
Ҷаҳиду пеши танк омад,
Худаш донад, ки чун омад, чи ранг омад.
Ниҳод ӯ шонаашро бар зиреҳи танк,
Валекин тасмаҳои пургиреҳи танк
Ӯро пеш мебурданд, гоҳе дакка мехӯрданд;
Дар ин талвоса пояш рафт дар хандақ,
Ҳақиқат буд аҷаб ноҳақ.
Ва танк аз рӯи марди зинда кӯҳи хокро гардонд,
Ба рӯяш давр гашту шасти ин бебокро гардонд.
Сипоҳи танкрон аз мурдаҳои хеш метарсид,
Магар аз тарс ё аз хашм меларзид
Ва танкашро ба истеҳкоми сонӣ ронд,
Гуноҳаш бо савобаш дар қафояш монд.
Аҷаб, ки хоки беҳис мешиносад хокпошонро,
Навозиш мекунад мардони кору ҳақталошонро.
Расид Исмат ба зери маънии ин ҳарфи таҳдоре:
Зи бори хок вазнинтар набошад дар ҷаҳон боре...
Ба зери хокдон вақту фазо маҳдуд мегардад,
Ҳар он чи ёд орӣ, дуд ё нобуд мегардад
Ва танҳо ақл дар таҳрик мемонад,
Зи шаш эҳсос канда, тираю торик мемонад.
Кунун кишти баҳорамро даравгарҳо дарав дорад,
Яке уммеди гандум, дигаре савдои ҷав дорад.
Ҳаметарсам, ки чапдосе Нигорамро дарав созад,
Ниҳоли офтобамро нагун дар шабдарав созад…
Ҳамон фурсат, ки дар ёдаш Нигор омад,
Умеди зиндагӣ омад, мадор омад.

Чу бошад зиндагӣ як дам, ҳамин дамро
Ба мардӣ бигзаронам, то биёбам гӯри Ҳотамро.
Ду дасту пои ӯ барҷой буданд,
Зери тан буданд,
Ҳама узваш ба фармони бадан буданд.
Ба зӯри бежанӣ ӯ хокрою чоҳро ҷунбонд,
Ба рӯи хоки худ арвоҳро ҷунбонд.
Ба зӯри дигаре ду шонааш аз хок боло шуд,
Ба рӯи шонаи ӯ мурдаи сарбоз пайдо шуд,
Ки буд сарбози олмонӣ,
Аҷоиб раҳм пинҳон аст дар бунёди инсонӣ!
Ба зӯри се баромад то сари гӯраш,
Даромад ҷони ранҷураш.
«Шаби тор аст, лоҳавло, сиёҳӣ мезанад чашмам,
Мулоим гаштаам, ку оташи хашмам?
Ман, охир, дар куҷоям:
Дар самоям ё ки дар хокам?
Даме бедор шав, эҳсосу идрокам!»
...Баногаҳ осмонро бекарон дида,
Сафи иторагонро ҷовидон дида,
Ба худ гуфто:
«Агар он ҷо само бошад,
Яқин андар замин ҳастам,
Ҳамоно дар замину дар камин ҳастам!..»

**2**

Як баҳори дигар аз ғулғулаи ҷанг гузашт,
Алами мурдани Исмат зи дили санг гузашт.
Ба алам рафт Шариф, омада рӯзи чили ӯ,
Сабзае сар накашидаст ҳанӯз аз гили ӯ.
Чи сияҳрӯз – сиёҳнома ба номаш омад,
Чи парешон буду арвоҳ саломаш омад.
Зи дили момаи Тилло алави ҷанг гузашт,
Тоқату тоб зи пуртобии отанг[1] гузашт.
«Бачама гиря куне, гиря, ҳама хешу табор...»

[1] Отанг – чизе, ки юғу тири испорро мепайвандад.

Гиря мекард ҳама зори ба зор,
Гиря мекард – аҷаб гиряи тифлона Нигор,
Рафт аз рӯи замин ашки баҳор.
«Писарам, хоб кун осуда ба гаҳвораи ноз,
Рафтию лек чи дер омадӣ аз дашти дароз.
Писарам, хатти сиёҳат ба пари зоғ омад,
Рафтӣ аз боғи ҷаҳону ба дилам доғ омад.
Алла гуфтам сари гаҳвора, ки хуш хоб равӣ,
Рафтаӣ хоб, чи гӯям, ки ту бедор шавӣ?!
Ту калон будиву дар чашми ҳама ҷои ту буд,
Дар замири ҳама кас нақши қадамҳои ту буд.
Шерзодам, зи чи гаҳвораи нозат холист,
Ҳама дар хонаю дарвозаи бозат холист.
Соҳиби зиндаи ман, мурдаи ман, во писарам,
Меравӣ зинда ба тобут зи пеши назарам...»

**3**

«…Ана деҳи Димитрушки, ки истеҳкоми ағёр аст,
Битарсам аз худӣ, гар бо адӯи хеш ҳамкор аст.
Ба пеши мо, ба пеши деҳа анҳор аст,
Таги ях об кам, асрор бисёр аст.
Егоров рафта буд дар хилвати шаб, то «забон» гирад,
Кишанди[1] оҳанини ин каминро аз даҳон гирад.
Ба гуфти ӯ ба пеши мо ягон «ДОТ»-и дифоӣ нест,
Камингоҳи казоӣ нест.
Даме, ки ҳамлаи мо бо имое, бесадо сар шуд
Ва мо наздик рафтему ба мо наздик сангар шуд,
Замини барфпӯши бегияҳ монанди дафтар буд,
Ки дар он як ҳиҷо, як нақши пое нест,
Ба ғайр аз шарфаҳои по садое нест.
Ба сӯи наҳр роҳи сарнишеб омад,
Нишебӣ пеши по доми фиреб омад.
Баногаҳ аз баландӣ, аз лаби анҳори яхбаста,
Ба ин гӯри булӯрине, ки буд зеру забар баста,

[1] Кишанд – кишан, ресмоне, ки ба пойҳои пеши асп мебанданд, то дур рафта натавонад.

Пулемётҳо фишонд оташ
Ва аскарро ба рӯи ях нишонд оташ.
Ба рӯи ях ба зери оташи ҷонсӯз хобидан
Ва ин марги муфоҷоро ба чашми хештан дидан
Чи сангин асту нангин аст –
Булӯри ях зи хуни сурх рангин аст
Ва дар оинаи ях метаровад сархати хунин,
Ба як дам мекунад ях – даҳшати хунин...
Гумон кардам, зи даҳшат меравад хунам зи нохунам,
Агар коре кунам, ёрон, мепиндоред маҷнунам.
Ман акнун оташу обам,
Бибояд чорае ҷӯям, бибояд чорае ёбам.
Ду чашми ду пулемёт чашмаи хун аст,
Ба он соҳил расидан ё ҳақиқат ё ки афсун аст.
Бидидам пеши рӯям буттаи найро,
Гирифтам реҷаи рафторро, пайро...»
Расид Исмат ба зери буттаю пушташ паноҳе ёфт,
Лаби ҷӯ обгири хонаҳоро дид, роҳе ёфт –
Ба сӯи хона печон меравад пайроҳаи печон,
Ба ҳар печаш барояд ҷон, дарояд ҷон.
Ба он пайроҳа боло хаста, боло шуд,
Ба ғафлат дар камингоҳи адӯ ҷо шуд.
Ба як оташ тани шаш посбонро бар замин андохт,
Гулӯла сӯи «ДОТ»-и оҳанин андохт.
Зи таркиш дар камину дар дили душман танин андохт.
Ба сӯи «ДОТ»-и дигар тохт,
Ба фарёд оташи ин «ДОТ» шуд хомӯш,
Бибин акнун гурези душманонро чун дави харгӯш!
Агарчи сарнавишти лашкаре ин лаҳза бар дӯш аст,
Аз он, ки ҷанги ӯ ҳамранги ҷанги шеру харгӯш аст,
Аҷоиб ханда карду наъраи Рустам ба ёд омад,
Ба чашмаш Рахши Рустам ёлафшон мисли бод омад...
Расида зуд ёронаш, намуда бӯсаборонаш,
Ҳама буданд дар ҳайрат зи кору корзоронаш...
Аҷоиб ҳамлаи тунде гузашт аз байни ин деҳа,
Надида ҳеҷ кас зебоии ин нозанин деҳа.
Кушода дастро занҳо – кушода бол аз рӯмол,

Ба оғӯши кушода аскаронро карда истиқбол.
Надида Исмати мо ҷуз Нигораш рӯи як занро,
Бибӯсид рӯи занро – рӯи Меҳанро:
Сари зону нишасту саҷда карду хокро бӯсид,
Чу деҳқон хоки неъматофарини покро бӯсид.
Аз ин суннат бурун омад фиғон аз синаи занҳо,
Ҳамин мардӣ, ҳамин ихлос шуд ойинаи занҳо!

* * *

Ана боғи София, ҳавзи пуробаш чу паймона,
Фитодам дар миёни олами зебои афсона.
Егоров чун ватандор асту таҳдон аст,
Ба ман бикшод рамзеро, ки зери парда пинҳон аст:
Ана симои Афлотун, ки ӯ пири ҳакимон аст,
Ҳакими ҳақгузору ҳақшиноси мулки Юнон аст.
Ана он пайкаре, ки аждаҳо печида ҷисмашро,
Чи сон гӯям ба ту ман корзорашро, тилисмашро.
Ҳамон Геракл бошад, раҳкушои ростон бошад,
Ки аз гаҳворагӣ ӯ паҳлавони достон бошад,
Ки ӯ бо аждаҳо ҷангид, то имрӯз меҷангад,
Муроди разми ӯ некӣ бувад, пирӯз меҷангад.
«Агар ӯ кушт аждарро, чаро ин тухми аждар монд,
Чаро дар зиндагию дар ривоят деви сесар монд?»
«Чаро ки аждаҳо дар тинати ҳар шахс пинҳон аст,
Ҳамоно аждаҳо нафс асту дар фармони инсон аст,
Даме одам ғуломи нафс гардад, аждаҳо гардад,
Бигардад аз ҳақу ҷӯёи ганҷи бебақо гардад.
Ба ҷои роҳ паймудан хазиданро биомӯзад,
Ба ҷои лабгазиданҳо газиданро биомӯзад...»
Ва Зуҳра – пайкару олиҳаи урёни зебоӣ
Нишаста дар сари чашма ба танҳоию яктоӣ,
Ҳаметарсад, ки чашми ғайр бинад ҷисми урёнаш
Ва дасте рӯи сина, дасти дигар рӯи ду ронаш.
Бакорат аз вуҷудаш метаровад, об мегардад,
Вуҷудаш ғарқи шири равшани маҳтоб мегардад...
Ду чашми Исмати моро рабуд ин пайкари покӣ,
Ба чашми ӯ намуд он қадр одӣ, он қадар хокӣ,

Баногаҳ дид ҷои ӯ Нигорашро,
Ки урён асту гирён аст...
Зи ҳиҷрон ё ки аз сӯзи ниҳонӣ синабирён аст?
Бурид овози тир ин ёди ширину мушаввашро
Ва деви ҷанг аз бухлаш фурӯзон кард оташро
Ва ин оғози ҷанги шаҳри Уман буд,
Магар ин ҷанг бо ман, ҳамсари ман буд,
Забони оташаш дар сангару дар бистари ман буд...
Чу ман парвардаи парвардигори синаи раҳмам,
Чаро қасди шикастан мекунӣ оинаи раҳмам?
Ту ҳастӣ душмани ҷони худу имони поки ман,
Мазан оташ ба ҷони дардноки ман.
Ту медонӣ, ки дарси ҷонситониро ҳамедонам,
Барои ҷони ҷонон ҷонфишониро ҳамедонам,
Бибин ин лаҳза ҷангамрою тири бедарангамро,
Ғиреви шеру нохуни палангамро.
Чу ҷанги шаҳр ҷанги баҳру саҳро нест,
Варо ин қадр паҳно нест.
Кунун майдони ҷангам кӯчаи танг аст,
Чу фарсанг асту сад санг аст.
Бидидам, сӯи ман се мошини пурбор меояд,
Ба мошинҳо силоҳу аскару афзор меояд,
Ба ҳар узвам ду аскар мерасиду мерасад мошин
Ва борашро ба зӯре ё ба гӯре мекашад мошин.
Ба як тирам матораш сӯхт, бораш сӯхт,
Силоҳи корзораш сӯхт.
Қазоро мошини аввал ба зери бори тарканда,
Зи таркишҳо бишуд мошини сонӣ болу парканда
Ва ҳар кӣ буд дар мошин, зи тан ҷонаш ҳавоӣ рафт,
Тани бекас дар ин ҷо монд, арвоҳаш гадоӣ рафт.
Бидида мошини сеюм балои ногаҳониро,
Қафо рафту қафо меҷуст ҷои ҷонраҳониро.
Ба дил гуфтам, маҷӯ роҳи раҳоӣ аз дами тирам,
Ман, охир, соҳиби тирам, ман, охир, оҳи шабгирам.
Кушодам аз пулемёт тири пайваста,
Намеҷунбид мошин, чархҳо дар хок барбаста.
Дами чарху дами мошинсавораш рафта якбора,
Дилам месӯхт бар ҳоли ҷаҳонгирони бечора.

Зи ҷо ҷастам, намудам тасмаи тири дигар холӣ,
Диламро карда холӣ, – сӯзиши ҷону ҷигар холӣ.
Гумон кардам, ки ин ҷо оташи Наврӯз месӯзад,
Алови хотира, ё оташи пирӯз месӯзад.
Ту, эй оташ, бигир зардии рӯямро, бидеҳ сурхии рӯятро,
Гуноҳамро бисӯзон, ҳадя кун фоли накӯятро.
Ва ҷастам аз ду оташ: оташи Наврӯзи бобоӣ
Ва аз ин оташи дунёи савдоӣ.
Чи наврӯзе, ки ман аз оташи ҷанги ҷаҳон ҷастам,
Магар аз бегуноҳӣ з-оташе то осмон растам...

* * *

Днестр меравад якхелу оташсел,
Ду соҳил аз ҳавои ҷанг оташхел.
Маҳи найсону вақту соати борон
Ва меборад зи абри раҳмату аз касрати инсон
Ба сарҳо жолаи тиру найи борон:
Ду соҳил буд ҳамчун чоҳи гилкорон.
Зи дарё бе гузаргоҳе гузар бояд,
Барои бори аскар болу пар бояд.
Чу боли Ҷабраил бар дӯши аскар нест,
Ба аскар ҷуз муҳаббат боли дигар нест.
Ҳамин болу ҳама бору ҳама афзор.
Бибояд бигзарад аз оби оташбор.
Ба дарё рафт Исмат, бегумон об аз сараш бигзашт,
Ба оби сард гармогармие аз пайкараш бигзашт.
Ҳамин дам кард ҳис, ки оббозиро намедонад,
Ба ҷуз сарбозию ҷонбозӣ бозиро намедонад.
Бурун аз об танҳо автомат дар дасти ӯ метофт
Ва гӯё автомат мерафт, худ роҳи гузар мекофт.
Дар ин маҳшар Егоров дид ин манзар,
Намекард ӯ ба ақлу чашми худ бовар,
Ки дар як тан чи сон гунҷида ин мардию хунсардӣ,
Дилаш нолида меболад аз ин ёрӣ, ҳамовардӣ.
Ба тундӣ рафт назди ҷӯраи ҳамсолу ҳамхунаш,
Зи дасти автоматдораш гирифту кард берунаш
Ва ҳар ду ғӯлачӯби тӯсро зери бағал карданд,
Ҷадал карданду аз дарё гузар карданд.

Ба он соҳил расиданду ба завракҳо қафо гаштанд,
Ба завракҳои душман ду бародар нохудо гаштанд
Ва лашкар то ба он соҳил кунун завраксавор омад,
Яке завраксавору дигаре дар зери бор омад,
Ва Исмат то баромад бори охир бар лаби дарё,
Ба чашмаш раъша мезад рӯзи дарё чун шаби дарё.
Даруни таб гумон мекард: оташ меравад дарё,
Ба соҳил сӯи ӯ чун мавҷи оташ медавад дарё.
Нигорашро бидид –
Пои бараҳна медавад аз рӯи ин оташ,
Ду гесӯяш парешон буд чун гесӯи ин оташ...
Расида хоҳари шафқат гирифташ гарм дар оғӯш
Ва Исмат гуфт: «Миша, бохабар, оташ...»
ва рафт аз ҳуш…
Сари Исмат сари зонуи шафқат буду хобаш бурд,
Миёни хоб обаш бурд.

* * *

Хоби Исмат зи қазо ёфт чу таъбири дигар,
Хабари мурда қафо рафт, қафо тири дигар.
Ҳадафи тири қазо момаи Тилло будаст,
Зи куҷо то ба куҷо тир ҳаво паймудаст.
Ба сари тир бувад заҳргиёҳи дигаре,
Ба пари тир бувад хатти сиёҳи дигаре.
Тири садҳалқа ба сарҳалқаи занҷир расид,
Зи қабатҳои само бар табақи шир расид.
Шир шуд аз хабари шуми сияҳнома сиёҳ,
Хат сиё, хома сиё... Ҷома сиёҳ.
Зи пари тир, ки алмоспар, оламсипар аст,
Чи кунад очаи бечора, ки худ мушти пар аст.
Зи камони фалак ин тири парон меояд,
Ҷониби қомати монанди камон меояд…
«Як сари баччаму ду хатти сиёҳаш омад,
Сари ӯ зиндаю ду бор гувоҳаш омад.
Мо, ки бехатту саводем, ҳисобе дорем,
Аз ҳисоби аламу дард китобе дорем.
Сару саркардаи ин ҷанг, ки Афлотун аст,

Дар шумори сари сарбоз ҳисобаш гун[1] аст.
Ду хабар омаду ду боли расоям бишикаст,
Санги пар омаду ду пои равоям бишикаст.
Чи аловест, ки афрӯхта дар фарқи сарам,
Об мерезад аз фарқи сарам чашми тарам.
Рафт аз сар писарам, во сари бефарёдам,
Вой, ин хонаи беравзану бебунёдам.
Кӣ саробони занат – духтари сарсой шавад,
Хонаи меҳр фитад, ҷуғз дар он ҷой шавад!»
«Оча, аз ишқ нишон ҷӯиву аз нола асар,
Дар гирифтаст дар ин ёлаи ман сабзаи тар.
Зи алови дили ман бистари ман месӯзад,
Ба сари синаи ман барфи Яман месӯзад.
Ишқ медошт агар шеваи эъҷози баланд,
Мепаридам ба пари ишқ ба парвози баланд,
Мерасидам ба сару сарвақташ,
Парниён карда замини сахташ...»
Вақти ин нола яке момаи Тилло бигузашт,
Ҷисм дар хонаи вайрона, нигоҳаш сари дашт...
Ҳама огоҳ шуд аз маргу қазои ду шаҳид,
Сухани нек ҳама гуфт сазои ду шаҳид…

## Боби 3

### 1

…Магар гӯшам кашид овоз ё омад садои най,
Магар ҷони Нигори зор омад дар навои най,
Ки ҷонам дар вуҷудам чун ғарибе нолаҳо дорад
Ва ёди лолаи Итаркаро дар ёлаҳо дорад.
Ба ёд омад маро як суннати сайёди ботадбир,
Камонро гӯр бинмояд зи баъди сайди сад нахчир.
Вагарна хуни оҳу мезанад бар гардани сайёд,
Ба фатвои фаришта мешавад сайёд чун ҷаллод.
Дар ин ҷанги дарози мисли афсона
Шудам оғушта ҳам дар хуни худ, ҳам хуни бегона.

[1] Гун – гум (мардумӣ).

Натарсам аз аҷал, ман аз мукофоти амал тарсам,
Надорам бими ин дунё, ман аз нақши азал тарсам.
Аҷаб сангар, ки аз пӯлод карда тору пудашро,
Бизан бо тӯпу бингар дар ҳаво дуди кабудашро.
Аз ин дуди кабуду сангари сангин гузар бояд,
Барои ин гузар шамшери Рустам дар камар бояд.
Худои ҷанг бо хашми худовандӣ садо бардошт,
Фиғони обҳою хокҳоро то само бардошт
Ва тири тӯпҳо думбола аз болои сар бигзашт,
Гумонам, оташи хашми худо аз хушку тар бигзашт…
Ба дил оташ зи дарёи Двина тунд бигзаштем
Ва роҳи тундро дар пушти мавҷи об бинвоштем.
Ана Рига, аз ин ҷо то ба он ҷо шонздаҳ фарсах,
Бисӯзад дар миёни оташе чун оташи дӯзах.
Аз ин оташ гузаштан нест ёрое самандарро,
Ки ин оташ бисӯзад оби Кавсарро.
Магар душман ба ҳуш омад,
Дар ин деги мазор аскар ба ҷӯш омад.
Камингоҳи гумонӣ дар лаби дарё, дами дарё,
Бидидам аз миёни дуду оташ мотами дарё.
Агар дарё бо зоти обиаш бо дуди тар сӯзад,
Дареғи одам, ин шамъи саҳар аз фарқи сар сӯзад...
Ба истеҳкоми обӣ мавҷи танк омад, гарон омад,
Ту гӯӣ, шаҳпаланги бешаи Мозандарон омад…
Ва тири танкзанро дар камони адл бинҳодам
Ва дуди танкро бар бод, бар боди фано додам.
Ба ин ҷанге, ки пайванди ҳақиқат буду афсона,
Шавад то канда пои душман аз ин хоку ин хона.
Кашидем аз таги пои адӯ панҷоҳ фарсахро,
Кушода хатти барзахро.
Баромад ҳалқа аз ҳалқа, баромад давра аз давраш,
Баромад нола аз нола, баромад ҷавр аз ҷавраш...
Ба се ҳафта даруни ҳалқаи бишкаста размидем,
Чу афтод охирин ҳалқа, аҷоиб манзаре дидем:
Аз ин ҷанги ҳисорӣ лашкари душман фирорӣ шуд
Ва мавҷи лашкари мо аз муҳити хеш ҷорӣ шуд.
Ва холӣ ёфтам ин шаҳрро чун банди афсона
Ва холӣ ёфтам ин ҷому паймона.

Ҳама холӣ, ҳисори эътиқоди вожгун холӣ,
Ҳама атроф гӯё аз забардасту забун холӣ...
Аз ин назми шикаста ҳикмати Ҷамшед меояд,
Ки зулмат бор бандад, хандаи хуршед меояд.
Дар ин шаҳри камарбаста надидам як дари баста,
Ба зери по салиб афтода чун савганди бишкаста.
Садои арғунун дар шаҳри маҳзун мешавад ҷорӣ
Ва талқин мекунад бар хуфтагон овои бедорӣ.
Ва нерӯ медиҳад имони Инсонро,
Баробар менамояд назми кайҳонро.

**2**

…Замини Добеле[1] шудгори тайёр аст,
Чу ҷирми осмон сокиту сайёр аст.
Замин ин лаҳза гӯё ёри айёр аст,
Гаҳе дар дасти мо, гоҳе ба ағёр аст.
Агар ин буми нав мебуд.
Ва одам тухми ҷав мебуд, айёми дарав мебуд.
Вале ин хоки беҳосил назояд тухми одамро,
Надорад қуввати бардошт ин сели дамодамро.
Аҷаб хоке, ки дар ҷое надидам одами хокӣ,
Магар ин ҷо бурун рафта зи амри олами хокӣ,
Ҳама ҷо сангару сарбоз,
Ҳама дар тозу дар парвоз,
Садои тӯп ин ҷо мекашад то осмон овоз.
Ба рӯи хоки обӣ то камар дар об мегардӣ,
Ҳазорон тунд гардӣ, гӯиё дар хоб мегардӣ.
Надидам хонаободе, ки дорад ёди ободӣ,
Надидам одамеро, ки ба ӯ овардам озодӣ.
Ба ҳар ҷо буд одам, дар замини ғам парешон буд,
Дар ин ҷо тухми душман, ҳар чи хоҳӣ, буд, арзон буд.
Сари қавс асту дар нӯки дарахтон абри боронӣ,
Ҳама ҷабре шавад ҷуброн, ҳазар аз ҷабри боронӣ
Ва аз шохи дарахтон мезанад борони пайваста
Ва чархи танкҳо дар гил миёни бешаҳо баста.

[1] Добеле – маркази маъмурии кишвари Ҷумҳурии Латвия.

Барои теппа ҷангу хона ҷангу роҳ ҷангидем,
Барои чор фарсах бедарак се моҳ ҷангидем.
Ба ҳар фарсах ҳазорон ҷон супоридем –
Ҳазорон ҷони ширин дода ё бар хок ё бар бод,
Ки бошад ҷони одам дар бадан ё дар ватан озод…
Баҳор омад ва авҷи охирини корзор омад.
Ба Булён сабзаҳо сабзида, вақти киштукор омад.
Ба рӯи ёлаҳо борони найсон реза меборад,
Замини Исмати моро кӣ мекорад, чӣ мекорад?
Ва аз нав жолаи фӯлод меборад дар ин водӣ,
Ки аз ин ҷанги тӯлонӣ надорад ҷои ободӣ,
Ҳадиси ҳар шаҳид аз зиндаҳо тафсир мехоҳад,
Набарди ҳар шаҳиде нуқтаи тасвир мехоҳад.
Кирил дар лаҳзаи мурдан ҳадисе гуфт дар гӯшам:
«Либоси ҷангро имрӯз монанди кафан пӯшам.
Ҳама хоки Худо бошад ибодатхонаи Одам,
Агар як хонае сӯзад, бисӯзад хонаи Олам.
Чи хокистар шудему оташи мо сӯхтан дорад,
Чароғи рӯҳи мо аз офтоб афрӯхтан дорад.
Маро бардор, Исмат, то бубинам офтобамро,
Маро бардор...
Дидам офтоби хиратобамро,
Баробар сохтам бо нуру бо зулмат ҳисобамро.
Видоъ, акнун ту меёбӣ ҳисобамро... китобамро...»
Аҷаб, даврони ҷанги ҳалқабанду ҳалқабоз омад,
Магар дар ҷои сарлашкар ба ин ҷо ҳалқасоз омад?
Ҳамин дирӯз вақти ҳамлаи рота ба ин беша,
Барои даҳ қадам даҳ марди мо афтод аз реша.
Кирил ҳам дар қатори он ҷавонон решагардон шуд,
Кирил ҳамчун дарахте дар ҳаво як дам парафшон шуд,
Ки шохи ҳар дарахте лонае дорад
Ва ҳар як лона тухму донае дорад.
Чу мард афтад, чанори хона меафтад
Ва мурғони ҳаворо лона меафтад...
Адӯ дорад силоҳи автомат, бо тири тарканда,
Намуд ин бешаи хушрӯйиро товуси парканда.
Зи зарби тири алмосӣ санавбар вожгун гашта,
Чу марди сарфарозу сарнагун гашта.

Зенитка – офати тайёраҳоро сӯи мо гардонд,
Сарашро аз само бар ин замини бенаво гардонд.
Сабо дар марзи Белли[1] размь шуд гардон,
Ба беша тири чархӣ мезанад ҷавлон
Ва меафтад ҳазорон донаи занҷир аз занҷир,
Зи ҷони рафта меояд ба гӯшам нолаи шабгир.
Ба рӯи мо ҳамоно давр мезад тиру меборид,
Даруни беша гӯё дар найистон шуъла мекорид
Ва мо нақши замин будем,
Дар ҳукми камин будем.
Сафи тайёра омад, паст омад рӯи ин беша,
Ҳамеларзид нахли беша то реша.
Ба дил гуфтам: «Ба ин аҳвол мурдан шеваи ман нест,
Намонад кишваре поянда, гар ӯро Таҳамтан нест.
Садо кардам, ки бархезед, аз ҷо зиндаҳо бархост,
Ба ҷои мурдаҳо як села кафтар дар ҳаво бархост,
Тамоми зиндаҳоро пеш бурдам сӯи ин сангар
Ва тири тӯп мезад аз ду ҷониб рӯи ин сангар.
Миёни ин ду оташ пеш мерафтем,
Дар ин пеша фурӯ андар ниҳоди хеш мерафтем.
Ду оташ гар шавад якҷой пайваста,
Аз ин гулзори оташзо набандӣ ҳеҷ гулдаста.
Миёни ин ду оташ ҳар ки монад, бекафан монад,
Зи оташ сӯхтан монад,
Зи нур афрӯхтан монад.
Миёни ин ду оташ пеш мерафтам,
Ба оташ пешпо хӯрдам, гумон кардам, ки меафтам.
Наафтидам, ҷудо шуд аз замин поям,
Надонистам, фитодам ё ки барҷоям.
Надонистам, ки ин тири худӣ ё тири душман буд
Ва ё тири қазо дар шонаю пешонаи ман буд...»
Тани Исмат ба рӯи хок рӯ бар осмон афтод,
Биларзид,
Ларза дар кавну макон афтод.
Зи равзан дид рӯи офтоби навбаҳоронро,
Ба гирди офтоби зард мавҷи лолазоронро.

[1] Белли – номи мавзеъе.

Дарахтон давргардон руста сӯи осмон рафтанд,
Ба сӯи бешаи нилуфарии ҷовидон рафтанд.
Даруни чашми ӯ – дар чархи нилобӣ,
Дар ин ҳавзи кабуди нурию обӣ
Ҳамезад чархҳою чархҳо хуршед,
Ба ҳар чархе ба боло мебаромад оташи ҷовид,
Ба боло рафт... боло рафту пинҳон шуд,
Даруни гавҳари чашмаш фурӯзон шуд.
Сиришки ҳамчу оташ меравад аз дидаи анҷум,
Ду чашми хонаи Хуршедро пӯшед, эй мардум!..

* * *

Даме овозаи ҷанги ҷаҳонӣ аз даҳон афтод,
Даме ки тири охир дар Женева аз камон афтод,
Зи нав дар ёд оварданд ёди қаҳрамононро,
Кушода меҳвари ин ҷангро, нерӯи инсонро.
Дубора номи Исмат аз хамӯшӣ бар забон омад,
Ба Хатлон бори дигар қаҳрамони бенишон омад.
Комиссар гирд оварда ватандорону хешонро
(Кӣ орад ҷамъ арвоҳи парешонро?),
Сухан гуфт аз набарди Исмату аз зӯри бозӯяш,
Сухан гуфт аз камону аз камину рӯю абрӯяш.
Зи номи момаи Тиллобибӣ то исми авлодаш,
Ҳама бигзашт аз фарёду аз ёдаш.
Ба номи ҳар яке бо шеваи ҳарбӣ садо андохт,
Ҳама аз ин ҷаҳон рафта, садое бар само андохт.
Чи меҷӯӣ, ҳама ғамкуштаҳо дар пуштаҳо хобанд,
Дуои хайр гӯӣ, хайр меёбанд.
Ситора дар кафаш шамъи мазори дур месӯзад,
Ба мардум дод онро... Дидаи мардум барафрӯзад...

# Бозор СОБИР

# ШОХИ ҚАЛАМ

## Ба ҷои пешгуфтор

Бозор Собир 20 ноябри соли 1938 дар деҳаи Сӯфиёни ноҳияи Файзобод таваллуд шуда, бино бар бемаҳал аз падар маҳрум мондан дар мактаб-интернати ноҳияи Ҳисор тарбият гирифтааст.

Баъди хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон муддате тарҷумонии мутахассисони шӯравӣ дар Афғонистон, сипас мудирии шуъбаҳои назми рӯзномаи «Маориф ва маданият» ва маҷаллаи «Садои Шарқ», солҳои зиёд мушовирии назми Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро бар уҳда дошт.

Фаъолияти эҷодиаш аввали солҳои шаст оғоз ёфт ва солҳои ҳафтод ба сифати гӯяндаи шеъри ватандӯстона ва шоири нозукхаёли лирик шуҳрат ёфт.

Маҷмӯаи нахустини шеъраш бо номи «Пайванд» соли 1972, замоне аз чоп баромад, ки ба қавли Муъмин Қаноат, ҳам дар ҳаёт ва ҳам дар адабиёт ба камол расида буд. Вале ин ҳама солҳо сарфи ҷустуҷӯю омӯзиш ва дарку эҳсоси амиқи шеъру шоирӣ буд, ки заминаи шеъри нави бозорсобирона шуд.

«Тоҷикистон», «Забони модарӣ», «Бухоро», «Аҳмади Дониш», «Айнӣ», «Шоиру шеъре агар ҳаст…», «Девори Бухоро», «Теғи Сино» ва бисёр шеърҳои дигараш бо нигоҳи тозаву амиқ, ваҷду эҳсоси шоирӣ ва меҳри ватандорию ҷасорати шаҳрвандӣ эҷод шуда, сафҳаҳои пурифтихору фоҷиавии таърихи миллатро бозгӯ карданд ва дар тарбияи чанд насли хонандагон дар рӯҳи худогоҳию худшиносӣ ва парвариши завқи суханфаҳмию шеърдонии онҳо нақши бузург бозиданд. Шоири номвар Лоиқ Шералӣ дар як суҳбаташ ҷавонмардона гуфта буд, ки агар Бозор Собир дигар шеър наменавишт ҳам, бо шеърҳои мазкураш дар таърихи адабиёти мо мемонд.

Соли 1995 ба Штатҳои Муттаҳидаи Амрико ҳиҷрат намуда, 29 майи соли 2013 бо даъвати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ватан баргашт. Мавриди зикр аст, ки дар ғурбат низ ҳамеша бо Ватан буд ва бо шеъри баланди тоҷиконаву фарогираш дар ваҳдату эҳёи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва худогоҳии бештари миллат саҳми арзишманду муассире гузошт. Бисёр шеърҳояш, ки тарона шудаанд, ба сурудҳои умумии мардум табдил ёфта, пайваста дар радиову телевизион ва маъракаҳои бузурги фарҳангӣ садо медиҳанд ва дар тақвияти сарҷамъию ваҳдат ва фахри миллию шуҷоати ватандории миллат, бахусус ҷавонон, басо таъсирбахшанд.

Ба ҳамаи маҷмӯаҳои ашъораш тозагии забону баён ва маъниву образҳо, умқи эҳсосу идрок, тасвирпардозии бесобиқа ва мусиқии дилнавози сухан хос аст. Ин сифатҳо, бахусус, дар ашъори маҷмӯаи «Бо чамидан, бо чашидан…» возеҳу барҷаста ҷилвагар шуданд ва шоир соли 1988, бо пешниҳоди озоду мустақими иштирокдорони пленуми Иттифоқи нависандагон, барои ҳамин китоб барандаи Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ гардид.

Бисёр шеърҳояш ба забонҳои халқҳои собиқ шӯравӣ, инчунин англисию олмонӣ, фаронсавию испанӣ ва чехию лаҳистонӣ тарҷума ва чоп шудаанд.

Худ низ шеъри бисёр шоирони маъниофарину тасвиркори дунё, аз ҷумла Ҷорҷ Байрон, Артур Рембо, Гийом Аполлинер, Афанасий Фет, Сергей Есенин, Пабло Неруда, Эдуардас Межелайтис ва дигаронро ба тоҷикӣ гардондааст. Тарҷумаҳояш ҳам дигаргуна буда, забону баён, сабку услуб ва шахсияту шеърияти ҳар шоирро рӯшану дилрас ифода мекунанд. Аз ин ҷиҳат бахусус тарҷумаи ашъори зиёди шоири машҳури рус Сергей Есенин, ки дар маҷмӯаи «Гулафшон» (нашриёти «Ирфон», 1977) ба чоп расидааст, сазовори таъкид аст. Маҳбубияти тарҷумаҳои мазкур ба ҳадде буд, ки чандинаш чун сурудаҳои соф тоҷикӣ ба оҳанг даровarда шуданд ва ба таронаҳои маҳбуби мардум табдил ёфтанд.

Дар ҳаёти ҷомеа ва муҳити адабӣ фаъолона ширкат меварзид, дар мавқеи як ватанпарвару миллатдӯсти воқеӣ устувор буд ва нуқтаи назари худро оид ба масъалаву мушкилаҳои ҳаёту адабиёт рӯшану ошкоро ва воқеъбинонаву созанда баён медошт. Аз ин рӯ, ҳар мақолаву мусоҳибааш, аз як тараф мавриди таваҷҷуҳ ва қабули гарм, аз ҷониби дигар боиси номувофиқию тардиди доираҳои гуногуни ҷомеа мегардид.

Навиштаҳояш дар бораи Нодири Нодирпур, Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Лоиқ Шералӣ, Убайд Раҷаб, Мастон Шералӣ ва дар хусуси рухдодҳои ҳаёту адабиёт, силсилаи мақолаҳояш оид ба давраи ғурбат ва хотираҳояш дар бораи кӯдакию пайвандон басо воқеию шоирона буда, чун ашъори тасвириаш манзараву симоҳоро пеши назар ҷилвагар мекунанд ва дар баҳододи адабию ҷамъиятии онҳо басо муфиданд.

Солҳои мушовири назми Иттифоқи нависандагон буданаш дар тарбияи як идда шоирони ҷавони хушқареҳа хидмати бедареғу бесобиқа кардааст. Натанҳо ба онҳо маслиҳату машварат додаву ба роҳи дурусти эҷод раҳнамуниашон мекард, балки бо сарсуханҳои дилбардору рӯҳбахш махсусияти ҳар кадомашонро таъкид намуда, дар таҳқиқи батадриҷи шеъри ҷавонон саҳми арзанда гузоштааст. Тасвиркорию мушаххасгӯие, ки батадриҷ дар адабиёт, бахусус шеър, имтиёз пайдо кард, бо шоирию мушовирии Бозор Собир сахт вобастагӣ дорад.

Барои хидматҳои бузургаш дар рушду равнақи адабиёт ва саҳмаш дар ҳаёти ҷомеа соли 2013 бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сазовори ордени «Ситораи Президент» гардид.

1 майи соли 2018 дар шаҳри Сиэтли штати Вашингтони Амрико аз олам даргузашт. Бо дастури Пешвои миллат наъши покаш ба Душанбе оварда, дар мазори Лучоб ба хок супурда шуд.

## ТОҶИКИСТОН

Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Ҳар куҷое рафтам аз оғӯши ту,
Доманамро ман такидам раҳ ба раҳ дар ҳар қадам,
Пойи худро раҳ ба раҳ то сарҳадат
Бар замин афшонда рафтам,
Аз пайам то кам нагардад зррае хоки камат.

Ҳар куҷое об дидам,
Қатрае хӯрдам агар,
Ман гирифтам қатрае дар чашм,
То кунам оби туро як қатра бисёр.

По ба ҳар хоке ниҳодам
Дар қатори раҳгузарҳо,
Гарди хокеро гирифтам дар сари мижгон
Аз бароят ҳамчу савғо,
То кунам хоки туро як зарра бисёр.

Ҳар куҷое санг дидам,
Даст бурдам бар сараш
Чун бар сари фарзанди хеш,
Гуфтам: Ӯро аз Бадахшон кандаанд,
Тифли ширхори маро аз банди пистон кандаанд…

Ҳар куҷо будам мусофир,
Роҳҳоро чун ғазалҳо
Хат ба хат кардам ман азёд,
Роҳҳоро чун ғазалҳо
Беғалат кардам ман азёд,
То ки рӯзи бозгаштан
Беғалат оям ба сӯят.

Ҳар куҷо будам, набудам,
Ман ҳамон фарзанди деҳқони туям,

Бо хаёли рези кухсори ту ман ғам мехурам,
Аз барои сабзаю хори ту ман ғам мехурам,
Аз гулӯям нагзарад нони ту бе ғамҳои ту,
Бе ғами ту ман нахӯрдам об аз дарёи ту.

Соати танҳоӣ сӯи кӯҳсорат меравам,
То сарамро бар сари санги ту монам як нафас,
То шавад рӯди равонат ҳамзабонам як нафас,
Гиряҳои обшоронат маро гирён кунад,
Абри боронат маро бо худ барад, борон кунад,
То ки дар танҳоиям танҳо намонам як нафас.

Тоҷикистон, Тоҷикистон,
Мекунам шукри каму бисёри ту,
Мекунам шукрона аз озарму аз озори ту,
Аз ту ман сарват намехоҳам,
Ватан ҳастӣ, бас аст,
Бо хасу хорат баробар зиндагӣ кардан бас аст.

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Ҳарчи ӯ аз моли дунё дошт, дод,
Хиттаи Балху Бухоро дошт, дод,
Суннати волою девон дошт, дод,
Тахти Сомон дошт, дод.

Душмани донишгадояш «Дониш»-и Сино гирифт,
Душмани бесуннаташ девони Мавлоно гирифт,
Душмани суратпарасташ сурати Беҳзод бурд,
Душмани бехонааш дар хонаи ӯ ҷо гирифт.

Дод ӯ аз даст гурзи Рустаму Суҳробро,
Барбарони нотавонеро тавоно кард ӯ,
Номи худро ҳамчу гӯри Рӯдакӣ аз ёд бурд,
Қотилони хешро машҳури дунё кард ӯ.

Қомати кӯтоҳи манғит
Аз манори каллаи аҳли Хуросон шуд баланд,
Пастии саҳрои Қипчоқ
Аз баландии Бадахшон шуд баланд.

Халқи тоҷик –
Халқи армон,
Об дар чашм
Чун ятимон,
Дар лабаш хашм
Чун асирон,
Аз Ватан то бар кафан ҳар буду нобуде, ки буд,
Бар ватанталбу кафанталбандаҳо бахшиду дод,
Душмани дарвеши худро
Шоҳу доро карду худ дарвеш шуд.

Дар миёни тангчашмоне, ки дар чашмонашон
Солҳои тангиро медид ӯ,
Гаҳ дар оташ,
Гоҳ дар об,
Таҳ ба таҳ бо сӯхтанҳои манори суғдиёнаш
сӯхт, сӯхт,
Бо харобиҳои девору дари Афросиёбаш шуд хароб.

Лек лафзи модариаш
Ҳамчу шири модараш
Дар забону дар даҳонаш монд, монд,
Ҳар сухан бо шири модар
Сахт шуд дар устухонаш, монд, монд.

Худ ба худ дар гӯшаи хоки диёр
Аз ҷудоӣ,
Аз ғарибӣ
Ӯ гиристу гиряҳо бар обшорон ёд дод,
Лафзи кӯҳистоние бар боду борон ёд дод,
Рӯдҳоро Рӯдакидон кард ӯ,
Бодҳоро Анварихон кард ӯ.

Рӯзи ноободиаш тоҷик забон обод кард,
Дар забонаш давлати бедавлатӣ бунёд кард –
Давлате аз ҳарфи вазнин,
Давлате аз шеъри рангин,
Аз чунон шеъре, ки ҳар як мисрааш
Ҷӯяе аз хуни сарбозони ӯст,
Тораи нуре аз оташҳои зардуштони ӯст.

Гӯиё чун сайди маҷрӯҳ
Ӯ ҷароҳатҳои худро
Гаштаву баргашта лесид,
Бо забони худ даво кард.

Дар сарояш тоҷик аз бахти нагун
Гарчи бо габру мусулмон
Ҳамсаро буд,
Ҳамрасулу ҳамхудо буд,
Дар забон аммо ҷудо буд.

Аз сари сад минбар афтоданд нозирҳои ӯ,
То наафтанд аз забони хештан,
Дар сари сад дор ҷон доданд шоирҳои ӯ,
То наафтад бар замин қадри сухан…

Дар ҳаду сарҳадшиносии ҷаҳон
Сарҳади тоҷик забони тоҷик аст,
То забон дорад, ватандор аст ӯ,
То забондор аст, бисёр аст ӯ.

## ШОИРУ ШЕЪРЕ АГАР ҲАСТ…

*Дар сӯгворин Пабло Неруда*

Ман намедонам, ки дар савдои шеър
Шоири аз шоирӣ ношод кист,
Лек рӯзе бе ғазал, бе шеъри тар монад агар лабҳои ман,
Чун лабони чашмаҳои хушк парсин мезанад,
Ҳеҷ кас монанди ман ношод нест.

Шукри он вақте, ки аз банди ҷигар
Байтҳои тоза берун мешаванд…
Дар сари ҳар байт ҳамчун дар сари гаҳворае
Чун зани навзод шодам,
Дар сари ҳар байт ҳамчун дар сари пайроҳае,
Гӯӣ, маҳбуси навозодам…

Шоиру шеъре агар бошад,
Каси ғамхор ҳаст,
Чашми бедору дили бедор ҳаст,
Гунаҳои тира аз шеър офтобӣ мешаванд,
Хушкиҳои синаҳо аз шеър обӣ мешаванд.

Шоиру шеъре агар ҳаст, ишқ ҳаст, –
Раҳму армон ҳаст,
Яъне, дар сари гаҳвораи тифлон ҳанӯз
Модарон шабзиндадорӣ мекунанд
Алла дар лаб, шир дар пистон ҳанӯз.

Муҳтарам халқе, ки ӯ Нерону Искандар надод,
Лек Колдерону Байрон дод ӯ.
Муҳтарам халқе, ки шоирпарвар аст,
Шоҳу пайғамбар надорад, лек дорад шоире;
Шоире, к-аз синааш ҳар нуктаро
Меканад чун маъдане аз кон,
Балки ҳамчун порае аз ҷон,
Ҳамчу маҳбусе, ки дар талвосаи ҷонканданаш
Меканад девори маҳбасро ба дандон…

Халқ рӯзи тӯйу вақти мотамаш
Дафтару девони ӯро мекушояд ҳамчу дастархони хеш,
Шеъри ӯро ташнаҳо чун об менӯшанду
чун нони ҳалол
Гушнаҳо бо ҳам баробар бахшу қисмат мекунанд.

Шоиреро офаридан кори як садсолаест,
Сахт коре, бори як сайёраест,
Ҳамчу сарват шоире гум кардан осон асту лек
Ҳамчу шуҳрат шоире дарёфтан бас мушкил аст.
Қитъае холист бе Фирдавсии Тӯсӣ ҳанӯз,
Қитъае бечораи як шоири соҳибдил аст.

Гарчи шоирҳо ба олам дер пайдо мешаванд,
Гарчи нанги шоирӣ бар марг илқо мекунад,
Гарчи умри шоирон бисёр нест,
Кӣ чу ман дар орзуи номи Ҳофизвор нест?!

Кӣ намехоҳад, ки рӯзе не агар, як соате
Ҳамчу шоир зиндагонӣ карда, мирад шоире,
Шоҳкоре не агар, байте бимонад ёдбуд
Дар забони миллати худ…

Розиам, бадбахт бошам, лек бошам шоире,
Розиам, сарсахт бошам, лек бошам шоире.
Розиам, чун Саъди Салмон
Бо гуноҳи шоирӣ дар чоҳу зиндонам кунанд,
Чун Ҳилолӣ, шеър дар лаб, сангборонам кунанд.

Шоирӣ дар буду дар бунёди ман,
Кош бедармон шавад, дард аст агар,
Дарди ширин, дарди модарзоди ман.

Гар хато бошад, гаравгонаш сарам,
Дар баҳои сар намедонам хатои дигарам.
Розиам ман, дар хатои шеър ранҷурам кунанд,
Балки ҳамчун Рӯдакӣ кӯрам кунанд.

Розиам, мирам, маро дар хок нагзоранду лек
Шеър дар дастам бимирам,
Шеър дар ҳалқам бимирам,
Шоири халқам бимирам.

## БУХОРО

Нигоҳи гарми ман аз фарқи кӯҳистон
Ба сӯят чун Зарафшон рӯзу шаб ҷорист,
Бухоро, бо ғаму афсӯс мебинам,
Ки ҷои бас азизонат
Дар оғӯши ту ҳамчун ҷои Сино ҷовидон холист.

Ту гӯё пеш аз ин дар рӯзгороне
Яке вулқон будӣ,
ё дар сари вулқони сӯзоне,
Ки охир дар саъири оташафшонӣ
Азизонат чу ахтарҳо,
Шуданд аз ҳам ҷудо, барчош дар олам
Ба ҳар сӯе,
Ба ҳар кӯе…

Яке бо теғу бо пайкон
Пайи Искандари мақдуниро бигрифту Юнон рафт.
Яке аз дасти Темурлангу Чингизхон,
Зулоли оби ту дар чашмаҳою хоки ту дар мушт,
Сари худро гирифту Руму Эрон рафт.

Яке гар дар ғарибӣ бе нишон гум шуд
Ба мисли қатрае дар коми регистон,
Дигар бо давлати бе давлати тоҷик
Баробар дар миёни турку тозӣ
бахшу қисмат шуд.
Танаш сӯе, сараш сӯе,
Танаш чун қитъае яксар,
Сараш ҳамчун сари кишвар.

Дар ақсои ҷаҳон тухми бузургонат
Ба монанди зару симат парешон шуд,
Ба монанди зару симат ба беқадрӣ
Агар роҳе чу роҳи Каҳкашонат буд,

Ба мисли риштае печида гӯё рафт
дар пои ҷаҳонгардон.
Агар шустанд аз байни ту боронҳо
Раҳеро чун раҳи мӯрон,
Раҳеро бодҳо руфтанд аз байни тую дунё.

Ғарибиро чу фарзандони ту мардум намедонад,
Намедонад касе ҳамчун бухорой
Чи сон талханду ширинанд ғамҳои ватандорӣ…
Ҷаҳонгардону сарбозони ту дар ҷумла гӯристони
олам бенишон хобанд.
Аз эшон дар таги хоки ту ғамҳои гарон хобанд.

Ба дасте рафт аз дастат
Зари сомонию «Қонун»-и синой.
Туро ҳар дузд ғорат кард,
Туро ҳар дӯст қисмат кард,
Ба мардум рангу рӯи зард монд
аз «асри тиллой».

Чи нозирҳои солори туро дарду ситам кушта,
Чи шоирҳои мумтози туро оҳу алам кушта.
Заминҳоят ҳама аз хоки минбарҳои вайронанд,
Шаҳидонат ҳама девону дафтарҳои
дар олам парешонанд.

Бухорои шариф, –
Гаҳвораи мардони нотакрор,
Диёри шоирону шеърҳои рафта
бо ҳар боду аз ҳар ёд,
Мазори нангу номи Аҳмади Дониш,
Мазори дардҳои Шоҳини бемор,
Оре, ҷовидон бемор,
Ба ёдат чашми ман тар мешавад ҳар бор.

Вале ҳар бор мебинам,
Ки ҳар вайронаатро рӯзи ободист,
Ту дар болои сад вайрона ободӣ,
Ту дар болои садҳо кундаю завлона озодӣ.

Агар дар зери деворе
Зи турке наъли аспе мондаю аз тозие ҳамён,
Кунун дар чанги таърихананд,
Агарчи нанги таърихананд.

Бухорои адабпарвар,
Нигоҳи гарми ман аз фарқи кӯҳистон
Ба сӯят чун Зарафшон рӯзу шаб ҷорист,
Ҳамехоҳам чу пайвандат,
Ду чашмам мисли рӯде тар кунад рӯи заминатро,
Нагардад то парешон пас аз ин хоки барӯмандат.

## ДЕВОРИ БУХОРО

Пуштгардон бар Бухорои хасис,
Дар Бухорои шариф истодааст,
Ним-ним аз рӯзгорони қадим,
Ҳар дилеро мекунад ним…
Аз кулӯхаш сад ҳазорон мушт,
Душмани дерина дар пушт.

Ҳар тараф анбӯҳи найзораш
Чун қатори найзадораш;
Ҳар тараф сарнайзаи тез –
Теғи хунрез;
Душмани дерина дар пеш аст,
Дашна месояд ба дандон,
Чашмҳо чун чашми сӯзан.

Синаи чокест ҳар чокаш,
Ҳар тараф як захми носур.

Рахнаҳои сина мебинам дар ин девор,
Ҳамчу дар оина мебинам дар ин девор;
Канда аз ҳам муҳраи банди миён аст,
Муҳраи банди миёни давлати Сомониён аст.

Бору банди як ҳазору як саду ансола аст
бар дӯши ин девор,
Бору банди як ҳазору як саду ансолаи як
миллати хуншор;
Назди ин девори абгор
Мешавӣ як нақши девор.

Турктозиаш харошидасту пошидаст,
Тешаи бодаш тарошидаст,
Аммо аз кулухҳояш ҳазорон мушт
Миллатеро монда дар пушт.

Мезанам ман бӯса бар мушти кулухҳояш,
Марҳами сад бӯса мебандам
Дар ҷароҳатҳои носури тарақҳояш,
Бӯсабандӣ мекунам захму харошу рахнаҳояшро.
Мегузорам ман сарамро бар сари зонуи
девори Бухоро,
Чун бар сари зонуи халқ.

## ДАРВОЗАИ БУХОРО

Як замон шаҳри Бухоро дошт девори баланд,
Гуфтӣ, устунмуҳраи пушти Бухоро буд,
Балки устунмуҳраи миллат, –
Сахт маҳкам,
Тахтапушташ даҳ қадам паҳн.
Ёздаҳ дарвоза дошт
Кандакорӣ,
Қуббакорӣ,
Зарнигорӣ.

Шоҳашонро ҳазрати Исмоили Сомонӣ мегуфтанд,
Шоҳи одил буд, «Девори Бухоро» буд унвонаш,
Балки ӯ девори миллат буд,
Девори Хуросон буд:

Бар даромадгоҳи қасраш зангу занҷири адолат
буд овезон,
Ҳар ки меҷунбонд занҷири адолатро,
Шоҳи одил мепазируфташ ҳамон соат…

Дар ҳавои барфи шабҳои зимистон
Рост меистод дар майдони Регистон,
То ба мардум дастрас бошад,
Меҳрубон бошад ба мардум дар шаби сармо:
Ғарибонро,
Ятимонро,
Мусофирҳои барзанро мадад созад.

Баъди ин Исмоили Сомонӣ мардум
То чиҳил сол
Ҳар шикоятномаи худро
Дар таги санги мазораш мениҳоданд
В-аз ҳамон ҷо,
Аз таги санги мазораш ҳар пагоҳӣ
Бо ҳамон муҳру чаки ӯ низ посух мегирифтанд…

Баъди ин Исмоили Сомонӣ девори Бухоро рехт,
Тахтапушташ то замин хам зад,
Ҳамчун тахтаи пушти ғуломон,
Дар Бухоро рахнаҳо афтод,
Рехтанд аз ҳар тараф чун сел
Селаи қарлиқи кӯчӣ.

Баъд аз он аз ёздаҳ дарвозаи шаҳри Бухоро
Рост як дарвозааш монд,
Рост як дарвозаю дар ҳар куҷо мушти кулӯхе…

Инак, ин дарвозаро бояд зиёрат кард,
Бояд аз пешонии ҳар тахтааш бӯсид,
Як ҳазору як саду ан сол дар шаҳри Бухоро
пойбарҷост.
Аз ҳама дарвозаҳо сад бор
Бартар ин дарвозаи танҳои бедевор,
То бигӯем:
Боз ҳам шаҳри Бухоро шаҳри бедарвоза нест;
Гарчи аз он ёздаҳ дарвоза даҳ дарвозааш нест,
Боз ҳам шаҳри Бухоро шаҳри бедарвоза нест.

## САНГАРИ САНГИНИ ИСТИҚЛОЛ

(*Ба муносибати Пешвои миллат унвон гирифтани Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон*)

Курсиат аз партаи мактаб,
Минбарат аз дарзаи деҳқон.
Пойандозат ба маҳфилҳо
Ҳар қадам аз пардаи дилҳо.

Пешвои миллати Зардушт,
Пешвои миллати Маздак,
Пешвои миллати Айнӣ,
Пешвои миллати Восеъ,
Ҷонишини Оли Сомон,
Қаҳрамони Тоҷикистон.

Аз дами оташ гузаштӣ,
Чун Сиёвӯш,
Кардӣ оташро ту хомӯш.
Аз сари сарҳад гирифтӣ
Ҳар фирориро дар оғӯш,
Ҷангро кардӣ фаромӯш…

Аздусар ҳайкалтарошон
Ҳайкалатро метарошанд,
Ҳайкалатро мегузоранд
Бо қарори «Қасри Ваҳдат»,
Ҳайкали волои барқад,
Сангари сангини истиқлол,
Чун падарсолори миллат.

Пойгоҳи давлататро карда кафшер
Бастакори нақби Анзоб,
Бастакори нақби Шаршар,
Бастакори нақби Шаҳристон,
Бастакори Чормағзак,
Бастакори ГЭС-и Роғон,
Ҳамчу чӯян,
Ҳамчу пӯлод
Пойдор,
Ҳамчу оҳан устувор.

## ДАР ОҒӮШИ КӮҲИСТОН

Кӯҳ гуфтам ман,
Бадахшон кӯҳ гуфт,
Қуллаҳои осмонбӯси Зарафшон кӯҳ гуфт…
Кард овози маро такрор кӯҳистони ман,
Ҳамзабон, ҳамдард, ҳамтақдиру ҳамармони ман.

Кӯҳ гуфтам,
Бо тане аз санги мармар,
Бо саре аз санги хоро
Сад ҳазорон паҳлавон аз хоб хест,
Сад ҳазорон қаҳрамон аз хоб хест…

Кӯҳ гуфтам,
Норасо овози ман
Лаҳзае дар кӯҳҳо печиду аксандоз шуд,
Бонг шуд, фарёд шуд,
Оламе бо ман ба як овоз ҳамовоз шуд.

Кӯҳҳо, ин қуллаҳои саркаши фарёдрас,
Эй басо овозҳои норасобарҷастаро
Хандаҳою гиряҳои осмонӣ кардаанд,
Доду фарёди ҷаҳонӣ кардаанд.

Аз сари ин қуллаҳо як оҳи кӯтоҳе бас аст,
То яке бархезад аз ҳар санг оҳ,
Оҳи кӯтоҳат шавад овозҳо,
То туро бинанд аз дур,
Бишнаванд аз дур ҳам…

Тухми мо дар рӯи олам он қадар бисёр нест,
Лек то кӯҳу камар барҷо бувад,
Халқи мо он қадр каммиқдор нест.
Бо хурӯше, балки бо як норасо фарёд ҳам
Медиҳад овоз кӯҳистону дар оғӯши он
Мо фаровон мешавем,
Мо ҳазорон мешавем.

То даме бо кӯҳсоронем,
Танҳо нестем:
Оҳи мо, овози моро
Мекунад ҳар санг такрор,
Саршумори тоҷиконро
Мекунад ҳар санг бисёр.

## ХАТИ СУРХ

Аз Ватан дур гарчи бисёр аст
Зиндаю мурдаи баному нишон,
Лек осон набуду осон нест
Аз Ватан дур мурдани мардон.

Аз Ватан дур метавон ҷангид
Дар ҳама сангарони навъи башар,
Бигузашт аз даруни оташу об,
Хест аз байни дуду хокистар.

Метавон ҷумла дарди одамро
Бедаво диду дар тани худ дид,
Аз ҳама заҳру оби одамкуш
Аз Ватан дур қатра-қатра чашид.

Метавон ҳамчу марди нофармон
Дар хаёли ҳазор миллат буд,
Якка бар ҷои сарбадороне
Бандии сад ҳазор давлат буд.

Бар ҳама додгоҳи рӯи ҷаҳон
Ҷон ба каф лангу кӯр шуд ҳозир,
Ҳамчу як одами адолатҷӯ
Гардану дасту пой дар занҷир.

Нозам онро, ки як сари тоқаш
Шуд нишони ҳазор тиру камон,
Сабақу дарси ҷонфишонӣ гирифт
Рӯзи ҷонбозиаш замину замон.

Он ки худ дар дилаш ғаме дорад,
Нест ӯ бе ғами дигарҳо ҳам.
Душмани ҷони ҳар қабилаю халқ
Душмани ҷони ӯст дар олам…

Аз Ватан дур гарчи бисёр аст,
Зиндаю мурдаи баному нишон,
Лек осон набуду осон нест
Аз Ватан дур мурдани мардон…

Метавонам ба вақти доду ситод
Дар сафи бардаҳои балвоӣ
Кард то Ҳинду Чину Руму Фаранг
Қитъа бар қитъа корпартоӣ.

Лек рӯзе маро барандозад
Тири ноҳақ аз арсаи пайкор,
То диламро ба сангҳо монам,
Мехазам синамол сӯи диёр.

Мехазам синамол сӯи Ватан
Бо сару дасту пои хунрезон,
Қитъа бар қитъа мекашам хати сурх
Аз пайам то канори кӯҳистон.

## ПАС АЗ МО

Пас аз мо одаме мехезад аз олам,
Ки дасташро ба рӯи шонаи хуршед хоҳад бурд,
Ба мо – аҷдоди беҳад содааш ҳам фахр хоҳад кард
Ва ҳам афсӯс хоҳад хӯрд,
Ки мо ҳам чанд дар дунё
Гаҳе пайғамбарӣ кардем,
Барои худ пай афкандем ҳайкалҳову минбарҳо
Ва дар ҳукми худое зиндагӣ кардем.

Ва гоҳе низ дунёро сабақ додем,
Сареро то панаҳ кардем, сар додем,
Гаҳе дар пушти минбарҳо,
Гаҳе дар пушти сангарҳо…

Пас аз мо одаме мехезад аз олам,
Ки сар бар осмон соида,
по бар Каҳкашон мемонад он одам
Ва ӯ бори замин –
Бори тавонфарсои ин сайёраи «шаккок»-и деринро,
Ки ӯро то кунун аз осмонҳо
сангборон мекунад шайтон
Ва ӯро зери пояш тирборон мекунад инсон,
Чу бори хеш мебардорад он одам,
Чу бори хеш бе миннат,
Бе миннат.

Пас аз мо одаме мехезад аз олам,
Ки одам асрҳо дар зиндагии хеш ӯро орзу мекард.
Бурун шуд борҳо бо ин ҳаво аз расми яздонӣ,
Ибодатхонаро бишкаст,
Ба сӯи осмонҳо тир зад чун бар худовандӣ,
Гаҳе Шаддоду Қорун шуд,
Гаҳе Намруд.
Гаҳе Хайёму Сино шуд,
Гаҳе Маҳмуд,
Гаҳе бо худ,
Гаҳе бе худ.

Чи инсоне, ки хашму раҳми инсонӣ-ш,
Гаҳе зода, гаҳе нозода гӯраш кард.
Гаҳе бинову гӯёеву гоҳе гунгу кӯраш кард,
Гаҳе бар хоку бар хокистараш биншонд.
Гаҳе аз ҳадди худ болотараш биншонд.

Чи инсоне, ки ӯ аз фитнаи  инсони шайтоне
Ба хуни хештан олуда шуд бисёр,
Басе лангид дар пеши «бузургон»-аш,
Басе нолид дар гӯри шаҳидонаш.

Аё санги бузургӣ –
Сангҳайкалҳои арбобон,
Ки дар дунё ба ҷои мурдаҳо рӯидаед аз хок,
Замоне аз шумо ҳам дар қазоватҳо
Нишони бенишонҳоро ҳамехоҳанд,
Гунохи бегуноҳонро ҳамепурсанд…

Пас аз мо одаме мехезад аз олам,
Замину осмонро мекунад тармим.
Уфуқҳои дигаргун мешавад пайдо
Пас аз мо.

## ХОНАҚОҲИ МАН

Ростӣ, фарзанди ман сураткаши хуб аст,
Хуб сурат мекашад, аммо
Сураташро дар чи деворе биовезад, намедонад,
Мо, ки деворе надорем,
Хонабардӯшем.

Ростӣ, ман ҳам чу пири хаста мехоҳам гузорам
Як нафас, як лаҳза пуштамро ба девор.
Ҳафт пушти ман, ки дар гилхонаҳо гилкорӣ мекарданд,
Ба гил рафтанд.

Гар ба девори касе хушкида нақши панҷае боқист,
Нақши панҷаи онҳост.
Ҳафт пуштам мардуми деворие буданд,
Лек дар пуштам на деворист, на девор.

Дар Ватан аз шоирон як шоири зиндонӣ ман будам,
Дигарон буданд шоирҳои зиндонбон.
Ҷомаи ман бӯи зиндон мекунад то ҳол,
Бо чи собуне бишӯям ҷомаи худро?
Аз хароши симхораш дастҳоямро агар бастам,
Чун бибандам ин даруни пурхарошамро?
Чун бибандам ин даруни реш-решамро?

Дар қафои чашмаки зиндон, ки ҳамчун чашми сӯзан буд,
Аз тамоми чеҳраҳо як чеҳраи Гулчеҳраро ман дида будам,
Аз тамоми чеҳраҳо як чеҳраи Гулчеҳраро бӯсида будам,
Бӯсаам дар чашмаки зиндон намеғунҷид.

Аз Ватан вақте ки мерафтам,
Субҳи бефайзаш намоён буд,
Бар сараш барфи нахустини зимистон буд.
Ин ки гуфтам дар ҷавонӣ мӯсафедам кард,
Дар ҷавонӣ мӯсафедаш карда худ якбора дар як шаб,
Хуб пираш карда худ якбора дар як шаб.

Субҳи бофайзе, ки ман бори сафар бастам,
Субҳи рӯи кӯдаконам буд,
Духтари ман ахтари ин субҳи содиқ буд.

Аз Ватан вақте ки мерафтам,
Ёдам аз ӯ дар фазо мерафт,
Додам аз ӯ дар ҳаво мерафт.

Гуфтам: аз рӯи ҳаво хат мекашам рӯи Ватанро,
Баъд аз ин, бигзор, бигзор,
Ман набинам рӯи ӯро,
Ӯ набинад рӯи манро.

Хостам дар шишаи танги ҳавопаймо ба ин маънӣ
Хат кашам акнун,
Вале он шишаро нохост бӯсидам,
Чун дилам мехост, бӯсидам,
Бӯсаам дар шишаи танги ҳавопаймо намегунҷид.

Аз Ватан рафтам,
Валекин дур рафтан аз ватан имкон надорад,
Мекашад чун зодбуди меҳрубон меҳраш,
Гарчи бо ман меҳрубон кам буд.
Чун тавонам аз замини ҳамрагу ҳамхуни худ бигрехт?
Чун?
Ки дар нофи заминаш хуни нофам рехт.

Дарди ҷонкоҳам, ки аз он ҷост, дармони ман он ҷост,
Реши хуншорам, ки аз он ҷост, доруи ман он ҷост,
Заҳри чандонам, ки аз он ҷост,
Нӯшдоруи ман он ҷост.

Зодгоҳам дар сари кӯҳи сафеди Ширбияш тӯтиё дорад,
Дар сари кӯҳи Зарафшон мӯмиё дорад,
Дар сари ҳар пушта аз рангинкамон чархофалак дорад,
Кӯзаи моҳи шабаш шири малак дорад,

Зодгоҳам оби гарму оби шӯрак дораду заррингиё дорад.
Дар қатори фавҷи мӯраш ҳамқадам дорам,
Балки ман дар он қаламрав сад найистон ҳамқалам дорам.

Лангари дуру дарози турнаҳои навбаҳораш ку?
Чок-чоки чокаки шабзиндадораш ку?
Кӯчаҳои Каҳкашони пахтазораш ку?
Пуштаи хоке, ки хоки хоксори қиблагоҳам буд, ку?
Хонаи ман – хонақоҳам буд, ку?

Ку сафедорони анбӯҳи саропо чашм –
Чашми пурмеҳру муҳаббат?
Ку чанорони саропо панҷаи даст –
Панҷаи дасти мададгор?

Аз Ватан рафтам,
Валекин дур рафтан аз ватан имкон надорад,
Мекашад хокаш;
Аз кашиданҳои хокаш набзи ман кандаст,
Зарбати набзам мураттаб нест,
Зарбати қалбам мураттаб нест.

Аз Ватан рафтам, валекин мекашад хокаш,
Хоку хошокаш.

## ДАҲ СОЛ МАН НАБУДАМ…

Даҳ сол гул начидам аз пуштаҳои қишлоқ,
Аз пуштаҳои қишлоқ як дам ҳаво нахӯрдам
Дар сарзамини ғурбат аз сакта нотавонам,
Дур аз Хами Мазорам ман ҷон намесупурдам.

Дар пуштаҳои қишлоқ хобида ҳафт пуштам.
Эй кош мегирифтам ҳар пуштаро ба пуштам.
Як дам агар накардам қишлоқро фаромушт,
Гуфтӣ ту, мезанад сахт калтути он маро мушт.

Гирди мазори модар даҳ сол ман нагаштам,
Даҳ сол ман нагаштам гирди мазори додар.
Ҳар як гули сияҳгӯш чун хоҳари сияҳпӯш
Дар орзуи ман буд даҳ сол дидааш тар.

Бе ман дар ин қадар вақт гӯри падар фурӯ рафт,
Токи падар баромад, аз боғ кӯ ба кӯ рафт;
Ангури лаълаш акнун аз хуни синаи ман,
Ангури ҷавзаш акнун аз ашки дидаи ман.

Гардуни ғурбатамро ман пора-пора дидам,
Чун шишаи шикаста, чун шишапора дидам,
Чун шиша мезанад раг, чун шишапора тез аст,
Чун шиша мекунад хун, чун шиша хунрез аст.

Боре наорамидам ман дар канори Ором,
Ҳар қадр мавҷи обаш пои маро набӯсид,
Беҳ аз Хами Мазорам ку ҷои орамидан?
Чун мӯмиёӣ одам дар хоки худ напӯсид.

Борони ғурбати ман даҳ сол кам наборид,
Сабзид устухонам, шохи қалам насабзид,
Баъд аз ту, эй Душанбе, ман шеъри тар нагуфтам,
Дар шаҳри ғурбати ман ҷуз хори ғам насабзид.

Наврӯзи навзамонро ман зинда карда будам,
Даҳ сол ман валекин Наврӯзро надидам,
Обу ҳавои ғурбат кай софу муътадил буд,
Дар шаҳри ғурбати ман ман рӯзро надидам.

Даҳ сол ман кӣ будам? –
Побанди нотавонӣ,
Шояд маро кушоянд чун мурғи осмонӣ
Дар ҷашни дилфурӯзи Наврӯзи бостонӣ,
Наврӯзи достонӣ, Наврӯзи ориёнӣ.

## ЗИЁРАТИ ҚИШЛОҚ

Баъди даҳ сол омадам муштоқ
Аз ғарибӣ зиёрати қишлоқ,
Ба димоғам расид рӯёрӯ
Бӯйи пӯдина, бӯйи шафтолӯ.

Қад-қади роҳҳои хокии ман,
Қад-қади рӯзҳои покии ман
Хокро тоб дода мечарханд
Ҳамчу ғалтак аҷинабодакҳо,
Ҳамчу кӯдак аҷинабодакҳо.

Шохи шаҳтут пухта хунолуд
Ҳамчу бинии кӯдакии ман,
Дар раги шоирии ман ҷорист
Хуни ин тут,
Хуни ин шаҳтут.

Бар дари кулбаҳо сафедорон
Сарашон нарм-нарм дар ҷавлон,
Осмонро ту гӯйӣ мерӯбанд,
Ҷорӯбанд.

Хонабонанд ин сафедорон,
Чашм доранд ин сафедорон,
Ҳамчу чашмони духтари қишлоқ
Сурмаҳо аз хок.

Дастҳои чанори пирашро
Ба зиёрат гирифта мебӯсам,
Ҳамчу пазмон гириста мебӯсам,
Ба дида мемолам.
Ва сарамро дурушт мехорад
Дастҳои чанори тобистон
Зайли як дасту панҷаи деҳқон.

Чашмаҳо, чашмаҳо!
Дуруд, дуруд!
(Дурбинҳои кӯдакии ман,
Дурбинҳои кӯдаконаи ман.
Осмонро чу чашмаи чик-чик
Дурбине намекунад наздик.)

Абрҳоро, ки дар шумо дидам,
Кай чунон абр дар ҳаво дидам.
Кӯдакиро вале намебинам
Дар шумо, дурбини деринам.

Ҳавзи обаш, ки ҳавзи найзор аст,
Нест найзор, як қаламзор аст,
Нест найзор, як қаламдон аст.
Ҳамқаламҳо агар надорам ман,
Як қаламдон пур аз қалам дорам.

Кавараш пухта лаб-лаби ҷарҳо
Даҳанаш ғарқи хун механдад,
Тарбузакҳои кӯдакии ман.

Зоғҳо ошёна гум карда
Дар ҳаво ошёна меҷӯянд,
Бехатар нӯги як дарахти азим –
Ҷойгоҳе, ки дар ҳаво холист,
Ҷои садсола чормағзи азиз.

Фавҷи мӯраш ҳанӯз бехотир
Дар ду пои ту ришта мебандад,
Ба замин ҳамчу банди мӯри сиёҳ
Ҳеҷ банде туро намебандад.

Мӯрҳо, ҷӯраҳои кӯҳнаи ман
Даҳ сари сол шуд, ки мехоҳам
Бо шумо дастакӣ салом кунам,
Ҳамчу мӯре ба дасти мӯрона,

Ҳамчу мӯре саломи мӯрона,
Рӯбарӯ, мӯбамӯ, рафиқона.

Қалъаи кофир, эй мазористон,
Қабру қурғони кӯзаҳои сафол,
Қабру қурғони косаҳои сафол,
Қабру қурғони тангаҳои қадим.
Ғори момоҷавобакат хаспӯш,
Акси овози ман намеояд
Ҳар қадар гӯш мекунам хомӯш.

Пуштаҳо, пуштаҳо!
Салом, салом!
Пуштаҳои дулонаҳои қатор,
Эй дарахтони зарди тиллоӣ,
Шохсорони зарди тиллоӣ,
Меваҳои сағераҳо будед,
Ҳамчу рӯи сағераҳо зардед…

Бингарам чун ба хӯшаи ангур,
Оби чашмам маро ба ёд ояд,
Гуфтӣ, дар навдаи буридаи ман
Пухта ангури оби дидаи ман.
Ҳамрагам ман ба ҳар раги токаш,
Чун раги ток ку раги покаш.

Бингарам чун ба гӯшаи гандум,
Хоҳаронам маро ба ёд оянд,
Ҳарду абрӯ чу хӯшаи гандум,
Сафи мижгонашон аҷаб хушрӯ,
Ҳамчу мижгони хӯшаҳо анбӯҳ.

Бингарам чун ба чӯҷаҳои ятим,
Додаронам маро ба ёд оянд.
Ҳамчу кӯдак гириста аз ҳама дар
Чӯҷае чеғ мезанад модар,
Чӯҷаи бепар.

Дуди печони ошдонҳояш
Дар ҳаво, дар ҳаво, ки мепечад
Ҳамчу гесӯи духтари қишлоқ,
Кокулони фалонӣ мегӯям,
Дар гулӯям садо, ки мепечад,
Бесадо, бесадо ҳамегӯям.

Ба кучое назар намедӯзам,
Раг ба раг, шарҳа-шарҳа месӯзам,
Мӯ ба мӯ сӯхтам ману лекин
Кам нашуд, кам намешавад сӯзам.

Деги шираш, ки медамад ба назар,
Медамад деги осмони саҳар.
Бас маро бӯйи шири гармаш, бас,
Бас маро бӯйи нони гармаш, бас,
Як нафас, як нафас ҳавояш бас,
Пойандози сояҳояш бас…

Солҳо пеш модарам ин чо
Аз сари теппае гуселам кард,
Гуфтӣ, аз кӯдакӣ гуселам кард.
Сӣ сари сол баъди модарамон
Охирин додарам гуселам кард,
Абадӣ аз ватан гуселам кард.

## БАҲОРИ РОҒОН

Дигар баҳор дер намеояд,
Аз теғаҳо намегузарад,
Аз ағбаҳо намегузарад,
Рост меояд,
Бо нақби Шаршар,
Бо нақби Шаҳристон,
Бо нақби Анзоб,
Бо Чормағзак рост.

Дигар баҳор дер намемонад,
Дар печухам,
Дар ҷӯю ҷар дарнамемонад,
Зуд меояд,
Бо тахт роҳи Суғд,
Бо тахт роҳи Бадахшон,
Бо тахт шаҳраҳи Хатлон.

Дигар баҳор фасли боғон нест,
Фасли Роғон аст,
Фасли чароғон, қуббаҳои оби боронаш
Аз шаддаи қандил,
Дар сақфи ҳар як хона овезон.

Дар симчӯбаш,
Замбурӯғи лампа мерӯяд.
Мешукуфанд бар дару девор
Аз лампа гулҳои намози шом.

Аз шабчароғон,
Аз чилчароғон
Шабҳои ялдо
Мешаванд кӯтоҳ.

Ҳар қадар, ки ноқили Роғон
Ёзидан бигирад,
Рӯзи мо ҳам дер меёзад,
Ки дар ноқил
Зулоли равшанӣ ҷорист,
Шиддати нур, неруи ҳарорат.

Бар сари ҳар тоқ,
Дар ҳар сутунпоя
Печаке аз сад чароғак
Печдарпеч ишқи печон,
Зинати гулгашт,

Ороиши барзан,
Зеби кӯчабоғон…

Дигар баҳор
Фасли боғон нест,
Фасли Роғон аст.

## СОЯДАСТЕ БА ҚАҲРАМОНОНИ ҶУМҲУРӢ

Чун меравад аз шумо касе як соат
Аз ёди касе чу қаҳрамони миллат?
То акси шумо ба рӯи пулҳо ҳама ҳаст,
Ҳар сония меравед аз даст ба даст!

## КӮЧАҲОИ ҶАВОНӢ

Кӯчаҳои ҷавониам шабу рӯз
Бӯйи атри занона мекарданд,
Бӯйи атри занона аз ҳар сӯй,
Бӯйи атри занона аз ҳар кӯй,
Ғайр аз ин бӯй бӯ намекарданд.

Кӯчаи бӯсаҳои лабсӯзам,
Кӯчаи қиссаҳои дилсӯзам,
Кӯчабоғи ҳазору як таби ман,
Кӯчабоғи «Ҳазору як шаб»-и ман,
Кӯчабоғи ҳазору як рӯзам.

Кӯчаи чашмҳои Марямбӣ,
Чашмҳои сиёҳи алмосӣ,
Ки ба як қирааш назар мекард,
Рахна дар шишаи ҷигар мекард.

Баҳриву шаҳпари ду абрӯяш
Чун пари мурғи бахт дар дастам,

Пари Симурғи бахт дар дастам,
Пари сӣ мурғи бахт дар дастам.

Кӯчаи Саврие, ки дар кафшаш
Дӯстгонӣ шароб мехӯрдам,
Ман, ки аз Ҷоми Ҷам намехӯрдам.

Кӯчаи Нозуке, ки нозашро
Нозболину нозбӯ кардам.
Ман, ки дасти Худо намебӯсам,
Саҷда бар синабанди ӯ кардам.

Ману як барзанею ҷиз-ҷизи дил,
Камару гарданею ҷиз-ҷизи дил,
Рангубори занею ҷиз-ҷизи дил,
Чоки пироҳанею ҷиз-ҷизи дил,
Хиш-хиши доманею ҷиз-ҷизи дил,
Ғамзаи рафтанею ҷиз-ҷизи дил.

Аз барои шамидани нафасе,
Аз барои чашидани даҳане,
Аз барои навозиши бадане,
Панҷ ҳис дар вуҷуди ман кам буд,
Дар бадан ноқис он ҳама эҳсос,
Хоса, дар бӯсаи нафасгире,
Хоса, дар бӯсаи нафасгардон,
Ки ту беихтиёр меларзӣ
Аз таби изтиробу аз ҳаяҷон…

Кӯчаҳои ҷавониам шабу рӯз
Бӯйи атри занона мекарданд,
Бӯйи атри занона аз ҳар сӯй,
Бӯйи атри занона аз ҳар кӯй,
Ғайр аз ин бӯй бӯ намекарданд.
Кӯчаҳои ҳазору як таби ман,
Кӯчаҳои «Ҳазору як шаб»-и ман.

## МАН ХУДАМРО КУШТА-КУШТА…

Гӯиё ман пеш аз ин ҳам
Солҳои бешуморе зинда будам,
То кунун будам ҷавону пир,
То кунун вобастаи дунёву дунёгир.

Гарчи дар ҳукми дарахти наврасам ман,
Дидаам бас навбаҳоронро,
Дидаам бас баргрезонро,
Дидаам дар поям сад бор пайванд,
Монда андар пояи ман банди ҳар пайванд
Монанди гиреҳбанд.

Бар ман аз наздик бинед,
То маро чун ман шиносед,
То маро чун ман биёбед
                    аз хароботи Хуросон
Ҳамчунон таърихи Кӯшон.

Вой бар ман, вой бар ман, вой бар ман…
Пеш аз ин будам,
Валекин ман кӣ будам?
Ё чӣ будам?
Бо шаҳидон ман шаҳид будам,
Бо асирон дар асорат,
Чунки кардам хешро ғорат.

Ҳаст нақши ман
          дар он нақше, ки
                              мерезад ғамангез
Аз манору бурҷи Систон.
Ҳаст доғи ман дар он сангон, ки
                              хомӯшанду гирён,
Дар мазори Рӯдакиву Оли Сомон.

Бомиёнро сохтам ман,
Бомиёнро сӯхтам ман.
Кофиён пардохтам ман,
Кофиёнро бохтам ман.
Тахти Доро дар раҳи ман буд,
ман кардам харобаш,
Ганҷи Қорун дар кафи ман буд,
ман додам ба бодаш,
Коҳи бодовардаву хоки сияҳ кардам ҳисобаш.

Оташафшон низ ман будам, дар оташ низ ман,
Ҷабрфармо низ ман будам, ҷафокаш низ ман.
Номусулмон низ ман будам, мусулмон низ ман,
Балки шайтон низ ман будам
Ва Яздон низ ман.

Дод аз ман, дод аз ман,
Ал-амон, фарёд аз ман.
Бӯалиро аз Бухорои шариф ман карда берун,
Тирмизиро ман фикандам дӯш
дар дарёи Ҷайҳун.
Барҳадар хуни Низомулмулкро ман рехтам,
Балки хуни мулкро ман рехтам.

Гоҳ «Абисто»-ро кушодам,
Гӯӣ, дунёро кушодам.
Гаҳ гирифтам ҷилди «Қуръон»,
Гаҳ шудам ҳамроҳи шайтон.

Он қадар сарҳо шикастам,
Ки сарам аз санг гашта.
Балки кардам зиндагонӣ
Ман худамро кушта-кушта.

Вой бар ман, вой бар ман,
Эй Худо, бахшой бар ман!

## ҒАЗОИ ВОСЕЪ

Восеъ, ки буд беҳад васеъ,
Бо шонаву пешонаву пешомади беҳад васеъ,
Будаш ҷувозе ҳамчунин
Бо кундаи беҳад васеъ,
Будаш нишоне дар ҷабин аз ҷабҳаи беҳад васеъ.

Равғанкаше монанди ӯ олуда дар равған набуд,
Олуда не, қарқида не, ғарқида дар равған набуд,
Аммо аз ин равғанкашӣ равған набуд дар лампааш,
Аз ғиж-ғижи хобоваре хобида бахти абтараш.

Азбаски санги тоқаташ тоқатшикан гардида буд,
Тоқатшикан гардида буд гӯри ҷувозаш ҳамчу гӯр.
Охир дар ин равғанкашӣ монанди равған даргирифт,
Чун бӯи равған ҷуръаташ як пуштаро дар бар гирифт.

Чашмони аспаш баста буд,
Чашмони аспашро кушод;
Чашмони бахташ баста буд,
Чашмони бахташро кушод.

Аспи ҷувозашро гирифт, аспи ҷиҳодаш карду рафт,
Тири ҷувозашро гирифт, тири ҷиҳодаш карду рафт;
Аспи ҷувозаш дар амон,
Тири ҷувозаш беамон,
Зад наъра аз рӯзи ғазо.

Мулке, ки мулкак буд фақат хурду хуроки кӯдакаш,
Савганд мекарданд ёд мардум ба риши тактакаш,
Дар пеши мардум ҳурмати риши дарози тактакаш
Камтар набуд аз ҳурмати риши дарози мардакаш,
Зад бар машомаш аз «Ғазо!»
Бӯйи ғизо.

Пираш баромад аз дара
Бо риши ҳамчун шаршара,
Қошуқтарош аз гӯшае
Бо тешае.
Чун дарзаҳояш найдарав банди миёнашро бибаст,
Хирманчӣ шохинро гирифт, полизбон – сангу кулӯх,
Ҳатто ятими лучакаш
Афшурд мушти кӯчакаш,
Гуфтӣ, баромад мурдааш, чӯби сари гӯраш ба даст.

Бархост яъне мардуми берахт бо шохи дарахт,
Бархост яъне мардуми бетир бо тири ҷувоз,
Дасти таҳидастону дост,
Ҳар беғизое дар ғазо,
То тахтро яксон кунад,
Яъне, кунад бар хок тахт.

Восеъ дар ин ҷанги васеъ
Дар кундаи тоҷик бибаст
Урдуи манғитро ҷувоз.
Ӯро ҷувози вопасин на аз зағир,
На тухми кунҷит будааст,
Ӯро ҷувози вопасин аз тухми манғит будааст.

## ТИРАМОҲ

Мурғҳоро аз ҳаво дар тӯри боронҳо гирифта,
Ҷомаи гарми дарахтонро дарида,
Подаҳои бодҳояш сабзаву гулро чарида,
Тирамоҳи тира бар кӯям расида.

Селаи гунҷишки тар
Дар зери борон мезанад пар,
Ашки борон мечакад аз мижаи сабзи санавбар,
Ҳамчу аз мижгони духтар.

Қатраҳо аз шишаҳои хонаи ман метарованд,
Мерасад ин лаҳза чашми модари пирам ба хотир.
Ҳар қадар обе, ки ӯ дар зиндагонӣ хӯрда буд,
Зиндагӣ баргашта онро рехт аз чашмонаш охир.

Лонаҳои холиеро дида дар шохи дарахтон,
Кулбаҳои холии кӯи падарро мекунам ёд.
Мекунад он ҷо даҳони бози дарҳои шикаста
Ин замон фарёдам аз дарҳои бефарёд…

Дар сари ин ёдбуди буду нобуд
Менишинам рӯ ба сӯи пуштаҳои хобу хоболуд.
Пуштаҳои зардро дар зери доман мекашад ҷуд,
Гӯӣ, оташ мекунад дуд.

Асли ман, яъне ҷавониҳои нотакрори ман,
Ин замон дар пушти ин ҷуди сиёҳ аст,
Баъд аз ин дар пушти ин дуди сиёҳ аст,
Ман пур аз айбу гунаҳ,
Ӯ бегуноҳ аст…

Мурғҳоро аз ҳаво дар тӯри боронҳо гирифта,
Ҷомаи гарми дарахтонро дарида,
Сабзаву гулро чарида,
Хонаҳои холиро пур карда аз бод,
Синаҳои холиро пур карда аз ёд,
Тирамоҳи тира меояд,
Хира меояд.

Ин пагоҳӣ ман худамро
Бо парастуҳо ба он сӯи уфуқҳо мефиристам,
Сӯ ба сӯ аз пушти гармо мефиристам,
То баҳорон, эй азизон!

То баҳорон нестам ман,
То баҳорон нестам.

## КАФАНИ СУРХИ МАН

Бе ту агар шуд сафед хуни ман андар бадан,
Сурхиат аз хун нарафт, эй Ватани сурхи ман.
Парчами сурхи ту монд дар чамадонам ниҳон,
Дар ҳама ҷо бо ман аст ин кафани сурхи ман.

## БО ЧАМИДАН, БО ШАМИДАН, БО ЧАШИДАН…

Боди Файзобод чун дар пушта гардон мешавад,
Косаҳои чашмҳоям чаппагардон мешавад.
Байни кӯрак монда меборад агар кӯҳи Мазор,
Хонаҳои чашмҳоям мечакад беихтиёр.

Гӯиё ин лаҳзаҳо дар гардани Файзоваам,
Дар таги лабгӯшаи як боми  беандоваам.
Ёд дорам, ин иморат хонақоҳи кухна буд,
Дина ман даҳсолаю ин хона чумчуқхона буд.

Ин замон дар говгуми ёди ман бори дигар
Ояти Қуръону кампири Назокатро нигар:
Гов гум кардасту аз говаш хавотир, сад карат
Мекунад чун гови гардунаш, ту гуфтӣ, кӯрхат…

Ман чу ғози хасравам, дар пуштаҳо печидаам,
Раг ба раг дар пуштаҳо чун риштаҳо печидаам;
Тору пуди анкабудаш лаб-лаби ҷӯборҳо
Тору пудам буд, ҳар вақте ки мекардам нигоҳ.

Ман Ватанро аз қафои пода пайхас кардаам,
Рӯзу шаб бо панҷ ҳисси зотиам ҳис кардаам:
Бо забону чашму гӯшу бо димоғу дасту по,
Бо чамидан, бо шамидан, бо чашидан, бо самоъ.

Дар шикофи мӯр по мондам агар, мӯрам газид,
Гӯштам талх аст гуфтам, лек замбӯрам газид.
Аз заминҳо ман каҳу дон мекашидам пеш аз ин,
Хори дастамро ба дандон мекашидам пеш аз ин…

Боди Файзобод чун дар пушта гардон мешавад,
Косаҳои чашмҳоям чаппагардон мешавад.
Байни кӯрак монда меборад агар кӯҳи Мазор,
Хонаҳои чашмҳоям мечакад беихтиёр.

Ҳар дарахти латтабандиаш, ки дар роҳи ман аст,
Он дарахти латтабандӣ нест, ҳамроҳи ман аст.
Ғайр аз он як мушти калтути сари хоки падар
Андар ин дунё наметарсам ман аз мушти дигар.

**АСП**

Аз рӯй-рӯйи хотираҳои ҷавониам,
Балки аз он диёр, ки гум кардаам падар,
Аспе ҳанӯз медаваду медавад ҳанӯз,
Аспе, ки ҷуз ба хоб намебинамаш дигар…

Пояш сафеду гардану пешониаш сафед,
Соқаш дарозу тахтаи пушташ дарозтар,
Зери шикам ба тахтаи пушташ кашида сахт,
Чашмаш мисоли лахчаи сӯзанда дар назар.

То рӯи сина шаршараю обшори ёл,
То пушти пой шаршараю обшори дум.
Чун зарбаҳои набзи раги дасту пойи ӯ
Аз сангу хок мешунавам зарбаҳои сум.

Сар то қадам – сарак-сараку резу печу тоб,
Дар подаи касофати маркаб намечарад.
Аспи фариштае, ки саисаш фариштаест,
Шаб то саҳар фаришта қашоғӯш мезанад.

Дар ҳарду пойи ӯ падари ман кишан назад,
Дар банди пойи ӯ падарам ресмон набаст…
Дар кӯдакӣ шунидаму фарёд мезанад
Ин гӯши ман ба шиҳаи он аспи дурдаст.

Дар кӯдакӣ шунидаму аз ёди ман нарафт
Он шиҳаи азизи чиҳилсола бештар;
Як дам ба гӯш мерасад аз пуштаҳои дур,
Як дам ба гӯш мерасад аз кулбаи падар.

Ёдат ба хайр, бому дари кӯдакии ман,
Кам нест аз ту дар ҷигарам нақши ҷоннавоз.
Марде, ки рафт аз бари мо дар ҷавониаш,
Хоҳам, ки пир ояду ояд дубора боз.

Умре ба ҳар ғубори шитобанда дар назар
Бо чашми чор менигарам ман, ки аз куҷост;
Маҳтоби нав ба тахтаи дарвозаи уфуқ
Кӯбида наъли ашқари гардуннаварди мост…

Аз рӯй-рӯйи хотираҳои ҷавониам,
Балки аз он диёр, ки гум кардаам падар,
Аспе ҳанӯз медаваду медавад ҳанӯз,
Аспе, ки ҷуз ба хоб намебинамаш дигар…

Тай шуд ҳазорҳо раҳу ҷуз дар раҳи хаёл
Бори дигар надидамат, эй аспи бодпо,
Ту то куҷо давидию ку он савораат?
Ӯро ту дар ҷавониаш афкандӣ дар куҷо?

## БА ХОТИРАИ БАРОДАРАМ ПРОФЕССОР ТЕМУР СОБИРОВ

То маро роҳи хаёлаш бибарад аз паси ӯ,
Дина шаб сӯи ба сӯ аз паи ёдаш будам.
Чашм пуробу чу оташзада аз пушти сароб,
Ҳама шаб кӯи ба кӯ аз паи ёдаш будам.

То расад бӯи вай аз бод, гирифтам раҳи бод,
Бод бе бӯи вай омад ба ман аз Файзобод.
Гуфтам: эй бод, чӣ медонӣ ту аз додари ман?
Хок зад бар сари ман боду гузашт аз сари ман.

Боғ рафтам, ки ман аз дору дарахташ пурсам,
Боғи зарде, ки чу ман табзада буд бечора,
Боғ нашнида маро, барги хазон афшонид,
Кард пероҳани зардӯзии худ садпора.

Нигарон сӯи ҳаво аз қафаси маҷнунбед,
Ҳайф хӯрдам, ки ғами хеш нахӯрдам барвақт.
Нигарон сӯи ҳаво аз қафаси маҷнунбед,
Ҳайф хӯрдам, ки барои чӣ намурдам барвақт,

То ки дар ёди бародар нашавам обу адо,
То намонад дилам аз зиндагиву аз дунё,
То набинам ба ҷаҳон доғи бародарро ҳеҷ,
То маро доғи бародар накушад бо тадриҷ...

Нигарон сӯи ҳаво, бин, ки чи манзар дидам,
Абру аз абри гузар тӯдаи дафтар дидам,
Абру аз абри гузар болишу бистар дидам,
Маҳи бишкастае дар бистари додар дидам.

Менамуд боз яке манзараи даргузаре,
Ки манаш дидаму хоҳам, ки набинад дигаре,
Ашки ман ҳар қадар аз чашм ниҳонаш мекард,
Осмон пеши назар боз аёнаш мекард:

Тӯдаи абри равон буду дар он тӯдаи абр
Товасангони сафеду сияҳи гӯристон,
Тӯдаи абри равон буду дар он тӯдаи абр
Тали пурхору хаси деҳкадаи Сӯфиён.

Гуфтам: эй абр, аз он олами абрӣ чи хабар,
Ҷигарам сӯхт, маро гум шуда фарзанди падар,
Ӯ, ки дар рӯи замин нест, магар он ҷо нест,
Паси талҳои булӯрии ҳаво ҷои кист?

Нашунидам, ки чи гуфту чи нагуфт абри фалак,
Он қадар лек харошид фалакро, ки малак
Ба фалак сахт хурӯшиду хурӯшид чунон,
Ки замин тар шуду тар шуд ҳама аз ашки равон.

Нигарон сӯи ҳаво будаму хобам бурдаст,
Шудам аз чак-чаки борони дарахтон бедор,
Задам оҳе, ки чаро то абадам хоб набурд?
Оҳ, безорам аз ин дидани дунё, безор!

## ОЛУЧАИ ЛАТТАДОР БУД МОДАРИ МАН

Олучаи латтадор буд модари ман,
Қишлоқии хоксор буд модари ман,
Яъне, ки бузургвор буд модари ман,
Дар зиндагиаш мазор буд модари ман.

Бо зарфи кулол зиндагонӣ мекард,
Дар асри сафол зиндагонӣ мекард.
Чун хонаи анкабуд буд докаи ӯ,
Дудхӯрда докаи сари яккаи ӯ.

Умраш ба ятимдорӣ тай шуд охир,
Бо резаю резаворӣ тай шуд охир,
Бо куҳнаву куҳнапора бигзашт, дареғ,
Аз рӯзи авал ба хорӣ тай шуд охир.

Гесӯи сафеди модарам тор ба тор,
Дармондаю канда рафт дар ҳар хасу хор,
Чун тори вуҷуди ӯ ба ҳар озоре,
Дар ҳар хасу хор ғози хасравворе.

Олучаи латтадор буд модари ман,
Қишлоқии хоксор буд модари ман,
Яъне, ки бузургвор буд модари ман,
Дар зиндагиаш мазор буд модари ман.

## СӮЗАН АГАР ДАР ДИЛИ МАН МОНД

Аз хоки ватан гӯри падар дар дили ман монд,
Модар чу мазори лаби ҷар дар дили ман монд.

Дар оташи ғам коғази рӯи ман агар сӯхт,
Аз хоҳари ман коғази сар дар дили ман монд.

Дар баставу фарзанди падар дар паси дар рост,
Фарзанди падар дар паси дар дар дили ман монд.

Ман рафтаму сад хешу табор аз сари ман рафт,
Аз рафтанашон хуни ҷигар дар дили ман монд.

Дар сӯзани девори ман аст риштаи умрам,
Кофист, ҳамон сӯзан агар дар дили ман монд.

Аз ҳамватану ҳамрагу ҳамгавҳару ҳамхун
Чашмони тару оҳи саҳар дар дили ман монд.

## ФАСЛИ ОБШУСТАИ ЗАРД

Чашми чанор нонамоён буд,
Баргаш, ки рехт, чашм аён шуд,
Чашме, ки як шикофии холист,
Яъне, ки кӯриаш намоён шуд.

Туте, ки рахти васеъ мепӯшид,
Рахташ дариду бишуд ворид
Ҳам қуббаи шукуфаи зонуяш,
Ҳам озахи шириши бозӯяш,
Ҳам ҷоғари баланди гулӯяш.

Ҳар пояи дарахт, ки урён аст,
Чӯбӣ, чу пойи инвалидон аст;
Дар чорчӯбаҳои сафедорон
Тасвири зарди боғи хазон аст…

Мӯйи сари чаридаи ман ҳам,
Ҷону тани даридаи ман ҳам,
Ранги паридаи ман ҳам
Чун он дарахти тут,
Монанди он дарахти чанор аст,
Чун ин дарахти сафедор аст.

Ҳамчун дарахти тирамоҳии берахт
Каҷу хамам намудор аст,
Захму харошу ғӯрии андомам,
Чинҳои зери чашму ҷабинам;
Лабҳои хушку чеҳраи хушкида,
Гардани пажмурда.
Яъне, пурам ман аз пучӣ,
Яъне, пурам ман аз лучӣ.

Дар чорсӯи умр нишаста,
Аз чор сӯ гузашта,
Беихтиёр менигарам хира
Чун аз баландии доре,
Чун аз сари сафедоре
Бар дурдасти хеш:
Аз он, ки дар ман аст
Ин сад харошу реш,
Аз он, ки дар ман аст
Бисёр нӯшу неш…

Тасвири зарди куҳнаи худро
Дар чорчӯбаи андомам
Бо қиссаҳои куҳнаи зарде,
Бо ғуссаҳои куҳнаи зарде,
Бо бӯсаҳои куҳнаи зарде
Чун сурате, ба пеши назар дорам,
Аз умр ман ҳамин қадар дорам…

Бо қиссаҳои куҳнаи зардам,
Бо ғуссаҳои куҳнаи зардам,
Бо бӯсаҳои куҳнаи зардам
Ман фасли обшустаи зардам,
Ман фасли обшустаи сардам.

## МАДДУ ҶАЗР

Вақте ки дарё мешавад сероб,
Вақте ки дарё мешавад лабрез,
Кафк бар лаб мешавад девона дарё,
Медамад об,
Ҳамчу шири пухтае аз дег,
Аз лаби об об мерезад,
Он чи дар ӯ ҳасту бо ӯ нест,
Мешавад нест.

Вақте ки дарё мекунад тӯфон,
Мекунад исён,
Мекунад чун кӯҳҳо кӯҳон,
Мешавад гирдоб,
Мехурад тоб,
Бо ҳазорон панҷаи мавҷаш
Куштаҳояшро аз оғӯш,
Аз сари дӯш
Мекашад берун:

Ғӯлачӯбе,
Хирмане аз сабзаи обӣ,
Ҳайкали пайғамбари дерин,
Каҳрабое, гӯшмоҳӣ,
Завраки вайрони раҳзанҳои дарёӣ…
Аз ин қадар нопок
Дарё мешавад пок…

Синаи мо ҳам чу дарёст,
Мадду ҷазри хешро дорад,
Мехурӯшад, мезанад ҷӯш,
Партоба меандозад аз хеш;
Ҳар чи дар ӯ ҳасту бо ӯ нест,
Ҳар чи дар ӯ ҳасту аз ӯ нест,
Мешавад нест.

Бо ҳамин қонуну қувват
Мешавад полида дарё;
Бо ҳамин қонуну қувват
Мешавад полида дилҳо
Аз палидиҳо.

## АШКАМ МАРО ГУЛӮЛА МЕЗАНАД

Гулмоҳие, ки аз таги обаш кашидаам,
Дар оби чашми ман,
Ҳамчун даруни шишаи обе, шиновар аст,
Балки…
Дар чашми ман нишона аз он гулмоҳӣ
Афтода гул,
Чу пӯлаки моҳӣ.

Он мӯрҳо, ки зери қадамҳоям
Помол кардаам,
Дар банди пойи ман
Аз фавҷ-фавҷи мӯр
Баста як чилбур,
Ки мегазад чун мӯр.

Як гурги пӯстак,
Як гурги мехкӯб ба девори хонаам
Дар гургу меши субҳи зимистон
Аз хобҳои барфии ман нӯла мезанад,
Ашкам маро гулӯла мезанад.

Дар дашти Кабкрез, ба ғайр аз хироҷи[1] кабк,
Аз кабки хушхиром
Ному нишона нест.
Вақте ки Кабкрез маро мерасад ба ҳуш,
Нохост ҳарду гӯш
Фарёд мезанад, ки аё кабки рав, гурез
Аз дашти Кабкрез!

Мурғе, ки ман гирифтамаш ба ҳалқа
Аз ҳалқаш,
Истодааст луқмаи овози ӯ ҳанӯз
Дар ҳалқам.

Кӯчида чашми ман,
Пӯчида чашми ман
Чун лонае, ки ҷӯҷаи онро кашидаам
Ҳамчун нигини чашм…

## НАВБАҲОР – УСТОИ МАРҲАМБАНД

Осмон соф,
Чашмҳои осмонӣ соф.
Обҳо дар чашма меҷӯшанд,
Чашмҳои обӣ меҷӯшанд,
Мезанад аз ханда дандонҳо чароғак.

Шишаҳои хонаҳо шуста,
Шишаҳои синаҳо шуста,
Шуста ҳамчун шишаи офоқи боронӣ,
Атласи рангинкамон – ёдоваре аз ёри атласпӯш.

Ман, ба сӯи акси даврони ҷавониам назар
афканда, мегӯям:
«Акси дерин, дидаат равшан, баҳор омад!»
Акси ман аз қиблаи девор механдад,
Акси ман дар чорчӯби худ намеғунҷад.

[1]Гиёҳи хӯрдании кӯдакиҳои мо.

Рост аз рӯи замин сабзида як қомат
Устохонаҳои чанорон,
Устохонаҳои сафедорон,
Гӯиё барҷаста як қомат
Устухонҳои азизон,
Устухонҳои шаҳидон.

Устухонҳо ғунча хоҳанд дод,
Устухонҳо барг хоҳанд дод,
Устухонҳо панҷа хоҳанд дод.

Навбаҳор – устои марҳамбанд
Бастааст аз махмалак, аз ушна марҳам
Бар тароши тешаву захми табарҳо,
Пои маҷрӯҳи дарахтонро
Баста бо печак,
Ҳамчу як доругари ҳозиқ,
Ҳамчу як доругари бобоии тоҷик.

Ҷонамози сояашро бар замин густурда маҷнунбед,
Дар суҷуд истода сархам.
Ин дарахт умре намозашро
Дар ҳамин як ҷонамози сояи худ мегузорад.
Ман ҳам аз авлоди ин бедам,
Сояи касро накардам ҷонамоз умре,
Доиман бар сояи худ саҷда кардам,
Доиман бар сояи худ саҷда хоҳам кард.

Дар миёни сабзаву хори сари девори қишлоқ,
Лола, чун тоҷи хурӯсони сари девори қишлоқ,
Гуфтӣ, алъон мезанад пар,
Бол мекӯбад ҳамин алъон,
Аз сари девор мехонад хурӯси лолаи сурхи қалангӣ,
Пои хобат мешавад бедор,
Хуни хобат мешавад бедор,
Ҳар рагу пайванди хобат мешавад бедор,
Бахти хобат мешавад бедор.

## ПУШТАҲО

Пуштаҳо – роҳҳои хокии ман,
Пуштаҳо – ҷои хокбозии ман,
Пуштаҳо – гӯри модару падарам,
Хоку хокистари намозии ман.

Мебарад мӯр, мебарад мӯраш
Резаҳои дили маро ҳар сӯй,
Мебарад, мебарад парастуяш
Аз лаби ҷӯ гили маро ҳар сӯй.

Гӯиё буд момадояи ман
Момаборонаки баҳоронаш.
Гуфтӣ, гаҳвораам биҷунбондаст
Малахи гоҳворачунбонаш.

Чун қатори дулонаҳояш ман
Ҳамқаторе наметавонам дошт,
Ҳамчу дарёканори Ҳелокаш
Ҳамканоре наметавонам дошт.

Ману маҳтоби рӯи девораш,
Сояи току туту сояи бед
Филми шабҳои кӯдакиам буд
Филми маҳтобии сиёҳу сафед.

Чун чанори шикастапушташ нест
Пири садсола дар паси пуштам,
Нест муште чу мушти калтуташ,
Вой бар ман, агар занад муштам.

Дар паси пушта Сӯфиёни ман аст,
Каҳгили кулбаҳош тиллоист.
Дар паси кулбаҳо чу мактаби ман
Чордевории сафедак нест.

Дӯст дорам, ки бӯяму бӯям
Бӯи дуди алови нонашро,
Дӯст дорам, ки бӯсаму бӯсам
Аз сари пушта осмонашро.

То наборад дигар, бичӯшондам
Рӯзи боронӣ оби боронаш[1],
Оби чашми маро бичӯшонед,
То шавад хушк ашки резонаш.

## ДАРАХТИ САБДА ШУД ДАР ПУШТА МОДАР

Аз он чӯбе, ки дар гӯраш задам тӯғ,
Баромад модарам сабзида аз гӯр,
Дарахти сабда[2] шуд дар пуштаи хок,
Ки модар менамояд бар ман аз дур.

Чуноне зист ӯ, бечорагӣ кард,
Миёни чандаҳояш бандагӣ кард,
Дарахти модарам шуд латтабандӣ,
Саропо куртаҳои кандагӣ кард.

Ҷавонзанҳои қишлоқам ба армон,
Ки шояд кӯдаке гардад муяссар,
Ба нӯги шохаҳояш латта банданд,
Ба дандон канда аз ҳар докаи сар,

Ки ҳамчун остони модари ман
Набуд як остони хонақоҳе,
Набуд чун модари ман бошафоат
Азизею шаҳидею мазоре,

[1] Мавриди боронҳои ҳафтшабу ҳафтрӯза оби боронро ҷӯшонида, хушк мекардем, ки оби деги осмон ҳам хушк шавад.
[2] Сабда (сабада) – сада.

Ки ҳамчун модари ман серфарзанд
Ками кам буд дар дунё аёле,
Ки ҳамчун модари ман чӯҷапарвар
Ками кам буд мурғи чӯҷадоре.

Дукони хонааш чун хонаи мӯр,
Ҳама анҷому бораш реза-реза,
Ба як ҷо – рези хирманҳои қишлоқ,
Ба як ҷо – донаву мағзу мавизак.

Ба мо ноне, ки модар баста медод,
Ба қадри гӯшамон бишкаста медод,
Ки моро – баччаҳои гушнаашро
Наранҷонад ба вақти гушнагиҳо…

Валекин зиндагӣ ҳар тиккае дод,
Ба нархи гӯш дод, эй доду бедод,
Ту гуфтӣ, зиндагонӣ гӯшамонро
Бурида тиккае, як тиккае дод.

Чунон ин зиндагӣ моро пакар кард,
Чунон хору чунон муҳтоҷу мадҳӯш,
Чунон номеҳрубон, бе нангу номус,
Ки модар ҳам фаромуш шуд, фаромӯш.

На боре нон, на собунаш харидем,
На боре докаву попӯшии нав,
Ба умраш куртаи моро напӯшид,
Кафан ҳам бар танаш аз мо напӯшид…

Дарахти сабда шуд дар пушта модар,
Дарахте, чун сабадҳои каҷова[1],
Ту гуфтӣ, як сабад ғам, як сабад ғам,
Ту гуфтӣ, як сабад андӯҳу мотам…

[1] Каҷова – сабади калон.

Касе дар кулбаи модар намондаст
Ба ғайр аз корбофакҳои[1] чун ӯ,
Ба ғайр аз риштаҳои корбофак,
Ба ғайр аз лонаи ҷуфти парасту.

## КУЛБАИ МОДАР

Дар навдаи тути модар овезон
Чун халтаи чакка халтаи маҳтоб,
Дар кундаи тути модар овезон
Чун халтаи моҳ халтаи ҷурғот.

Шаб аз лаби боми кулбаи модар
Ҳамчун зари об мечакад маҳтоб,
Аз халтаи моҳу халтаи ҷурғот
Ҳамчун зари ноб мечакад зардоб…

Ман, дар тани кӯдакӣ фурӯ рафта,
Худро таги тути пухта мебинам,
Дар ҷолаи туту тутборонаш
Як мушт ятими хуфта мебинам.

Як мушт ятими хуфтаро модар
Дар тахтаи дил гирифта мехобад,
Дар пахтаи дил гирифта мехобад.
Сар монда ба тахтаи дили модар,
Сар монда ба пахтаи дили модар,
Бо чак-чаки чакка мебарад хобам,
Чун равғани маска мебарад хобам.

Дар ҷогаҳи мо, ки тут мерезад,
Чун ҷола, ки моҳи хут мерезад,
Хамёза, ки мекашӣ, ба нохост
Шаб дар даҳани ту тут меафтад.

[1] Корбофак (карбосбофак) – тортанак.

Вақте ки сапеда деги гардунро
Чун модари ман ба рег мешӯяд,
Вақте ки сапеда гови гардунро
Чун модари ман пагоҳӣ медӯшад,
Бо шир-шири шир мешавам бедор,
Бо шир-шири ширдӯшии модар…

Дар хоби шабам ҳанӯз бехотир
Ман дар тани кӯдакӣ фурӯ рафта,
Худро таги тути пухта мебинам,
Дар ҷолаи туту тутборонаш
Як мушт ятими хуфта мебинам,
Додар ба бағал гирифта додарро,
Хоҳар ба бағал гирифта хоҳарро.

Вақте ки аз ин миёна бархезам,
На мушти ятими хуфта мебинам,
На дасти бағалгирифта мебинам,
На навдаи тути пухта мебинам
На! На! На ба мушт донаи туте,
Танҳо ману мушти сахти калтуте.

Ман аз тани кӯдакии ман ҳар бор
Чун мурғи пагоҳӣ мешавам бедор,
Чун мурғи пагоҳӣ сина мекӯбам,
Чун мурғи пагоҳӣ мезанам фарёд,
Чун мурғи пагоҳӣ мекунам ку-ку:

Ку хоҳараконии хонарӯбам, ку
(Сад соли дароз хонаноруфта)?!
Ку додараконии хонабонам, ку
(Сад соли дароз хона бесоҳиб)?!
Ку модараки сағерабонам ку
(Сад соли дароз дег ношуста,
Дегу табақаш ба рег ношуста)?!

На чак-чаки халтаҳои хобовар,
На шир-шири ширдӯшии модар,
Девори гилеву сояравшанҳо,
Девори дилеву сояравшанҳо,
Дар шохи чанор халтаи маҳтоб,
Аз халтаи сина мечакад зардоб.

## БАЧЧАҲОИ ДЕҲОТӢ

Нарм-нармак тарона мехонанд
Аз лаби босму аз сари девор
Баччаҳо, баччаҳои деҳотӣ,
Содаю хушзабону беозор.

Аз дарахтон шукуфа мерезад,
Бӯи пӯдина мекунад дами бод.
Медаванд аз миёни майсаю об
Баччаҳо побараҳнаю дилшод.

Аз паси кӯдакони бепарво,
Чун ҳаросак ситода бо сари хам,
Мекунам орзу, ки бори дигар,
Кошки ман ба тифлӣ баргардам.

Боз ман бошаму ҳавои баҳор,
Резаборону турнаҳои қатор.
Гузаронам чу мисрае аз ёд
Турнаҳоро ба чашм аз куҳсор.

Дар лаби обу обшороне
Гаҳ нишинам, дубайтаҳо шунавам,
Ханда дар лаб, дубайтаҳо дар лаб,
Гаҳ худам обу обшор шавам.

Барраҳои сафеди тифлии ман –
Рамаи абрҳои фасли баҳор
Дар канорам чарида хоб кунанд
Дар бари пуштаҳои сабзи Ҳисор…

Ҳар баҳоре ба сӯи кӯҳистон
Кӯдакиро ба ҷустуҷӯ оям.
Кош бо баччагии худ боре
Дар раҳи деҳа рӯ ба рӯ оям.

Кош ӯро бубинаму пурсам,
Бе ман ӯ дар куҷост саргардон.
Баъди ӯ дар кашокаши тақдир
Мондаам пургуноҳу бесомон.

## ЧОРЧАШМА

Соли саг дар ҳисоби ман умре
Соли сагҳои осмонӣ[1] нест,
Соли серии Чорчашмаи мост,
Ки саги бовафои ҳушёре
Ҳамчунон ӯ дар остон бошад,
Остонат баланд аз сари шаб
То пагоҳӣ чу осмон бошад.

Аз нигоҳаш даруни ӯ метофт
Ҳамчу аз шишае, ки метобад
Бору банди даруни хонаи кас,
Рӯҳи инсонӣ дошт, мегуфтӣ,
Ҳушу фаҳму фаросаташ дар сар,
Назараш – гарму нарму ақлонӣ.

Безабон бо ту гуфтугӯ мекард,
Бо думу чашму гӯш фаҳмонда,
Сагатон шири одамӣ хӯрдаст,
Ҳар кӣ мегуфт, дар аҷаб монда.

---

[1] Дубби Акбар ва Дубби Асғар – бурҷҳои осмоние, ки ба шакли саг (хирс) тасаввур мешаванд.

Вақти бар дар туро пазируфтан
Пеши пойи туро ба дум meруфт,
Думи худро чу даст ҷунбонда,
Бо думаш «марҳамат, биё!» – мегуфт.

Ҷойи хобаш, ки боми каҳдон буд,
Коҳу моҳи шабаш намоён буд,
Дар замин гар наменамуд коҳ ҳам,
Дар фазо гар наменамуд моҳ ҳам,
Ӯ хавотиру пургумон мешуд.

Дар миёни сагони кӯча саге
Чун саги мо ду чашми мешӣ надошт,
Чашми мешӣ на, ҳамчу мардумакон
Мешҳоро нуҳуфта дар чашмон,
Чашм мебасту гӯш мекард он,
То ки дар гургмеши вакти саҳар,
Ки сагон хоб мераванд охир,
Надарояд аз обмӯрии чашм
Ҳеҷ гурге ба мешхонаи сар.

Шарфаи пойи бодҳоро ҳам
Аз раҳи гӯш дастрас мекард,
Бӯи хунро ҳанӯз аз раги хун
Ба замин ночакида ҳис мекард.

Сояҳоро ҳам аз дару девор
Сояи Чорчашма метӯронд,
Худаш аммо набуд сояи худ,
Рост баракси сояи худ буд,
Аз худаш гурба ҳам наметӯрид,
Гурбаро ҳам худаш наметӯронд.

Мехурӯшид агар, хурӯшашро
Кӯдаки гоҳвора медонист,
Гарчи аз ак-аки сагон пур буд
Шаби кишлок то саҳар беист.

Тоқату тоби сангу чӯб надошт,
Бар сараш ҳар ки чӯб мебардошт,
Хафа мешуд чунон, ки нонашро
Дигар аз пеши по намебардошт.
Хоҳарам як пагоҳӣ аз долон
Ронд ӯро ба дастаи ҷорӯб,
Рафту зад ҳалқа рӯи гӯри падар,
Сар ба рӯйи ду даст то ба ғуруб,
Бе тавалло накард сар боло.

Дар зимистон хунук намехӯрдам,
Дам ба дам гарм карда мегуфтӣ,
Панҷаҳои маро ба ҳаври даҳон,
Ман, ки мактаб равам агар, мерафт
Сагамон пеш-пеши ман мактаб,
Сагамон мешинохт мактабро
Ҳамчу мо, кӯдакони мактабхон.

Поси шабҳои тори яхбандӣ,
Ки чароғаш зи чашми гургон буд,
Ки сагон дар танӯр мехуфтанд;
Саги мо чорчашма мепоид,
Аз сари бому бора мелоид,
Мехурӯшиду уштулум мекард,
Ногаҳон ҳамлаву ҳуҷум мекард.

Хуни ӯро, ки ҳар қадар начашид,
Ҳар қадар, ҳар қадар, ки дам накашид,
Ҳар қадар барфи чилла аз хунаш
Сурху гулгуну лолазор нашуд,
Надаромад баҳор,
Баҳор нашуд.

Гурги бадхашми чилаи гургон
Нав ба нав мегазид аъзояш,
Нав ба нав Чорчашма хунолуд
Пайи дандони гург дар пояш,
Чунгурак менишасту мелесид
Бо забон реши хунполояш.

Дар ҳамон рӯзҳои чилаи дай,
Ки тапакдуд то фалак мерафт,
Ҳама ҷо пур буд аз сагони сиёҳ,
Аз сагони сиёҳи албастӣ,
Аз сагони аҷинаҳои танӯр,
Аз саги кӯчаҳои хокистар,
Саги моро ту дида мегуфтӣ
Хирс, хирси сафеди Қутби Шимол, –
Саги мо буду барф дар дунё.

Аз ҳамон барфҳо, ки дар дили ман
Ҷойи пойи чаҳор додаракам,
Нақши попӯшии ду хоҳаракам,
Нақши попӯшҳои тифлона
Ва пайи пойи Чорчашма нишаст,
Ҳафт нақши нишастаам дар барф,
Ҳафт ҷойи қадам, ки об нашуд,
Чиқадарҳо, ки офтоб нашуд…

Баъд, дар айни сабзаҳои баҳор,
Ки саги гушна ҳам алаф мехӯрд,
Саги моро кадом беинсоф
Туи нонаш халонда сӯзан дод.
Шири одам макида буд, аммо
Хислати одамон намедонист,
Буд равшан, ки ҷисми шаффоф аст
Ба ту аз шишаҳои чашмонаш,
Буд маълум – навъи фарфор аст
Ба ту аз устухони дандонаш.

Сулфа мезад, ки шояд аз ҳалқаш
Сӯзани хӯрдааш бар ояд рост,
Он қадар хушк шуд, ки мегуфтӣ,
Мегузашт аз шикофи сӯзан ҳам,
Ончунон нимҷон, ки метӯрид
Худаш аз сояи худаш нохост.

Шири одам макида буд, аммо
Меҳри одам ба ӯ натофт, натофт,
Дили одам ба ӯ насӯхт, насӯхт,
Шарми одам наомад аз шираш,
Хун не, шир буд, ки мепартофт,
Шири одам нашуд дар танаш ош,
Шири модар нашуд дар баданаш…

Эй сагон, эй сагони одамдил,
Шири одам ҳалолатон бодо,
Одамон, одамони сагботин,
Шири одам ҳароматон бодо…

Чун мусулмон сагони мискинро
Хасми хунии номусулмон нест,
Ҷуз фиғони сагони бетолеъ
Рӯзу шаб аз дари мусулмон нест.
Лагаду сангу чӯб мекӯбанд
Ба сари саг чу бар сари душман,
Ҷонвари безабони маъсумро
Ҳеҷ кофар намедиҳад сӯзан...

Саги мо вақти сӯзанакҳо[1] мурд,
Чун саги зинда чор чашмаш чор,
Мурдаашро ду газ кафан кардем,
Дар сари гӯраш анҷуман кардем,
Халачӯбе, ки хаста дар хокаш,
Баста будам дар он лабе газвор,
Гарчи ӯ тоби халачӯб надошт,
Сабз шуд чун дарахти сӯзанхор…

Дар шабони сиёҳи ғурбати хеш,
Дар шабони сиёҳи дилтангӣ,
Дар шабони дарози танҳоӣ,
Дар шабоне, ки ланҷу ранҷурам,

[1]Гиёҳи хӯрдание ба шакли сӯзан.

Дар шабоне, ки бо ҳавопаймо
Се шабу рӯз аз ватан дурам,
Чорчашм аз баландии қишлоқ
Мекашад нӯла дар буни гӯшам
Ҳамчун аз чор боми бар ба бари
Лаҳади чор тан бародари ман,
Ҳамчун аз рӯйи боми каҳдонаш
Аз баландии теппаи сари ман.

## ФАРЗАНДИ ДЕҲҚОН

Хаёли деҳа бӯи беҳа дорад
Барои ҳамчу ман фарзанди деҳқон,
Чу ёди кишту саҳро мекунам ман,
Хаёлам мешавад абри баҳорон.

Агарчӣ пинае дар дасти ман нест,
Нагӯям кори номушкил гирифтам,
Ки чоки пою дастони падарро
Чу мероси падар дар дил гирифтам.

Гар аз гулхору аз санги адирҳо
Кунун кам монда дар пои ман осор,
Даруни синаам ҷар мешавад санг,
Даруни синаам гул мекунад хор.

Замини шеъри ман гӯри сухан нест,
Давоми кӯҳу саҳрои диёр аст,
Забони модарии зиндаи ман
Забони барқу борони баҳор аст.

Лабамро чашмаҳо бикшода бар шеър,
Диламро – гиряҳои обшорон,
Хате не, ҷӯ ба ҷӯ то дафтари ман
Расида оби Элоку Зарафшон…

Агар аз номи ман сатре бимонад,
Шумо, хонандагон, сатраш махонед,
Ба ҳукми мисрае аз киштзорон
Ба назм оварда огардаш бидонед.

Давоми шир-шири барги алафҳост
Ҳиҷоюю ҳарфи ман дар шеъри озод,
Ғазалҳои маро дар шабдаравҳо
Ману шаббодаҳо кардем эҷод.

## СУРХИИ РӮЯТРО БИДЕҲ

Моро убол аст аз азал
Хокистаре дар зери по,
Эй аз туам сад илтимос,
Эй аз туам сад илтиҷо:

Сурхии рӯятро бидеҳ,
Зардии рӯямро бигир,
Гармии рӯятро бидеҳ,
Сардии рӯямро бигир.

Савғотӣ оташ бурдаанд
Оташпарастон ҳар куҷо,
Эй аз туам сад илтимос,
Эй аз туам сад илтиҷо:

Сурхии рӯятро бидеҳ,
Зардии рӯямро бигир,
Гармии рӯятро бидеҳ,
Сардии рӯямро бигир.

Рӯйи замин сӯзад агар,
Фардош мепӯшад гиёҳ,
Як умр мемонад вале
Рӯйи заминсӯзон сиёҳ.

Эй аз туам сад илтимос,
Эй аз туам сад илтиҷо:
Сурхии рӯятро бидеҳ,
Зардии рӯямро бигир,
Гармии рӯятро бидеҳ,
Сардии рӯямро бигир.

Бо пояш оташро накушт
Аҷдоди оташкеши мо,
Дар назди мардум лоҷарам
Сахт аст ин айбу гуноҳ;
Эй аз туам сад илтимос,
Эй аз туам сад илтиҷо:

Сурхии рӯятро бидеҳ,
Зардии рӯямро бигир,
Гармии рӯятро бидеҳ,
Сардии рӯямро бигир.

Ҳар кас, ки аз майдон гурехт,
Сад латма зад дар кори кеш,
Оташ надод аз хонааш
Ӯро касе дар шаҳри хеш;
Эй аз туам сад илтимос,
Эй аз туам сад илтиҷо:

Сурхии рӯятро бидеҳ,
Зардии рӯямро бигир,
Гармии рӯятро бидеҳ,
Сардии рӯямро бигир.

## БАҲОР ОМАД

Баҳор омад:
Бояд бо дарахтон буд,
Бо дарахтон аз замин рӯид,
Бо лолазорон дар замин сурхид

Ва бо парвонаҳо буд,
Ки чун гулбарг мерезанду мерезанд
Ва бо рангинкамон буд,
Ки аз он рангҳо ҷорист.

Бояд  ошиқ буд, ошиқ буд, ошиқ буд,
Як даме бо резаборон,
Як даме бо бӯсаборон буд.

Баҳор омад, баҳор омад,
Чароғи лолаҳо равшан,
Чароғи дидаҳо равшан.
Агар бо чашм дуриро намебинед,
Бо дурбини чашмаҳо бинед, –
Ҳар он кас аз шумо дур аст, мебинед,
Чу дар оина мебинед.

Баҳор омад:
Ҳам ошиқпеша бошед,
Ҳам ҳунарпеша.
Баҳори ошиқон, яъне
Шаби маҳтобии дунё,
Лаби ёре дар ин шабҳо,
Ки дарё аз шумо филме бибардорад –
Пур аз оҳанги дарёӣ,
Пур аз тасвири дарёӣ.
Навори обҳоро пур кунед аз хеш,
Пур кунед аз ишқ.

Парастуҳо
Хати парвозашонро дар ҳаво чун ришта
мебанданд,
Ки фардо ин ҳаворо бо ҳамин ёддошт
Дар ёд бояд дошт.
Шумо ҳам риштаи зулфе гиреҳ бандед
Ва ин ёддоштро дар ёд бояд дошт,
Ки фардо ё пас аз фардо

Чароғи лолазорон мешавад хомӯш
Ва дарё ҳам наворашро
Ба гирди сангҳо печонда хоҳад дод
Ба бунёди хазонрезии тиллоӣ[1].

## ТЕҒИ СИНО

Турку тозӣ ҳар куҷо даъвои Сино мекунад,
То ба боми шуҳрати ӯ нардбон пайдо кунад,
Лек Сино нардбонашро ба бомаш бурдааст,
Турку тозӣ барҳадар ин турктозиҳо кунад.

Аз азал доруи тоҷик решаи хор асту лек
Бӯйи Сино мекунад ин халқ аз даври қадим,
Метавонӣ аз забони пиру кампираш шунид:
«Дасти ман не, дасти ман не, дасти Луқмони ҳаким!»

Бӯалиро дӯш ин миллат ба даҳр овардааст,
Чун набудаш ғайри дарди бедаво нақди дигар,
Интизори нӯшдору буд Суҳробаш ҳанӯз
Дар сари дасти падар, хуншор аз дасти падар.

Рум агар аз шохи Искандар фаромуш кард зуд,
Дар Хуросон захми теғи шохдораш монда буд.
Гар Қутайба аз Хуросон бозпас баргашту рафт,
Дар Хуросон решҳои зулфиқораш монда буд.

Қиссаи мурғи самандар пеши ман афсона нест,
Саргузашти мардуми печидафарёди ман аст, –
Он ки месӯзад, вале аз тӯдаи хокистараш
Мекунад парвоз чун паррандаи оташпараст.

Соате Маҳмуди саҳроӣ ба султонӣ расид,
Дасти Сино то ба набзи Нӯҳи Сомонӣ расид,
Зери дасташ балки набзи Нӯҳи Сомонӣ набуд,
Номураттаб набзи асри хештанро мешумурд.

[1]Фонди тиллоӣ.

Асри турку асри тозӣ буд асри Бӯалӣ,
Асри шуми турктозӣ буд асри Бӯалӣ.
Дар таги гарди саворон аз ватан овора гашт,
Оқибат аз зиндагӣ дар гӯшаи зиндон гузашт…

Соате Чингиз девори Бухороро шикаст,
Дар миёнаш тир, теғи тези хунрезаш ба даст,
Халқи тоҷик теғи дармонбахши Синоро гирифт,
Теғи дармонбахши Сино рӯи дунёро гирифт.

## АҲМАДИ ДОНИШ

*«Аз қабри ту фаромӯш карда бошанд*
*ва надонанд, ки мақбараи ту куҷост.»*
*(Аҳмади Дониш)*

Бас рӯзу шаб гузашту баҳору хазон гузашт,
Бас оби рӯ намонду басе оби ҷӯ намонд.
Аллома гашт паҳлу шабе дар мазори хеш
Аз дарди тахтапушт, ки паҳлӯ нагашта буд.

Паҳлӯ, ки гашт, гӯшаи чашмаш кушода шуд,
Омад ба хотираш қаламу лавҳу ҷадвалаш;
Ҳарчанд дар қаламрави авҳом хуфта буд,
Лавҳу қалам зи хотири аълам нарафта буд.

Бархест аз замини Бухорош чун бухор,
Рафт аз барои лавҳу қалам сӯи хонааш…
Маҳ дар фазо чу косае дар байни об буд,
Паҳлӯ ба паҳлу шаҳри наву кухна хоб буд.

Медид ҳайкале, ки набудаш қиёс ҳеч,
Медид ҳайкале, ки набудаш шинос ҳеч,
Чарминапӯш, кепии чарминааш баланд,
Бо ҳайате, набуд ба бухорой хос ҳеч.

Маҳтобро ҷабида фурӯ мекашид хишт,
Аз тоқу дар хутути чалипоӣ рӯ ба рӯ
Монанди устухони фурӯ монда дар гулӯ,
Аълам дар ин хутуту рақам чашми хат надошт.

Аз сояи имморати Мири Араб гузашт,
Гӯё расид то гузари Хоҷа Ҷаъфарӣ.
Лекин сукут карду ҳаво хӯрду боз гашт,
Он ҷо наёфт хонаи худрову шаб гузашт.

Пур буд саросар он маҳал аз хонаи сафед,
Аммо набуд кулбаи урфии хоси ӯ,
Он туту току он дару он даргаҳи куҳан, –
Он ғуфраи ба Ҳайрату Айнӣ шиноси ӯ.

Баргашт бар қаламрави авҳом бе қалам
Аз пушти ҷӯву хандақу девор, хам ба хам.
Маҳ метанид дар қалами хорҳои хушк
Аз нурҳои намзадааш торҳои хушк.

Ин лаҳза буд лаҳзаи пиндору пинакаш,
Молид дидарову нигаҳ кард пешу пас:
Дар бора низ марқади хораш наменамуд,
Он гӯри бе катибаи зораш наменамуд.

Шабнам, ки мечакид дар он гӯшаи хароб,
Гуфтӣ ту, мегирист саҳаргоҳ моҳтоб…
Аз махдуми муҳандису аз аъломи нуҷум
Монд оқибат бухории гумгӯру хонагум.

## АЙНӢ

Умри Айнӣ аз барои халқ сарфи хома шуд,
Халқи моро дафтари Айнӣ шаҳодатнома шуд.
Сарзамини мо худ аз осори ӯ сар мешавад,
Ин замин бо ӯ ба дунёе баробар мешавад.

То ба Айнӣ гарчи дарёи сухан шодоб буд,
То ба ӯ дар зиндагӣ пайроҳаи ноёб буд,
Мисли он рӯзе, ки онро метавон дар ёд дошт,
Дар лаби Вахшу Зарафшон мардуме бе об буд.

Ин ҳақиқат мекунад чашми маро ҳар бор тар:
Кас набуд дар Панҷрӯд аз Рӯдакӣ гумномтар.
Дар Бухоро бохабар буд мардум аз дунё агар,
Аз Алӣ буд бохабар, аз Бӯалӣ буд бехабар.

Гарчи табъи Рӯдакӣ шеъри закӣ эҷод кард,
Офарин бар табъи Айнӣ – Рӯдакӣ эҷод кард.
Гар ба дунё рафт Сино чун табиби иллате,
Кард ӯро ҳиммати Айнӣ табиби миллате.

Тоҷиконро аз замин чун донаҳо дарёфт ӯ,
Чун китоби кухна аз вайронаҳо дарёфт ӯ.
Тоҷикистон гар на, ҳар як тоҷике осори ӯст,
Хотири бедори мардум хотири бедори ӯст.

## КИТОБИ «ТОҶИКОН»

Мурда буд дар хоб гӯё бахти хоби тоҷикон,
Ношумурда мухтасар мешуд ҳисоби тоҷикон.
Бахшу бобе ҳарчи буд дар бахшу боби тоҷикон,
Бекитобон канда буданд аз китоби тоҷикон.

Аз миёнаш сиккабарҳо сикка бурду сикка хӯрд,
Аз даҳонаш тиккабарҳо тикка бурду тикка хӯрд.
Аз Атобак гарчи дар ин минтақа антиқа буд,
Кас намедонад, ки буд, ғайр аз китоби «Тоҷикон».

Гар набудӣ ҳар сафоле фол аз асри сафол,
Гар набудӣ тоҷики асри сафол устокулол,
Ҳамчунон ҷилди заминаш аз сафолу аз сафол
Пур намешуд ин қадар ҷилди китоби «Тоҷикон».

Гар набуд аз устухони куҳнае моро аён,
То бидонем, аз куҷо бишкаста миллатро миён,
Чун тарақҳои заминаш ин қадар аз устухон
Пур намеомад варақҳои китоби «Тоҷикон».

Дӯш тоҷикро, намедонам, чи қисмат будааст,
Худ ба Хатлону расул аз Устувохат будааст,
Лоҷарам, аз Устувохат, лек бехат будааст,
Ман надидам нусхаашро дар китоби «Тоҷикон»…

Дар ҳавошии қаламрав беқаламҳо будаанд,
Беқаламҳои ҳавошӣ беқадамҳо будаанд.
Беқаламҳои ҳавошӣ дар қалам афтодаанд
Ин замон андар ҳавошии китоби «Тоҷикон».

То Хуросонро хурад осон, намонад порае,
Бо хуру осон ҷудо кардаш хуросонхорае.
Баъди сад садсола охир ҳар Хуросонпорае
Ёфт пайванди китобӣ дар китоби «Тоҷикон»…

Бо вуҷуди ин, нашуд аз асли худ умре ҷудо,
Бо фушурданҳо нашуд чашмаш фушурда чун ҳаво.
Каштали кухро гирифт аз дасти кашталкандаҳо,
Пушт бар каҳ на, ба куҳ бинҳод аз бепуштҳо.

Ин замон бозори  нони тоҷикон бе муштарист,
Лек бозори китобаш бе дусад муштоқ нест.
Ҷои нони хонагӣ бар каф китоби хонданист
Ҳамчу болоӣ ба болои  китоби «Тоҷикон».

Тоқдони хонаи мо ҷои дастархони мост,
Тоқдони чашми мо – ҷои китоби «Тоҷикон».

## МЕКАШАД МОРО ДАРӢ АЗ ҲАР ДАРЕ

Нест қонуни кашише дар ҷаҳон
Дар кашидан ҳамчу қонуни забон,
Гарчи ҳамхуни Сиёвушем мо,
Бо забони худ ҳамоғӯшем мо.
Гарчи бо сад халқ ҳамдӯшем мо,
Ҳар куҷо сар то қадам ҳӯшем мо,
Ҳар куҷо сар то қадам гӯшем мо,
То забони хешро нӯшем мо.
Алғараз, моро дарӣ аз ҳар даре
Мекашад ҳамчун забони модарӣ.

Бо ҳамин қонун таҳорат мекунам,
Бо ҳамин қонун зиёрат мекунам,
Каъбаро на, Каъбатулушшоқро,
Хокро на, шишаи офоқро.
Бас маро аз қитъаи волои Рум
Сурмае аз хоки Мавлонои Рум.
Тоҷмаҳалро саҷда мекардам агар,
Мадфани Бедил набуд дар раҳгузар,
Дар тавофи турбати Хусрав набуд
Анҷуман аз шоиру аҳли суруд.

Бо Ғанӣ дар шаҳри Кашмирем мо,
Балки бо Иқбол ҳамшаҳрем мо,
Балки бо Иқбол ҳамширем мо,
Чунки бо Иқбол ҳамшеърем мо.

Алғараз, моро дарӣ аз ҳар даре
Мекашад ҳамчун забони модарӣ.
Ин забон ҷуз шуълае дар мушт нест,
Ҷуз забони оташи Зардушт нест.
Мо аз он оташ шарар кардем сабз,
Сар заданд морову сар кардем сабз.
Мебуриданд ҳар қадар моро забон,
Мо забони модариро дар даҳон
Сабз мекардему месабзид он.

## ЧУН ҚАЛАМ НЕСТ
## КАСЕ ҲАМХУНАМ

Ҷеваке ман ба сари дил дорам,
Ҷои пул нест, барои қалам аст,
Қалами ман ба дилам наздик аст,
Ба ҳавои дилам одат кардаст.

Хиш-хиши тарзи қаламронии ман
Тапиши қалби маро мемонад,
Тапиши қалбам агар мавзун аст,
Хиш-хиши хомаи ман мавзун аст;
Чун қалам нест касе наздикам.

Ин қадар ранг, ки дар дафтари ман
Аз димоғи қаламам мерезад,
Ба худо, хуни ман аст,
Ба худо, ранги қалам хуни ман аст.
Аз димоғи қаламам дар дафтар
Хуни ман мерезад;
Чун қалам нест касе ҳамрангам,
Чун қалам нест касе ҳамхунам.

Набзи ман дар таги ангушти қалам,
Қаламам набзи маро месанҷад,
Қаламам набзи маро мешуморад,
Менигорад қаламам набзи маро;
Тапиши набзам агар мавзун аст,
Хиш-хиши хомаи ман мавзун аст.

Қалами ман, ки дар ангушти ман аст,
Қаламам нест, як ангушти ман аст,
Ба ин ангушт шаш ангушти ман аст,
Ин шаш ангушт, ки дар мушти ман аст,
Басам ин мушт, ки дар пушти ман аст.

## ДУШАНБЕ

Ту шаҳри санъату шаҳри сухандонӣ,
Ту фарҳанги забони Тоҷикистонӣ.
Туро ҳар нақш
Чун нақши сухан барҷост,
Ва тарҳат
Тарҳи ҳайкалҳои шоирҳост.

Агар як нимаи рӯи ту рӯи Рӯдакии мармарин бошад,
Дигар як нимааш Айнии сангин аст,
Душанбе, сурату симои ту ин аст.

Наменозӣ ту ҳамчун Руми шуҳратманд
Ба маснадҳои қайсарҳо,
Ба қабру қалъаю аркону минбарҳо,
Касе аркони заркории тоҷикро намебинад,
Намедонад касе
Пайғамбаронаш дар куҷо хобанд…

Ту бо гаҳвораҳои кӯдакони хеш хурсандӣ,
Ба даври рафта не,
Бар давраи оянда пайвандӣ,
Ҷавоншаҳрӣ,
Бузургонат ҷавонанд,
Шоҳмардони ту тифлонанд.

Агарчи бомҳоят сар ба гардунҳо намесоянд,
Чу Эйфал гар манорат нест,
Сари кӯҳи баландат хонаи хуршеду маҳтоб аст,
Маҳу хуршед дар боми ту –
Дар Боми Ҷаҳон хоб аст.

Ҷаҳонгарде ба манзилҳо
Аз оғӯши ту рӯзи офтобӣ мебарад савғот.
Туро бо шеъри Турсунзода мардум мекунад азбар,
Туро бо шеъри Турсунзода мардум мебарад дар ёд.

Душанбе – шаҳри ҳуснобод
Душанбе – шаҳри навбунёд,
Ҳама анҷомат оғоз асту оғоз аст,
Раҳат тангу канорат
Чун канори тоҷикон боз аст.

## ШОИРОНРО МАСУПОРЕД НАБӮСИДА БА ХОК

Аз азал шеър набуд,
Шеърро ҳазрати Зардушт баровард, ки ӯ
Аввалин шоири пайғамбару пайғамбари
шоир будаст.
Шеъри ӯ – шуълаи оташ,
Оташаш – шуълаи шеър,
Сурхии рӯи Аҷам ин ҳама аз сурхии ӯст,
Гармии рӯи Аҷам ин ҳама аз гармии ӯст;
Шоиронро масупоред набӯсида ба хок!

Ҷилди «Шаҳнома» ба «Қуръон»-и араб,
Бинигар,
Соли ҳазор аст, ки дар пайкор аст.
Арсаи ҷангу муборизаи ӯ
Арсаи ҷанги бузурги ватанист;
Шоиронро масупоред набӯсида ба хок!

Кас ба Шероз намерафт, агар Саъдӣ набуд,
Кас намерафт ба Шероз, набуд Ҳофиз агар,
Балки Шероз набуд дар назари аҳли назар;
Шоиронро масупоред набӯсида ба хок!

Балх бо Мавлавии Балхӣ агар Рум гирифт,
Кард Юмгондараро Носири Хусрав Юнон;
Шоиронро масупоред набӯсида ба хок!

На ба Нақши Рустам,
На ба Тахти Ҷамшед
Ва на бо Машҳади Тӯс,

Ба ду сарводаи Хайём шиносанд Эрон;
Шоиронро масупоред набӯсида ба хок!

Номбардори Хуҷанд аст Камол,
Хоҷа Камол,
Гарчи аз гӯрғарибон будаст,
Гарчи дар гӯшаи Табрез бувад мадфани ӯ,
На дар мавтани ӯ;
Шоиронро масупоред набӯсида ба хок!

Хоки Лоҳур агар хоки дару даргоҳ аст,
Хоки роҳ аст агар,
Дилхоҳ аст,
Ҳамчу хуфтангаҳи Иқбол зиёратгоҳ аст;
Шоиронро масупоред набӯсида ба хок!

## ХУДАМРО МЕБАРАМ БАР ДӮШИ ХУД БОЗ

Агар устози шоир шире буд,
Ки ӯро гашт дар устозӣ раҳбар,
Ман он шоир, ки устозе надорам,
Равон шуд шеъри ман аз шири модар.

Маро гӯянд агар шахси қаламкор,
Ба ёдам мерасад неши қаламхор,
Чу аз пушти шикор аз пушти ман рехт
Нахустин мисраам аз пои хуншор.

Нахустин байти ман дар дафтаре нест,
Нахустин байти ман дар подараҳҳост,
Ки ӯро пои урёнам навишта,
Ба рӯи хок иншои кафи пост.

Заминҳои баланди лалмикорӣ
Барои ман алифбои ҳунар шуд,
Сари машқи хати ман дар заминҳо,
Хати хонои шудгори падар шуд…

Маро ин осмон шоир накардаст,
Гирифтам аз алафҳо бӯи ашъор.
Чу барге сабз шуд, ман ҳам шудам сабз,
Чу барге сӯхт, ман ҳам сӯхтам зор.

Маро аз пои кӯҳистон бипурсед,
Ки поям сангкӯбашро кашида,
Сару рӯям харошидаст гулхор,
Ба дӯшам ҷомаҳоямро дарида…

Барои ман, ки деҳқонам ба фитрат,
Каҳе ҳам мекунад бӯи бародар,
Ба дунё омадам дар қаҳтсолӣ,
Ба рези пуштаҳо будам баробар.

Замин кандам, валекин зар наҷустам,
Бичустам решаву тухми давоӣ.
Чу дидам, гул ҷавон рафту хасе монд,
Гузаштам аз худову бехудоӣ.

Шунидам аз сари сахтам, ки дар хок
Касеро ғайри сар сармояе нест,
Фалак парвои пайғамбар надорад,
Сарои осмонро пояе нест…

Қалам болои коғаз мекашам ман,
Ту гӯӣ, меравам раҳ лаб-лаби ҷар,
Ба худ гӯям, агар поят билағжад,
Худоро мон, бигир аз бутта беҳтар.

Маро аз хештан борест бар дӯш,
Набошам то ба мардум бори носоз,
Худам бори худам будам зи тифлӣ,
Худамро мебарам бар дӯши худ боз…

Қалам болои дафтар мекашам ман,
Шамиму маззаи пӯдина дар ёд.
Ба ғайр аз ғози мизони Ватан нест,
Хати ман дар ҳавои шеъри озод.

Ниҳодам ман пари коҳи Ватанро
Ба рӯи чашм, агар чашмам парида,
Ғами ӯро чу ғамҳои ятимӣ,
Ба нонаш хӯрда, бо обаш чашида.

Барои хоки ӯ дар ҷанги Гирмон
Ман андар батни модар тир хӯрдам,
Маро бо тири Гирмон зод модар,
Намемирад Ватан, чун ман намурдам.

## БАРОИ ХУДАМ

Соқии базми сағирон будаам чанде,
Низ дар базми вазирон будаам чанде;
Бод ҳам паймудаам чанде,
Бода ҳам паймудаам чанде,
То гулӯ ғарқидаам дар оби соғарҳо,
То гулӯ ғарқидаам дар истаконҳо.

Ҳар куҷо густурда пойандози ман аз мавҷи қарсак буд,
Ҳар куҷо густурда пойандози ман аз авҷи чак-чак буд;
Аз ҳазорон ёри хушгил бар сарам гулдаста меборид,
Аз ҳазорон хирмани гул бар сарам гулдаста меборид.

Ҳар куҷо дасти қаламрони ману таҳсину аҳсан буд,
Ҳар куҷое дасти ман дар дасти ошиқҳои ман буд,
Он қадар дасти маро бигрифта мардум мефушурданд,
К-оби дастам мечакид аз дасти мардум.

Дидаам ҷилди китобамро
Дар қироатхонаи Салмони Рушдӣ
(Гарчи безорам ман аз Салмони Рушдӣ),

Аз сигори дасти Нодирпур сигорамро
Кардаам равшан;
Будаам меҳмони Касрой Сиёвуш
(Вой! Вой! Умре арӯси шеър аз маргаш сияҳпӯш);
Соядаст аз Соя ҳам дорам
(Чой ҳам нӯшидаам бо ӯ,
Чойи сабзе, чойи хушбӯ).

Гӯри Саъдиро зиёрат кардаам бо бӯсаборон,
Гӯри Ҳофизро зиёрат кардаам бо бӯсаборон,
Сар фуруд овардаам дар марқади Бедил,
Гаштаам бо ҳарду зону гирди оромгоҳи Фирдавсӣ.

Гаштаам ними ҷаҳонро аз замину аз ҳавопаймо,
Аз Халиҷи Форс то Қутби Шимолӣ,
Аз Сибир то шаҳри Деҳлӣ
Бо ҳазорон баҳру дарё.

Кӯтаҳи гап,
Ҳарчи дидам, лек хурсандӣ надидам,
Ҳарчи пӯшидам, нафаҳмидам,
Ҳарчи нӯшидам, нафаҳмидам;
Ҳарчи кардам, лек хурсандӣ накардам,
Ҳар куҷо гаштам, дилам зиқ буд.

Ҳеҷ дарё, ҳеҷ дарёе
Доғи дерини ятимиро нашуст аз ман,
Ҳеҷ сӯҳон, ҳеҷ сӯҳоне
Зангу зангори ятимиро насуд аз ман.

Чашмаҳои оби чашми кӯдакӣ хушкид,
Оби чашми модар аз ёдам нарафт умре,
Рӯзу шабҳо гӯшаҳои докааш тар буд,
Нони дасту тиккааш тар буд.

Осмони софи чашми модарамро ман надидам,
Абри чашми модарам афзунтар аз абри ҳаво буд;
Ашкҳои ӯ агар аз осмон мерехт,
Сангҳо нам мекашиданд.

Модари бечораи ман чанд фарзанди калон гум кард,
Ҳамсарашро бемаҳал гум кард
(Модарам чилсола буд он вақт);
Модари бечораам дар сӯги пайвандон
Рӯзҳои ҷумъа нони ҷумъагӣ медод,
Хатми Қуръон карда мебахшид…

Модарам акнун
Дар миёни панҷ фарзанди ҷавонмаргаш
Дар таги хок аст,
Теппаҳои гӯрашон гаҳвораро монад,
Дар миёни ин қадар гаҳвораи пок аст
(Аз сағиронаш наосуд,
Докае бар сар набаст аз мо,
Тиккаи ноне напурсид;
Гар кафанворӣ намедошт,
Бекафан мерафт).

Модарам мурд,
Пеш аз он рӯзе, ки дод аз он –
Аз тамоми шоирони Тоҷикистон
Шоири зиндонӣ ман будам,
Дигарон буданд шоирҳои зиндонбон; –
Модарам мебуд, сатилҳо ашки сӯзон гиря мекард.

Модарам мурд
Пеш аз он рӯзе, ки ман гаштам муҳоҷир;
Модарам мебуд, сатилҳо ашки сӯзон гиря мекард.

# ШАБЕҲА[1]

Ҳанӯз хоби саҳар нопарида аз дида,
Канори оинаи беғубор биншастам,
Ту гӯйӣ, ин саҳар оина буд чашмаи об,
Дар оби чашмаи оина рӯй мешустам.

Дар оби оинаи пок ман чӣ медидам? –
Хушида панҷаи дасте чу барги зарди хазон,
Касе ба рӯи ман аз маҳбасе нигаҳ мекард,
Ки чорчӯбаи оина буд даричаи он.

Шикасти қабзаи чини миёни абрӯяш
Хароши панҷаи қисмат намуд дар назарам,
Чунон ки дида будам ин хароши қисматро
Замоне дар кафи пои кафидаи падарам…

Дурушту дарҳаму барҳам танида дар рӯяш
Ҳазор риштаи шӯрида ғундаи пирӣ.
Ба ҷои чашми сиёҳаш нишаста буд хамӯш
Даруни лонаи чашмаш парандаи пирӣ.

Ту гӯӣ, аз сари ӯ бӯйи барф меомад,
Чу песабарфи сари пуштаҳо шақиқаи ӯ.
Ба пушти ҷӯи лаби ӯ набуд мӯи лабаш
Ба ғайри мушти хасу хори хушк дар лаби ҷӯ.

Ба сӯи оина хам гаштаму ба ӯ гуфтам:
Аз ин даричаи обӣ сароб мебинӣ,
Баҳори рӯи ту ку?
Лолазори рӯи ту ку?
Баҳори рӯи худатро надидаӣ серӣ.

---
[1]Автопортрет.

Дамид гирди даҳонаш яке ба маззаи заҳр
Гиёҳи печаки зарди табассуми афсӯс,
Миёни хандааш аз дида об сар дода,
Дар оби чашмаи оина ғарқ шуд маҳбус.

## САБУК

Кӯҳи вазнин сояҳо дорад сабук,
Шахси ман ҳамсояҳо дорад сабук.
З-осиёби умр шуд мӯям сафед,
Чунки гарде дар ҳаво дорад сабук.

Обҳоро дида аз болои пул,
Ногаҳон шуд дидаам аз об пур,
Ман шиновар нестам, лек акси ман
Хушк дар дарё шино дорад сабук.

Мӯсафедонро ба ҳар ҷо дастрас
Доиман гар сӯтаи чӯб асту бас,
Мӯсафеди умри ман дар панҷааш
З-устухони ман асо дорад сабук.

Ман агар коҳӣ кунам дар зиндагӣ,
Коҳсимоӣ кунам дар зиндагӣ,
Зиндагонӣ каҳрабоӣ мекунад,
Коҳи симои маро дорад сабук.

Дар тани даҳсолагӣ рафтам фурӯ,
Кӯдакию деҳа омад рӯ ба рӯ,
Кӯдакӣ аз ғозҳои хасраве
Риштаҳо дар банди по дорад сабук.

Даври хирманҳо гузашту ҳойҳо,
Монд бо мо ёди хирманҷойҳо.
Сӯи хирманҷойҳо беихтиёр
Мӯри чашмам рафтуо дорад сабук.

Ҳамчу кампири Назокат як қадам
Дил накӯчид аз деҳи кӯчидаам.
Дасти ларзони сафедораш маро
Аз лаби ҷарҳо дуо дорад сабук.

Ман намемирам чу ишкамхор хор,
Мекашам ман гардани худро ба дор
Дар хасе чун тортанҳои диёр,
То хасеям дар ҳаво дорад сабук.

## ХОНАИ МӮР

Рӯи ба рӯ диламро
Пур кардам аз табу тоб,
Чун ҷомадони кампир
Аз ҷандаи кафанбоб.

Беҳуда ман давидам,
Дар оби ҷӯ задам банд,
Гулмоҳиро дигарҳо
Аз оби рӯ гирифтанд.

Фанне, ки зиндагонист,
Сад фан бувад дар ин фан,
Яъне, ки хол-хол аст
Монанди соявшан.

Бо мех агар кушоданд
Он қулфи манзиламро,
Ҳаргиз намекушоянд
Қулфи дари диламро.

Ман тугмаи садоям
Дар пушти ин дари танг,
Ҳар қадр мефишоранд,
Он қадр мезанам занг.

Аз содагии ман нест
Шеъре, ки сода гуфтам,
Охир, худам худамро
Ман ёд дода гуфтам.

Ҳар сатри дафтари ман
Чун мӯр меравад роҳ,
Гаҳ дона мекашонад,
Гаҳ тӯда мекунад коҳ.

Ҳар кӯр метавонад
Номи маро кунад кӯр,
Дар рӯи раҳ фитодаст
Имрӯз хонаи мӯр…

Рӯи ба рӯ диламро
Пур кардам аз табу тоб,
Чун ҷомадони кампир
Аз ҷандаи кафанбоб.

Бо панҷаи фушурда
Ман омадам ба дунё,
Бо панҷаи фушурда
Ман меравам намурда.

## САҲНА

Саҳнае ҳаст рӯзу шаб гардон,
Саҳнае – хандахезу ашковар.
Ҳар ки дар нақши хеш устод аст,
Ба ҳунарпешаҳои ӯ бинигар.

Гар яке ғайри рӯи аслии худ
Боз ҳам гуна-гуна рӯ дорад,
Дигаре бо тамоми берӯӣ
Обшоре аз обрӯ дорад.

Кам намеояд аз думи товус
Гар яке бо ҳазор рангу қарор,
Дигаре тирарӯю бетоб аст,
Ҳамчу хоби сиёҳи ваҳшатбор.

Дигареро ҷабину рухсораш
Мисли шабҳои ширмаҳтобанд,
Лек дар кунҷи ғори синаи ӯ
Лошахору дарандаҳо хобанд.

Бар гиребону дасту домани мо
Дасти ӯ гар намерасад зинҳор,
Дар дили танги хештан моро
Мекушад ҳар дақиқае сад бор.

Боз дар ин миёна як нафар аст,
Мефурӯшад ҳиҷою нуктаи паст,
Афту андоми ӯ ҳама ба назар
Гӯиё як даҳони пурҳарф аст.

Ба даҳонаш туро набинад агар,
Ба даҳонаш агар туро нашунид,
Бо ду гӯшаш туро намешунавад,
Бо ду чашмаш наметавонад дид.

Байни ин издиҳоми бесомон
Ман ду-се солхӯрда мебинам,
Тирадил, тирарӯй, тирамиҷоз,
Ки аз онҳо зиёда ғамгинам.

Дар таги тӯри чинҳои ҷабин,
Дар миёни калобаи ожанг
Чашмашон анкабудро монад,
Анкабуде, ки метанад найранг.

Абри мӯи сафеди онҳоро
Метавон гуфт абри беборон,
Ҳама дар дидаю дили онҳост
Хушкию қаҳтиҳои ними ҷаҳон…

Саҳнае ҳаст рӯзу шаб гардон,
Бар фанаш бин, ба санъаташ бингар,
Саҳнаи дигаре нахоҳӣ дид
Ин қадар хандахезу ашковар.

Саҳнаи зиндагӣ бувад агар ин,
Тарсам аз пардаҳои поёнаш.
Ҳамчу санъатшинос дар аҷабам
Ман аз устоду коргардонаш.

## ШЕЪРИ БЕСАДО

Ёдҳои ман пуранд аз бодҳои новазон,
Чашмҳои ман пуранд аз обҳои норавон.
Гӯшҳои ман пуранд аз нағмаҳои бесадо,
Дастҳои ман пуранд аз дастранҷи ноаён.

Абру боронҳо маро дар дида ҷо бигрифтааст,
Чашми ман ними ҳаворо аз ҳаво бигрифтааст,
Мефиристад бар ман он боде, ки Файзободи ман,
Он маро чун осиёби бодҳо бигрифтааст.

Лек ҳуввас мезанам чун ошёнҳои тиҳӣ,
Зоҳиран кам нест дар оғӯши ман ҷои тиҳӣ.
Пашшаеро ҳам набинӣ дар ҳавои хотирам,
Ҷомаи ғук аст бар ман ин қабои зоҳирӣ.

Аз бурун хомӯшам, аммо аз дарун пургуфтугӯ,
Чунки умре ҳарфҳои хешро бурдам фурӯ,
Аз бурун ман аз хате ин ҷо намеоям бурун,
Аз дарунам қибла аст ин ҷо маро ҳар чор сӯ.

Аз бурун хобам, валекин аз дарун бедорхоб,
Гӯши ман сӯи дарун боз аст чун гӯши ҳубоб.
Пои ман сӯи дарун ёзида ҳамчун решае,
Ҳар қадар сӯи дарун раҳ меравам, роҳест боб.

Ёдҳои ман пуранд аз бодҳои новазон,
Чашмҳои ман пуранд аз обҳои норавон,
Гӯӣ, дар хасрӯбаи мижгони ман дам хӯрдаанд
Чашмаҳоеро, ки ман дар дида медорам аён.

Баски ҷинбоди ҳавасҳоям дарун афтодаанд,
Чун гиреҳбанде нафасҳоям дарун афтодаанд,
Мебарам ман оқибат ин обҳоро ҳам фурӯ,
Мекунам пас косаҳои чашмҳоямро пурӯ.

## ТИРАМОҲАМ

На дигар хирмани гандум, на дигар хирмани моҳам,
Ба ҳаво тӯдаи абрам, ба замин тӯдаи коҳам;
Тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам,
Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам, ҳама сардам.

Қафаси синаи гулбун қафаси тӯтии гул буд,
Қафаси синаи ман ҳам қафаси тӯтии дил буд,
Ки пари тӯтии гул рехт, пари тӯтии дил ҳам;
Тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам,
Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам, ҳама сардам.

Дили боғ аст аноре, ки кафидаст дуним,
Вой, ман аз дили худ, аз дили худ дорам бим,
Дили ман, нест аҷаб, гар бикафад ҳамчу анор,
Ба назар қатраи хунаш ки бувад донаи нор;
Тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам,
Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам, ҳама сардам.

Сурмаҳои сари мижгони санавбар аз хок,
Ба куҷо хӯшаи ангур бирафт аз кафи ток?
Мардум имрӯз агар хирману анбор гирифт,
Чашми ман дар сари мижгон пари каҳ бор гирифт;
Тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам,
Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам, ҳама сардам.

Нарасидаст, напухтаст чу такмеваи боғ
Чи қадар мева аз ин боғу аз он меваи боғ.
Нарасидаст, напухтаст чу такмеваи шеър
Чи қадар меваи шеърам, ки дар ин шохи қалам;
Тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам, тирамоҳам,
Ҳама зардам, ҳама гардам, ҳама дардам, ҳама сардам.

## БО ДОҒҲО ДАР БОҒҲО

Ҳар куҷо ошиқи муштоқе буд,
Ҷуфт шуд, ҷуфт, агар тоқе буд,
Боз ҷамъияти гул ҷамъ омад,
Боз рӯзи сухани Боқӣ шуд.

Халқ бо Боқиву Боқӣ бо халқ
Гӯиё ҳамтану ҳамҷон буданд.
Халқ бо Боқиву Боқӣ бо халқ
Сурату сирати яксон буданд.

Пирро ҳамчу ҷавон хандондан
Агар аз ҷумлаи мумтозии ӯст,
Ҳамчунон соиқа хандон мурдан
Сабақи охири устозии ӯст…

Эй дареғо, чи қадар кӯтоҳ аст
Умри ҳар шоир чун умри гул,
Ҳар киро сактаи ашъор накушт,
Мекушад оқибаташ сактаи дил.

Сари он пушта сафедӣ дорад
Абри мӯи сари Турсунзода.
Аз уфуқ чашм намебардорам
Ҳамчунон аз дари Турсунзода.

Ҳануз Ансорӣ нарафтаст аз ёд,
Меравад дуди сигораш бар бод.
Ман хаёлан ҳама дам меафтам
Аз ҳамон тоқ, ки Маҳмуд афтод.

Бо шукӯҳе, ки Шукӯҳиро буд,
Нарм мерафт ба мисли соя,
То ки аз хоб нагардад нофор
Тифли гаҳворагии ҳамсоя.

Хабари рӯи ҷаҳон ҳар соат
Гирд гардад ба сарам чун гирдоб,
Лек аз он дам, ки Ҳабибулло нест,
Ман надорам хабаре аз Кӯлоб.

Ҳануз аз ҷилди китобаш бар ман
Сураташ тозаву тар механдад,
Сураташ бехабар аст аз маргаш,
Сураташ, бин, чи қадар механдад…

Шоиронро, ки ҷадалҳо доранд,
То аҷал зинда расидан мушкил,
Ҳар киро сактаи ашъор накушт,
Мекушад оқибаташ сактаи дил.

## САФАРЕ БА ДИЛҲО

Ҳар гаҳе дар орзуи шеър бардорам қалам,
Дар хаёлам рӯи Турсунзода гардон мешавад,
Ҳам қаламро, ҳам маро хомӯш гирён мекунад,
Ашки ман – ашки ятими шеър борон мешавад.

Ҳамчу номи шоирии Тоҷикистони азиз
Номи ӯро дӯш дар гаҳвора азбар кардаем.
Бар лаби мо шеъри ӯ дар кӯдакӣ омад ҳанӯз,
Шеъри ӯро нӯши ҷон бо шири модар кардаем.

Хандаи тифлонаи ӯро ба ёд орам агар,
Хандаи тифлонаам аз тифлӣ меояд ба ёд,
Кӯдакию навҷавонӣ монда буд дар ӯ ҳанӯз,
Ошиқию ишқи модарзоди ӯ поянда бод.

Боғшаҳри мо, ки бӯи наварӯсон мекунад,
Бӯи ёрон, бӯи оғӯши азизон мекунад,
Гар чу боғе меваи шодобу ширин додааст,
Бӯсаҳои ошиқону шеъри Турсунзода аст.

Халқ бар шеъри тару бар гармии дидори ӯ
Чун бар иқлими Ватан бисёр одат карда буд.
Ҳар кучое буд Турсунзода Мирзо, халқ буд,
Ҳар кучое халқ буд, Мирзои Турсунзода буд.

Гарчи умре пой берун дошт аз маъвои хеш,
Бо ҷаҳонгардӣ агарчи дар ҷаҳон машҳур буд,
Ҷои ӯро дар Ватан холӣ намедидем мо,
Ӯ на чун дерина, чун оянда аз мо дур буд.

Боз ҳам ӯ рафт, ҷояш ин сафар озод монд,
Аз сафарҳои пасинаш ин сафар дар ёд монд,
Ин сафар наздик буд раҳ, то лаби Варзоб буд,
Лек чун Варзоб дар чашмони мардум об буд…

Ҳар гаҳе дар орзуи шеър бардорам қалам,
Дар хаёлам рӯи Турсунзода гардон мешавад,
Ҳам қаламро, ҳам маро хомӯш гирён мекунад,
Ашки ман – ашки ятими шеър борон мешавад.

Он ки мепурсад маро, он шоири мутоз ку?
То ҷавобашро бигардонам, маро овоз ку?
Ман намегӯям, ки ӯ аз дори дунё рафтааст,
Ҷои ӯ дар дида буд, акнун ба дилҳо рафтааст.

* * *

*Барои устод Сотим Улуғзода*

Ҳастии бузургон чист? –
Чизе, ки нагардад нест,
Ҷоне ҳама дар меҳнат,
Ҷисме ҳама дар сабқат.

Ҳамчун маҳи шабхӯрда
Кам гаштану хам гаштан,
Ҳамчун маҳи нав аз нав
Зам гаштану зам гаштан.

Садпора шудан сад бор
Чун об ба сад кӯе,
Баргаштану пайвастан
Чун об ба як ҷӯе.

Бечо шудан аз ҷое,
Аммо на ба вайронӣ,
Девори Бухоро буд
Исмоили Сомонӣ.

Шиштан масали хуршед,
Ҷастан масали хуршед, –
Хуршед ҳамешинад,
Хуршед намешинад.

Як зарра ҷудо гаштан
Дар ҳар қадаме аз хеш,
Як зарра адо гаштан
Бо ҳар аламе аз хеш.

Шамшоди қади худро
Дар пирӣ асо кардан,
Шамшоди қадат дар даст
Пирии расо кардан.

## ДАР ЁДБУДИ МУҲАМАДҶОН РАҲИМӢ

Шеъри нав гуфтаму рафтам ба дари хонаи ӯ,
Лек ман даст набурдам тарафи дастаи дар,
Дар гулӯям нафаси шоирӣ якбора шикаст,
Ки мабодо дигаре ояд аз ин кулба бадар.

То дари ӯ ба забон н-ояду гӯяд бар ман,
К-ӯ дигар нест дар ин хона, зи дунё рафтаст,
Худ ба худ, баҳри тасаллои дили муштоқам,
Гуфтам: аз шаҳри Душанбе ба Бухоро рафтаст.

Шеъри нав дар лабам, аз пушти дараш баргаштам,
Вазн ноҷӯр, ғалат қофия, маънӣ носоз…
Оҳ шуд дар лаби ман шеъри мани беустоз.

**БАРОИ РАҲИМ ҲОШИМ**

Бар сараш биншаста гарди
Осиёи зиндагонӣ,
Дар дилаш бишкаста неши
Хорҳои зиндагонӣ.

Ҷабҳаашро чин гирифта,
Тӯри ожангест дар рӯш.
Саргузашти сахташ ӯро
Карда аз чинҳо зиреҳпӯш.

Бигзарад пирона сархам,
Не сарозоду на дар банд.
Аз сари пасташ шиносанд,
К-ӯст аз аҳли Самарқанд.

Зиндагӣ бинҳода бар дӯш,
Он чи аз мушташ гирифта.
Гӯри Пайравро чу кӯчаш,
Гӯӣ, дар пушташ гирифта.

Гарчи худ шеъре нагуфта,
Будааст устози қоим
Шоиронро ҳамчу шоир,
Олимонро ҳамчу олим.

Аз хаёлу хотири ӯ
Мардуми хотирфаромӯш
Хотироте карда таълиф,
Мекунанд ӯро фаромӯш.

Соати тафсири Айнӣ
Ғайри ӯ н-ояд ба хотир,
Соати қадру навозиш
Месупорандаш ба тақдир.

Балки ӯро бахти ноҷӯр
Қисмати мардона додаст.
Рӯи дасташ ҳам нагиранд,
Вонамедорандаш аз даст.

То бувад фарҳанги тоҷик,
Номи ӯ монад муқаррар,
Не дар аввал, не дар охир,
Чун гуле дар байни дафтар.

## ЁДКАРДИ ҶУМЪА ОДИНА

Ӯ монда хоксории худро ба хокҳо,
Бар шуд ба бодҳо…

Аз чангу гарди мо, ки ба мӯяш нишаста буд,
Бар дасту пову гӯшу гулӯяш нишаста буд,
Афшонд дасту пову таконид гӯшу ҳуш.
Аз мо на гард бурд,
Не хотироти хуш.

Аз ӯ ту бад магӯ, ки замин мебарад хабар,
Бадро ҳамеша мешунавад мурда пештар.
Аз ӯ ту бад магӯ, ки дар ин раҳгузорҳо
Ӯ монда хоксории худро ба хокҳо.
Боде ба ҷои дод яке мевазад аз ӯ,
Ин хоки хоксорӣ туро кӯр мекунад.

Аз он қаламкашон, ки бишуд умрашон ахир
Бо сактаҳои дил,
Оё ҳамон набуд, ки бе сакта менавишт?
Оё аз он намурд, ки бе сакта менавишт?

Афшурда дил ба панҷаю дар панҷааш қалам,
Афтод чун шаҳоб,
Афтод чун шаҳоб, ки афтода бо шитоб
Хат мекашад ба шаршараи оташини ноб
(Хуни ситораҳо)
Дар коғазу ҳаво…

Ӯро гирифт пуштаи Саросиё ба пушт
Аз баъди сактааш,
Аз пушти хеш Рустами хокаш намениҳад
То рӯзи бозхост чу фарзанди куштааш.

## КӮДАКИАМ ҲАНӮЗ ГИРЁН АСТ

Баччаҳоям барои ханда маро
Гоҳ-гоҳе ба ноз мепурсанд,
Ки гаҳи кӯдакии хеш магар
Мегиристам барои ширу шакар.

Шукри тақдирашон, намедонанд
Дар ҷаҳон гиряест дардовар –
Гиряе баҳри як буридаи нон,
Гиряе, гиряе барои падар,
Ки сари гиряи сағирон аст,
Гиряи гиряҳои инсон аст…

Кӯдакӣ, кӯдакии дар ба дарам
Сахт буд, сахт маҳду бистари ӯ,
Гӯиё қаҳтиҳою ҷанги ҷаҳон
Дӯш танҳо гузашт аз сари ӯ.

Дар ҳама сангу хоку хори диёр
Доғу дарди ятимии ман ҳаст,
Дар ҳама бодҳои саргардон
Оҳи сарди ятимии ман ҳаст.

Дар сари кӯчаҳои Файзобод,
Чашм бар роҳи кухна шому саҳар,
Кӯдакиам ҳанӯз гирён аст,
Дар кафи ӯ хати сиёҳи падар.

## ОШДОНИ МОДАР

Баъди модар, баъди чандин моҳу сол
Бар дару девораш овардам гузор,
Сар задам дар ошдони модарам,
Дудаҳо дидам ҳанӯз он ҷо кашол,
Дуд хӯрдам ман магар аз дудааш,
К-оби чашмам шуд равон беихтиёр.

## ДАХМА ҶУСТУҶӮ ДОРАМ

Кӯза-кӯза дар чашмам оби мурдашӯ дорам,
Мурдашӯи ман мурдаст, мурда шустушӯ дорам.
Мекашам қалам хомӯш, мезанам рақам хомӯш,
Чун қалам, ту мегӯӣ, сурма дар гулӯ дорам.
Оби ҷӯйи ман хушкид, оби рӯйи ман ҷорист,
То ба сина дар рӯям ҷӯйи обрӯ дорам.
Ман ҳам аз ҳамон ҷинси косаҳои фағфурам,
Иллате агар дорам, реша-реша мӯ дорам.
Бешаҳои ғурбат сурх, лолааш сияҳпӯш аст,
Додаре аз ин дорам, хоҳаре аз ӯ дорам.
Дар куҷо қадам монам, ҷойи по намеёбам,
Вой аз ин дари ғурбат, хона дар сабӯ дорам.
Фарқи Ғарбу Шарқам нест то ба як сари мӯйе,
На дар он амак дорам, на дар ин амӯ дорам.

Ними умрам он сӯяш, ними умрам ин сӯяш,
Ман чаро дар ин дунё чашми сӯбасӯ дорам?
Нанги ҳамҷигарҳоям, мурдаи дигарҳоям,
Ҳуллаи кафанворӣ, дахма ҷустуҷӯ дорам.
Сурати ту дар девор, сурати ту дар хотир,
Аз ту ҳар тараф, эй дӯст, акси рӯбарӯ дорам.
Чун тавонамат бӯсам, хун кунам лабонатро,
Эй ки аз лабат дар лаб бӯса-бӯса хӯ дорам.

## НАЗМИ МО ТО АСРИ БИСТ

*Мо ҳама шерон, вале шери алам,*
*Ҳамла-мон аз бод бошад дам ба дам.*
*(Мавлавӣ)*

Хондаам девони шоирҳои деринро ду бист,
Метавонам шеърашонро ҳам мисол орам дувист.
Назми мо то асри бистум ҳамчу назми мурда зист,
Мурдаи ин мӯмиёӣ зинда шуд дар асри бист.
Шеър агар аз зиндагонӣ нест, шеъри зинда нест,
Шеъри тарсуи гурезон аз набарди зиндагист.
Баҳри шеъри мурда ҳам монанди Баҳри Мурда аст,
Мурдареге ҳамчу Баҳри Мурда гӯраш кардааст.
Зард дар ҳар ҷилд чун фасли хазон фасли китоб,
Зард дар ҳар фасл чун барги хазон барги китоб.
Шеъри шамъу сояравшанҳои хилватхонаҳо,
Сурмаи чашми қалам хокистари парвонаҳо.
Аз хати якранг беранг аст паҳнои қалам,
Суфтаю похӯрда аз пойи қаламҳо ҳар қадам.
Ишқ мавҳум, дил муҷаррад, морбозӣ дар сухан,
Бо ду мори афъии зулфи сиёҳи Аҳриман.
Шеъри дарвеше, ки бар лаб кафк ҳамчун маънавӣ
Гушнамастӣ мекунад бо пораи нони ҷавӣ.
Чун тавонад зист шеъри шоири жӯлидае
Дар хиёбон дар миёни тӯдаи шӯридае?
Аҳди шоирҳои ридак буд баъд аз Рӯдакӣ,
Баъди шеъри Рӯдакӣ кам нест шеъри ридакӣ.

Ҳар ки шоир буд, ҷуз қофиясолорӣ накард,
Ҳеҷ кас аз шоирон қофиласолорӣ накард,
Чун камони Рустаму Ораш нашуд шеъри Аҷам,
Рафт аз дасти Аҷам аз бекамонӣ Ҷоми Ҷам.
Як ханданги мисрааш чун тири баҳромӣ наҷаст,
Он, ки пойи гӯрро медӯхт дар гӯшаш, ки ист.
Як ваҷаб аз домани оҳангаре дар шеър нест,
Ҳаст агар, он пойандози амири аҷнабист.
Унсурӣ то дегдон аз нуқраи Маҳмуд кард,
Чор унсури Аҷамро садқаи Маҳмуд кард.
Хор кардӣ паҳлавонони яли «Шоҳнома»-ро
Шоирони говриши буздили дарборҳо.
Ғайри Хоқонӣ хароботи Мадоинро кӣ дид?
Қатра-қатра аз сари мижгони кӣ оташ чакид?
Чиллашин бисёр, аммо ҳеҷ кас шинак нашишт,
Ҳеҷ кас дар сангари шеъри дарӣ нанҳод хишт.
Меҳану миллат намедонанд ин асҳоб чист?
Душмани деринаи мо ҳар кӣ бошад, хонагист.
Аз Халиҷи форс то Кашмир сад ғори ғазал,
Аз Халиҷи форс то Кашмир анбори ғазал.
Аз Халиҷи форс то Кашмир фарёди ҷарас,
Аз Халиҷи форс то Кашмир такрор асту бас.
Ҷумлаҳо бесакта, чун оби равоне, лек фаҷ,
Сар ба сар аз сактаи рӯҳиву ақлонӣ фалаҷ.
Шоири деринаро илҳом аз тарёку чарс,
Шеъри ӯ дар шишае афтода виз-визи магас.
Шеъри дарвеши мағоку шеъри шайхи хонақоҳ
Ҳарзаю васвосаю ваҷду ҷунун, ҷаҳру самоъ.
Ростӣ, аз ҳар падарсолори шеъри обшуст
Бартарӣ дорад чу шоирпеша Абдуллои Дӯст.
Як-ду ҳарфе дар ҷабини коғазе бастан гиреҳ
Аз ҳазорон байтҳои баста чун тасбеҳ беҳ…
Хатм шуд бо Саъдию Фирдавсӣ шеъри бостон,
Шоираш Саъдист, Фирдавсӣ – худои шоирон.

## КАФШЕР

Мезанад фаввора ахгар,
Чун думи истора ахгар,
Бар замин мерезад ахгар,
Бар замин мерезад ахтар.

То шавад пайванди оҳан оҳане,
Сахт чун пайванди дилҳо,
Мегудозад оҳану месӯзад оҳан банд-банд.
Ҳаргиз осон нест пайванд,
Андар ин фан
Оҳан обу обҳо пӯлоду оҳан мешаванд.

Пеши ин кафшери оҳан
Мекунам ман фикри кафшери сухан.
Нуқта то барҷо бимонад ҷовидон,
Ҷовидон аз шоирӣ монад нишон,
Ҳарфро бо ҳарф мебояд чунин бигдохт гарм,
Ҳарфро бо ҳарф мебояд чунин пайванд кард.

Чашм бар фӯлоди маҳкам,
Орзуи шеъри маҳкам мекунам.
Ончунон шеъре, ки ҳар як мисрааш
Пеши он мардум, ки дарёро ба саҳро мебарад,
Дар ҳисоби новаҳои оҳанин гирад қарор.

Шеър лафзу ҷумлаю ҳарфу ҳиҷо бошад агар,
душвор нест,
Лек лафзу ҷумлаю ҳарфу ҳиҷо ашъор нест…
Мисраи барқе, ки иншо мекунад абри баҳор,
Дастаи симе, ки ҳамчун панҷаҳои офтоб
Рӯшноӣ мебарад бар ҳар диёр,
Мисраи мо дар радифи он намеояд ба кор.

Бояд акнун бо табу тоби дигар пардохт шеър,
Аз сухан ҳамвазни ҷӯян сохт шеър,
Дар радифи шоҳбайти роҳи оҳан сохт шеър.

Сатрҳо чун сими ноқил
Бояд ангезанда бошанд.
Нуқтаҳо чун барқи кафшер
Тезу бигдозанда бошанд,
Шоирон созанда бошанд…

Дар ҳавои санъати кафшергар,
Пеши ин бунёду эҷод
Шоирӣ дар шеваи оҳангаре омад ба ёд,
К-ӯ дар оҳан порае аз одамӣ ҷо мекунад.
Оби фӯлоде, ки он дар санг мемонад асар,
Ҷавҳари фӯлод не, оби дили оҳангар аст.

Шеър ҳам имрӯзу фардо
Аз миёни одаму оҳан нахезад, ҳайф, ҳайф,
Ҷомае чун пораи алмос,
Ҳарфе ҳамчу дос
Бар касе ҳоҷат наафтад, ҳайф, ҳайф.

Мисраро мебояд акнун
Бо қадамҳои замон андоза дод.
Дар қиёси шаҳсутунҳои баланди барқи Норак
баст байт,
Дар шумори кӯраи арзизи Регар гуфт ҳарф.

Мезанад фаввора ахгар,
Чун думи истора ахгар,
Бар замин мерезад ахгар аз сари кафшергар.
Ҳамчу ахтар
Ӯ ба сӯи Моҳу Кайвон
Гарчи сар боло накардаст,
Дар замин кайҳоннавард аст.
То бимонад ҷовидон пайванди ӯ,
Чун нишони дасти оҳанбанди ӯ,
Ӯ дили дарёи худро,
Ишқу армонҳои худро
Ҷавҳари мазмуни ин фан мекунад,
Вақтро кафшер дар фӯлоду оҳан мекунад.

## ШАФАҚИ РАНГ

Ҳар гаҳ, ки ман ба шоирӣ оҳанг мекунам,
Садҳо варақ пур аз шафақи ранг мекунам,
То офтоби шеър барояд аз ин шафақ
Дар субҳи содиқе, ки маро нест ҷуз варақ.

## СОЯДАСТЕ БА «ФАРҲАНГИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ»

Муддате шуд, модарам дар хона нест,
Модари ман дар забони модарист,
Дӯшборам ҳамчу гӯри сабзи ӯ
Ҳарду ҷилди сабзи фарҳанги дарист.

## АЗ НОМИ НИЗОМ ҚОСИМ[1]

Соҳибунвонем агар дар шоирӣ,
Мо на шоир, балки шоирбаччаем.
Ҳафт шаҳри шеърро Бозор гашт,
Мо ҳанӯз андар хами як кӯчаем[2].

## РОҲҲО

Роҳҳо, роҳҳои дуродур
Ҷодаи қисматанд сар то сар.
Нест чун дар сари гарони замин
Дар саре сарнавишти хонотар.

Ҳаст роҳе, ки ёд медиҳадат
Шеваи раҳравӣ зи шебу фароз,
Ҳар қадам роҳи пандомӯз аст
Чун ғазалҳои Саъдии Шероз.

---

[1] Низом Қосим гуфтааст:
Гарчи мо ҳам олимони содиқем,
Гарчи мо ҳам шоирони ошиқем,
Лек мебояд шудан мардона икрор:
Пеши Лоиқ мо ҳама нолоиқем,
Пеши Бозорем мо як майдабозор!
Лоиқи Бозори шеъру шоирӣ мо нестем,
Низ дар бозори Лоиқ зеби савдо нестем!

[2] Байти Мавлавист.

Роҳҳои дарози хобида
Дидаам зери пои раҳгузарон
Рамзи он сатрҳо, ки гум карданд
Дар сафар шоирони саргардон…

Роҳҳо сахт заҳматомӯзанд,
Хоҳ ҳамвору хоҳ ноҳамвор,
Бар ман аз хоку сангашон пайдост
Кандани ҷону шодии дидор.

Аз чунин ҷодаҳо ба кӯи мурод
Мерасӣ, бахт гар мададгор аст,
Варна дар роҳҳои пурмеҳнат
Рафтаю барнагашта бисёр аст.

Ҳаст роҳе, к-аз он ҷавонмардон
Ҷон ба каф бо азоб мегузаранд,
Камтар он аз таноби доре нест,
Метавонад ба зери пои ту канд.

Ҳаст роҳе, ба теғ монанд аст,
Балки з-он нест теғи бурротар,
Лек чун зиндагонӣ сарбозист,
Бояд онро гузашт вақти сафар.

Ҳаст пайроҳае, ки дар кӯрӣ
Мисли толеи кӯрбахтон аст,
Бе сари пасту дидаи равшан
Магар онро гузаштан осон аст?..

Роҳҳо, роҳҳои дуродур
Ҷодаи қисматанд сар то сар,
Нест чун дар сари гарони замин
Дар саре сарнавишти хонотар.

## СУРУДИ ШАБҲАНГОМ

Дар кадомин лона имшаб
Қумрие хоб асту бедор,
Чӯҷаҳояш зери болаш,
Лонааш муште хасу хор.
Хурраму осуда бод ин хоби ҳушёр.

Дар кадомин кӯча ҷӯе
Мекунад суҳбат ба ҷӯе.
Мераванд аз кӯ ба кӯе
Ҷӯ ба ҷӯ бо гуфтугӯе.
Хурраму осуда бод ин ҳамравонӣ,
Хурраму поянда бод ин ҳамзабонӣ.

Дар кадомин барзан имшаб
Роҳе дар паҳлӯи роҳе хуфтааст.
Дар кадомин ҷогаҳ имшаб
Шоҳе дар паҳлӯи  моҳе хуфтааст.

Дасти раҳ дар гардани роҳ,
Дасти шаҳ дар гардани моҳ,
Моҳи шабрав дар тамошо.
Хурраму осуда бод ин хоби зебо.

Дар кадомин хона имшаб,
Модаре сар монда дар бистар,
Оламу одам фаромӯшаш,
Тифли ширбӯе дар оғӯшаш.
Хоби ширин бод нӯшаш.

Имшабу шабҳои дигар
Ошиқе меояд аз сӯе,
Дар димоғаш атри гесӯе.
Дар бисоташ ёди абрӯе.

Эй худо,
Имшаб хаёли ёрро ҳамбистараш кун,
То саҳар ошиқтараш, ошиқтараш кун,
То саҳар ошиқтараш кун!

## ТУ НИМИ МАНӢ

Ту нимӣ, ними манӣ, ними ҷисму ҷони манӣ
Ва зарра-зарра ту пайванди ҷовидони манӣ.
Ба ҳар куҷо, ки равӣ, дар ман аст решаи ту,
Ту, эй гул, аз қалами сабзи устухони манӣ.

Ба ҳар куҷо, ки равам, нимаи танам бе ту,
Ба ҳар куҷо, ки равам, ними одамам бе ту,
Ба ҳар куҷо, ки бибинам туро, зиёд шавам,
Ба ҳар куҷо, ки набинам туро, камам бе ту.

Ба дасти ман бирасад дасти кас, ту меларзӣ,
Расад ба дасти ту дасте, ба ларза меоям,
Ту ошёни ману ман, ки ошёни туам,
Ту ҷои ҷони ману ман, ки ҷои ҷони туам.

Тамоми неъмати дунё, чи ғам, ки моли кас аст,
Тамоми неъмати дунё ба ҳукми хору хас аст,
Туро насиб кунад ишқи ман, ҳамин кофист,
Маро насиб кунад ними бистари ту, бас аст.

## ЮСУФ

Ҳамон корвоне, ки суф мефурӯхт,
Фаромад ба бозору Юсуф фурӯхт.
Азизи Зулайхо, ки суф мехарид,
Даромад ба бозору Юсуф харид.
Ба зан гуфт: асло ғуломаш махон,
Чу фарзанд хонаш ту дар хонадон,
Ки дар чеҳрааш нури пайғамбарист,
Чунин чеҳра бе фоли фархунда нест.

Вале зан илоҷи таҳаммул надошт,
Ба Юсуф бинои муҳаббат гузошт,
Ки ҳусни гулӯсӯзи ӯ дар назар
Гулӯсӯзтар мешуд аз пештар.
Яке рӯзи монанди оби халиҷ,
Ки оромиаш бебало нест ҳеҷ,
Зан аз шавқи ишқи ҷавон буд маст,
Ҷавонро дарун хонду дарро бибаст.
Ҳарису ҳаросону саршори нафс
Чу дар тангное ба ӯ гашт ҷафс.
Валекин аз он кулба Юсуф шитофт,
Зулайхо чу гурге ба Юсуф шитофт.
Ҷавон ҷасту аз дарби долон гирифт,
Вале дасти зан аз гиребон гирифт.
Зулайхо ҷавонро ба бистар кашид,
Ҷавон сар надод, аз лаби дар кашид.
Ҷавон аз Зулайхо, ки сар мекашид,
Зулайхо ҷавонро батар мекашид.
Зулайхо, ки сӯи дарун мекашид,
Ҷавонро, ту гӯӣ, дарун мекашид.
Зулайхо, ки мӯи ба мӯ мекашид,
Ҷавонро ба кому гулӯ мекашид.
Кашидан ду танро ба ҷое кашид,
Ки гӯё намешуд ҳавое кашид.
Чунон шуд, ки танпӯши Юсуф дарид,
Гиребонаш аз дӯши Юсуф дарид;
Баромад ҷавон аз гиребони суф
Ба монанди моҳи шабе аз хусуф…
Аз ин пас Зулайхо, ки ноком буд,
Зулайхо набуд, гурги бадном буд,
Ки он Юсуфи хӯрдааш зинда монд,
Даҳонаш вале Юсуфолуда монд.
Пароканда шуд моҷарояш, ҳамон
Ба гуфтан нишастанд мисризанон,
Ки ҳамбистари бевафои Азиз
Тамаъ карда аз бардааш хобухез.
Зулайхо, ки ин таънаашро шунид,
Аз ин таъна-шон бӯи ғафлат шамид.

Фиристоду талбидашон назди хеш,
Ба одоби меҳмоннавозии беш,
Хушомадзанон лӯлаболиш ниҳод,
Навозишкунон хону хӯриш ниҳод.
Дар аснои авҷу қиёми нишаст
Ғурури занонро Зулайхо шикаст,
Ба ҳар як турунҷеву тезина дод,
Бари озмун дод, бе кина дод.
Сипас ҷониби ғурфа имо намуд,
Ҷавонро ба маҷлис тақозо намуд.
Даромад яке Юсуф ороста,
Ба зевар саропош пероста.
Чи хотун, чи отун – ҳар он зан, ки буд,
Ҳама ногаҳон моту мабҳут шуд,
Ба ҷои турунҷ аз шигифти шадид
Нафаҳмида ангушти худро бурид.
Ба назди Зулайхо хиҷолат шуданд,
Пушаймони сахт аз маломат шуданд,
Бирафтанд аҳсантгӯён бурун
Аз он Юсуфобод бо дасти хун.

## ГУРГ ВА БАРФ

Танаш чун барфи навборидаи субҳи зимистон буд,
Паи дандони ман ҳар ҷо
Саҳаргоҳон чу нақши пои гургон буд,
Паи ошӯби гургони биёбон буд.

Ғизоли печутоби қоматаш, оҳуи рафтораш,
Ту гӯйӣ, гурги мастам карда буд охир,
Чу гургони зимистон гушнамастам карда буд охир.

Ба мастиҳои гургон дар шаби мӯяш алӯ карда,
Ду чашми мешиашро
То ба гургумеши субҳидам қабӯ карда,
Чу гурги чила бозӣ кардаам бо барфи андомаш,
Чу гургон барфбозӣ кардаам бо барфи андомаш.

Вале дар хорбанди тези мижгонаш шикорам кард,
Ба мижгон захмдорам кард,
Ба мижгон хуншорам кард,
Маро бигрифт,
Ба занҷири нигоҳаш баст…

Дигар ман мекашам як умр занҷири нигоҳашро
Ба монанди қалам дар хат,
Ки умре мекашад занҷири пояшро.

**КӮҲИ ЛОЛАГАРДАН**

Ин кӯҳи лолагардан,
Монанди дилбари ман,
Сурхида то ба гардан,
Шарми занона дорад.

Ин чашмаро нигаҳ кун,
Як лаҳза тарки раҳ кун,
Ин чашма мезанад чашм,
Чашми занона дорад;
Аз ташнагии чашме
Як чашмаро бинӯшӣ,
Узру баҳона дорад.

Афтода ман ба зону,
Бобуна мекашам бӯ,
Бобунаи лаби ҷӯ
Бӯи занона дорад.

Меларзад ин сафедор
Дарақ-дарақ ба як бор,
Варақ-варақ ба як бор,
Шарақ-шарақ ба як бор,
Рашки занона дорад.

Обу ҳавои найсон
Аз офтобу борон,
Аз хандаҳои гирён,
Аз гиряҳои хандон
Феъли занона дорад.

## ҲАМХУНИ ЛОЛАҲО

Лола мечӯшад,
Хуни саҳро мехурӯшад,
Метапад набзи ҳаво акнун
Ҳамчу набзи ошиқи шӯрида номавзун.

Рӯз меёзад, ки меёзад,
Мекашам хамёза ман ҳам,
Даст меёзам,
Мерасад дастам банохост,
Гуфтӣ, бар пешонии офоқ,
Пешониаш гарм аст,
Арақ кардаст, таб дорад.

Вакт, вақти лолазорон,
Вақти лоларӯён.
Соғари гулҳо пур аз гулханд,
Соғари лабҳо пур аз лабханд,
Бод менӯшад паёпай, ҳар чи бодо, бод!
Ман паёпай бод менӯшам.

Бод менӯшад, намечинад.
Ҳар кӣ мечинад,
Зери пояш лола мерезад
Ба ранги қатраи хун;
Ҳар кӣ мечинад,
Панҷаҳояш мешавад аз лола хунолуд!

Мо намечинем, менӯшем, менӯшем
Ҷоми гулҳоро паёпай,
Ҷоми лабҳоро паёпай…

Лола аз гулбарг то бун,
Лоларӯён то ба нохун
Ҳамрагу ҳамрангу ҳамхунанд,
Ҳамрагу ҳамрангу ҳамхун.

## САРНОМА

Шабҳо ба алам қалам занам аз паи ту,
Бо чӯби қалам қадам занам аз паи ту,
Аз пораи дафтари дусадпораи хеш
Дар чӯби қалам алам занам аз паи ту.

Хобам чу калобае пароканда шудаст,
Печида ба пои ҳар касе канда шудаст,
Озори ту, хокхӯрда чун занбӯре,
Дар синаи ман газандаи ганда шудаст.

Ишқи ту накушт агар маро дар таби дил,
Табхолаи ишқи ту нарафт аз лаби дил,
Бишкуфту ҳанӯз мешукуфад хуншор,
Ишқат чу гули шабонае дар шаби дил.

Ин шеъру ғазал, ки менависам шабҳо,
Ҳар донаи нуқтааш бувад тирнамо,
То доғи ҷавониам ба пирӣ набарам,
Охир ба қаламкамон паронам худро.

## ДИЛАМ МЕСӮЗАД

Аз доғи ту дам ба дам дилам месӯзад,
Аз бахти пиёдаам дилам месӯзад,
Беҳ, чашми маро намекушодӣ дар ишқ,
Аз чашми кушодаам дилам месӯзад.

То аз ғаму шодии ту пур шуд дили ман,
Монанди гуле ба ханда дур шуд дили ман,
Ишқи ту намурду зиндамур шуд дили ман,
Бар ин дили мурдаам дилам месӯзад.

Аз бахши ту ғусса хӯрдаам беҳуда,
Беҳ аз дигарат шумурдаам беҳуда,
Дар ишқи ту ҷон супурдаам беҳуда,
Бар ҷони супурдаам дилам месӯзад.

Вақте ки ғами ту мекунад дилгирам,
Мехезаму дафтару қалам мегирам,
Аз дафтару аз қалам алам мегирам,
Бар дафтару бар қалам дилам месӯзад.

Чун хори шикастае, ки монад дар тан,
На беманӣ як даме, на як дам бо ман,
На аз тани ман ҷудо, на бо ман ҳамтан,
Аз беҳамии баҳам дилам месӯзад.

## ДАР ОФТОБШИН

Офтоби зарди бегоҳ
Дар уфуқ девори тилло баста буд,
Сар ниҳода бар сари зонуи кӯҳ,
Бар дари дарвозаи тиллоияш биншаста буд.

Пеши ин дарвозаву девори ӯ
Сарзамине буд, ки аз он
Ғайри ман ин лаҳза олам бехабар буд,
Осмонаш арғувон корида буд,
Сарзамини пурсамар буд.

Оби зар дар ҷӯйборон дошт,
Обшорони зарафшон дошт,
Пуштаҳо аз пуштаи абри равон дошт,
Пуштаи абри равонаш лолазорон дошт.

Балки дар он равшанистон
Дар намуди абри сӯзон
Аспҳое барги оташ мечариданд
Аз лаби сурхи уфуқҳо,
Аспҳои зарди зарринёли руъё.

Балки дар он равшанистон,
Дар намуди абри сӯзон,
Мепариданд орзуҳову париҳо,
Безаминҳои заминҳо.

Сарзамине буд, ки аз афсонаҳо буд,
Сарзамини ишқи мо буд,
Дар ҳаво буд,
Сарзамини безамине,
Беҳтар аз ҳар сарзамине.

Бехабар мерафтам аз худ
Ман ба он мулки зарандуд.
Бе ту мебурдам туро ҳам
То ба он дунёи зебо,
То ба он дунёи руъё,
То ба он дунёи худ,
Дунёи худ.

## МЕШАВАМ АЗ НЕСТИАТ НЕСТ

Чун дарахти қӯшарӯида
Мову ту аз якдигар рустем.
Пеш аз ин бо якдигар будем,
Баъд аз ин дар якдигар ҳастем.

Ман пурам аз ту, пурам аз ту,
Ман мурам дар ту, мурам дар ту.

Косаи обе, ки чашми туст,
Андар он хоҳам, ки хас н-афтад.
Косаи шире, ки рӯи туст,
Андар он хоҳам магас н-афтад.

Ман пурам аз ту, пурам аз ту,
Ман мурам дар ту, мурам дар ту.

Аз ту осон нест дил кандан,
Мешавад банди дилам канда.
Ҳар касе сӯи ту меёзад,
Мекушад он кас маро зинда…

Ман пурам аз ту, пурам аз ту,
Ман мурам дар ту, мурам дар ту.

Гар равад дасти ту аз дастам,
Он замон дасти ман аз ман нест.
Ман, ки аз ҳастии ту ҳастам,
Мешавам аз нестиат нест.

Ман пурам аз ту, пурам аз ту,
Ман мурам дар ту, мурам дар ту.

Чун дарахти қӯшарӯида
Мову ту пайванду пайвастем,
Пеш аз ин бо ҳамдигар будем,
Баъд аз ин дар ҳамдигар ҳастем.

Ман пурам аз ту, пурам аз ту,
Ман мурам дар ту, мурам дар ту.

## НОМАҲО

Номаҳоятро кушодам,
Бар ҳаво сар додам аз даст,
То шаванд абри баҳорӣ
Номаҳои ёдгорӣ,
Бар сари талҳо бигирянд,
Чашмаю дарё бигирянд,
Номаҳо бар мо бигирянд.

Дина шаб кардам ҳикоят
Аз ту бар боди парешон.

Ман ба ёдат гуфтам аз ёд
Мисрае бар ҷӯйборон,
То барад обаш, ба дарёҳо бигӯяд,
То барад бодаш, ба саҳроҳо бихонад.

Дина шаб дар зери борон
Раҳ ба раҳ рафтам хаёлӣ.
Кокулатро ришта-ришта,
Бо хаёлам ришта рафтам.
Бӯсаҳои дар лабат нокиштаро
Қад-қади раҳ,
Лаб-лаби ҷӯ,
Дар заминҳо кишта рафтам.
То паёпай аз пайи ман
Қад-қади раҳ,
Лаб-лаби ҷӯ
Бӯса рӯяд ҳамчу қоқу,
Бӯса рӯяд ҳамчу ҳулбӯ.

Дина шаб бориду борид,
Об дар дарё нагунҷид,
Дина шаб танҳоии ман
Дар мани танҳо нагунҷид…

Дина шаб борони найсон
Аз заминҳо нақши по шуст.
Дар дилам доғе фузун шуд,
Чун пайи пои туро шуст.
Дина шаб дар кӯчаҳо беҳуда гаштам,
Ҳамчу сайёдони пайгумкарда гаштам…

Дина шаб олам тамоман об буд,
Осмон шодоб,
Замин шодоб буд,
Лек ман номи ту дар лаб
Худ ба худ чун хушксорон
Сӯхтам дар зери борон.

## ДАР ЗЕРИ ШАРШАРА

Ларзида меафтод мавҷ
Бар мавҷ аз болои ӯ,
Сад парча мепартофт мавҷ
Аз фарқи сар то пои ӯ.

Мӯи дарозаш тор-тор
Дар печу тоб афтода буд.
Мӯро ба мӯ метофт об,
Мӯро ба мӯ мебофт об,
Дар дасти об афтода буд.

Мебурд чашмони маро
Мӯи тару рӯи тараш,
Оинаро мешуст мавҷ,
Лағжида аз пеши бараш.

Аз кокули заррини ӯ
Шорида зар мегашт об.
Полида аз зулфони ӯ,
Полида аз мижгони ӯ,
Покизатар мегашт об.

Дар сангҳо биншаста буд
Аз пайкараш бӯи баҳор.
Ҷӯи ба ҷӯ,
Кӯи ба кӯ
Мерафт бӯи мушки ёр.

Ҷӯи ба ҷӯ, кӯи ба кӯ
Ҳар қатрае ҳамроҳи худ
Мебурд бар дарёю рӯд
Аз чашми ӯ ранги кабуд.

## АЗ МӮИ ТО ЗОНУИ ТУ ЯК МӮ НАБАХШАМ БАР КАСЕ

Борони сим-сим мезанад дар боғҳо, дар боғҳо,
Чун арғувон гул кардаам сар то қадам аз доғҳо;
Сад нахли гирён асту ман, ашки дарахтон асту ман,
Кафку ҳубобе дар дилам чун оби борон асту ман.

Рӯйи туро ҷамъ оварам аз ёдҳо, аз ёдҳо,
То рӯйи ту ояд ба ёд, ояд ба ёд, ояд ба ёд.
Бӯйи туро ҷамъ оварам аз бодҳо, аз бодҳо,
То бӯйи ту ояд ба ёд, ояд ба ёд, ояд ба ёд.

Ку чашми дарёранги ту, чашмам нашуд аз об сер.
Он субҳи рухсори ту ку, бахтам нашуд аз хоб сер.
Чашми ту гардонад маро дар обҳо, дар обҳо,
Рӯйи ту гардонад маро дар хобҳо, дар хобҳо.

Охир туро ҷамъ оварам аз чор сӯ, аз чор сӯ,
Дар ҷои ҷонам ҷо кунам мӯйи ба мӯ, мӯйи ба мӯ,
Аз мӯйи то зонуи ту як мӯ набахшам бар касе,
Аз хоки поят заррае дору набахшам бар касе.

## ДИЛХУНУК

То шуд дилаш аз ман хунук, ях баст сар то пои ман,
Тӯмори гармиам надод аз мӯи ӯ мавлои ман,
Саҳрои ишқам дар ҷаҳон шуд ҷои вовайлои ман,
Бо ман бинолу гиря кун, саҳрои ман, саҳрои ман.

Сад дарди дил паймуда шуд, аз ман нашуд, аз ман нашуд,
Чашмони дил пӯшида шуд, аз ман нашуд, аз ман нашуд,
Дарёи дил нӯшида шуд, аз ман нашуд, аз ман нашуд,
Бо ман бинолу гиря кун, дарёи ман, дарёи ман.

Дар шабчарои бӯсаҳо аз чашму лаб, аз дасту по
Ман будаму маҳтоб буд, ӯ дар замин, ман дар ҳаво;
Акнун манам дар зери по, ӯ дар ҳаво, ӯ дар само,
Бо ман бинолу гиря кун, шабҳои ман, шабҳои ман.

Дирӯзи ман як рӯз не, гӯё ки як садсола буд,
Аз ишқи бефардои ман дирӯзи ман дар нола буд.
Дирӯзу имрӯзам гузашт, аз рӯзи фардоям чи суд,
Бо ман бинолу гиря кун, фардои ман, фардои ман.

## БӮСА БА ДУНЁ ЗАДАМ

Зулфата боло задам,
Сила ба шабҳо задам,
Ҳарду лабат гул намуд,
Бӯса ба гулҳо задам,
Бӯса ба гулҳо задам.

Навбати чашмат расид,
Дар лаби ман нам расид,
Чашми ту дарё намуд,
Бӯса ба дарё задам,
Бӯса ба дарё задам.

Навбати мӯят расид,
Моҳ ба кӯят расид,
Мӯи ту тилло намуд,
Бӯса ба тилло задам,
Бӯса ба тилло задам.

Бозуву боло намонд,
Дар бари рӯ ҷо намонд,
Дар қадамат хам шудам,
Бӯса ба дунё задам,
Бӯса ба дунё задам.

## САФЕДОР

Дар сафи мушкилгузар як ҷангали андом,
Байни як майдон санавбарҳои қомат,
Дар миёни як хиёбон тираки по,
Ӯ дарахте аз дарахтони сафедор аст,
Ман ба ҳар сӯйе, ки мебандам нигоҳамро,
Чун сафедоре намудор аст.

Пойҳояш то миён – пойи сафедорӣ,
Қоматаш – қоматбаландии сафедорӣ,
Гарданаш – гардансафедии сафедорӣ,
Беқарории вуҷудаш – беқарории сафедорӣ,
Ростияш – ростиҳои сафедорӣ.

То расад дастам ба ин болобаландӣ,
То расад дастам ба ин гардансафедӣ,
То расад дастам ба ин соқи сафедорӣ,
Ман ба рӯи шонаи худ мебароям.

Дар ду чашми осмонрангаш –
Осмонбӯсии сарҳои сафедорон,
Дар димоғаш –
Гумбази гардунхарошии сафедорон,
Ҷилваҳояш –
Ҷилваҳои сабзи шодоби сафедорон.

Аз тани нарми сафедории ӯ рӯзе
Меканам ман пӯстҳои ҷомаҳояшро,
Мармари санги сарамро
Зери пойи хуштарошаш мегузорам,
Ҳамчу дар зери сутунҳои сафедорӣ.

## ХОБАТ БАРАД БА ҶУНБИШИ МАВЗУНИ НАБЗИ МАН

Дам мекашам сафедии рӯйи туро чу шир,
Ҳамчун ҳавои тоза фурӯ мебарам туро.
Дар таҳти санги синаи ман ҷӯш мезананд
Чун обҳои зери замин изтиробҳо.

Мӯйи ту он шабест, ки шабгарди он манам,
Шабкӯракаш, ки мепарад – ин чашмҳои ман.
Рӯйи ту – он маҳе, ки манам хобгарди он,
Бедор нест чашму равон аст пои ман.

Бо соқи дилписанди сафедории сафед,
Бо гардани баланди сафедории сафед,
Аз ҷӯйи шир, гуфтӣ, сафедори қоматат
Рӯида чун хаданги сафедории сафед.

Ман сина, сина, сина нафас мекашам туро,
Ман чашм, чашм, чашм туро мечарам тамом;
Ман бӯса, бӯса, бӯса туро мебарам ба лаб,
Ман мазза, мазза, мазза туро мечашам мудом.

Зери сарат ба хоб барам дасти хешро,
Зери сарам гузорӣ ту ҳам дасти хештан;
Хобам барад ба ҷунбиши мавзуни набзи ту,
Хобат барад ба ҷунбиши мавзуни набзи ман.

## БОРОН

Зангӯлазанон гузашт борон,
Чобуку ҷавон гузашт борон,
Бо чилчилаҳо гузашт борон,
Бо шилшилаҳо гузашт борон,
Бо силсилаҳо гузашт борон,
Монанди занон гузашт борон.

Гесӯи занона дошт борон,
Луълӯи занона дошт борон,
Аз тирукамони ранга-ранга
Абрӯи занона дошт борон;
Дар шишачаи ҳубобаш атри
Хушбӯи занона дошт борон.

Монанди занон чамида мерафт,
Мӯяш ба замин расида мерафт,
Нозаш ба замин чакида мерафт,
Абрӯи камони рангаашро
Бо ишва қалам кашида мерафт…

Оинаи ҳар тиреза тар буд,
Аз қатраи реза-реза тар буд,
Аз дидани ҳар тирезаи тар
Дил тозаю дида тозатар буд,
Як рӯи занона дар назар буд.

Борон ғами чилрӯзаро шуст,
Борон дилу дидаи маро шуст,
Оинаи ҳар тирезаро шуст,
Оинаи синаи маро шуст…

Зангӯлазанон гузашт борон,
Чобуку ҷавон гузашт борон,
Бо чилчилаҳо гузашт борон,
Бо шилшилаҳо гузашт борон,
Бо силсилаҳо гузашт борон,
Монанди занон гузашт борон;

Борони ҳаво – давои дилҳо,
Доруи шукуфаҳои дилҳо.

## АЗ ДАРАХТИ СОЯ АФТОДАМ

Вақте ки ман як баччае будам,
Ошиқи духтарчае будам,
Ӯ маро аз тори болохонашон
Бо забонаш сӯз медод,
Бар сарам ё ҳарчи мепартофт,
Худ наметофт.

Хонаи онҳо сафедак буд,
Девори сафедак дошт.
Мо дар он шабҳои тобистон
Дар таги тути қаторак,
Чашмҳо тар аз даҳанвоҷак,
Чашмҳои хастаро молида медидем
Ҷанги сурхону сафедонро –
Беҳтарин кино.

Ман вале шабҳои маҳтобӣ дар он девор
Соя мекардам тамошо,
Соявашан кам набуд аз ҳеҷ кино.
Дар ҳамон вақте ки маҳтоб
Аз лаби Ёли Камар метофт,
Аз дарахте дар тани девор
Дарахти соя мерӯид тираквор,
Қад кашидан мегирифт оҳиста-оҳиста,
Ҳамчу кӯдакҳо, ки меёзанд,
Қад мекашанд аз қадкашакҳо.

Ман зи ҳайрат,
Моту мабҳут,
Ҷо ба ҷо як соя мегаштам,
Панҷаам бе устухони соягӣ мешуд,
Дасту поям худ ба худ беустухони соягӣ мешуд.
Ман ду дасти соягиамро,
Бар дарахти соя печонида маҳкам,
Ҳарду пои соягиамро

Қайчӣ мекардам,
Ки то нӯгаш бароям, лек ҳайҳот…

Ногаҳон шаббода меомад,
Дастҳоям дар лаби бомаш, дарахти соя меларзид,
Дасту пои соягии ман ҳам ба он якҷоя меларзид,
Дасту пои соягии ман
Аз лаби бомаш хато мехӯрд,
Бар замин афтида хомӯш,
Мепаридам, ҳар чӣ буд, аз ҳуш…

Модарам аз шабдарав, аз пушта баргашта,
Хобу хоболудаам
Зери каш мекарду мегуфт:
Баччаи бечораи ман тоқу танҳо
Монда ин ҷо маҳтали кино.

## ХОТИРА

Лабонам аз лаби ту бӯса-бӯса хотира дорад,
Даҳонам аз даҳанат қисса-қисса хотира дорад.

Ҳазор коса, ки чашм об додам аз чашмат,
Аз он ду чашми тарам коса-коса хотира дорад.

Ҳамон қадар, ки чаридам туро нигоҳ-нигоҳ,
Замини хотираам майса-майса хотира дорад.

Дилам, ки дар ҳавасат кам насӯхт, кам натапид,
Алам-алам асару ғусса-ғусса хотира дорад.

Қадам чу оинаи қаднамои хотираат
Шикастаасту вале ҳисса-ҳисса хотира дорад.

Хулоса, аз камарат, аз канору оғӯшат
Тамоми ҳастии ман хоса-хоса хотира дорад.

## АЗ ХУНИ СИЁВУШЕМ…

Аз хуни Сиёвушем, ҳамхуни Сиёвушем,
Аз ҷомасафедонем, ҳар ҷома намепӯшем.[1]
Ҳамсоли «Авасто»-ем, ҳамоташи Зардуштем,
Мо оташи зардуштӣ нокушта намекуштем.

Исмоили Сомонӣ девори Бухоро буд,
Мо ҳамватани ӯем, ӯ ҳамватани мо буд.
Мо ҳам куҳи хороем, девори Бухороем.
Девори Бухороем, мо ҳам куҳи хороем.

Як тоифа аз Лоҳур, як тоифа аз Тӯсем,
Ҳам ворисн қомусем, ҳам ворисн номусем,
Ҳамшаҳрии Фирдавсӣ, ҳамшаҳрии Иқболем,
Ҳамшаҳри баномусем, ҳамшаҳри баиқболем.

Мо шеъру ғазалбофӣ аз рӯзи азал кардем,
Садҳо Раҳи Абрешим аз шеъру ғазал кардем,
Дар шеъри Аҷам шир аст, дар шири Аҷам шер аст,
Анбӯҳи қаламзораш найзори қаламшер аст.

[1] Сафедҷомагон – пайравони Муқаннаъ (ин ҷо ва минбаъд – шарҳу тавзеҳҳои муаллиф).

## БИНШИН
## БА РӮИ ЧАШМИ МАН

Дар  ин замин монанди ман
Ошиқ намеояд дигар,
Биншин ба рӯи чашми ман,
Лоиқ намеояд дигар.

Ғайр аз шаби мӯят маро
Шабҳои эҷодӣ мабод,
Ҷуз байти абрӯи ту нест
Байте, ки мемонад ба ёд;

Дар  ин замин монанди ман
Ошиқ намеояд дигар,
Биншин ба рӯи чашми ман,
Лоиқ намеояд дигар.

Аз ҳар шаби назме, ки ҳаст
Моро шаби мӯйи ту бас,
Дар коғази рӯят ҳамин
Шаҳбайти абрӯйи ту бас.

Ҷоно, баёзи гарданат
Беҳ аз баёзи шеъри ман,
Шеъри тари лабҳои ту
Ҳаргиз наафтад аз даҳан.

Дар  ин замин монанди ман
Ошиқ намеояд дигар,
Биншин ба рӯи чашми ман,
Лоиқ намеояд дигар.

## ЧОРПОРА

Занҷираи ҷумлае, ки ман месозам,
Аз нуқраю тиллои сухан месозам;
Инро на барои хештан месозам,
Овезаи гардани Ватан месозам.

Гулҳои Ватан начидаам даҳ сари сол,
Дидори Ватан надидаам даҳ сари сол;
Мебинамаш аз харитаи деворӣ,
Дурии Ватан кашидаам даҳ сари сол.

Ин барф, ки қомати маро хам кардаст,
Абрӯи маро пур аз шакарнам кардаст,
Ҳар шому саҳар назар ба оина кунам,
Дар боми сарам барфи дигар зам кардаст.

Андар шаби тори мӯйи ман субҳ дамид,
Гуфтӣ ту, ки умри ман ба як шаб нарасид;
З-он пеш, ки мурғи субҳ фарёд кунад,
Мурғи дили ман ҳазор фарёд кашид.

Чун меши замин дар осмон ҳам меш аст,
Чӯпони қазо аз ину он ташвиш аст:
Ҳар шаб чу сафедаи дурӯғи саҳарӣ
Дандони сафеди гург ҳам дар пеш аст.

Дар ҳавлии ман на чормағз аст, на бед,
Не арари қадбаланд, не дори сафед,
Маъзур, парандагон, ҳазорон маъзур,
Дар шохаи панҷаҳои ман биншинед.

Дидам ба ду чашм аз назарбандии ях
Гулдӯзии чевари самарқандии ях;
Ман кӯдаки барфии зимистон будам,
Дар дастаки ман – хурӯсаки қандии ях.

То хонаи ман масофаи бисёр аст,
Расмам ба ду чашми чор дар девор аст.
Аз рӯи ман оинаи ман сер нашуд,
Оинаи ман мунтазири дидор аст.

Аз оби сухан, ки меравад шаршарадор,
Аз ҷӯйи сухан, ки об дорад бисёр,
Бо шасти фаросату ба як риштаи зеҳн
Гулмоҳии шеър метавон кард шикор.

Ҳар ҷо, ки намеравам, дилам волаи туст,
Дар боми дилам шукуфтани лолаи туст,
Қишлоқаки ман, пушти маро кас нагирифт,
Дар пушти сарам чанори садсолаи туст.

Қишлоқаки кӯдакӣ, хасу хори ту бас,
Як лаҳза маро такя ба девори ту бас;
Дар маҳфили маҳтобии чирчираку ман
Чак-чак задани барги сафедори ту бас.

Қишлоқаки кӯдакии бобоии ман,
Ёди хасу хори ту дилосоии ман;
Дар кундаи ҳар дарахти ту пинҳон аст
Як кӯзача кӯдакии тиллоии ман.

Аз барги хазон тамоми дунё зард аст,
Ҳар барг чу коғази «Авасто»  зард аст;
Бар ҳар тарафе боди хазон шеърашро
Дар зарвароқи дарахт иншо кардаст.

Бо шохи дарахтони ту ҳампайвандам,
Ҳарчанд ки ман меваи ғам мебандам,
Печида ба решаи дарахтонат низ,
Қишлоқаки кӯдакӣ, рагу пайвандам.

Як духтари қадбаланд шуд духтари ман,
Шаҳдухтари дилписанд шуд духтари ман;
Оинаи қаднамо харидан лозим,
Лоиқ ба қади расо харидан лозим.

Парҳои пароканда ба ҳар бому даре
Бишкаста ба зери пойи ҳар раҳгузаре;
Бингар, чи қадар харобкорӣ кардаст
Сайёд ба як парандаи мушти паре.

Ман хотираҳои куҳнаамро аз сар
Монанди либоси куҳнаам карда бадар,
Покиза дар оби чашмҳоям шуста,
Дар тори хаёл мекашам тозаю тар.

Себаргаю гул дамида аз сангу сафол,
Дар бом хурӯси лола мекӯбад бол,
Ин барраи сабзаи таракро, ки тар аст,
Мелесаду хушк мекунад меши шамол.

Он чиз, ки дасту пои мо мебинад,
Чашмони ману ту аз куҷо мебинад?
Санги таги обро намебинад чашм,
Санги таги обро ду по мебинад.

Дар пайраҳае шабона мегаштам гирд,
Ман дар шаби тор шеър мекардам вирд;
То дафтару коғази маро хонда шавад,
Як кирмаки шабчароғ мезад гӯгирд.

Дар кӯчаи хокие равонам ҳама шаб,
Дар тути қатори Сӯфиёнам ҳама шаб;
Дар ҳавлии кӯдакиам аз донаи ашк
Ман донаи тут метаконам ҳама шаб.

Дар чашми кабуди чашмаҳо айнаки ях,
Дар тахтаи пушти хонаҳо печаки ях;
Дар шишаи чорчӯбаҳо чечаки ях,
Аз гӯшаи боми чашми ман чак-чаки ях.

Дар давраи навҷавониам монда касе,
Дур аз нафасаш намекашидам нафасе.
Вопас, ки ба сӯйи навҷавонӣ нигарам,
Дар ҷойи ҳамон каси ман истода хасе.

Дар зери сафедор бувад хоки падар,
Дар зери дарахти тут хоки модар;
Саддаста гирифтаанд азизони маро
Бо решаи хештан дарахтон дар бар.

Ман дар дили ҳаммакон намеғунҷидам,
Дар маҳфили ҳамзамон намеғунҷидам,
Селоби баҳору оби дарё будам,
Дар истакани замон намеғунҷидам.

Он кӯчаи Каҳкашон, ки роҳи малак аст,
Он роҳи сафед аз само то самак аст;
Не кӯчаи Каҳкашону не роҳи малак,
Дарёи сафеди шири гови фалак аст.

Дар лаб-лаби ҷӯй беди Маҷнун беҳтар,
Дар гулдара арғувони пурхун беҳтар;
Ин кӯчаи каҳкашонии хокии мо
Аз кӯчаи Каҳкашони гардун беҳтар.

Ин кӯри раҳе, ки сари боло дорад,
Ҷойи ду басар ду гӯши бино дорад,
Вақте ки туро мешунавад, мебинад,
Бо гӯш ба ҳар тараф тамошо дорад.

Ку кудакии ману куҷо он ҳама сол?
Ку хонаи модару шабу хобу хаёл?
Ман бе пару бол мепаридам шабҳо,
Ку он ба ҳаво париданам бе пару бол?

На кабки дарӣ, на дар ҳаво турнақатор,
Дар пушта на арғувон, на бӯйи гули хор;
Дар ҳар қадаме дар қадами тобистон
Саҳрои хурӯси лоларо кушт баҳор.

Аз шир-шири барге нафасе мешунавам,
Аз мурғи саҳар ҳамнафасе мешунавам;
Ман баччаи хокхӯрдаи қишлоқам,
Аз бӯйи хасе бӯйи касе мешунавам.

Қишлоқаки ман, бахайр бодо хобат,
Бигзор маро ба кирмаки шабтобат;
Чун мӯри қатор рафтуое дорад
Фавҷи нигаҳам ба хирмани маҳтобат.

Бишкуфт ба рӯйи тӯдаи хокистар
Дар вақти баҳор як бағал лолаи тар,
Ё оташи мурда зинда шуд бори дигар,
Сар то ба қадам гарм шудам бехотир.

Ҳар чизи баҷоие маро буд дуруст,
Дар рахнаи девори ту мекардам руст,
Қишлоқаки кӯдакӣ, зару зевари ман
Зардии дулонаҳои тиллоии туст.

Он бед, ки дар таби хазон месӯзад,
Табларзааш он қадар, ки ҷон месӯзад.
Бингар, ки забона мезанад шохаи бед,
Дар оташи бедуд чи сон месӯзад.

То ғуссаю ғамҳои маро дур кунанд,
Гуфтам, ки илоҷи дигаре ҷӯр кунанд,
Чун зинда туро ба ҷойи ман боз оранд,
Чун мурда маро ба ҷойи ту гӯр кунанд[1].

Элок на чашма, чашми Файзобод аст,
Чашме, ки замин бар осмон бикшодаст,
Сад мартаба узр, Ҳофизи Шерозӣ,
Серобтар аз чашмаи Рукнобод аст.

Ҳарчанд ки коса-коса бо косаи даст
Нӯшидаам об аз ҳар он чашма, ки ҳаст,
Бе оби сухан ҳеҷ дилам об нахӯрд,
Бе чашмаи шеър ташнагиам нашикаст.

Дар пуштамазор моҳи поке дорам,
Моҳе, ки ба зери абри хоке дорам.
Аз ҳасрату доғи ӯ мапурсед маро,
Хуншор даруни чок-чоке дорам.

Меларзам, агарчи бистар аз пар гирам,
Аз оташ агар либос дар бар гирам.
Бо рахти бурун даруни ман гарм нашуд,
Гӯгирд хурам, ки аз дарун даргирам.

Қишлоқаки кӯдакии ман лаб-лаби ғор,
Девори сафедаш аз сафедори қатор,
Ҳамчун хати мораки ман аз мори қалам
Дар хоки раҳаш хати ғубор[2] аз пайи мор.

---

[1]Матни сангнависи гӯри додарам Иброҳим.
[2]Хате, ки бо ангушт дар ғубор навишта мешавад.

Мардум ба дарахт бо шикам менигаранд,
Бе сарфи назар ба шохи хам менигаранд.
Азбаски ғизои шоирон аз чашм аст,
Бо тираки сарбаланд ҳам менигаранд.

Он ҷо, ки на ҷои туст, худро ҷо кун,
Мехе шаву бе калид дарро во кун,
Гӯгирд агар намешавад, дар чашмат,
Муште бизану шарорае пайдо кун.

Аз он найи «Маснавӣ», ки афғон дорад,
Қишлоқаки ман дусад найистон дорад.
Шабҳо ҳама аз шамоли Файзободаш
Дар ҳар лаби об найнавозон дорад.

Чашмам ба касе назора дорад, ки туӣ,
Дастам ба касе ишора дорад, ки туӣ,
Аз чашми худам ман осмоне дорам,
Шабҳо ҳама як ситора дорад, ки туӣ.

Сарлавҳаи шеъри ман ду абрӯи ту буд,
Девони ман аз коғази бозӯи ту буд;
Он зулфи сухан, ки шона кардам ба қалам,
Он зулфи сухан набуд, гесӯи ту буд.

Он ҷо, ки дамида гунбази синаи зан,
Шоир накунад зи гунбази чарх сухан.
Бе сарви чамон касе ғазалвора нагуфт
Аз хубиву аз расоии сарви чаман.

Дар хонаи ҳар касе занак даркор аст,
Яъне, ки фариштаю малак даркор аст.
Дар соати маргу мотамам дар сари ман
Як хоҳараки гирякунак даркор аст.

Гӯянд, ки лаҳзаест рӯидани ишқ,
Чун атри гуле ду лаҳза бӯидани ишқ,
Лекин ҳама умр мӯя кардему нашуд
Бо мӯяи мо тамом мӯидани ишқ.

Дар оина худро нигаристам саҳарӣ,
Гуфтам, ки муқобилаш наистам саҳарӣ,
Оинаи рӯи ман дар оина набуд,
Бо оина рӯ ба рӯ гиристам саҳарӣ.

Ҳар мехи каҷе, ки бар дару девор аст,
Ҳамчун хати мехии падар даркор аст,
Онро, ки касе нахонд, ман мехонам,
Аз кулбаи кӯдакӣ ҳамин осор аст.

Қишлоқаки кӯдакии ман лаб-лаби ғор,
Девори сафедаш аз сафедори қатор.
Кӯтоҳу дароз сояи чарҳояш
Чун соати деворӣи он дар девор.

Ин ток тамоми боғро гашт ба даст,
Худро ба сари ҳазору як шоха бубаст,
Аз гаштану бастанаш, ба дасташ бинигар,
Аз хӯша зи дастҳояш обила бичаст.

Ҳар лаҳза ба авчи осмон менигарам,
Бо роҳи ҳавоии чаҳон менигарам.
Ман ҷониби он касе, ки аз ман дур аст,
Аз дур ба дурбини ҷон менигарам.

Умре қаламу коғазу қомусам буд,
Аз бистари хоби хеш номусам буд.
Маҳтоб ба пушти шишаи хонаи ман
Маҳтоби шабам набуд, фонусам буд.

## ГУЛҶӮШ

Ҳаворо нам-нами дилкаш гирифта,
Камони Рустаму Ораш гирифта.
Ба саҳро меравӣ, аз оташи гул
Замину осмон оташ гирифта.

Баҳорон қавси Ораш мекунад гул,
Ба гардун нақши дилкаш мекунад гул.
Ба ҳар фасле табиат мешукуфад,
Зимистон чӯби оташ мекунад гул.

Ба гулшан шеъри булбулро нигаҳ кун,
Дар оби ҷӯй ғул-ғулро нигаҳ кун.
Замони шуълаи оташ гузаштаст,
Замони шуълаи гулро нигаҳ кун.

Хазон зарду хазон парду хазон дард,
Хазон гарду хазон дарду хазон зард,
Пур аз тобу таб, аммо беҳарорат,
Ҳама оташ, валекин оташи сард.

Сафедори лаби ҷӯят сафед аст,
Чу коғаз дасту бозӯят сафед аст;
Маро рӯи ту дафтар менамояд,
Ки ҳамчун дафтарам рӯят сафед аст.

Навиштам, аз ду абрӯят навиштам,
Ба васфи чашми дилҷӯят навиштам;
Чи хушбахтам, ки ман бо бӯса байте
Ба рӯи коғази рӯят навиштам.

Агарчи рафт аз сар боми қишлоқ,
Нахоҳад рафт аз сар шоми қишлоқ,
Пур аз коҳу пур аз моҳу пур аз ман
Маро аз кӯдакиҳо номи қишлоқ.

Ду абрӯро качу мач̧ менависанд,
Вале чун шеъри Эрач̧[1] менависанд,
Нагӯям, кач̧қалам дар шаҳри мо нест,
Ки ин абрӯкач̧он кач̧ менависанд.

Ҳаво нарму замини лолагӣ нарм,
Чу рӯи дилбаре сурхида аз шарм.
Бимон, гул оташ афрӯзад ба саҳро,
Ки ман аз оташи гул мешавам гарм.

Баҳор аз лаб-лаби ҷӯи ту омад,
Ба ҷои бӯи гул бӯи ту омад.
Парастуи баҳорон норасида,
Парастуи ду абрӯи ту омад.

Чу суратгар, ки абрӯ менавиштӣ,
Ба рангу бо қаламмӯ менавиштӣ,
Ба рангу бо қаламмӯ аз ду абрӯ
Ту як сарбайти хушрӯ менавиштӣ.

Биёед, эй азизон, тӯй дорам,
Шуморо бар дари дил интизорам,
Агар фаршам сазовори шумо нест,
Шуморо бар сари худ мегузорам.

Дилам чун оташафшон сар гирифтаст
Ду рӯям чанги хокистар гирифтаст,
Намедонам, чӣ нолидам ба найзор,
Ки най ҳам бо дили ман даргирифтаст.

Зимистон рафт, рафтори дигар шуд,
Бадар шуд мардум аз дарҳо, бадар шуд.
Ба тарфи кӯча аз рӯзи ту, эй шаҳр,
Шабат бедортар, бедортар шуд.

[1] Манзур Эрач̧ Мирзост.

Ба гулгаште садои кафши по сабз,
Хиёбон дар хиёбон дасту по сабз.
Миёни чашми мо ҷои қадамҳост,
Қадамҳо дар миёни чашми мо сабз.

Замину осмон, обу ҳаво тар,
Нафасҳо тар, назарҳо тар, адо тар.
Чароғак мезанад чашме зи ҳар сӯ,
Ба ҳар кӯе садои кафши по тар.

Гуле механдад аз садбаргии хеш,
Бувад то барг аз бемаргии хеш.
Найи бебарг умре дар лаби ту
Ба худ менолад аз бебаргии хеш.

Чу рагмоли дарахтон боди Элок,
Раги хоби туро мемолад, эй ток,
Гиребони маро то навбаҳорон
Валекин то ба доман мезанад чок.

Ба он биниш, ки дар обу гилаш буд,
Ту гуфтӣ, дурбинаш ҳамдилаш буд,
Ки сурат гуфта, сират мегирифтӣ,
Дилаш дар чашму чашмаш дар дилаш буд[1].

Дарахти қӯшае дидам ба барзан,
Ду ҳампаҳлӯ, ду ҳамбозӯ, ду ҳамтан,
Ба ҳам рӯида чун ҷуфти муносиб,
Чу ман рӯидаам аз ту, ту аз ман.

Магӯ беҳуда занро норасида,
Ки аз паҳлӯи чап шуд офарида.
Дар он паҳлӯи мо дил ҷо гирифтаст,
Зану дил ҳарду як маъно гирифтаст.

---

[1] Ба хотираи Муҳиддин Олимпур.

Қалам дар дасти ман чун менависад,
Сиёху сабзу гулгун менависад.
Қалам бо неши нохун менависад,
Қалам бо шарҳаи хун менависад.

Ғизои ақл агар илму амалҳост,
Ғизои чашми мо сайру тамошост.
Ғизои дил фақат шеъру фақат ишқ,
Ғизои гӯши мо оҳангу овост.

Нахӯрдам бо фароғат нону обе,
Набудам тахтае аз тахти хобе,
Надидам истироҳат аз ту, эй шеър,
Набуд болишти ман ғайр аз китобе.

Тамоми зиндагӣ бастам чакома,
Навиштам гаштаю баргашта чома,
Нанӯшидам, напӯшидам валекин
Ман аз дасти касе ҷомею ҷома.

# АЗ ШЕЪРҲО БАРОИ БАЧАҲО

## ФАБРИКАИ АБР

Фаввора мезад
Аз як иморат
Ғаппа-ғаппа бӯғ.
– Он ҷо чи бошад? –
Пурсидам дурӯғ.

– Фабрикаи абр
Барои борон, –
Гуфт Ардашерак,
Бачаи зирак.

## АЭРОПОРТ

Аэропорти кайҳон
Оянда сатҳи Моҳ аст,
То Мирриху Муштарӣ
Аз он ҷо нимароҳ аст.

## ҶОРӮБИ ОҲАНРАБО

Худам кардам ихтиро
Ҷорӯби оҳанрабо,
Ҳавлиро тоза кардам,
Чидам, покиза кардам
Аз оҳани нодаркор,
Аз резаи оҳанбор.

## УҚЁНУСИ ОРОМ

Калонтарин уқёнус
Дар кӯраи замин аст,
Аммо ҳамеша ором,
Номаш ҳам аз ҳамин аст.

Боде намевазонад,
Ки тӯфон бархезонад.
Азбаски обаш сард аст,
Ҳамчун каси хунсард аст,
Оби сард уқёнусро
Ноором намекардаст.

## НАБЕРААМ АНӮША

Набераам Анӯша,
Абрӯякаш дуқӯша,
Айни ду гандумхӯша,
Вақте ки сар мекаша.

Чун асали моҳи май
Бӯи сад гул дорад вай,
Мелесамаш шабу рӯз,
Шириниаш гулӯсӯз.

## РАССОМ

Агар барои коғаз
Дарахтонро буриданд,
Аз қалами сабзи ман
Дар коғазе рӯиданд.

Кочу санавбар рӯид,
Сӯзанбаргу коғазбед.
Аз қалами кабудам
Равон шуд оби рӯд ҳам.

Бо қалами сиёҳ низ
Ман мекашам ҳар доим,
Чун сояи дарахтон
Ранги сиёҳ ҳам лозим.

## СОЯ

Соя рӯзи тобистон –
Кӯрпачаи дарахтон,
Марҳамат, рахти тахте
Дар зери ҳар дарахте.

Бисёрӣ ҳам, ки бошед,
Ташвиш аз ин набошед,
Соя, ки боз мешавад,
Ҷамъу дароз мешавад.

## ФАВВОРА

Маҷнунбеди лаби ҷӯ
Фаввора менамояд,
Шоху баргаш то зону,
Бепоя менамояд.

## ГОВИ ҲАЗОРПИСТОН

Сартокии ҳусайнӣ –
Гови ҳазорпистон,
Хӯшаҳои пистонаш
Аз шохаҳо овезон.

## ЗЕБИ ФАСЛИ ТИРАМОҲ

Зеби фасли тирамоҳ
На себи тирамоҳӣ,
На анори хандонак,
Дандонҳояш тиллоӣ;

На карами печ дар печ
Чун саллаи мӯсафед,
На сӯтаи ҷуворӣ,
Дандонҳояш сап-сафед;

Зеби фасли тирамоҳ,
Монанди хирмани моҳ –
Кадуи лангардароз,
Дӯлонаи сари роҳ.

## БОҒИ МОМАИ АНГУР[1]

Ҳамчу ғул-ғули тӯе
Як сатил ҳаёҳӯе,
Бозии қарашқӯе
Боғи момаи ангур.

Дам ба дам пур аз хиш-хиш,
Дам ба дам пур аз киш-киш,
Даҳ сабад пур аз кишмиш
Боғи момаи ангур.

Хӯшае агар пухтаст,
Хӯшаи дигар пухтаст,
Дар дами саҳар пухтаст
Боғи момаи ангур.

Як шабе ту бо маҳтоб,
Як шабе ту бо шабтоб,
Бӯи мева пеш аз хоб
Боғи момаи ангур.

Ёди сабзи тобистон,
Ёди сабзи токистон,
Ёди сабзи Сӯфиён
Боғи момаи ангур.

[1] Писаронам ба хотири боғи токаш модарамро «Момаи ангур» меномиданд.

## ҲАВО

Берангу бевазн,
Бемаза, бебӯ
Ғайр аз ҳаво ку?
Аммо дигар нест
Муҳимтар аз ӯ?

## СУБҲИ ҚИШЛОҚ

Се карат қудқудус мешунавӣ,
То ба шабгир се карат махсус.
Медамад субҳи рӯз дар қишлоқ
Аз уфуқҳо на, аз гулӯи хурӯс.

## АСО ВА АЙНАК

Асо, ки чӯбдаст аст,
На аз барои даст аст.
Асо мадори зону,
Як пои дигари ту.

Айнак барои чашм аст,
На аз барои бинӣ.
Агар ту мӯсафедӣ,
Бе айнак намебинӣ.

Айнак асои чашм аст,
Нури расои чашм аст.

## КОСАПУШТ[1]

Косапушти зиреҳпӯш
Зиреҳаш дар тахтапушт,
Дар тахтапушташ сарпӯш,
Чун «каска»-и[2] аскарӣ,

[1] Сангпушт.
[2] Кулоҳи оҳанӣ.

Мебарад онро дар пушт
Барои бехатарӣ.

## ТАРБУЗ

Тарбузи сабзи нақшин
Нақшаи Замин барин,
Гардонӣ, мегардад он,
Глобуси полизбон.

## ЧАНОР

Чанор филдарахт аст,
Аз ҳар дарахте сахт аст.
Баданаш ҳам пур аз чин,
Бадани филон барин.

Аз чӯби ӯ шаҳсутун
Дар хонақоҳу айвон,
Кӯпруки сахту шаҳпул
Дар рӯи рӯдборон.

Калон шавад, мегирад
Як майдонро сояаш,
Валекин шуҳратманд аст
Бо ғафсии пояаш.

Одатан ҳар касеро,
Бошад агар тануманд,
Бо кундаи чанораш
Монанд менамоянд.

Ҳар як ҷувозкунда
Аз кундаи чанор аст,
Аз ин касби меросӣ
Сад кунда ёдгор аст,
Кундаи беҳад васеъ
Боқӣ мондаст аз Восеъ.

Ин дарахти тавоно,
Ин дарахти беҳамто,
Дар қатори азизон,
Дар қатори шаҳидон,

Бар дари ҳар мазоре,
Дар саҳни ҳар диёре,
Дарахти миллии мост,
Рамзи аҳолии мост.

## СИТОРАИ КРЕМЛ

Ситораи Кремл
Аз кайҳон менамояд,
Ранги дили замин аст,
Метапад бениҳоят.

Аз лаъли Помир аст он, –
Ситораи ману ту,
Менамояд аз кайҳон
Помири мо ҳам бо ӯ.

## ҚИШЛОҚИ МАН

Аз зери ҳар барги тараш
Як мева чашмак мезанад,
Авҷи сафедораш баланд,
Аз шодӣ чак-чак мезанад,
Дар ними рӯзаш дар ҳаво
Пар-пар чаковак мезанад,
Як бачае бо каш-кашаш
Дар шиша лӯлак мезанад,
Аз абри хушки чашми ман
Як қатрае чак мезанад.

## КӮДАКИИ МАН

Кӯдакиам, –
Кундаҳои мехкӯб аз замбурӯғ,
Чашмҳои шабнамолуди сафедорон,
Дар замин рангинкамон аз гул,
Дар ҳаво рангинкамон аз офтобборон.

Кӯдакиям, –
Дарраю ғору чару момочавобак,
Бӯгалакҳоюю малаххо,
Лонаи паррандаҳои шохсорон,
Кӯчаҳои сангфарш аз сангпушт,
Қур-қури қурбоқаи як фасли тобистон.

## КИТОБИ БАҲОР

Лола сурхида чун хати сурхаш,
Сабза сабзида чун хати сабзаш,
Аз бунафша хати бунафш навишт,
Сад рақам растании сарсабзаш.
Як китоби баҳор садбарг аст,
Мешуморӣ агар ту, сад барг аст.

## ГОВИ ФАЛАК ДАР АЙЛОҚ

Гови фалак[1] мечарад
Дар сабзазори кайҳон,
Гови замин мечарад
Дар бораи Сӯфиён[2].
Гови фалак дар айлоқ,
Гови замин дар қишлоқ.

---

[1] Ситораи Парвин.
[2] Қишлоқи ман.

## МЕВАИ МАСНӮӢ

Меваҳои табиӣ
Афтодаанд зери по,
Меваҳои маснӯъӣ
Мехуранд ин одамҳо.

## ДАРАХТИ МАСНӮӢ

Азбаски ҷангалҳоро
Бераҳмона буриданд,
Дар сояи дарахти
Маснӯӣ менишинанд.

## КУКУ
## (ангал)[1]

Дар лонаи гунҷишкон
Тухмашро мегузорад,
Гунҷишкаке аз он тухм
Кукуча мебарорад.

Кукуча аз ҳамон рӯз
Кукуӣ менамояд,
Чӯҷаҳои дигарро
Аз лона мепартояд.

Гунҷишкаки бехабар
Дар чор сӯ овора,
Ҳашара мекашонад
Ба ҷонвари пурхора.

Чун болу пар барорад,
Вақте шавад парончак,
Куку шуда мепарад,
Намешавад гунҷишкак.

[1] Ангал – паразит.

## ТӮРПАРДАИ ТОРТАНАК

Тӯрпарда меовезад
Тортанак дар тиреза,
Тӯрпардаи тортанак
Аз абрешими тоза.

## ГУЛҲОИ ЗИНДА

Шапараконро дида,
Ба сӯяшон давида,
Гӯё гирифтанӣ шуд,
Аммо нашуд, париданд.
– Бобо, – набераам гуфт, –
Инҳо гули зиндаанд.

## ЯК БАЧА БУД…

*(Ба хотираи Убайд Раҷаб)*

Як бача буд, номаш Муғ,
Ё аз Ванҷ ё аз Хоруғ,
Не рост мегуфт, не дурӯғ.

Замбурӯғи сиёҳро
Телпаки морак мегуфт,
Дар кундаи  дарахтон
Мехи  қаторак мегуфт.

Ҳар кас, ки қоқу чидаст,
Инро аз ӯ шунидаст:
Қоқу гули замин не,
Аз офтоб чакидаст,
Як қатра офтоб аст.

Хорпуштакро чӣ мегуфт?
Хорпуштакро – сӯзандон,
Сӯзандони раҳгардон,
Пури сӯзан сӯзандон.

Мегуфт: алошақшақа
Тоқии чоргул будаст,
Дар шамоли Файзобод
Аз сари мо паридаст…

Ин бачаи аҷоиб
Рафта-рафта шоир шуд,
Ё бобои Миршакар,
Ё Бозори Собир шуд.

## ЧИСТОНИ ҲАВОПАЙМО

Паранда менамуд,
Паранда набуд,
Аммо дар ҳаво,
Хомӯшак ҳам не,
Як осмон садо.
Дар гунбази кабуд
Хат мекашид ба дуд,
Он чӣ буд?

## ФАБРИКАИ «ШИРИН»

Ҳар ҷо, ки ошёни
Занбӯри ангубин аст,
Заводи қанду асал,
Фабрикаи «Ширин»[1] аст.

Дар гирди он визу виз,
Ҷунбуҷӯлу шинухез,
Мешинанду мехезанд
Саросема, тез-тез
Занбӯракони рахшак,
Занбӯракони пашмак.

[1] Фабрикаи «Ширин»-и Душанбе

Занбӯронро поиста,
Муму асал мегиранд,
Аз ҳар як занбӯрхона
То як сатил мегиранд.
Мумаш ҳам хеле лозим,
Қандилчаҳо месозанд
Аз ин муми мулоим.

Дарахтонро ҳам аслан
Ӯ мекунад гулгардон,
Оилаҳои занбӯр
Бо шамоли баҳорон.

Дар боғи пуршукуфа
Виз-визкунон мепаранд,
Дар пояшон гарди гул
Аз гул ба гул мебаранд.

Бе шамоли баҳорӣ
Мева намегирад боғ,
Намешавад гулгардон
Бе занбӯрон боғу роғ…

Занбӯракро ранҷонӣ,
Туро ҳам меранҷонад,
Якбора мезанад неш,
Заҳрашро мерезонад.

**КРАН**

Як лаклаки оҳанин
Дар ҳаво не, дар замин
Бо нӯлаш мебардорад
Даҳ тонна бори вазнин.

## ГУЛҲОИ ҚОҚУ

Як села чӯҷа
Дар лаби ҷӯйча –
Гулҳои қоқу
Дар ду лаби ҷӯ.

## ҶАНГ

Аз ҳар тараф қар-қар шуд,
Қар-қар шуду пар-пар шуд,
Зоғон заданд майнаро,
Майнаи бемайнаро.

## ТЕЛПАК

Телпакашро Ардашер
Қап зада гирам гӯяд,
Аз дасти ӯ паридаст,
Телпак не, гурба будаст.

## ЧИСТОНИ ХАРЧАНГ

Як ҷонвари панҷпоя,
Чун панҷа менамояд.
Вақте ки роҳ паймояд,
Бо паҳлӯ мепаймояд.
Ҷондори каҷрафтор аст,
Дар дарёҳо бисёр аст.

## АСО

Худаш намебинад роҳ,
Ба дигарон раҳнамо,
Худаш хушку бемадор,
Ба дигарон мададгор.

# АЗ ТАРҶУМАҲО

***ПАБЛО НЕРУДА***
*(Чили)*

## БЕХОБӢ

Ман аз худ ҳар шабе сад бор мепурсам,
Ки фардо кишвари маҳбуби ман бе ман чи хоҳад кард?
Агар бадбахт гардад кишварам,
Ман низ бадбахтам.

Ман ӯро ҳар шабе дар хоб мебинам,
Ба мисли киштие дар об мебинам,
Ки пурбор аст,
Савори зиндааш бисёр,
Савори мурдааш ҳам низ бисёр аст.

Ман ӯро дӯст медорам,
Чи сангашро, чи гардашро,
Чи гулҳои баҳорашро,
Чи хорашро.

Ман ӯро хуб медонам,
Саросар мешуморам ҳар шабе
Дар хоби худ пиру ҷавонашро,
Якояк рӯи китфам мебарорам кӯдаконашро.
Якояк метавонам гуфт,
Кадомин моҳу соли Чилии ман талху ғамгин буд,
Кадомин лаҳзааш бисёр ширин буд.

Агарчи мо ҳамоғӯшем,
Ватан ҳарчанд дар оғӯши ман хоб аст,
Намедонам,
Ки ӯ фардо дар ин оғӯши ман чун мешавад бедор.
Валекин мекунам эҳсос дастеро, ки меёзад шабонгоҳон,
Ватанро то шабе дар хоби ширинаш кунад хуншор.

## КИТОБ

Китобро бо қалам бинвиштан осон аст,
Китобро бо қадам бинвис.
Баро аз хонаат, оламшиносӣ кун,
Баро аз хештан, одамшиносӣ кун,
Китобро одаму оламшиносӣ мекунад тавлид...

Агар дар он набошад дарду озоре,
Агар аз он нахезад бӯи дилдоре,
Китоби шеъри мо чун ҷисми беҷон аст,
Дар он ҳар сафҳа барги зарди резон аст.

Ман охир бо ҳамин андеша мемирам,
Нахуфтам як шабе ҳам беғаму ором.
Шабе то сабз кардам қитъаи шеъре,
Диламро об кардам,
Дидаро пурнам.
Суханро об додам ман,
Чи обе?
Қатраи ашке,
Қатраи хуне.
Бубин, ман бо чи меҳнатҳо шудам шоир.

*ХОСЕ РИСАЛ*
*(Филиппин)*

## ОХИРИН ПАДРУД

Алвидоъ, эй хиттаи ман, кишвари хуршеди олам,
Ҷаннати помоли мардум, гавҳари дарёи ховар.
Ҷонсупорӣ гарчи осон нест бар фарзанди одам,
Баски аз бахши ту мемирам, надорам ҳасрату ғам,
Метавонистам бимирам баҳри ту сад бори дигар.

Хештанро мекунанд имрӯз дар ҳифзи ту қурбон
Беҳтарин фарзандҳоят, амру фармони ту дар гӯш.
Дар куҷо хуфтан надорад фарқ аз баҳри шаҳидон,
Дар таги сарви чаман ё дар таги пои саворон;
Ҳар куҷо хуб аст, агар пур бошад аз хоки ту оғӯш.

Ман ҳам имшаб то саҳар бояд бимирам чун сипоҳӣ,
Ин замон истодаам дар интизори субҳи равшан,
То кафан гардад маро субҳи сафедат вақти мурдан,
То ки субҳатро ба хуни синаам рангин кунам ман;
Бар замин хунам бирезад чун шафаққҳои пагоҳӣ.

Сарзамини нозанинам, духтари гирёни ховар,
Ман ҳанӯз аз кӯдакӣ ҳамдарду ҳамрози ту будам.
Гуфта будам, то намонад дар ниҳодат доғи олам,
Шустушӯят мекунам бо хуни худ рӯзе саросар,
Риштаҳои чини ғамро аз ҷабинат мекушоям.

Мекушад акнун маро ин орзу дар ҳукми сарбоз,
Ман ки рафтам, ту бимон, эй кишварам пас аз сари ман.
Ман чу мурғе рӯзи парвози ту мемонам зи парвоз,
Мешавад анҷоми ман бар ҷумла анҷоми ту оғоз;
Марги ман бояд туро тавлид созад ҳамчу Меҳан.

Дар баҳорон, дар ҳамон вақте ки бо гулҳои худрӯ
Пуштаи ҳар куштаашро вақт мепӯшонад аз шарм,
Лолае аз ин дили садпораи ман мезанад рӯ;
Ёри ман гар лаб бимонад бар лаби гулҳои худрӯ,
Мешавад пешониам аз гармии лабҳои ӯ гарм.

Мон, ба рӯи қабри ман шабҳо бирезад партави моҳ.
Дар миёни сабзаю хору хаси ӯ ғуссаовар,
Боди шабрав ҳамчу одам дар ғами одам кашад оҳ.
Мон, сарояд дар салиби гӯри ман мурғе саҳаргоҳ
Он сурудеро, ки бояд месурудам ҳамчу шоир.

Мон, чакад андар мазорам дона-дона ашки ёрон,
Мон, расад то устухонам гармии хуршеди тобон
В-аз мазорам ҳавр хезад чун хаёлоти парешон.
Мон, дуо хонад ба арвоҳам касе ҳамчун паямбар,
То ту ҳам, Меҳан, дуо гӯӣ маро боре чу модар.

Аз шаҳидонат ибодат кун ба даргоҳи худованд,
Ёд овар аз асирафтодаҳоят шоду ношод.
Мурдаҳоятро иноят кун, ки аз баҳри ту мурданд,
Ғусса хур бо бевазанҳо рӯзу шаб аз марги фарзанд,
Бо ятимонат дуо мегӯ, магар гардӣ ту озод.

Чун шабонгаҳ қабрҳоро мекашад шаб зери домон,
Мурдаҳоро зиндаҳо якбора танҳо мегузоранд,
Хоб кун бо мурдаҳоят то саҳар сар дар гиребон,
Хоб кун, то ман сароям бо забони боду борон,
Бо ҳавои боду борон мурдаҳо барбат навозанд.

Эй ватан, бо обу хокат аз азал будам баробар,
Чун ту ҳастӣ ҷовидон, аз марги худ мотам надорам,
Гар мазорам бар замин яксон шавад ҳам, ғам надорам.
Нест парвое, агар аз ман намонад ному дафтар,
Хоки ман бо хоки ту пайваста мемонад ба олам.

Дар баҳорон ҳамчу гул мехезам аз оғӯши саҳро,
Мевазам аз марғзорон чун насими ботароват.
Мешавам бӯи алафҳо, мешавам овози дарё,
Мешавам фарёди мурғон дар шаби гармою сармо,
Байти ғамгин месароям бар ту аз сидқу садоқат.

Эй ҷазоири Филипин, ғуссаҳои ғуссаи ман,
Бишнав акнун, бори охир бар ту мегӯям видоӣ --
Волидону дӯстонамро бароят монда мерос,
Меравам ҷое, ки бояд ҷовидон ёбам раҳоӣ
Аз ғуломӣ, аз азоб, аз қотилони ишқу ихлос...

Алвидоъ, эй ғамгусорон, эй бародарҳои ҳамтан,
Бас дилам орзурдаи андӯҳу меҳнатҳои дунёст,
Ман фароғат меравам сӯи мазористони Меҳан.
Алвидоъ, эй Андалузӣ – дилбари хориҷии ман,
Хайр, ёрон, хайр, ёрон... Марги мо худ роҳати мост!

***ҶОРҶ БАЙРОН***
*(Англия)*

## ПРОМЕТЕЙ

Бар қисмати мо бандаи бечораву ҳайрон,
Бар кӯтаҳии бахти фурӯхуфтаи инсон,
Бас ҷор задӣ бо аламу меҳнати бисёр,
Пайғомбарӣ кардӣ бар одаму олам,
Кас дод магар бар ту мукофоти сазовор?

Бингар, ки касе нест кунун дар ҳама олам
Монанди ту побастаи занҷири ситамкор.
Ҳар лошахур имрӯз фуруд омада аз кӯҳ,
Тар мекунад аз хуни дили гарми ту минқор.

Дар синаат овози ту якбора гиреҳ зад,
Аз ҷабри қазо нест дигар роҳи раҳоӣ.
Он кист, ки имрӯз ба имдоди ту хезад,
Бар банда Худо ҳам накунад раҳми худоӣ.

Аз баҳри ту фаҳмост, саросар ҳама фаҳмост
Ҷабри фалаку хории мардони накӯкор.
Ҷуз бахти фурӯхуфтаю толеи баданҷом,
Аз лаънату таҳқир наметарсӣ зинҳор...

Ку ёри дилогоҳу ҳидоятгари инсон?
Сарриштаи ҳастист кунун маргу маломат.
Олам ҳама аз дасти худовандии мавҳум
Гардида ба якборагӣ помоли адоват.

Ӯ балки Худо нест, яке шуъбадабоз аст,
Парво накунад ҳеҷ ба ҷонбозии мардум.
Ҳамвора гирифторию нокомии некон
Бошад агар аз коҳиши фармудаи Яздон,
З-он аст, ки аз мартабаю ҳастии эшон
Дар саҳни замин танг бувад ҷои худоён.

Аз баҳри мурувватталабу марди худогоҳ
Бегона бувад силкати бесуду худованд...
Ду дидаи бедору дили гарми ту алъон
Бар маслаки дунёи куҳан тоб надоранд.
Балки ба ман аз чеҳраи мағрури ту, эй мард,
Пайдост кунун оқибати кори худоён...

Ин ҷабр, ки омад ба ту аз чархи ситамкор,
Подоши гуноҳест, ки ҷуз нек накардӣ.
Дар зиндагии хеш ба ҷонкоҳии бисёр
Мекофтӣ аз ҷаҳлу риё роҳи раҳоӣ.
Аммо ба қазо кори ту чун соз наафтод,
Уммеди туро дод ба якборагӣ барбод.

Бебоку мурувватталаб, эй марди мубориз,
Монанди ту арзанда касе нест ба олам:
Ҷон кандаву ҷон додаву нури хирадатро
Як умр накардӣ панаҳ аз ҷумлаи одам.

Эй рамзи барӯмандию озодии инсон,
Кардӣ ту раҳи зиндагиро поку мунаввар.
Гар зиндагӣ монандаи дарёи равон аст,
Чун мавҷи сабукхез бувад умри диловар...

Ҳар мард зиояндаи худ андаку бисёр
Гӯё зи азал ҳаст бад-ин гуна хабардор:

Норохатии беҳадафу коҳиши бесуд,
Не ҳастии бе душману не кори бамақсуд...

Аммо каси бебок пур аз шавқу субот аст,
Дар соғари ӯ заҳри аҷал оби ҳаёт аст.

## ВАҚТ

Вақт, эй вақт, ин чи рафтор аст,
Ин чи парвози тунду бесомон?
Ҳар нафас мерабоӣ умри маро,
Мебариям ба сӯйи гӯристон.

Вақт, бо ман ту кардаӣ қисмат
Бори вазнини сарнавиштамро.
Чунки ман худ наметавонам бурд
Ин ҳама бори хешро танҳо.

Бо ту ин кӯлбори қисматро
Мебарам гаҳ малӯлу гаҳ беғам.
Чун маро зиндагонӣ карда хачир,
Дар гумонам ҳанӯз камборам.

Баски айём бебарорам кард,
Вақт, бо ту намекунам созиш.
Ту чи бурда, чият бувад овард
Ҷуз ғаму солҳои пурташвиш?

Вақт, қурбонии ту неконанд,
Чунки ҷон мекананд то охир,
Ҳар замон мекуниашон помол,
З-ин сабаб аз туанд домангир...

Ба сари сахти мо, бимон, ҳама умр
Ғам бирезад чу абри ҳузновар:
Шаб агар ҳаст тору бепоён,
Дардҳо мешаванд сӯзонтар.

Як замоне сурудаҳои ман
Бар алайҳи ҷаҳолати мағшуш
Медамидӣ чу нур дар олам,
Нуриёнро гирифта дар оғӯш.

Лек рӯзи сиёҳи ман акнун
Саҳнаи нозаруру такрор аст.
Нақши дирӯзаи пур аз мазмун
Бар ман имрӯз нақши озор аст.

Ин бувад саҳнаи саранҷомам,
Вақт, натвонӣ дод тағйираш...
Баъди мо дар ҷаҳони нокомӣ
Кист оянда, чист тақдираш?!

Номуродам, валек мағрурам,
Мезанам нешханди дардолуд...
Гӯри ман нест бахри ман танҳо,
Мебарам вақти хешро бо худ.

***ГИЙОМ АПОЛЛИНЕР***
*(Франсия)*

## ИСФАҲОН

Исфаҳон байни ҷаҳон аст,
Исфаҳон гулбоғи Эрон аст.
Мешукуфад нимашаб гулҳои хушбӯяш,
Метаровад нимашаб маҳтоб аз рӯяш.

Ҳар кучо рангест зебо
Аз фунуни шеъру санъат,
Ҷӯйбораш вақти танҳоӣ
Мекунад чун ҳамзабоне бо ту суҳбат.

Барги арар мешуморад дар паси бом
То саҳар шаббодааш бедор.
Сангҳоро мекунад об
Нағмаи ғамноки сетор.

Бар лаби себаргаҳояш донаи шабнам
Мечакад аз мижжаи сабзи ситора.
Моҳи симин симдӯзӣ мекунад то рӯз
Сояҳояшро раҳорах.

Тоқу девору дараш пурнақш,
Тоқу девору дараш рангин:
Каҳкашонро кардаанд ин ҷо
Бар дару деворҳо парчин.

Мебарояд офтоб аз пушти гумбазҳои обӣ,
Риши зардаш медамад пеш,
Гӯиё савдогаре бо риши анбӯҳ
Мебарояд аз паноҳи соябони обии хеш.

Пеш-пеши аҳли русто
Меравaнд аз кӯча маркабҳои пурбор
Сӯи бозор,
Ғул-ғули ҳезумфурӯшон
Исфаҳонро мекунад аз хоб бедор.

Аз паси деворҳо ёзонда гардан
Байни худ дар гуфтгӯянд
Ҳамчунон ҳамсоязанҳое сафедорони пургӯ.
Мӯсафедон мебароянд аз дари масҷид,
Пушташон хам гашта ҳамчун шохи оҳӯ.

Аз сари дарвозае боз
Лавҳае бар раҳгузарҳо мезанад ҷор:
Куҳнаколо мефурӯшам,
Куҳнаколо мехарам боз!

Исфаҳон афсонаҳои зиндаи эрониён аст, –
Зиндагӣ афсонамонанд,
Бандагӣ афсонамонанд,
Хоки Одам аз замини Исфаҳон аст.

## ТИРАМОҲ

Тирамоҳ,
Тирамоҳи зарди бемор,
Бодҳо вақте ки наҷво мекунанд
Дар санавбарзор,
Мерасад умрат ба поён.
Мурдаатро мекунад гӯру кафан фасли зимистон.

Мерасад рӯзе, ки борон
Ҳамчу ашки сӯгворон
Мечакад аз шохсорон,
Мешавад якбора пуроб
Чашмҳои ҷӯйборон.

Ҷомаашро мебарорад ҷангал аз тан,
Мекашад аз шохаҳояш боди раҳзан.
Он замон бо абрҳо абри парешон мешавам ман,
Он замон бо боду борон,
Боду борон мешавам ман.
Он замон мекобам аз мурғони нолон ёру ҳамдам,
Бо хазони кӯчаҳо дар кӯча яксон мешавам ман.

Он замон говазни танҳоям мани танҳо
Дар миёни ҷангали бебаргу бор,
Сахт метарсам ман аз танҳоии хеш,
Ҷангали урёни ман пинҳон намедорад маро.

Дар даҳонам бӯи душман мекунад оби равон,
Бар машомам бӯи  душман мекунад боди хазон.
Шир-шири барги дарахтон
Шир-шири гурги равон аст он замон.

## ***СЕРГЕЙ ЕСЕНИН***
*(Русия)*

* * *

Эй хумори бӯса, лабҳои маро
Лаҳзае хуншор кун аз бӯсаат,
Баҳри лабҳои ту дар лабҳои ман
Монда ҷои бӯсае чун ҳиссаат.

Зиндагонӣ соғари базм асту бас,
Ҳар касе як бор навбатхори ӯст,
Ҳар касе як бор меояд ба даҳр, –
Бехато қонуни нотакрори ӯст.

Андак аз кори фалак андеша кун,
Моҳро гашти фалак кам мекунад,
Вақт онро то уфуқҳо раҳ ба раҳ
Гӯиё чун мурғ пар-пар мекунад...

Эй хумори бӯса, дар лабҳои ман
Монда ҷои бӯсае чун ҳиссаат,
Вақти мо танг аст, лабҳои маро
Лаҳзае хуншор кун аз бӯсаат.

Ишқро пеши ту арзон кардаам,
Барнагирам даст аз домони ту,
Кош рӯзи рафтанам аз ин ҷаҳон
Дар лабам бошад пайи дандони ту.

Дина шаб бӯи туро овард бод
Бар дили ранҷури ман ҳамчун даво,
Ваъдаҳое дод бо овози ту
Шир-шири гелоси худрӯе маро...

Зиндагӣ як бор меояд ба даст,
Зиндагонӣ соғари базм асту бас,
Нӯши ҷонат бод ин ҷоми тараб,
Чун намеоӣ ба дунё бозпас.

* * *

Ба сарои падар намеоям,
Шоирӣ бурду бурд, дурам бурд.
Ғами талхи маро дар он манзил,
Гар хурад, шоҳдона хоҳад хурд.

Мон, ки дар марғзори сабзи падар
Бод хонад таронаҳо аз ёд.
Гули зангӯла руста аз пайи ман,
Гоҳ гиряд, гаҳе занад фарёд.

Моҳ шабҳо ба гӯшаи бомаш
Бинишинад ба фикри дидани ман...
Ман агар дар ғарибиҳо монам,
Мекунам аз хаёли деҳа кафан.

Лек ҳар раҳ, ки метавонад бурд,
Низ оварда метавонад боз.
Дар ҷавонӣ ватан надорад кас,
Ватан аз пирӣ мешавад оғоз.

Роҳу бероҳа дар ҷавонӣ як аст,
Лек пирон ба роҳ побанданд.
Роҳҳо тахта-тахта чун тобут
Мурдаҳои ғариб меоранд.

Нест беҳуда ин масал, ин ҳарф,
К-аз азал халқ мекунад такрор:
Саги оворагарди дайду ҳам
Рӯзи мурдан ба хона ояд зор.

Ғел-ғелон маро ҳам аз дарҳо
Мекашад хоки деҳаам бар худ.
Як шабе дар канори ҷӯи падар
Мешавад шоҳдона ашколуд.

# Лоиқ ШЕРАЛӢ

# ЗАБОНИ ДИЛ

## Ба ҷои пешгуфтор

Соли 941 бунёдгузори адабиёти ҷаҳоншумули тоҷику форс устод Рӯдакӣ дунёро тарк гуфт. Ҳазор соли расо баъд аз он дар диёри ӯ инсоне ба дунё омад, ки бо ҳарфу ҳиҷои рӯдакиёна ин адабиётро шуҳрати тоза бахшид.

Он шахс, яъне Лоиқ Шералӣ, 20 майи соли 1941 дар деҳаи Мазори Шарифи ноҳияи Панҷакент таваллуд шуда, баъди ба итмом расондани таҳсил дар омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Панҷакент ва факултаи таъриху филологияи Донишкадаи давлатии омӯзгории Душанбе муҳаррири шуъбаи адабиёт, мусиқӣ ва драмаи Кумитаи радиову телевизиони Тоҷикистон, ходими адабии рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон», мудири шуъбаи назми маҷаллаи «Садои Шарқ», мушовири назми Иттифоқи нависандагон, сармуҳаррири «Садои Шарқ», раиси Бунёди байналмилалии забони форсии тоҷикӣ, муддате вакили парлумони шӯравӣ буд. Унвони Шоири халқии Тоҷикистон ва Ҷоизаи байналмилалии "Нилуфар" ("Лотос") бозгӯи хидматҳову мақоми шоистаи эҷодиаш мебошанд.

Оғози фаъолияти адабии шоир ба ибтидои солҳои шастуми асри гузашта рост меояд. Онро метавон давраи эҳёи шууру тафаккури миллӣ, бедории завқу истеъдодҳое номид, ки баъдан бунёду пояи зиёиёни эҷодкори кишварро ташкил доданд. Лоиқ Шералӣ аввалан байни ҳамсолону ҳамқаламон чун муаллифи навиштаҳои проблемавии публитсистӣ ва тарҷумаҳои зебои шеър шуҳрат ёфт. Беҳуда набуд, ки бо нашри тарҷумаи ҳунармандонаи маҷмӯи ашъори Сергей Есенин "Савтҳои форсӣ" (1965) ба узвияти Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон пазируфта шуд.

Маҷмӯаи нахустини ашъораш “Сари сабз” (1966) аз шоире дарак дод, ки бо дараҷаи завқу истеъдод ва дарку эҳсос барҳақ сарсилсилаи ҳалқаи шоирони ҷавони замон аст ва дар ин роҳ пайваставу ҳатман рӯ ба фатҳи қуллаҳои эҷодиёт дорад. Нависандаи машҳури тоҷик Сотим Улуғзода дар сарсухани он навишта буд: «Шоири ҷавон хеле боистеъдод ва маҷмӯаи ашъораш пурмазмун аст».

Метавон гуфт, ки Лоиқ Шералӣ ҳам хуб ва ҳам, хушбахтона, фаровон месуруд. Китобҳои зиёди шеъру тарҷума, ки пайиҳам манзури хонандаи ташнаи эҷодиёташ мекард, бозгӯи инанд. Як таваҷҷуҳ ба соли нашри маҷмӯаҳои ашъори давраи барҳаётиаш ба хулосае мерасонад, ки шоир фидокорона заҳмат кашида, ба ганҷинаи шеъри тоҷик чӣ дурдонаҳои пурбаҳое зам кардааст: «Илҳом» (1968), «Нӯшбод» (1971), «Соҳилҳо» (1972), “Ташнадил” (ба хати ниёкон, 1974), «Хоки Ватан» (1975), «Резаборон» (1976), «Марди роҳ» (1979), «Вароқи санг» (1980), «Хонаи чашм» (1982), «Рӯзи сафед» (1984), «Хонаи дил» (1986), «Офтобборон» (1988), «Дасти дуои модар» (1991), «Ҷоми саршор» (1991), «Ману дарё» (1991), «Аввалу охири ишқ» (1994), «Гулчин» (Теҳрон, 1994), «Дасти дуои модар» (Исфаҳон, 1995), «Фарёди бефарёдрас» (1997**)**. Воқеан, баъди вафот ҳам Лоиқ Шералӣ яке аз пурхонандатарин шоиронест, ки китобҳояш зуд-зуд ба табъ мерасанду ҳамоно ба фурӯш мераванд.

Истеъдоди фитрӣ, огоҳии амиқ аз таъриху фарҳанги миллат ва ҷасорату ҷуръати эҷодкорӣ имкон доданд, ки шоир ба доғтарин мавзӯъҳои таъриху замон сар фурӯ бурда, бо хулосаҳои жарфу фарогир ва нозуку зебо берун биояд. Ӯ, ҳамроҳ бо Муъмин Қаноат ва Бозор Собир, аз сегонаи шоиронест, ки бо ҷуръату ифтихор ва эҳсоси баланди миллатдӯстиву ватанпарварӣ саҳифаҳои муассири таърихи халқи хешро ба шеър оварда, дар бедории миллӣ саҳми арзанда гузошт**.** Дар ин маврид шеърҳое дорад, аз қабили

“Хоки Ватан”, “Оли Сомон”, “Айнӣ”, “Таърих гувоҳ аст...”, ки бемуҳобо бори манзумаву балладаву достонро мекашанд. Ҳамин буд, ки барои силсилаҳои “Хоки Ватан” ва “Илҳом аз “Шоҳнома” дар ҷавонӣ барҷо ба дарёфти Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ мушарраф гардид.

Забони нобу шоирона ҷиҳати дигари эҷодиёти Лоиқ Шералист. Вай, ки аз адабиёти классикӣ, эҷоди бузургтарин намояндагони адабиёти ҳамзабонон ва шеваю лаҳҷаҳои Ватан хуб огоҳ буд, заргарона сухан интихоб мекард ва ба ҳар калимаву ибораву таъбири маъмул ҳам ҷилои тозаи бадеӣ бахшида метавонист. Бетардид метавон гуфт, ки кам аз шоирони муосир ба табиигӯиву самимибаёнӣ ва зебогуфториву муассирбаёнии ӯ расидаанд.

Эҳёи жанрҳои маъмули классикиву халқӣ – ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, тагбайтро метавон корномаи дигари адабии Лоиқ Шералӣ донист. Дар айёме, ки нигилистҳои адабиёт ин навъҳои адабиро куҳнаву барои ифодаи афкори даврон нокоршоям эълон мекарданд, ба онҳо рӯ овард ва тавассуташон мазмуну маъниҳои амиқу зебои замонавиро ифода намуд. Ин бахши эҷодиёти шоир далели қотеъест, ки ягон навъу намуди адабиёт фарсудаву беэътибор намешавад ва фақат беҳунариву безавқии гӯянда онҳоро ба ин ҳол расонда метавонад.

Саҳифаи дигари дурахшон дар эҷодиёти Лоиқ Шералӣ эҷоди “Модарнома” аст. Ӯ тавонист, ки бо амиқии дарку эҳсос, истифодаи ҷузъиёти равшану муҳими миллӣ симои модари тоҷикро биофарад, модареро, ки бо ҳамон ноаёниву хоксорӣ таърих меофарад, халқ эҷод мекунад, миллатро бо ҳама сифатҳои беҳтаринаш нигоҳ медорад.

Лоиқ Шералӣ яке аз камтарин шоирони мост, ки зарурати сурудофариро амиқ эҳсос намуд, дарк кард, ки мусиқии дилнишин метавонад шеърро дуртар бибарад, васеътар интишор бидиҳад, ба дилҳо ҷой бисозад. Имрӯз кам маҳфилу

маъракае ҳаст, ки таронаҳои зебои ватанпарварона, ҳаётдӯстона ва ошиқонаи ӯ садо надиҳанду эҳсосоти зебои инсониву шаҳрвандиро дар қалбҳо барнаангезанд.

Яке аз кӯлворҳои пурбори эҷодиёти Лоиқ Шералӣ тарҷума низ ҳаст. Кам шоирон чун ӯ фаровон ва зебову дилрас намунаҳои барҷастаи адабиёти ҷаҳонро тоҷикӣ кардаанд. Ба тарҷумаҳояш ҳам забони фасеҳу равшан, баёни бадеии эҳсосбарангез хосанд ва низ дар рушди забону баёни тоҷикии шеър саҳми босазо доранд.

Лоиқ Шералӣ 59 сол умр дид. Яъне, ҳаёти адабиаш ҳамагӣ 35 сол идома дошт. Шоири бузург тавонист дар ин муддат ҷаҳонеро бо номи “шеъри Лоиқ” биофарад, ҷаҳонеро, ки нусхаи зебои ин зиндагист бо ҳама пасту баландиҳо, зебоиву зиштиҳо, барору нобароriҳо, мардиву номардиҳо, дилнармиву сангиндилиҳо; ҷаҳоне, ки дар ин ҷаҳон ҳамеша ҳамдаму ҳамғами хонандаи боэҳсосу соҳибдил аст ва ӯро пайваста ба баландиҳои рӯҳу тавонмандиҳои равон ҳидоят мекунад.

## НӮШБОД

Ба дастам ҷоми хайёмӣ,
Лаболаб ҷоми гулфоме.
Дар ӯ ёди ниёгон аст, ҳам ашки бузургон аст,
Дар ӯ шаҳди замину шуълаи хуршеди тобон аст.
Дар ӯ ҳам ахтари афтода аз гардун,
Дар ӯ ҳам ахтари хомӯши ёрон аст.
Дар ӯ ҳам гиряҳои хандаолуд аст,
Дар ӯ ҳам хандаҳои гиряолуд аст.
Дар ӯ ҳам гармии оташ,
Дар ӯ ҳам талхии дуд аст...

Ман аз рӯзе, ки ашки талху шӯрамро
Зи ҷоми чашмҳои хеш нӯшидам,
Ман аз рӯзе, ки мисли рӯдҳо аз модарони кӯҳ
Ҷудо гардидаму доғи ҷудоиро ба ҷони хеш санҷидам,
Пайопай бода менӯшам.

Чу донистам, ки дар талхии май ширинии дунёст
Ва донистам, ки дарди ишқ подоши ҷудоиҳост
Ва донистам, ки холигоҳи мобайни замину осмон бар мо
Барои сарфарозиҳост
Ва донистам, ки паҳнои замин дар зиндагии кӯтаҳи одам
Барои бениёзиҳост,
Пайопай бода менӯшам.

Ва инак нӯшбоди ман:
Барои умри бигзашта, ки боли чап бувад бар мо,
Барои умри оянда, ки боли рост хоҳад буд,
Барои он, ки мо ҳастем дар дунё
Миёни соҳили дирӯзу фардо мисли дарёе –
Хурӯшоне, ситезоне, ба манзил роҳпаймое,
Туро то қатраҳои охирин менӯшам, эй бода!

Туро то қатраҳои охирин менӯшам, эй бода,
Ки бо ангезаи ту мурдаҳо аз гӯр исён карда бархезанд,

Зи дунё қарзҳои хеш бистонанду бистезанд
Ва чашми зиндагон дар гардиш ояд лаҳзаи мастӣ,
Сари мастон ба гардиш ояду
бовар кунанд аз гардиши гардун
Ва як дам сар ба рӯи даст бигзоранду андешанд,
Ки ночизанд ё чизанд?!

Туро то қатраҳои охирин менӯшам, эй ҷоми муборакбод,
Ки то донанд: ҳастам Шарқзод аз кишвари Хайём!
Туро то қатраҳои охирин менӯшам, эй ҷоми муборакбод,
Ки то донанд: ҳастам ворису ҳамсоғари Хайём!

## СУРУДИ ХАЙРБОД

*Ба ёди Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ*
*Исмоил Ҳамзаалиев*

Боз меояд баҳору боз механдад чаман,
Нури маҳ дар рӯи раҳ аз сояҳо гул меканад.
Захми ман дар сиҳҳатии халқ меёбад шифо,
Марги ман дар зиндагии мардумон гум мешавад.

Боз хушрӯёни навдилбохта аз ҷӯши ишқ
Бар ду абрӯ усмаи тар мекашанд.
Боз бо чашмони бозигар харидорони ҳусн
Ҳусни ҳар хушдорро бармекашанд.

Боз мерезад зи шодӣ ашк чашми интизор,
Мешавад ҷашни арӯсӣ, мерасад базми висол.
Боз мепечад ба гардунҳо суруди ёр-ёр,
Меравад аз чеҳраҳо осори андӯҳу малол.

Барқи зулматсӯз дорад чашми ман,
Ин замон, к-аз чор сӯ гирди маро зулмат гирифт,
Ҳамнабардонам ҳама қурбон шуданд,
Дасти танҳоям зи хоки кишварам қувват гирифт.

То як анҷомам сад оғоз оварад,
Хандаи шайтонии душман бадал гардад ба оҳ,
То дари баста дари боз оварад,
То шавад помол фавҷи хасм монанди гиёҳ,

Меравам бар коми оташбори марг,
Хайр, модар,
Ҷомаи мотам напӯш!
Гул кун, эйояндаам, дар дигарон
(Ту маро бинӣ, набинам ман туро).

Алвидоъ, эй мардумон, хоҳам мудом
Бар шумо рӯзи хушу ҷашни мурод,
Меравам ман аз шумо баҳри шумо,
Ибтидою интиҳои ман – ҳаёт!

Ман чу нутқи нӯшбодам,
Мешавам такрор андар ҷашнҳои ёдбуд.
Шоҳбайти достони безаволам – достони дастбурд.
Ҳамнажоду ҳамсифат бо Шеракам,
Хуни поки тоҷикам,
Мефишонам ман варо бар ҳифзи хоки кишварам.

Ҷашни пирӯзӣ надида меравам,
Меравам, то халқи ман бинад варо.
Меравам, то аз суруди тантана
Бишнавад гӯётар овози маро.

Хайр, хайр, эй изтироби савти «Наврӯзи Аҷам»,
Хайр, эй чашмони чори модарам,
Хайр, эй ду милаи марғуладори дилбарам,
Ҷомаи домодии манро ту пӯш, эй додарам!

## ДУХТАРИ РУСТОЙ

Нарафтӣ ҷанг мисли духтари рус,
Набастӣ захмҳои аскаронро.
Накардӣ сила бо дастони нармат
Сари аз тир маҷрӯҳи ҷавонро.

Валекин андаруни номаи худ
Фиристодӣ ба ӯ рӯмоли алвон,
Ки дар рӯзи зафар бошад ба дасташ
Ба мисли парчами сурхе парафшон.

Тасалло додӣ, дилбардорӣ додӣ
Варо дар номаҳои маҳрамона.
Варо дар номаи худ бӯса кардӣ
Ба он лабҳои пазмон ғоибона.

Ба ҳангоми дарав шаббош рафтӣ,
Ба хирманҷойҳо бедор хуфтӣ.
Ба мисли гандуми пухта сари хам
Ғаму тимори худ бо кас нагуфтӣ.

Нигоҳи пурхуморат сӯи раҳ буд,
Дилат дар чанги гургон буд аз ғам.
Ҷавон будӣ, вале фасли муҳаббат
Гарон омад, хазон оварду мотам.

Ба хилватгоҳҳои дашту саҳро
Ту мехондӣ: «Ҷавонам ман, ҷавонам...
Илоҳӣ, бишканад дасти камонсоз,
Ки аз дасти камон бехонумонам!»

Забон меёфт гандумзори хомӯш,
Ба сӯзат ҳамсадо мегашту ҳамдард,
«Фалак аз рашки ҳусни офтобам
Маро аз ёри дилбандам ҷудо кард».

Сарак мечидию медидӣ гоҳе
Сари ёрат чунон афтода дар хок,
Сари кӯҳи баланд истода гоҳо,
Варо фарёд мекардӣ зи афлок.

Ҷаҳони ту хамӯшу бенафас буд,
Хамӯшиаш чи даҳшат дошт, хоҳар!
Ту нашнидӣ садои тиру таркиш,
Вале дардаш туро обу адо кард.

Набастӣ бар миёнат тирдоне,
Нарафтӣ ҷанг мисли духтари рус,
Ту бо худ ҷанг кардӣ, доштӣ пок
Ба аскарбаччаи шайдо-т номус...

## МАРО ХУШБАХТ КУН, ЭЙ ГУЛ

Туро ман ёфтам аз ошёни сарбаландиҳо,
Маро хушбахт кун, эй гул!

Ба даври домани гулдӯзиат номи маро ҳам дӯз,
Ба даври гардани худ ҳалқаи дасти маро овез,
Ба боли абруят як умр биншон обрӯямро,
Диламро гир баҳри зиндагиат ҳамчу дастовез.
Туро ман ёфтам чун нӯшханди субҳи бахтафзо,
Маро хушбахт кун, эй гул!

Ба гирди оташе, ки буд як вақте Худои мо,
Хиромон чарх зан, сӯзон гуноҳи хешро яксар
В-аз он пас пой неҳ бар остони хонаи ошиқ,
Бинеҳ бо дасти дунёдори худ бар фарқи ман афсар.
Туро ман ёфтам чун остони хонаи фардо,
Маро хушбахт кун, эй гул!

Рухи чун пахтасебатро,
Нигоҳи дилфиребатро,

Саропои базебатро
Дилам хоҳад парастидан.
Ту ҳам, эй бозубанди зарнигори зиндагониам,
Маро магзор дар ин роҳ беимдод лағжидан.
Туро ман ёфтам ҳамчун мададгори дили шайдо,
Маро хушбахт кун, эй гул!

Маро оғоз деҳ,
парвоз деҳ сӯи тамомиҳо,
Дили саркаш, дили нобоварамро ром кун дар ишқ,
Худатро сарбаланди ҷумла олам кун ба номи ман,
Ба подоши вафои худ маро гумном кун дар ишқ.
Туро ман ёфтам аз он раҳе, ки кофтам худро,
Маро хушбахт кун, эй гул!

## КАБӮТАРҲО

Даруни номаат ҷуфти кабӯтар,
Даруни номаат расми диле буд,
Даруни номаат барги гули тар
Фурӯзон чун забони машъале буд.

Кабӯтар номаи секунҷа мебурд,
Ба боли чун бари рӯят сафедаш.
Гули нома баҳори орзу буд,
Дили нома дурахшон мисли оташ.

Ҷавон будӣ, ба ҳукми ғунча будӣ,
Баҳорат буду айёми шукуфтан,
Ту аз ҳад сода будӣ, мекушудӣ
Дилатро пеши кас бемакру бефан.

Даруни дарс аз устод пинҳон,
Ба коғаз расми кафтар мекашидӣ,
Варо бо ранҷҳо чун сурати ҷон,
Аз он будаш накӯтар мекашидӣ.

Суханҳоят чи нопайваста буданд –
Гувоҳи ларзаи дил, ларзаи даст,
Нигаҳҳоят дар он хат хаста буданд,
Ки ишқу ошиқӣ дурӯза будаст...

...Дар он курсӣ дигарҳо менишинанд,
Дар он мактаб туро ёдест танҳо,
Фақат дар рӯи коғаз ҷуфт монданд,
Кабӯтарҳо, кабӯтарҳои зебо.

Гули рӯят кунун гулдастаи кист?
Кабӯтарҳо куҷо парвоз карданд?
Дилат дар ёди кӣ, побастаи кист?
Кабӯтарҳо хататро бар кӣ бурданд?

Маро бо ту диле буд рӯи озар,
Раҳе бар ҷониби сарманзиле буд.
Даруни номаат ҷуфти кабӯтар,
Даруни номаат расми диле буд...

## ТУ БОШИЮ МАНУ ИН КӮҲСОРОН

Ту бошию лаби дарёи кӯҳӣ,
Ҷавонию хумори ношикаста.
Ту бошию бари домони саҳро,
Бароят гул бичинам даста-даста.

Бари домонат аз шабнам шавад тар,
Ба рӯи сабзаҳо чун по гузорӣ.
Мисоли акси хуршеди мунаввар
Шино созӣ ба рӯди беқароре.

Барой чун садаф аз об рахшон,
Тани ларзони ту гавҳар фишонад,
Ба ҳар як қатраи қадди ту Хуршед
Барои худ амонат лона монад.

Туро Хуршед бар оғӯш гирад,
Бибӯсад қатраҳои қомататро.
Битобӣ дар шуои зарфишонаш,
Чу симинҳайкале поку мусаффо.

Саройӣ, дар сари санге нишаста,
Суруди шодмонию таманно,
Бипечад савтҳои ширадорат
Ба шӯри мавҷҳо, ғавғои дарё.

Нишинам ман ба рӯи тахтасанге,
Нависам аз барои ёдгорӣ
Ду байти илтиҷою орзуе,
Ду байти меҳри дилбардӯстдорӣ:

«Лаби дарёчаю оби зулолаш,
Даруни об қадди навниҳолаш.
Табиат, як саховат кун ба ошиқ,
Ки бошад рӯзгори безаволаш...»

Ту бошию ҷавонию муҳаббат,
Дили ташна, хумори ношикаста.
Ту бошию лаби рӯду лаби ту,
Ману ту – мавҷҳои ҳалқабаста.

Ту бошию ману ин кӯҳсорон,
Ту бошию ба рӯям ханда пошӣ.
Агар тақдири ман бо ту набошад,
Бар ҳар ҷое, ки бошӣ, зинда бошӣ!

## ДОСТОНИ ДАСТҲО

Ҷӯяҳо монанди чини рӯи деҳқон,
Пунбаи бишкуфта ранги мӯи деҳқон,
Пунба хандон, домани саҳро шукуфон,
Чун дили поку ҳақиқатҷӯи деҳқон.

Куртаи алвон ба қадди духтарони пунбачин
Дар миёни ҳавзаи гулҳои симин
Мезанад ҷавлон чу нахли арғувон.
Қоматаш сар то ба по гул,

Доманаш лабрез бо гул,
Шавкати ҳусну гул аст аз ранҷ ин ҷо тавъамон.

Нохуни ғӯза харошад дасти ӯро,
Хам кунад пунба қади хушбасти ӯро,
Офтоби чоштгаҳ бераҳм сӯзад рӯи ӯро,
Бод duzдад накҳати зулфони анбарбӯи ӯро.

Сурмаи хок аст пардози сафи мижгони ӯ,
Чанги саҳро хира карда чеҳраи тобони ӯ,
Шӯр мерезад, заминро карда шақ[1],
Аз ҷабин, аз ҳар сари мӯяш арақ.

Зери пои ӯст, бо он сон бузургиаш, замин,
Зери ҳукми ӯст саҳроҳои неъматофарин.
Хокро дастони нарми ӯ навозиш кардаанд,
Қудрати ӯ, давлати ӯро ситоиш кардаанд.
Хок гӯё қарздори некии дастони ӯст,
Ёри ҳамсомони ӯ, дилдори ҳампаймони ӯст.

Ҳар ғарам, ҳар хирмани чун бахти тоҷикон баланд,
Ҳамчу кӯҳи нуқра тобад саф ба саф
Поку бедоғу муборак, чун шараф,
Ҳамчу виҷдон, ҳамчу номи деҳқони арҷманд.
Чун ғарамҳои бузурги нуқрагии абрҳо
Ҳар ғарам сар мезанад бар осмон.
Зина-зина сафкашону қадкашон
Аз ҳунармандии дасти деҳқон.

Ҷӯяҳо – ожангҳои рӯи деҳқон,
Пунбаи бишкуфта ранги мӯи деҳқон,
Дашту саҳрои фарохи пахтазорон
Бекарон ҳамчун кафи дастони деҳқон, –
Месарояд достони ранҷҳои дастҳоро,
Дастҳои пурсахоро...

---

[1] Шақ(қ) – роғ, шикоф, сӯрох.

## ШЕЪРИ НАВ

*Ба Муъмин Қаноат*

Шеъри нав бархост ҳамчун одами нав,
Ҳамчу тифли инқилоб
Бо саволу бо ҷавобу бо хитоб.

Захмҳои пушти Айнӣ сатрҳои ӯ шуданд,
Оҳҳои хашмолудаш нидои ӯ шуданд.
Ҳар дари зиндон, ки бар рӯи асирон боз шуд,
Боби озодӣ кушуду шеъри нав оғоз шуд.

Сабки раҳгардии аскарҳост «Марши ҳуррият»,
Пеш-пеши радда гӯё табли озодӣ занад.
Шеър бо хуни дилу нӯки синон таҳрир шуд,
Дарди асроасраи таърихро тадбир шуд.

Шеър чун сарбози миллат шӯр афканду қиём:
– Интиқом аз охирин маснаднишинон, интиқом!
Калтаки сурху камону шохаю шамшерҳо
Байтҳои зарбадору тири мардафкан шуданд.
Тоҷҳо талқон шуда дар зери чархи тӯпҳо,
Тахтҳо бар тахтдорон оқибат мадфан шуданд...

Лек захми пушти Айнӣ то ҳанӯз
Дар дили ман хуфтааст.
Захми чашми устоди панҷрӯдӣ
Дар дили ман хуфтааст.
Захмҳои синаи ман қиссаи ногуфта аст.

Аз Бухоро то дили ман як ваҷаб роҳ асту бас,
Роҳи назми Рӯдакию роҳи аҷдоди ман аст.
Ман ба ин раҳ меравам пуршӯртар,
Меравам бар дуртар, бар дуртар.

Шеъри мо ҳар қадр лангардору шевотар шавад,
Захмҳои пушти Айнӣ он қадар ёбад шифо,
Чашмҳои Рӯдакӣ он қадр бинотар шавад.

## ЗАНГӮЛА

Дӯстон рафтанд ҳар сӯ дар талоши зиндагӣ,
Аз барои ризқи пошида ба ҳар самти ҷаҳон.
Он яке ошиқ шуду рафт аз қафои духтаре,
Дигаре бигзашт аз ёраш ба ҳукми дигарон.

Занги охир бурд моро ҳар куҷо аз ҳам ҷудо,
То ҳанӯзам гиряи занги ҷудоӣ дар дил аст.
Баъд аз ин бо даъвати зангӯла ҳатто лаҳзае
Назди мактабхона моро ҷамъ кардан мушкил аст.

Шеъри шогирдонаи ёрест андар дафтарам,
Байтҳояш – бебарору берадифу беҷило.
Ҳамчунон ки ишқи байни мо нашуд ҳамқофия,
Чун дили мо, ки нашуд бо ҳам қарину ҳамсадо.

Дар сари паймонаи май, дар сари дасторхон
Мо қасам хӯрдем дар роҳи садоқат бешумор,
Ҳамчу ҷоми дасти бадмасте қасамҳо ҳам шикаст,
Шишаи холист аз он базм бар ман ёдгор.

Оҳ, мехоҳам дилам зангӯлаи мактаб шавад,
Дӯстонро ҷамъ созад, оварад пеши назар,
Як нафас ёди ҷавонӣ бурдаву ҳасрат кунем,
Бишмарем ожангҳои рӯйҳои якдигар.

То бубинам, Устоди зиндагӣ дар тӯли умр
Дар ҷабину рӯю мӯҳошон чиҳо бинвиштааст.
То бубинам, дар раху дар ҷӯяи ожангҳо
Деҳқони зиндагӣ аз худ чи тухме киштааст.

Оҳ, мехоҳам дилам зангӯлаи мактаб шавад,
Созад аз дидори ёрони ҷавонӣ шодмон.
Гаштаю баргашта хонам чун китоби хотирот
Сафҳаи пешонию хатҳои чини рӯяшон.

## КИТОБИ САНГИН

Ба рӯи санги қабри хоксоре
Чунин ҳак гашта байти обдоре:
«Маро бо хоҳиши ман н-офариданд,
Вале бо хоҳиши худ ҳам намурдам.
Ҳар он чизе, ки аз дунё гирифтам,
Ба дунё боз чун қарзаш супурдам».

Ба санги обшуста, лайсу[1] ҳамвор
Чунин лавҳест аз ёри вафодор:
«Ба тори қуллаҳо фарёд кардам,
Ҷавонию туро ман ёд кардам.
На ту бозомадию на ҷавонӣ,
Ба байте сангро обод кардам».

Бидидам дар яке болори хона
Чунин дубайтӣ аз усто нишона:
«Биё, меҳмони ман шав, эй бародар,
Гулистон кун даме кошонаи ман,
Биё ҳар гоҳ дасти холӣ, аммо
Дили холӣ наё бар хонаи ман».

Ба даври шаҳсутуни хонақоҳе
Чунин шаҳбайт аз оқил гувоҳе:
«Намеарзад барои молу мансаб
Бародарзода бифребад бародар.
Чу мо фарзанди куҳҳои баландем,
Ба мо пастӣ намезебад, бародар!»

* * *

Бимон, то дар дили покат дили ман ошён монад,
Бимон, дар чашмҳои ту ҷавониям ҷавон монад.
Ту бо он ҳусни оламгир аз олам чи мехоҳӣ,
Бимон, дар шеъри ман аз дарди ишқи ту нишон монад.

---

[1] Лайс – бегурм, сифту соф, лағжон.

Ба мисли хандаҳои обшорон хандаҳои ту,
Худодод асту нотакрор он ҳусни расои ту.
Кунам барчош ҳар як мисраъу ҳар ҳарфи шеърамро
Шаби ҷашни арӯсиат ба қадди дилрабои ту.

Туро мехоҳам, эй маҳтоб, дар шабҳои маҳтобӣ,
Туро чун хоб мехоҳам дар ин шабҳои бехобӣ.
Намеоӣ, намеҷӯӣ, вале баъди ҳазорон сол
Маро чун устухони Рӯдакӣ аз хок мекобӣ...

## МАН НАМЕМИРАМ

То нагирам хунбаҳои ҷумлаи қурбониёнро,
То набахшам умри озоде ҳама зиндониёнро,
То наёбам роҳи дилҳои тамоми зиндагонро,
То набардорам ба дӯшам дӯшбори ин замонро,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

То нашӯям доғи дилҳоро ба хуноби дилам,
То наёбам ман зи дунё дурри ноёби дилам,
То накобам субҳро аз чашми бехоби дилам,
То нагӯям достони тозаи боби дилам,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

То наорояд ҷавониам ҷаҳони пирро,
То набандам бо сурудам пеши роҳи тирро,
То нагирам бо қалам пеши дами шамшерро,
То набинвисам зи нав ман номаи тақдирро,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

То насозам ҳайкале бар ёдгори модарам,
То нагардам ҳамсари Боми Ҷаҳони кишварам,

То нагардад матлаи умри абад бому дарам,
Нашканад то ташнагии ташнаро шеъри тарам,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

То даме, ки офтоб аз Шарқ бинмояд тулӯъ,
То даме, ки рӯдҳо аз кӯҳсор ояд фурӯ,
То даме, ки зиндагӣ бошад ба роҳи орзу,
То даме, ки шеъри Ҳофиз бошаду ҷому сабӯ,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

То надонам, ки пас аз ман, хонда шеърамро, касе
Хоб мебинад маро, мепурсад ин овоз кист?
То надонам зиндагиро баъди ман раҳ то куҷост,
То надонам соҳиби дунё пас аз ман боз кист,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд!

Бо ду чашми нурполо,
Бо ду дасти ризқпаймо,
Бо дили дардошною бо сари пуршӯру савдо,
То қаламро пул насозам дар миёни
соҳили имрӯзу фардо,
Ман нахоҳам мурд оҷиз,
Ман нахоҳам мурд ҳаргиз!

## ТАРОНА

Ман азбар мекунам рӯзе суруди обшоронро,
Забон мебахшам охир ман сукути кӯҳсоронро.
Ман охир рӯдҳоро раҳнамоӣ мекунам рӯзе,
Паёми об меорам ҷавори даштзоронро.

Ман охир турнаҳоро бо баҳори нав муборакбод мегӯям
Ва аз ҳар хатти сабзи сабзаи навруста меҷӯям
Замони навхатиамро

Ва аз ҳар навниҳоли гулбасар дархост месозам
Замони навқадиамро.

Ман охир корвони кӯҳҳоро бор мебандам,
Ба даргоҳи ҷавонӣ рӯй меорам,
Ба ҳаққи шири модарҳову ҳаққи ҳусни духтарҳо
Ҷавониро ҷиҳози тӯй меорам.

Ҷавонии дигар меёбам аз дунёи рӯҳонӣ,
Зи нав таҳрир месозам ба афсӯсу пушаймонӣ
Хатоҳое, ки аз ман рафт дар ишқи ҷавониам,
Хатоҳое, ки бигзашт аз ману аз зиндагониам.

Валекин дар тани деворҳои мактаби деҳа
Нахустин шеърҳои ошиқии хешро дигар намеёбам,
Дигар дар нӯки мӯи духтарони ҳамдабистонам
Ба тарсу ларз мактуби муҳаббат ҳам намебандам.
Раҳо шуд кокули онҳо зи дастонам,
Раҳо шуд номаи ман ҳам.

Дигар дар хоб мебинам рухи ҳамсоядухтарро,
Ки бо ман ҳар саҳар ҳамроҳ мактабхона меомад.
«Муҳаббат чист?» – мепурсид аз ман духтари сода,
Ба мактаб гӯиё дарси муҳаббатхонӣ меомад.

Дигар ман хоб мебинам нахустин устодамро,
Нахустин дафтари машқу «Алифбо»-и саводамро.
Дигар ман хоб мебинам сари зонуи модарро,
Канори гарми модаррову тарҳи рӯи модарро.

Замони беғамии ман гузаштаст.
Ман акнун рангҳои тавъами рангинкамонамро
Зи ашки модарони пир меёбам.
Ман акнун рангҳои равшани давру замонамро
Зи мӯҳои сафеди пирҳои давр мекобам.

Ба ёди обшори кокулони духтари тоҷик
Ман азбар мекунам рӯзе суруди обшоронро!
Ба номи қуллаҳо – гаҳвораи мардони оламгир
Забон мебахшам охир ман сукути кӯҳсоронро!

* * *

Ишқи аввал – ғӯраи сармозада,
Норасида мефитад аз шохсор.
Реша гар дар об дорад нахли умр,
Боз орад бор дар дигар баҳор,
Эй дили шӯридаам, шӯрида бош!

Ман сафар кардам ба мулки шоирӣ,
Кӯлворам ғайри ту чизе надошт,
Аз тамоми ганҷҳои кӯҳсор
Ғайри ту санги шарархезе надошт.
Эй дили шӯридаам, шӯрида бош!

Мекунӣ дар синаам гаҳ кӯрдуд,
Гоҳ оташ мезанӣ бар пайкарам.
Бохта худро ба бозиҳои ишқ,
Мекунӣ бозӣ ту гоҳе бо сарам,
Эй дили шӯридаам, шӯрида бош!

Аз биёбони пушаймонӣ гаҳе
Сӯи ёри рафта ово мекунӣ,
Гоҳ бо ҳар чӣ насибат шуд зи умр,
Шукр мегӯӣ, муросо мекунӣ.
Эй дили шӯридаам, шӯрида бош!

Зиндагӣ маҷмӯаи бешу камист,
Ҳар шабе дар осмон маҳтоб нест.
Ҳусн бошад, дӯст медорад касе,
Сар амон бошад, кулаҳ ноёб нест,
Эй дили шӯридаам, шӯрида бош!

Тунд шав дар ин сипеҳри тундрав,
Шоирию ошиқӣ девонагист.
Ҳар ки бикшояд дари бикшодаро,
Кори ӯ парвози мурғи хонагист.
Эй дили шӯридаам, шӯрида бош!

Боз мо нӯшем бояд ҷомҳо,
Боз афрӯзем бояд шомҳо,
Бар ҳазорон кӯдаки навзодае
Боз бигзорем бояд номҳо.
Эй дили шӯридаам, шӯрида бош!
Шӯрида бош!

* * *

Боз мехоҳам, ки аз нав кӯдаки нодон шавам,
Боз мехоҳам, ки аз нав кӯдаки гирён шавам.

Бар сари зонуи модар боз биншинам даме,
Гиряму хандам, сарамро сила бинмояд ҳаме.

Боз гултоқӣ бибофам аз гули худрӯи кӯҳ,
Аз гули Наврӯзу аз қоқую аз ҳулбӯи кӯҳ.

Боз рӯи сабзаҳо афтону хезон по ниҳам,
Кӯҳҳову даштҳоро дар дили худ ҷо диҳам.

Боз бо ҳамсолҳоям ҷангбозиҳо кунам,
«Қаҳрамон»-и ҷанг бошам, сарфарозиҳо кунам.

Ошиқе зорӣ кунад бар ман, чу ояд бовараш,
Хат барам аз ӯву хат орам – ҷавоб аз дилбараш.

То таги тори арӯс андар шаби сури висол
Ноаён оям, бибинам чеҳраашро бемалол.

Тоҷи тиллоӣ ба рӯи абруи пайвасти ӯ.
Бӯи умри тоза ояд аз ҳинои дасти ӯ.

Лек бинам, то магар розист аз тақдири худ,
Розӣ аст аз бахт ё менолад аз тақсири худ.

Ё ҳамегиряд зи шодӣ ё ҳамехандад зи ғам,
Ёд карда ошиқи деринаашро бо алам...

Боз дар тоқии худ барчош чинам бо мурод,
Хонда бо ҳамсолҳоям ёр-ёру шодбод.

То саҳар дар тӯйхона байтхониҳо кунам,
Дар ҳақи навхонадорон байтмониҳо кунам.

Ман чи мехоҳам, Худоё?
Ман дигар кӯдак нахоҳам шуд, дареғо!

Лек одам ҳар қадар солору пурармон шавад,
Боз мехоҳад, ки боре кӯдаки нодон шавад...

* * *

Нарафт ӯ як қадам берун зи Шероз,
Ҷаҳон аз баҳри ӯ Шероз буда.
Канори оби Рукнобод умре
Варо ҷои ниёзу ноз буда.

Басо аз тангии Аллоҳу Акбар[1]
Накӯтар дид паҳнои ҷаҳонро.
Чу сайёҳе ҷаҳонро дарнавашт ӯ
Фақат аз тарфи гулгашти Мусалло.

Басо дар оби Рукнобод рӯ шуст,
Ки ёбад обрӯи ҷовидона,
Ки бошад шеър чун ойинаи об,
Чу дарё лаб занад шеъру тарона.

---

[1] Аллоҳу Акбар – номи ҷое дар Шероз.

Басо биншаст ӯ андар лаби ҷӯ,
Ки нахли шеър бошад реша дар об,
Ки шеъраш доимо тар бошаду сабз
Ба мисли сабзаҳои тару шодоб.

Басо биншаст бо ёре лаби кишт,
Ки пошад дар ҷаҳон тухми суханро,
Кунад ёде зи кишту ҳосили умр
Дар ин дунё, дар ин дунёи зебо.

Лаби кишту лаби обу дами хуш,
Лаби ҷому лаби ёри гуландом –
Ҳамин будаст накди зиндагонӣ
Варо аз ин ҷаҳони бесаранҷом.

Нарафт ӯ як қадам берун зи Шероз,
Вале олам ба Шероз ояд имрӯз,
Тавофи хоки поки Ҳофизи ринд
Ҳама одам ба Шероз ояд имрӯз.

## БАРОИ МАҲМУДИ ВОҲИД

Агар бераҳбалад бошӣ,
Равон шав қад-қади дарё,
Ба уқёнус рӯзе мерасӣ, эй дӯст.

Агар бераҳбалад бошӣ,
Ба роҳи рост роҳӣ шав,
Ба кӯи дӯст рӯзе мерасӣ, эй дӯст.

Агар бераҳбалад бошӣ,
Зи роҳи шавқи дил раҳ ҷӯ,
Ба кӯи дилбари дилсӯз рӯзе мерасӣ, эй дӯст.

На аз талқини доварҳо,
На аз тақвими ахтарҳо
Бифаҳмӣ рози ҳастирову оламрову одамро...

Агар худро шиносӣ ту,
Агар худро гудозӣ ту,
Агар худро бичӯиву биёбӣ андар ин дунё,

Биёбӣ, ҳарчи меҷӯӣ,
Шиносӣ, ҳарчи нашносӣ,
Расӣ бар ҳар кучое, ки бихоҳӣ, эй дилогоҳ!..

* * *

Ало шодоб соҳилҳо,
Ба қадри обҳои ҷорӣ мебояд расид имрӯз,
Ки рӯзе хушк хоҳад шуд.

Ало зебои маҳфилҳо,
Ба қадри ҳар чароғи давра мебояд расид имрӯз,
Ки рӯзе аз шамоли ҳодиса хомӯш хоҳад шуд.

Ало раҳҷӯи манзилҳо,
Ба қадри раҳкушои аввалин бояд расид имрӯз,
Ки фардои шумо ҳам як замоне дӯш хоҳад шуд.

Шумо имрӯз агар аз толеъу бахту насиби
хештан мастед,
Дар оғӯши биҳишти дилбарони гулбадан мастед,
Зи атри гесувону кокулони пуршикан мастед,
Замоне завқатон аз кори дунё пир хоҳад шуд,
Замоне навбати базми муҳаббат дер хоҳад шуд.

Ало беақлу беғамҳо,
Ки фарқи сурату сират намедонед,
Ба қадри нозҳои ёр мебояд расид имрӯз,
Ба қадри лаҳзаи дидор мебояд расид имрӯз,
Ба қадри соқи симину ба қадри чеҳраи бечин,
Ба қадри ёри гулрухсор мебояд расид имрӯз,
Баҳори ҷилвааш пажмурдаву бенур хоҳад шуд.

Ба пои он ниҳоле, ки нишаста бо нигоре хуш,
Даме аз ошиқӣ доред нақди рӯзгоре хуш,
Намедонед, рӯзе шохҳои он
Шуморо чӯби боми гӯр хоҳад шуд!

Ба базме пеши чашмони шумо гар ёр мерақсад,
Ба худ чун мавҷ мепечад, зи сар то пой меларзад,
Агар қадраш намедонед,
Ҳамчун Зуҳраи раққоса
Рӯзе то фалакҳо дур хоҳад шуд!

Ало эй соҳибони вақт,
Вақти хеш дарёбед.
Шумо ҳоло ҷавону комрону шодмону зиндаед, охир!

Чу рӯзе бар мазори сард мехобед,
Аҷал баҳри шумо фурсат нахоҳад дод,
Ки ҳар нодидаро бинед,
Гули ночидаро чинед
Ва як дам дар ғами гумкардаҳои хештан гирйед,
Ва як дам он чиро нагрифта будед аз ҷаҳон, гиред.

Шумо, эй соҳибони вақт,
Биштобед!
Биштобед!

* * *

Бӯалӣ – бихради накӯфарҷом
Рози дилро ба ду забон мегуфт.
В-он ҳакими нишопурӣ – Хайём
Дурри маънӣ ба ду забон месуфт.

Шоирон беш дузабон буданд,
Бо забони худу забони халқ,
Бо забони ҳақиқату дили худ
Шеър гуфтанду достони халқ.

Лек, афсӯс, дар ҳама айём,
Гарчи мардум закиву ҳушёранд,
Шоири дузабон чи кампайдост,
Шоирони дурӯя бисёранд...

* * *

Араб гӯянд Синоро гурӯҳе,
Гурӯҳе форс ё тоҷик донанд.
Гурӯҳе ӯзбакаш гӯянду лекин
Агар сад бор осораш бихонанд,
Нафаҳманду пайи тафсири ҳар ҳарф
Ҳама муҳтоҷи некӯ тарҷумонанд.

Ҳама даъво кунанд – «Аз миллати мост,
Фалон модар фалон солаш бизода,
Дигар миллат ба дунёи тамаддун
Чу Сино зӯфунунеро надода...»

Чи лозим ин ҳама фарёду даъво?
Чи лозим ин ҳама исботу бурҳон?
На аъробӣ, на ӯзбак будааст ӯ,
Фақат будаст инсони ҳамадон.

Бухоро пойтахти тоҷикон буд,
Дар он ҷо Бӯалӣ омад ба олам,
Дарӣ буда забонаш, лек омӯхт
Забони ҷумла давру ҷумла одам.

Дарӣ буда забонаш, лек буда
Забони ҷон, забони рӯҳи озод,
Забони эҳтиёҷеву ниёзе,
Забони дардҳои одамизод.

Забони ҳар нигаҳ, ҳар вазъ, ҳар дам,
Забони ҳар гияҳ, ҳар барг, ҳар гул,
Забони нисбату пайванди аҷсом,
Забони имтизоҷи ҷузв бо кул.

Забони дил, забони сактаи дил,
Забони сактаҳои зиндагонӣ.
Аз ин рӯ, бо ҳама дарди ҳама халқ
Ба ҳар айём дорад ҳамзабонӣ.

Аё даъвогарони асли Сино,
Чи лозим ин ҳама ғавғою даъво?
Чу доруҳои ӯ бо ҳар забоне
Табобат мекунад дарди шуморо,
Ба ҳар ҳолат, ба ҳар давру замоне
Кифоят мекунад дарди шуморо...

* * *

Ман аз ин қофияпардозиҳо бисёр дилгирам.
Дилам шеъру суруди бетавофутро набипзирад.
Суруде хоҳаму шеъре,
Ки мадду ҷазри дарёи дили моро фаро гирад.

Суруде хоҳаму дастон,
Ки мисли нақбканҳо кӯҳ бишкофад,
Ба мисли шоҳибофон шоҳӣ бофад,
Ба мисли селаи мурғон кунад парвоз,
Замину осмонро пур кунад аз хонишу овоз.
Дар ӯ дил муҳтавӣ бошад,
Равон ҳарфи равӣ бошад,
Дар ӯ ҳар зинда монад зиҳаёту[1] шод,
Дар ӯ куҳна навӣ бошад.

Суруде хоҳаму дастон,
Ки мисли модарон шабҳо нахобад.
Чунон дастон, ки чун маъданшиносон
Зи хоки хоксориҳои мо кони тило ёбад.
Дарахтонро кунад пайванд ҳамчун боғбони пир,

---

[1] Зиҳаёт – барҳаёт, зинда.

Чу пири ишқ дилҳоро ба дилҳо роҳ бинмояд,
Аз ӯ ҳам бӯи ашку хун,
Аз ӯ ҳам бӯи дил ояд.

Суруде хоҳаму шеъре,
Ки он аз дарди мо огоҳ бошад.
На чун афсона тӯлонӣ,
Чу умри шоирон кӯтоҳ бошад.
Ба мо моро шиносонад,
Ба мо моро бифаҳмонад,
Сари моро ба шӯр орад,
Дили моро биларзонад,
Бигӯяд то, кӣ ҳастему чикорему чи мехоҳем?
Зи дунёи муаммо ё магар мо ҷумла огоҳем?

Суруде хоҳаму дастон –
Дар ӯ ҳар як ибора бо ибора,
Ҳар ҳиҷое, бо ҳиҷое,
Нуктае бо нуктае,
Андеша бо андешае
Чу ду ёри қарину ҳамзабон бошанд,
Чу ду ёри ҳамоғӯши зи дунё шодмон бошанд,
Чу медонам, ки пайванди ҳиҷое бо ҳиҷое
Камтар аз пайванди ду ирқу ду миллат нест,
Чу медонам, ки пайванди ҳиҷое бо ҳиҷое
Камтар аз пайванди ду қитъа,
Ду кишвар ё ду давлат нест.

Суруде хоҳаму дастон…
(Шумо, эй мутташоирҳо, ҳама хомӯшӣ бигзинед,
Дили танги шумо аз қофия ҳам тангтар бодо!)
Суруде хоҳаму дастон,
Ки дунё ҳамсадою ҳамнаво бошад,
Заминҳову замонҳоро висолу иттисол орад,
Барои ҳар забону миллату ирқу нажоди даҳр
Фаҳмову раво бошад.

* * *

Кӣ дар овони ҳаждаҳсолагиаш
Шабе бе печутоб ором хуфтаст?
Кӣ дар овони ҳаждаҳсолагиаш
Ба номи духтаре шеъре нагуфтаст?

Даруни дарс аз устод пинҳон
Ба номи духтаре хат менавиштам,
Таровишҳои эҳсоси диламро
Барои ёри хушқад менавиштам.

Ба ӯ ман нома медодам ниҳонӣ
Даруни баргҳои гул ниҳода:
«Туро ман дӯст медорам чу Маҷнун,
Чу ҳуснат бод ишқи ман зиёда...»

Зи пушти курсӣ аз устод пинҳон
Қатори кокулашро мешумурдам
Ва бо занҷираи мӯи маҳинаш
Диламро баста бар ӯ месупурдам.

Нигоҳи шӯхам аз курсии охир
Сила мекард мӯи анбарашро,
Ба мисли сабзаҳои баъди борон
Маҳин бофида гесӯи тарашро.

Дили ман коғази нанвиштае буд,
Дар ӯ номи варо бинвишта будам.
Ҷавони навраси нокордида
Ба ӯ аз содагӣ дил баста будам.

Вале, ҳайфо, садои занги охир
Садои интиҳои ишқи мо буд.
Ту гӯӣ, аз ҷавонии гузашта
Зи дашти дур чун бонги даро[1] буд.

[1] Даро (диро) – занг, зангӯла.

Ҳама дар роҳҳои зиндагонӣ
Ба ҷустуҷӯи бахти хеш рафтем,
Ба сар андешаи фардои дунё,
Ба дил бори ғаму ташвиш рафтем.

Ҳавасҳо чун сабақҳо рафт аз ёд,
Ҷавонӣ ҳамчу тири бархато рафт.
Ризо будем мо аз орзуҳо,
Ҷавонӣ лек аз мо норизо рафт.

Вале бо сӯхтанҳои ниҳонӣ
Шароре аз нигини ӯ гирифтам,
Нахустин сатрҳои шеъри худро
Ман аз мӯи маҳини ӯ гирифтам...

* * *

Ба ҳар ҷое, ки ман рафтам,
Ҳамеша дилкушодиву ҳамеша рӯи хандон буд.
Ба ҳар ҷое, ки ман рафтам,
Зи ҷӯши хандаю шодӣ на бадгӯӣ, на буҳтон буд.

Ба ҳар ҷое, ки ман рафтам,
Дуруд овардаму пайғом.
Тиҳидаст омадам, аммо
Суруд овардаму илҳом.

Ба ҳар ҷое, ки ман рафтам,
Ҷавонӣ армуғон бурдам.
Ҳазорон ҷом холӣ кардаву базми ҳарифонро
Зи шеъру ханда пур кардам.

Ба ҳар ҷое қадам мондам, қадамҳоям муборак буд,
Ба ҳар кӯе, ки рӯ овардаам, рӯи хушам доданд.
Лабам пурханда диданду ба роҳам ханда густурданд,
Нигоҳам оташин диданд, ҷоми оташам доданд.

Ба ҳар ҷое, ки рафтам, ҳар шиносу ношиносе буд,
Ба пешаш печухамҳои дили худро кушодам ман,
Сириштамро зи рӯи содагию эътиқоду меҳр
Ба рӯи дасти ӯ ҳамчун хати хоно ниҳодам ман,
Ки гӯӣ он шиносу ношиносонро
Ман аз рӯзи таваллуд мешиносам,
Ки гӯӣ, олами дилҳои ононро
Ман аз рӯи дили худ мешиносам.

Ба ҳар ҷое, ки рафтам,
Ҳамчу ёри ҳамнафас рафтам,
Ба ҳар ҷое, ки рафтам,
Дӯст рафтам, беғараз рафтам...

* * *

Рӯзҳо мегузаранд,
Рӯзҳо аз сари мо,
Аз дили мо мегузаранд.
Хабари лаҳзаи дидору ҷудоӣ бар лаб,
Аз раҳи манзили мо мегузаранд.

Ба назар
Мо ҳама бояст, ки ҳар рӯз зи умр
Сабақе бардорем.
Бояд аз рӯз ба рӯз
Асаре бигзорем.
Бояд аз рӯз ба рӯз
Боз ҳам бихраду солор шавем,
Бояд аз рӯзи наве
Бозгирем ба дил сози наву сӯзи наве,
На чу дирӯза ба як қоида такрор шавем.

Лек тадбир куҷост?
Гарчи дирӯз ба сад саҳву хатое бигузашт,
Рӯзи дигар ба дигар саҳву хато мегузарад.
Чун батаҳқиқ ту бар хилқати одам нигарӣ,
Ростӣ, ин ҳама аз кӯтаҳии ақли расо мегузарад.

Аҷабо,
Вақтро мегузаронем, ки барҷо бошем,
Вақтро мегузаронем, ки аз вақт бурун
Бехалал аз ҳама савдо бошем.
То надонем, ки бо вақт ба ҳам мегузарем.

Аҷаб аст, ин аҷаб аст!
Гоҳ мо бо ҳама донодилию доноӣ
Рӯзро кӯр кунем,
То надонем, ки ин оқибати кӯрдилист,
Худфиребист ва ё ҳеҷ кам аз худкушӣ нест!

Хоҳам имрӯз ба парвозгаҳи вақту фазо
Муддате бол кушоем, ки парвоз кунем.
Ҳар дари боз бибинем, ба кас бинмоем,
Ҳар дари баста бибинем, ба кас боз кунем.

Хоҳам имрӯз, ки бояд донист,
Вақти бекорӣ чи мебояд кард?
Вақти бекорӣ бипурсем зи худ, то чи касем.
Гар расидем ба Хуршеду ба Маҳтоб, чи хуш,
Вақти он аст, ки бо худ бирасем!

Вақти он аст, ки эй аҳли назар,
Вақти худро биситонем аз вақт.
Вақти он аст, ки эй аҳли ҳунар,
Қадри худро гузаронем аз вақт...

...Рӯзҳо мегузаранд,
Рӯзҳо аз сари мо,
Аз дили мо мегузаранд.
Гар натонем ҳақи хеш ситонем аз вақт,
Рӯзҳо ҳар яке чун қотили мо мегузаранд.

* * *

Аз хато, аз ғурур, аз таъхир,
Аз ҷафо, аз ғиром, аз тақсир,
Аз дурӯғу фиреби домангир
Ишқ ҳам пир мешавад, афсӯс,
Ошиқӣ дер мешавад, афсӯс.

Аз гумону маломату бухтон,
Ки занад ҳар нафас ба дил сӯҳон,
Аз дағалбозиҳои дилкӯрон,
Ишқ ҳам пир мешавад, афсӯс,
Ошиқӣ дер мешавад, афсӯс.

Фасли рушду камол мегузарад,
Ҳамчу хобу хаёл мегузарад,
Қадри ҳусну ҷамол мегузарад,
Ишқ ҳам пир мешавад, афсӯс,
Ошиқӣ дер мешавад, афсӯс.

Чун гули тирамаҳ хазондида,
Ҳамчу рӯди ба роҳ хушкида,
Чун тани аз азоб коҳида
Ишқ ҳам пир мешавад, афсӯс,
Ошиқӣ дер мешавад, афсӯс.

Чун матое, ки борхурда шавад,
Чун замине, ки низ мурда шавад,
Чун асо, ки ба раҳ фасурда шавад,
Ишқ ҳам пир мешавад, афсӯс,
Ошиқӣ дер мешавад, афсӯс.

Хоҳу нохоҳ бе иродаи мо
Ҳар нафас бо азоби ҷонфарсо
Ҳамчу мо дар кашокаши дунё
Ишқ ҳам пир мешавад, афсӯс,
Ошиқӣ дер мешавад, афсӯс.

Гарчи аз ӯ фасонаи дилҳост,
Гарчи аз ӯ ҷаҳони бопаҳност,
Гарчи аз ӯ ҷавонии дунёст,
Безамон пир мешавад, афсӯс,
Ноаён пир мешавад, афсӯс...

## ТАМАННО

Тоҷикистон!
Зи санги куҳсорат
Чун нишона на мақбара хоҳам,
Баъди маргам зи санги бисёрат
Ёдгорӣ на пайкара хоҳам.

Баҳри мастӣ барои ман кофист
Қатраи май зи як буни токат,
Баҳри хоби бароҳати ман бас
Чанд муште зи тӯдаи хокат.

Дар куҳистон, ки хуни нофам рехт,
Роҳҳо печутобҳо доранд,
Ман дар он роҳҳо басо дидам,
Шоирон ҳам азобҳо доранд.

Шоириро ба ман ту омухтӣ
Дар ҳама печутоби раҳҳоят,
Бо ҳама сабки шоирони қадим,
Бо ҳама шеваҳои шевоят.

Чист ҳайкал ба ҳаққи шеъри баланд? –
Резае пеши қуллае оранд,
Шоироне, ки буда беҳайкал,
Дар замони гузашта бисёранд...

Муддаоям зи назм ин бошад,
Пос дорем назми дунёро,
Бо сухан то ҳама раво дорем
Фарзи имрӯзу қарзи фардоро.

Қасдам аз шеъру шоирӣ ин аст,
Доди худ воситонам аз олам,
То ки қадре баланд бардорам
Шеърро ҳам баробари одам...

Тоҷикистон!
Зи санги куҳсорат
Ёдгорӣ на пайкара хоҳам,
Балки аз ҳар ситеғу ҳар сахра,
Аз ҳама водию дара хоҳам,

Ки ҳама сангҳои кӯҳистон,
Хомуширо зи хеш бифшоранд,
Шеърро, шеъри хубро дар худ
Сабт созанду зиндатар доранд.

Хоҳам он сангҳои ҳайкалзеб
Ҳамчу ҳайкал ба шеъри мо кӯчанд,
Аз замин, аз мақоми бетаҳрик
Бар дилу бар замири мо кӯчанд.

Хоҳам он қуллаҳои минбарсон
Минбари фитрати расо бошанд,
Нотарошидаву насоида
Худ ба худ ёдгори мо бошанд...

## ҚАДРИ ШОИР

Рӯзе, ки ошиқон аз ҳам ҷудо шаванд,
Рӯзе, ки зӯрҳо бемуттако шаванд,
Рӯзе, ки одамон беошно шаванд,
Бар қадри шоирон он вақт мерасанд.

Шоме, ки ахтаре сӯзад дар осмон,
Рӯзе, ки дар замин сӯзад дили ҷавон,
Ҳар гаҳ, ки одамӣ ҷӯяд зи худ нишон,
Бар қадри шоирон он вақт мерасанд.

Гирам, шикориён оянд бебарор,
Дар китфашон камон сарзер аз шикор,
Дар рӯи сахрае биншаста хоксор,
Бар қадри шоирон он вақт мерасанд.

Рӯзе, ки роҳиён дар дашти регпӯш
Бесозу барги раҳ монанд лабхамӯш,
Бархонда қитъае, оянд бар хурӯш,
Бар қадри шоирон он вақт мерасанд.

Вақте ки базми дил бечӯш мешавад,
Зебоӣ ҳар гаҳе мағшуш мешавад,
Дунёи некуӣ фармӯш мешавад,
Бар қадри шоирон он вақт мерасанд.

Вақте ки ҷумлаи даъвогарони зӯр
Миранд бо ҳама ҳангомаю ғурур,
Хешон катибае ҷӯянду лавҳи гӯр,
Бар қадри шоирон он вақт мерасанд.

Рӯзе, ки одамӣ дарёфт қадри худ,
Ҷуст аз ҷаҳон мақом аз баҳри фарди худ,
Дарёфт аз сухан ташреҳи дарди худ,
Бар қадри шоирон он вақт мерасанд...

## ДЕҲИ КӮЧИДА

Бодхӯрда сари ҳар деворе,
Бомҳо рехтаву чӯкида.
Тарҳи деҳ гарчи ба ҷо монда, вале
Зиндагӣ ҷои дигар кӯчида.

Зиндагӣ рахт бар он водӣ баст,
Ки бапаҳносту дарё ҷорист,
Байни мардум дигар андар сари об
Ҷангу ҷанҷолу кашокашҳо нест.

Деҳи кӯчида дар он ҷо шаҳрест,
Шаҳри озодию озодон аст.
Лек ин ҷой, ки вайрона шуда,
Ёде аз қисмати аҷдодон аст...

Як ду-се лолахасак бишкуфта
Дар пайи сандалию оташдон –
Вопасин шуълаи он оташҳост,
Ки барафрӯхта дар кӯҳистон.

Роҳҳо кӯр шуда беравуо,
Чашми чоре ба раҳи ёре нест,
Чордевори баҳасрат нолад,
Ки саре дар буни деворе нест.

Ҳотаи бекасу перомунаш
Сангдевор чу хатти паргор,
Қитъа-қитъа чу нишон монда ҳанӯз
З-он деҳи танг – аз он кунҷи диёр.

Хурмаи равғанӣ пурхок шуда,
Як каду хам зада дар ҳаччаи шох,
Даҳани тангу тиҳияш гӯяд:
Одамирост чи хуш ризқи фарох...

Ток аз бекасӣ бар шохи чинор,
Гӯӣ, тарсидаву дарпечида.
Чашмаи деҳ зи ғами танҳоӣ
Рӯзу шаб гирякунон хушкида...

## БАЛАНДИҲО

Аҷаб дорам, ки ҳар вақте
Зи боби Тоҷикистон чун сухан гӯянд,
Бигӯянд аз баландиҳои куҳсораш,
Сухан гӯянд аз Боми Ҷаҳон,
Аз қуллаҳои ганҷдору тоҷдораш.

Чи зоҳирбинии саҳле!
Ба ғайри қуллаҳо дар кишвари тоҷик
Баландиҳои бисёр аст,
К-онро кас намебинад,
Касе онро тавонад дид,
К-ӯ аз оламу одам хабардор аст.

Фақат эҳсос бояд кард,
Фақат тан дод бояд бар баландиҳои рӯҳонӣ:
Ба табъи мо, каломи мо,
Ба қадри мо, мақоми мо,
Ба ҳимматҳои дарёӣ,
Ба фитратҳои дунёӣ,
Ба иқболи баланди мо,
Ба халқи арҷманди мо...

Бале, дар сарзамини мо
Ба дидан кӯҳҳои мо баланд аст,
Вале ҳар кас, ки бо чашмаш
Ғарамҳои баланди пахтаро дид,
Баландиҳои кӯҳҳо ночисанд аст.

Бале, дар кишвари тоҷик
Баландиҳои бисёр аст, лекин
Ҳама имрӯз бо чашмони худ дид,
Ки қасри нури Норак чун сар афрохт,
Сари бисёр кӯҳҳо паст гардид.

Бале, баҳри тамошогар
Баландиҳои кӯҳи мо чи зебост,
Вале баҳри ҳама пайдост, к-имрӯз
Зи кулли қуллаҳои сарбаафлок
Сари мо сад ҳазорон бор болост.

Бале, дар сарзамини мо
Баландиҳои бисёр аст, аммо
Баландие баланд аз рӯҳи мо нест!..

## МАРСИЯИ ХУРШЕД

*На он тақлид ин тақлид,*
*На он Хуршед ин Хуршед.*

Зи баъди чанд милён сол мемирӣ ту, эй Хуршед!
Ҷавоби он қадар дарвозаҳои субҳро бикшоданат
аз одаму олам
мукофоте намегирӣ ту, эй Хуршед!

Замин гаҳвораи фарзанди одам буд,
Ту чун гаҳвораҷунбоне суруди алла мехондӣ,
Ҳама шаб ахтаронро рӯи он гаҳвора чун зоча
Барои кӯдакони хокзода медурахшондӣ.

Ду чашми кӯдаки навзод аз рӯзи бинои умр
Пас аз модар туро медид.
Ду чашми қаҳрамон дар корзорон лаҳзаи мурдан
Туро медиду модарро надида, чашм мепӯшид
Ва дар зикри нигоҳи вопасинаш чун нишони умр
Зи ту як порае бар хоки тар мебурд.
Даруни гӯр,
Андар синаи хомӯшу сарди ӯ
Чу ёри ҷонбаҷонаш пораи нури ту ҳам мемурд.
Туро ҳар бандаи миранда бо худ мебарад бар гӯр,
Ту бо ҳар бандаи мирандае мемирӣ, эй Хуршед!

Ту бо ҳар ахтаре, к-аз базми анҷум дур мегардад,
Ту бо ҳар чашми биное, ки аз ғам кӯр мегардад,
Ту бо ҳар қатраи хуне, ки афтода ба гил, мағшуш мегардад,
Ту бо ҳар қатраи обе,
Ки дур афтода аз ҷӯши тарокумҳову тӯфонҳо,
Ба зери шуълаат хомӯш мегардад,
Пайопай,
зарра-зарра,
ноаён мекоҳӣ, эй Хуршед!

Ту бо ҳар марди зиндонӣ, ки дар зиндон
Зи пушти панҷара чашмаш ба сӯи қурси ту мурдаст,
Ту бо ҳар сарбадоре, к-охирин лаҳза
Ба сӯи ту назар афканда, аз дунё сафар кардаст,
Ту бо ҳар дилбари хуршедрӯ,
к-андар ғуруби офтоби ҳусн
Аз ин дунё ба сина доғҳо бурдаст,
Ба зиндону ба зери дорҳо мемирӣ, эй Хуршед!
Зи бухлу кинаву озорҳо мемирӣ, эй Хуршед!

Ту бо ҳар шоире, к-аз шӯри дил дилро бифарсояд,
Ту бо ҳар ошиқе, к-аз нобарорию ситамгорӣ
Ба мижгон ашк полояд,
Бикоҳиву бифарсоӣ,
Зи худ як дам наосоӣ.

Ту чун марди мусофир дар биёбони фалак танҳо,
Ба манзил норасида, дар миёни роҳ мемирӣ,
Агарчи асрҳо равшангари таърихҳо будӣ,
Чу пири зӯфунуне оқибат гумроҳ мемирӣ.

Зи баъди ту Замин даври чи Хуршеде ҳамечархад?
Ба даври Офтоби дигаре? Ҳайҳот!
Пас аз ту боз, мегӯянд, Хуршеди дигар созанд;
Чунон ки баъди Фирдавсӣ нашуд «Шаҳнома»-е иншод,
Валекин шоирон буданд...

Замин дар мотами ту,
Даври гӯри нурхези ту
Ба мисли сӯгворе навҳа созад, хешро сӯзад,
Ту Хуршеди ҷаҳон будӣ, вале бар ёдгори ту
Ҷаҳон андар сари гӯрат чароғи хира афрӯзад...

Чу умри одамӣ кам мешавӣ ҳар рӯзу ҳар соат,
Зи рӯз аз рӯз ҷонат хастаю ранҷур хоҳад шуд
Ва рӯзе бо ҷаҳон аз сактаи дил мекунӣ падруд,
Ҷаҳон бе чашми ту чун пирмарди кӯр хоҳад шуд.

Дареғо!
Ҳасрато!
Ҳайфо!
Барои зиндагӣ чун модарон мемирӣ, эй Хуршед!
Дилатро коста аз баҳри тифлон,
ногаҳон мемирӣ, эй Хуршед!

... Вале то он даме, ки чашмҳоям сӯи ту боз аст,
Ба сӯят бо ҳазор уммед сар афрозам, эй Хуршед!
Агарчи зарраам, рӯзе
Ба пеши чашми ту худро аён месозам, эй Хуршед!
. . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . . .
Сипас падруд, эй Хуршед!
Сипас падруд,
эй Хуршед,
эй Хуршед!

## АЙНӢ

Зи лавҳи гӯрҳо, аз мармари сарди мазористон,
Зи хоки мурдагони зиндатар аз зиндадаргӯрон,
Зи нақши ҳар катиба, нақши нохун дар тани зиндон,
Зи соҳилҳои бедарё, зи дарёҳои бечарён
Ту моро кофтӣ, устод,
Ту моро ёфтӣ, устод!

Зи аъмоқи фаромушхонаҳои тираи таърих,
Зи хоке, ки шуда омоҷгоҳи тири бадхоҳон,
Чу абёти парешоне, ки монд аз Рӯдакӣ мерос,
Ту моро ҷамъ овардӣ зи ҳар маҷмӯаву девон,
Ту моро зинда гардондӣ,
Ба мо моро шиносондӣ.

Зи исёнҳову шӯришҳо, зи кулли буду нобудаш,
Зи фарёди таболудаш, зи Фирдавсию Маҳмудаш,
Зи хунҳое, ки баҳри хунбаҳои ҳамгинонаш рехт,
Зи андӯҳи тараболуду шодии ғамолудаш

Ту ҷустӣ сарнавишти халқ,
Оғози сиришти халқ.

Чу айвони валангоре, ки на бому на девораш,
Чу девори ҳисоре, ки на синҷеву на болораш,
Ту таърихи хароби халқро тармимҳо кардӣ,
Шиносондӣ ба бунёдаш, ба фарҳангаш, ба осораш,
Ки мо ҳам одамем, охир
Ва аз ин оламем, охир!

Чу гумҷӯе, ки меҷӯяд пайи гумгаштагонашро,
Чу танҳое, ки меҷӯяд зи дунё дӯстонашро,
Нишони мардумон ҷустӣ ту аз шаш соҳати таърих,
Барои ҳоҷати имрӯз ганҷи бостонашро,
Ки бе дирӯз ҳоло нест,
Ки бе имрӯз фардо нест...

Зи юмни Инқилобе, к-устодат буд (худ гуфтӣ),
Бурун овардӣ як-як мурдаҳоро ту зи гӯристон
Ва андар тоҷгоҳи ҳар кадоме тоҷ бинҳодӣ,
Ҳидоят кардӣ ононро барои хидмати даврон,
Ба онҳо ҷон ато кардӣ.
Сари минбар баровардӣ.

Зи маснадҳову манзарҳо,
Зи чанги роҳи кишварҳо,
Зи авроқи баёзу ҳарфи нохонои дафтарҳо,
Зи сарҳое, ки рӯи дорҳо ҳам буда сарафроз,
Зи ҳар доре, ки бишкаста зи бори фитрати сарҳо,
Ту ҷустӣ номи тоҷикон,
Муроду коми тоҷикон.

Туро чун ҳимматеву фитрати олампаноҳе буд,
Ба чашмандози ту пайдо ҷаҳони мурғу моҳӣ буд,
Ҳама печухами таърихро бо сар гузаштӣ ту,
Ки аз мардонагии халқ осораш гувоҳе буд,
Шудӣ худ ҳайкале дигар,
Ба мардум машъале дигар.

Чу аз зиндон раҳо гаштӣ,
Хаёлам, нуру фазлу шеър аз зиндон раҳо гардид,
Ба дунё омадӣ чилсола шогирде, к-аз устодӣ-ш
Забони мо ба даъватҳои даврон ҳамсадо гардид,
Садояшро ҷаҳон бишнид,
Ҷаҳони бекарон бишнид.

Ту худ як инқилобе дар шуури мардумон будӣ,
Ту худ як изтиробе дар ниҳоди ину он будӣ.
Ба рағми он ҳама кӯрони таърихи наҷиби мо
Ту чун мушти гиреҳбаста, чу тири дар камон будӣ.
Ту аз мо сохтӣ моро,
Зи мо бишнохтӣ моро.

Бас аз хокистари хомӯш оташҳо фурӯзондӣ,
Шарарҳое басо аз сангҳои сард рӯёндӣ,
Сари гӯри ниёгон машъала афрӯхтӣ аз меҳр,
Аз ин рӯ, ҳамчу машъал дар сари дасти замон мондӣ!

...Чунин андар ҷаҳони гирдгардон,
Чунин андар ҷаҳони рӯҳи озодон
Бузургонро бузургон зинда медоранд,
Бузургонро бузургони дигар поянда медоранд...

## ТАЪРИХ ГУВОҲ АСТ...

*Барои академик Бобоҷон Ғафуров*

Таърих гувоҳ аст, ки дар ҳеҷ замоне
Тоҷик ба хоки дигаре аз сари кина
Бо ҳамҳамаю дамдама лашкар накашидаст.
Таърих гувоҳ аст, ки дар арсаи таърих
Тоҷик зи роҳи ҳасаду ҷаҳлу таассуб
Бар фарқи саре найзаю ханҷар накашидаст.

Тоҷик ҳама умр ба ҳар бозии қисмат
Бардошт[1] биомухта зи кӯҳи Ватанаш буд.
Ҳар теша, ки бар синаи ҳар санг фурӯ рафт,
Доғи дили бекинаю захми баданаш буд,
Ҳар ҷавшани олудаи хуне, ки ба бар дошт,
Ҳам ҷавшани ҷони Ватану ҳам кафанаш буд.

Таърих басо дида, ки андар раҳи паймон
Тоҷик даме пеши адӯ сар нафикандаст,
Ҷон канда басо, лек
З-ояндаи пирӯзи худ уммед накандаст.

Мурданд басо маслаку ойину худоён,
Маҳкум бимурданд басо ҳукмравоён,
Мурданд забонбаста басо уқдакушоён.
Бар рағми ҳама ҳилаю тазвиру тааддӣ
Аз оташи суғдон
Як шуъла фақат монд фурӯзон,
Як шуъла, ки дар чашму дили халқ ҳамесӯхт,
Як шуъла, ки бар халқ чи сон сӯхтан омӯхт.

Ҳар наъл, ки бархӯрд ба ҳар санги куҳистон,
Ҳар наъл, ки бар санг заду шуъла бирӯёнд,
Ҳар шуъла, ки аз теғи бароҳехта меҷаст
Дар партави хуршед сари дасти далерон,
Омӯхт ба мардум ҳунари шуълавариро,
Бо хасм ситезидану пирӯзгариро...

Ҳар шуълаи сӯзандаи уммеди дили халқ –
Он шуъла, ки дар ҳар маҳали тираи таърих
Гаҳ-гоҳ ҳамесӯхт;
Он шуъла, ки андар дили ҳар санг ниҳон буд,
Он шуъла, ки дар дидаи ҳар фард аён буд,
Дар чашми Хирад ҷамъ шуду тоза барафрӯхт.

[1] Бардошт – сабр, таҳаммул.

Гӯё ки ҳама шуълаи сӯзони парешон
Аз қаъри замонҳо
Дар чашми Хирад ҷамъ шуду гашт фурӯзон.
Дар чашми Хирад оташи исёни ҳама халқ,
Ошӯби дили шуълавару хашми хурӯшон
Ҷамъ омаду гардид чунон машъали тобон,
К-аз партави он чор суи тираи таърих
Равшан шуду чашми дигаре ёфт ҳама халқ,
Бар хеш назар кардаву бишнохт худашро,
Феҳристи ҳама бешу каму неку бадашро,
Бингашт ба ойинаи қасду талаби худ,
Бар чеҳраи худ, зоти худ, аслу насаби худ...

Бо чашми Хирад бингарӣ аз қуллаи имрӯз
Ҳар гоҳ ба печухами таърихи ниёгон,
Бинӣ, ба чи эъҷоз
Тоҷик ба мулки дигарон роҳ кушодаст,
Чи дур, чи наздик
Сад раҳ ба дили мардуми огоҳ кушодаст.

Алҳақ, ҳама медонаду таърих гувоҳ аст:
Тоҷик ҳама умр
Дар Мағрибу Машриқ
Кардаст мусаххар чи бас иқлиму мамолик...
Аммо на ба шамшеру камону сафи лашкар,
Бо санъату бо фитрату бо ақли мунаввар,
Бо ҳиммату бо ҳикмату бо шеъру тарона,
Бо рӯҳи ҷавононаю пирӯзгарона!..

## ОЛИ СОМОН

Маснаде дар ҳалқаи саҳронишинон,
Бӯстоне дар миёни шӯразорон,
Гулхане дар лобалои кӯрдуд,
Паҳлавоне дар миёни нотавонон –
Оли Сомон!

Махзани тилло ба дасти боддастон,
Шоире дар инҳисори худпарастон,
Уфтода ахтаре ногаҳ зи гардун
Дар муҳити золимону зулматистон –
Оли Сомон!

Гӯиё
Як нафас тоҷикро Таърих дод ойинае,
То дар ӯ бинад нишони хештанро,
То дар ӯ ёбад ҷаҳони хештанро,
Лек шодикаф шуду ойина аз дасташ фитод,
Хештанро ҳам надиду дигаронро ҳам надид...

Гӯиё
Як нафас тоҷикро Таърих ҷӯе об дод,
То кунад обӣ макони хештанро,
Даштҳои бекарони хештанро,
Лек шодикаф шуду он об аз ҷӯяш гузашт,
То бидид, оби варо аъдо ба ҷӯи худ кашид...

Гӯиё тоҷик андар дашти бопаҳнои Таърих
Ёфт аспи шахлаҷоме,
Хост ҷӯяд манзили номусу номе.
Асп нофармону саркаш...
Ӯ савориро намедонист...
Ногаҳ аз сари асп уфтод...
Бесавора, зин кашола,
Асп дар саҳрои пурфарёди Таърих он қадар
сарсон давид,
Шиҳа зад, афғон кашид,
То ба дасти душманон афтоду ҷон аз даст дод...

Оли Сомон –
Давлати навкисаву навхонагон,
Давлати навдавлату навхоҷагон,
Кӯдаки якрӯзаи Таърихи тоҷик,
Зодрӯзат ёд бодо,
Ғӯрамарго,
ғӯрамарго!..

## БАЪД АЗ ҲАЗОР СОЛ...

Ҷавоб ба ҳасудони Рӯдакӣ, хосса ба шоири ҳасуд Абӯзироа, ки дар мазамммати устод фармудааст:

*Агар ба давлат бо Рӯдакӣ на ҳамсонам,*
*Аҷаб макун, сухан аз Рӯдакӣ на кам донам.*
*Агар ба кӯрии чашм ӯ биёфт гетиро,*
*Зи баҳри гетӣ ман кӯр буд натвонам.*
*Ҳазоряк з-он, к-ӯ ёфт аз атои мулук,*
*Ба ман диҳӣ, сухан ояд ҳазор чандонам.*

Шумо, эй худбаҳоёни муғамбир,
Шумо, савдогарони шеъру оҳанг,
Шумо, эй нотавонбинони каҷдил,
Шумо, ҳаннотҳои илму фарҳанг.

Шумо вомондагони роҳи эҷод,
Ҳама гандумнамои ҷавфурӯшед.
Чунон дар ҳарфбофӣ гашта устод,
Ки ҳарфи куҳнаро чун нав фурӯшед.

Зи минбар аз сари ҷаҳли мураккаб
Миси худро ҳама зар мешуморед.
Ҳама хокистари хомӯши худро
Миёни дош чун оташ гузоред.

Ҳама он туҳмату буҳтону кина,
Ҳама он айбҷӯитон зи кӯрист.
Далерии шумо аз тарси ҷон аст,
Ҷасурии шумо бад аз ҳасурист.

Шумо дар хонаи худ марди майдон,
Шумо дар маҷлиси май ҳақпарастед.
Вале гоҳе, ки бар минбар бароед,
Ҳақиру оҷизу тарсую пастед!

Агар шоир бувад чашми замона,
Шумо кӯред, кӯри беасоед!
Агар шоир бувад фарзанди айём,
Шумо ё нохалаф, ё носазоед!

Агар шоир бувад ойинаи давр,
Шумо ойинаи садпора ҳастед!
Агар шоир бувад сарбози миллат,
Шумо бекораю бечора ҳастед!

Шумо аз ними ҷону ними нони хеш метарсед,
Шумо аз зиндагию аз ҳақиқат беш метарсед.
Шумо на қобили разме, шумо на лоиқи базмед.
Шумо савдоии шеъред? Қаҳ! Қа-а-аҳ!
Шумо савдогари назмед!!!

* * *

То дил накунад дард, надонӣ, ки дилат ҳаст,
То сар накунад дард, надонӣ, ки сарат ҳаст.
То ёр туро тарк нагӯяд, натавон гуфт,
Аз ӯ ба дилу ҷон чи нишону асарат ҳаст.

То ҷӯи пуробат ба дари хона нахушкад,
Зинҳор надонӣ, ки беҳ аз баҳри дамон буд.
То гум накунӣ ёри қарин аз ғалати дил,
Зинҳор нагӯӣ, ки чунин буду чунон буд.

То аҳди ҷавонисту айёми муҳаббат,
Бигзаштани ин аҳд нагунҷад ба хаёле.
То дар дили мо ҳавсалае пир нагардад,
Беҳуда бувад огаҳиву қолумақоле.

То сабза насӯзад ба талу пушта зи гармо,
Кас пай набарад, фасли баҳоре буду бигзашт.
То моҳ насӯзад ба само, мардуми дунё
Бо таҳлука он қадр ба ӯ нангарад аз паст.

Чун он ки фаромӯш шавад шеъру тарона,
Гуфтан натавонем кайаш бо кӣ сурудем,
Ин гуна аҷаб не, гузарад умру надонем,
Гуфтан натавонем, ки мо зиста будем...

## ДАР БАЧЧАГӢ

Дар замони бехудию бесарӣ
Чун камонвар аз фалахмон
Сангҳо афкандаам бар шишаҳои хонаҳо,
Эй басо бо шавқу шодон.

Бо фиғону моҷаро
Пирзанҳо аз қафоям медавиданд.
Ман тиҳипо медавидам,
Пирзанҳо кай ба гардам мерасиданд?...

Даргузашт он фасли зебо,
Ҳамчу шабнам аз рухи гулҳо парид.
Пирзанҳо рахт барбастанд аз дунё,
Зиндагӣ моро ба некӣ парварид.

Ин замон бо изтироб
Ҳар шабе тарсида мехезам зи хоб,
Гӯиё он сангҳо,
К-афкандаам бар шишаҳои хонаҳо,
Мезанад бар шишаҳои хонаи ман,
Мезанад бар шишаҳои айнаку бар шонаи ман...

## КИТОБҲОИ ШАҲИД

Шуморо ҳам чу осӣ зинда гӯронданд,
Шуморо чун Бруно зинда сӯзонданд.
Шуморо ҳам хафа карданд, афшурданд, озурданд,
Шуморо ҳам ба зери дорҳо бурданд.
Шуморо ҳам чу як қонуншикан куштанд.
Шуморо ҳам чу балвогар, чу яғмогар,

Чу исёнгар, чу вайронгар
Басо бераҳм парронданд.

Шумо дар чоҳҳо,
Дар ғорҳо,
Дар гӯрҳои кухна мадфунед.
Шумо ҳам ғарқи дарёҳо,
Шумо ҳам ғарқаи хунед.

Шумо дар хоку хун ғалтон,
Шуморо сӯхт Искандар,
Қутайба кард хокистар,
Шуморо кушт Чингизхон.

Шуморо котибон, то дасташон аз ғул раҳо бошад,
Ба дасти хештан куштанд.
Шуморо соҳибон, то зиндагӣ-шон бебало бошад,
Ба дасти хештан куштанд.

Шуморо ҳамчу хиште
Аз тани девори қасру маъбади фарҳанг
Зи тоқи ошёни илму дониш ҷоҳилон канданд.
Ба дунёи фаромӯшӣ шуморо дур афканданд.

Валекин модари он шоирони ғайбдон зинда-ст,
Валекин модари он бихрадони ҷовидон зинда-ст,
Ки то дунё бувад, обастани имрӯзу ояндааст.
Валекин чашмаҳои фикрату фитрат
Зи пистони сафеди модари тоҷик нахушкидаст.
Валекин халқ бо афкори нуронӣ
Ба зери осмон
Бо гардиши чархи замон зинда-ст.

Кунун донишписандоне чу гумҷӯён
Шуморо аз ҳама кунҷу канори даҳр меҷӯянд.
Кунун саррофҳо – гавҳаршиносони сухан ҳар дам
Шуморо аз хазону аз баҳори даҳр меҷӯянд.

Дареғо!
Шумо чун соҳибони хеш
Ҳама будед яктое,
Ҳама будед танҳое...

Шумо ҳам аскаре будед, бас размоварӣ кардед.
Шумо ҳам сафдаре будед, алҳақ, сафдарӣ кардед,
Шумо бо ақлҳои тира ҷангидед,
Шумо бо мағзҳои хира ҷангидед,
Шумо бо зуъми кӯрони замони хеш,
Шумо бо буғзу ноинсофии хонандагони хеш
Чи ҷанги беамон кардед,
К-охир қаҳрамон мурдед.

Кунун ман аз замону аз ҳақиқат як талаб дорам,
Ки аз баҳри шумо ҳам ҳайкале созанд
Ба сони ҳайкале бар ёдгори аскари гумном
Ва тарҳи ӯ чунин бошад:
Китоби даргирифта дар сари дасте,
Зи ҳар сафҳа шароре барҷаҳад ҷовид,
Шароре барҷаҳад то хонаи Хуршед...

Шумо ҳам баски машъал будаед андар замони хеш,
Ки бо нури шумо меҷуст инсоне ҷаҳони хеш...

* * *

Оқибат мерасам ба он манзил,
Ки раҳаш печутобҳо дорад,
Бо ҳама ростиву ҳамворӣ
Бас фиреби саробҳо дорад.

Оқибат мерасам ба он мақсад,
Ки аз ӯ дар дили ман оташҳост,
Чи такопӯ, чи рангбозиҳо,
Чи задухурд, чи кашокашҳост.

Оқибат мерасам ба он кӯе,
Ки ту гӯӣ, ҳаволагоҳи ман аст,
Ҳар чие нест, ҳаст дар дили ман,
Рӯҳи ман, роҳи ман, рафоҳи ман аст.

Оқибат мерасам ба он ёре,
Ки аз ӯ як нигоҳи гарм бас аст,
Домани ӯст баски домани уфқ,
Дастнорас, валек чашмрас аст.

Оқибат мерасам ба он қулла –
Қуллаи бахт, қуллаи уммед.
Дар ҷаҳон, то даме, ки ҳастам ман,
Ҳастии хешро кунам таъкид...

* * *

Баччагиам бекасу танҳо гузашт,
Бо дарав, бо хӯшачиниҳо гузашт,
Доманаш аз хӯша пур, аз домани саҳро гузашт.

Дар сари санге ҳама рӯз интизор
Мешумурдам турнаҳоро ҳар баҳор,
Баччагиам бо қатори турнаҳо якҷо гузашт.

Шаст меандохтам бар рӯди маст,
То биафтад моҳии тилло ба шаст,
Баччагиям бо умеди моҳии тилло гузашт.

Ханда мекардам ба сӯи шаршара,
Ханда меомад зи ҳар санги дара,
Баччагиам, ханда бар лаб, лаб-лаби дарё гузашт.

Номаҳо бинвишта будам беҳисоб,
Лек аз он сӯ намеомад ҷавоб...
Баччагӣ чун номае бар ёри бепарво гузашт.

Баччагӣ чун шохборон рехт, рехт,
Баччагӣ чун обшорон рехт, рехт,
Ё мисоли шохнам аз дашти бопаҳно гузашт.

Баччагӣ гӯё буду гӯё набуд,
Баччагӣ аз мо буду аз мо набуд,
Бехабар мондем, то дидем, фарсахҳо гузашт.

Баччагӣ – гулгуни зарринёли ман,
Баччагӣ – гулгуни зарринболи ман,
Ёлу болаш ғарқи гул, аз роҳи умри мо гузашт...

* * *

Боз як рӯзи ғаму шодӣ гузашт
Дар талоши қисмату номусу ном,
Боз як хуршед моро тарк гуфт,
Моҳи нав пайдо шуд андар бурҷи шом.
Шаб ба хайр, эй ҳамнишинон, шаб ба хайр!

Боз як рӯзе гузашту даррабуд
Сафҳаеро аз китоби зиндагӣ,
Эй хуш он кас, ки дар ин радду бадал
Ҷӯяду ёбад ҳисоби зиндагӣ.
Шаб ба хайр, эй дӯстдорон, шаб ба хайр!

Боз торикиву бар ёдам расид
Чашмҳои хирабини модарам,
Дурам аз ӯ, то кӣ бошад дастёр
Дар нафасҳои пасини модарам.
Шаб ба хайр, эй модари ҷон, шаб ба хайр!

Фориғи парвозҳо аз бахри ризқ
Мурғакон дар шохаҳо ҷамъ омаданд.
Ҷазбаи зотист, ки парвонаҳо
Аз пайи худсӯзӣ то шамъ омаданд.
Шаб ба хайр, эй худгудозон, шаб ба хайр!

Марзбон бедор андар посгаҳ,
Пой монад қад-қади симхорҳо,
То бувад рӯи замин бедоғтар,
То наёбад пушти ӯ озорҳо.
Шаб ба хайр, эй ҳамзаминон, шаб ба хайр!

Талху ширинист андар ҷоми шаб,
Ин хурад май, он хурад хуни ҷигар,
То чи гӯяд субҳ андар гӯши мо,
То кӣ бошад зинда то субҳи дигар.
Шаб ба хайр, эй комгорон, шаб ба хайр!

Мо ҳама фарзанди айёми худем,
Шодмонем андар оғӯши замон,
Ончунон хушном бояд зистан,
То мабодо кас фаромӯши замон.
Шаб ба хайр, эй ҳамзамонон, шаб ба хайр!

## ҶАВОНИИ ПАДАРОН

Бо қаҳқаҳи мастонаю бо шеъру тарона,
Бо рӯҳияи ғолибу ошӯбгарона,
Бо тантанаи ақл карон то ба карона,
Чун рӯд ба сад ғулғула бигзашт ҷавонӣ,
Чун раъд ба сад валвала бигзашт ҷавонӣ.

Раҳ сохт, раҳ омӯхт, хато кард, хато сӯхт,
Дил бурд, дил овард, дил омӯхт, дил афрӯхт,
Аз рафтаву аз омада бас таҷриба андӯхт,
Мушкил зи ҳама мушкила бигзашт ҷавонӣ,
Масъули ҳама масъала бигзашт ҷавонӣ.

Саршори таманнову тақозову тараддуд,
Маъмури ҷаҳонсозию тармиму таҷаддуд,
Пурбори ҳавасҳову нафасҳои таболуд,
Пурдил зи ҳама фосила бигзашт ҷавонӣ,
Сарқофилаи қофила бигзашт ҷавонӣ.

Дар чашм уфуқҳо ба ҳама ҷозибаю ранг,
Дар дил тапиши гарми замон бо ҳама оҳанг,
Дар чеҳра нишони ҳама ганҷинаи фарҳанг,
Дар сар гули сад машғала бигзашт ҷавонӣ,
Дар по гули сад обила бигзашт ҷавонӣ.

Чун ходими даври худу арбоби замонӣ,
Бо дарди замину замону дарди ҷаҳоне,
Бигзашт ҷавонию ба ҷо монд ҷавонӣ...
Беҳила зи сад марҳала бигзашт ҷавонӣ,
Пуршӯру қавиҳавсала бигзашт ҷавонӣ.

Қонунгари даврони пур аз шӯру шарар буд,
Дар даст калиди ҳама бобу ҳама дар буд,
Омода ба ҳар амри Ватан – марди сафар буд,
Рахшанда ба каф машъала бигзашт ҷавонӣ,
Аз роҳи замон бегила бигзашт ҷавонӣ...

* * *

*«Дар оғӯши ту мемирам».*
*Нодирпур*

Ту, эй гаҳвораю тобути ишқи ман!
Дар оғӯши ту гарчи зиндагиям нест,
Дар оғӯши ту мехоҳам бимирам.

Дар оғӯше, ки холӣ аз ман асту пур зи армонҳо,
Дар оғӯше, ки холӣ аз ман асту пур зи ҳирмонҳо,
Дар оғӯше, ки атри шеъри тар дорад,
Дар оғӯше, ки дидори саҳар дорад.

Дар оғӯши ту мехоҳам бимирам,
Дар оғӯше, ки дар навмедиям уммедҳое ҳаст.
Дар оғӯше, ки андар рӯзҳои тираи умрам
Бароям нав ба нав хуршедҳое ҳаст.

Дар оғӯши ту мехоҳам бимирам,
Дар оғӯше, ки мебошад ҳаволатгоҳи рӯҳи ман.
Дар оғӯше, ки маҳрумам,
Дар оғӯше, ки мебошад ҳаловатгоҳи рӯҳи ман.

Ту, эй гаҳворaю тобути шеъри ман,
Дар оғӯши ту гарчи зиндагиям нест,
Дар оғӯши ту мехоҳам бимирам,

Дар оғӯше, ки қадрашро надонистам,
Дар оғӯше, ки меҳрашро наварзидам,
Дар оғӯше, ки боре ҳам наарзидам...

## ДАР ВАРЗОБ

Ҳар ду нишастаем
Дар рӯи тахтасанг,
Ҷорист рӯди маст
Пуршӯру бедиранг.

Ҳар ду нишастаем
Бечурму бегуноҳ,
Дилҳои ташнаком,
Лабҳои бӯсахоҳ.

Ин дам насиби мост
Як умри носабур
Як шоха оби рӯд,
Як пора абри дур.

Як пора офтоб,
Як пора осмон,
Як гӯшаи замин
З-офоқи бекарон.

Мо хомсӯхта
Дар оташи ҳавас.
Мо дилгудохта
Дар гармии нафас.

Лутфи сухан хуш аст,
Хушгӯӣ мекунем.
Эҳсоси мурдаро
Гумҷӯӣ мекунем.

Ин оброҳа низ
Монанди роҳи ишқ
Огоҳ будааст
Аз иштибоҳи ишқ.

Монанди мову ту
Бисёр будаанд,
Бо ёр будаанд,
Бе ёр будаанд...

Ҳар ду нишастаем
Ҳам дур, ҳам қариб,
Ё ишқ, ё умед,
Ё бахт, ё насиб!..

* * *

Барфу борон рехт дарҳам ҳамчу дарди ошиқӣ,
Мурғакони бемакон дар хештан печидаанд.
Шохсорон сархаму хомӯш зери бори барф,
Гӯиё аз рӯзгори хештан ранҷидаанд.

Ман зи пушти шиша мебинам, ки аҳли рӯзгор
Аз паи кореву ёре медавад болою паст.
Гар ғубори барф биншаста ба мижгони яке,
Дар рухи дигар ғубори зиндагӣ биншастааст.

Мезанад минқор андар симҳои мавҷгир,
Мурғаке то пай барад аз розҳои осмон,
Мурғаки дигар панаҳ бурдаст зери пардабом,
Аз баландӣ бингарад дар ҷунбуҷӯли одамон.

Ин бинои рӯ ба рӯ чун махзани пӯшида аст,
Сар бурун н-орад касе аз шишаи балкони ӯ.
Барф меборад башиддат то дами шом аз саҳар,
Чун зимистон аст, инак – навбати даврони ӯ.

Хонаам аз дуди танбоку чу берун тира аст,
Бар машомам лек доим мерасад бӯи баҳор.
Ман баҳоре дораму шеърам аз ӯ гул мекунад,
То ки орад ошиқонро шеъри ман рӯи баҳор...

* * *

Шукр гӯям зиндагиро бо ҳама ширину талх,
Шукр гӯям зиндагиро бо ҳама неку бадаш.
Шукр гӯям қисматамро бо ҳар он чӣ ҳасту нест,
Шукр гӯям бахтро бо омаду ноомадаш.

Шукр гӯям ҳар дарахтеро, ки бошад дубара,
Шукр гӯям ҳар ниҳолеро, ки навгонӣ диҳад.
Шукр гӯям ҳар сабоҳеро, ки хуршед аз уфуқ
Пайки рӯзи нав зи бахши умри инсонӣ диҳад.

Шукр гӯям ҳар нафасро ҳамчу нақди зиндагӣ,
Ки бувад пайваста бо халқу Ватан чун ҷону тан.
Ин Ватан бе ман тавонад буд ҷовидон, вале
Ман натонам як нафас ҳам зинда бошам бе Ватан.

Шукр гӯям хилқати худро, ки тӯфонзода аст,
Ҳеҷ напсандад ҳуҷуми нокасу ночизҳо.
Шиквае аз кас? Фақат аз хештан дорам гила,
То намонад шеъри ман чун лошаи полизҳо.

Шукр гӯям обу нонеро, ки аз ранҷи ман аст,
Гарчи дастам чӯ наканду дона дар хоке накошт.
Шарм медорам ба ҷои он ҳама бемоягон,
Ки ба як мисқоли худ хирворҳо хоҳанд дошт.

Шукр гӯям толеамро, ки насибам сохтаст
Ҳамзамонии ҳама эъҷозҳо, парвозҳо,
Чун Гагарин гар набошам аввалин кайҳонкушо,
Кардаам парвозҳое дар ҷаҳони розҳо.

Шукр гӯям ҳастиро, к-аз шавқ меҷӯшад дилам,
Гар наҷӯшад дил, бисоти умр рангин аз куҷост?
Шукр гӯям ҳар тапишро, ки нидои зиндагист,
Гар набошам, ин ҳама эҳсоси ширин аз куҷост!?

* * *

Миёни ин ҳама ғавғои ҳастӣ –
Ҷаҳони пуртазоди орзуҳо,
Миёни корзори ақлу эҳсос –
Ҷаҳони пуршикасти ҷустуҷӯҳо,
Ҳама дорем қутби норасида,
Ҳама дорем субҳи нодамида.

Ҳама гулчини боғи орзуем,
Зи худ розиву бахши рӯзгорон,
Вале ҳарчанд гул чинему чинем
Баҳорон ё пас аз ҷӯши баҳорон,
Ҳама дорем гулҳои наруста,
Хуморе, орзуе ношикаста.

Ҷаҳон қурбонгаҳи ҷону ҷигарҳост,
Ҷаҳон сарбозӣ асту сарфарозист,
Валекин бо ҳама фарру бузургӣ
Мукаммал нест он, к-аз хеш розист.
Ҳама дорем роҳи нонавашта,
Ҳама дорем шеъри нонавишта.

Ҳама дар дил суруди носуруда
Ниҳон дар сина як пайғом дорем,
Як оҳанге, ки меҷӯшад баногоҳ –
Хурӯши дар забон беном дорем.
Ҳама дорем кони нокушуда,
Ҳама дорем нақди норабуда.

Ҳама як махзани накшода дар дил,
Ҳама як ишқи новарзида дорем.
Ҳама як орзуи нобасомон,
Ҳама як ёри нобӯсида дорем.
Ҳама дорем оҳи нокашида,
Ҳама дорем заҳри ночашида...

* * *

Падарам, эй падари деҳқонам,
Ту ҳамехостӣ деҳқон бошам.
Наравам як қадам аз деҳ берун,
Бандаи мазҳабу имон бошам.

Ту ҳамехостӣ Қуръон хонам,
Ки аз ӯ маърифате боло нест.
Ту ҳамехостӣ мулло бошам,
Баски дар деҳкада як мулло нест.

Ту ҳамехостӣ, ки ҳамраҳи ту
Тухм пошам ба заминҳои куҳан,
Даравам гандуму хирман кӯбам,
Давр гардам чу ту гирди хирман.

Гоҳ додӣ ту ба дастам омоч,
Гоҳ додӣ ту ба ман гаврона,
То ки ин мазрааи бобоӣ
Нашавад киштгаҳи бегона...

Ту маро сохтӣ аз меҳнату дард,
Офаридӣ ту маро аз гили худ,
Парваридӣ ба тасаллою умед,
Додиам об зи хуни дили худ.

Лек, афсӯс, бибахшо бар ман,
К-аз тақозои ту берун рафтам,
Ошиқӣ бурд маро бо раҳи худ,
Гӯиё аз пайи Маҷнун рафтам.

Ишқ дар ман чи ҳунарҳо парвард,
Шеваи шоирӣ омӯхт маро,
Бурду овард ба сад шебу фароз,
Сӯхта, сохта, афрӯхт маро.

Пас чу ту қадри замин донистам,
Пас чу ту шахсару бебок шудам,
Ёфтам роҳ зи ҳар бероҳа,
Аз ҳама айбу гунаҳ пок шудам.

Падарам, боз бибахшо бар ман,
Гар на монанди ту ман деҳқонам,
Нусхаи поки туам дар дунё,
Ман саропой туро мемонам.

Гар зи деҳқонию аз барзгарӣ
Тухмпошӣ ба замин аст мурод,
Шоирӣ ҳам ба масал деҳқонист,
Ки кунад мазраи дилҳо обод.

Шоирӣ ҳам ба масал деҳқонист,
Шеър бунёди ҳама маснадҳост,
Шеър тухмест, ки сабзад дар дил,
Шеър «Қуръон»-и ҳама миллатҳост.

## ХОКИ ВАТАН

Тоҷикистон – мазҳари ман,
Сарзамини камзамин,
Ту саросар кӯҳсорӣ,
Ту саросар сангзорӣ,
Чунки фарзандони ту дар роҳи таърихи дароз
Ҳар куҷо рафтанд, мушге хок бо худ бурдаанд,
Чунки фарзандони ту дар ҷустуҷӯи бахти худ
Дар биёбонҳои тафсон дур аз ту мурдаанд.

Ҳар куҷо рафтанд маҳҷуру ғариб,
Аз фироқат ҷуфти онҳо нолаю андӯҳ шуд,
Ҷумла дар кӯи ғарибӣ хок гаштанд, эй дареғ,
Орзуҳошон дар ин ҷо санг басту кӯҳ шуд.

Ҳар куҷо рафтанд онон –
Ё ба Макка ё Мадина,
Ё ба ғурбат, ё тиҷорат,
Ё гуреза аз ҳама тазвиру кина,
Мушти хокатро ба киса ёдгорӣ бурдаанд,
То агар рӯзе бимиранд аз қазо,
Дар ғарибӣ бекасу беошно,
Хоки ту бошад нишони охирин...

Тоҷикистон! –
Сарзамини камзамин,
Хоки ту ин сон парешон гаштааст,
Бо ҳама хоки ҷаҳон ин гуна ҳамсон гаштааст.

Хоки ту
Бо сари пуршӯри Деваштич то Бағдод рафт,
Он сари аз тан ҷудо,
Аз ту ҷудо
Бо дод аз бедод рафт.

Хоки ту
Бо сари Рахшона то Юнон расид,
Бо ҳазорон нолаю афғон расид.
Монд дар Табрез бо наъши Камол,
Бо Замин омехт, то шуд безавол.

Хоки Ҳиндустон зи Бедил дил гирифт,
Наъши ӯ то ҷовидон манзил гирифт.
Бурд Сино то Ҳамадон хоки ту,
Монд он ҷо мушти хоки поки ту.

Он қадар тоҷик ҷуста булъаҷаб
Хонаи Аллаҳ ба саҳрои араб,
Мурдаву хоки туро бо хеш бурд,
Колбадро то бад-он саҳро супурд.

Хоки ту ин гуна кам шуд, кишварам,
Инчунин аз ашк нам шуд, кишварам.
Ҳар қадар, ки хоки ту барбод шуд,
Хоки дигар он қадар обод шуд...

Ин чи густохӣ? Маро маъзур дор,
Хоки ту кам шуд магар?
Хоки ту кам шуд ба миқдору фарохотар
ба арзу тӯл шуд,
Гарчи номат
Ҳамчу мулки кӯҳсорон дар ҷаҳон машҳур шуд.

Лек боке нест!
Баҳри он сангат зиёду кӯҳҳо-т,
То бисозӣ пайкара бар ёдгори он ҳама
Мардони пурҳасрат,
Ки хокатро парешон кардаанд.
Баҳри он мардон,
Ки номатро ба олам Тоҷикистон кардаанд.

Пайкара чандон тарошӣ, месазад
Бахри он мардон, ки хокатро кунун зар кардаанд,
Кӯҳҳоятро барои арзи меҳру дӯстӣ
Ин замон озод минбар кардаанд...

## АҲМАДИ ДОНИШ

Як ҷаҳон буд хору вомонда,
Ҳарфе аз худшиносӣ нохонда.
Монда дар инҳисори худ умре,
Пеши пои адӯ сар афшонда.

Як ҷаҳон буд дангу девона,
Дар Ватан қисмати ғарибона.
Гашта саркӯб як ҷаҳон уммед,
Орзу пойкӯби бегона.

Иддае масти муддаои худ,
Баста ишкелҳо ба пои худ.
Як ҷаҳоне на дузд, на дарбон,
Як ҷаҳон дузди хонаҳои худ.

Ҷоние чанд ҷонфишон буданд,
Камдиле чанд дилситон буданд,
Ходае чанд хушку пӯсида
Дар сари гӯри мурдагон буданд.

Аз Петербург – шаҳри исёнӣ
То Бухорои шаҳри нисёнӣ
Пайки тағйири қисмат овардӣ –
Пайки тағйири рӯзи инсонӣ...

Як ту бонии он Ватан будӣ,
Ҷангии ҷанги мову ман будӣ.
Ламъае дар шабони зулмонӣ,
Мухбири вақти хештан будӣ.

Як ту будӣ фидоии миллат,
Дар ғами ошноии миллат,
Ҳамчу як пешмаргаи пайкор
Баҳри мушкилкушоии миллат.

Як ҷаҳон буд кӯру ту бино,
Як ҷаҳон буд гунгу ту гӯё,
Як ҷаҳон буд ташнаю афсӯс,
Ҳам надонист, ки туӣ дарё...

* * *

Он лаҳза, ки дар хонаю дар шаҳр нагунҷӣ,
Дар хонаю дар шаҳр чи, дар даҳр нагунҷӣ,
Дарёб, ки ишқ аст!

Он лаҳза, ки хуршед ба болои сари туст,
Танҳо зи барои ту чу дасти падари туст,
Дарёб, ки ишқ аст!

Он лаҳза, ки дунё ба ту оғӯш кушояд,
Ҳар барг ба дидори ту садбарг намояд,
Дарёб, ки ишқ аст!

Он лаҳза, ки бо оина якрӯ бинишинӣ,
Дар дидаи худ шуълаи яздонӣ бибинӣ,
Дарёб, ки ишқ аст!

Он лаҳза, ки сар то қадамат оташу нур аст,
Он лаҳза, ки дар чашми ту ҳар санг булӯр аст,
Дарёб, ки ишқ аст!

Он лаҳза, ки дар хеш ба биноии дигар
Дарёбӣ баногоҳ ту зебоии дигар,
Дарёб, ки ишқ аст!

Он лаҳза бифаҳмӣ, ки туро умр на бод аст,
Беҳуда туро модари бечора назодаст,
Дарёб, ки ишқ аст!

* * *

Суғдиён ҳар гаҳ ба кӯи дӯст меҳмон мешуданд,
Дастовезе барои дӯст оташ доштанд.
Яъне, чун оташ фурӯзон буд дар дил меҳрашон,
Яъне, имону дили бедоғу беғаш доштанд.

То қадам монанд андар остони дӯстон,
Даври оташ чарх мегаштанд бо рақсу суруд,
То гуноҳи хешро сӯзанд дар оташ нахуст,
Пас ба кӯи дӯст по монанд бо арзи суҷуд.

Чун маро аз хоки поки суғдиён обу гил аст,
Оташи меҳрам ба дил манзил ба манзил меравам,
Хоҳ кӯи ишқ бошад, хоҳ кӯи дӯстон –
Ҳар куҷое меравам, бо оташи дил меравам...

## МУБОРАКБОДИ ИШҚ

Дар тобу табат бинам, бехоби шабат бинам,
Ҳар лаҳзаву ҳар соат ҳоли аҷабат бинам,
Доро шудаӣ, эй дил, ғамҳот муборак бод!

Аз санг шарар хоҳӣ, аз ёр назар хоҳӣ,
Аз мӯй мадад ҷӯӣ, аз ишқ асар хоҳӣ,
Бино шудаӣ, эй дил, пайдот муборак бод!

Лабрези ҳавасҳоӣ, саршори таманноӣ,
Дар сина намегунҷӣ аз шавқи дилорое,
Эҳё шудаӣ, эй дил, эҳёт муборак бод!

Паҳнои ҷаҳон гардӣ, пайдову ниҳон гардӣ,
Гаҳ сабзасифат рақсӣ, гаҳ барги хазон гардӣ,
«Ошиқ шудаӣ, эй дил, савдот муборак бод!»[1]

[1] Моли Шамси Табрезӣ.

Туғёни дигар дорӣ, ҷавлони дигар дорӣ,
Сар мезанӣ дар сина, тӯфони дигар дорӣ,
Дарё шудаӣ, эй дил, дарёт муборак бод!

Гаҳ ҳоли ман омӯзӣ, гаҳ дар ғами худ сӯзӣ,
Гаҳ шуъла занӣ печон, то ҳастиям афрӯзӣ,
Зебо шудаӣ, эй дил, дунёт муборак бод!

* * *

Мезанад борон ба шиша
Тора-тора, ришта-ришта.
Шеърҳоям нимкора,
Саргузаштам нонавишта.

Мезанад борон ба шиша
Ҳамчу ангушти фаришта.
Хотиротам мисли борон
Бигзарад аз кӯҳу пушта.

Мезанад борон ба шиша
Қарзхоҳона думушта.
Ҷомҳоям нимахӯрда,
Зиндагиям бесаришта.

Ними умрам монда ё на,
Нимаи хубаш гузашта.
Дафтарам холист, холӣ
Чун заминҳои накишта.

Бигзарам ман ҳам чу борон
Як замон з-ин кӯҳу пушта.
Ман биҳишта оламеро
Ё маро олам биҳишта...

Ёбадам як рӯз борон
Аз сари олам гузашта,
Ё наканда қарзи дилро,
Ё васият нонавишта...

## ИФТИХОР

Дар миёни кӯҳсорон сахтҷонам зодаанд,
Дар раҳи куҳсор баҳри имтиҳонам зодаанд,
Волидайни бенишонам чун нишонам зодаанд,
Дар диёри камзамине бекаронам зодаанд.

Гарчи мегуфтанд: аз қисмат бувад фардои ман,
Гарчи мегуфтанд: серӯзӣ бувад дунёи ман,
Гарчи дар гаҳвора мебастанд дасту пои ман,
Дар замин баҳри талоши осмонам зодаанд.

Дар миёни чор девори баланди кӯҳҳо,
Ки гаронӣ мекунад бар кӯҳҳо андӯҳҳо,
Дар радифи қуллаҳои посбони рӯҳҳо
Бо дили бедору бо рӯҳи ҷавонам зодаанд.

Бо дуои мӯсафедони худотарсу баор,
Бесавод, аммо саводомӯзи сад омӯзгор,
Бо шарофатҳои кампирҳои нимҷон ҷоннисор
Баҳри ҳоло, баҳри фардои замонам зодаанд.

Ман аз ин сон бесаводон сӯхтан омӯхтам,
Аз сафои сураи Қуръон сухан омӯхтам,
Аз китоби зери болинам Ватан омӯхтам –
Дар диёри байту шеъру достонам зодаанд.

Гарчи дар базми бузургон кӯдаки гаҳвораам,
Бо ҳама камзарфии худ ҷузви ин сайёраам,
Шоирам ё ошиқам, майхора ё ғамхораам,
Ҳар ки ҳам бошам, ба қасди душманонам зодаанд...

Дар миёни кӯҳсорон кӯҳсонам зодаанд,
Бо ғурури қуллаҳо ҳамошёнам зодаанд,
Дар канори чашмае баҳри дамонам зодаанд,
Дар деҳи хурде барои сад ҷаҳонам зодаанд!

## ХОКРӮБ

Дар кӯчаҳои шаҳр
Ҳар субҳдам нигар –
Пири хамидае,
Меҳнаткашидае
Ҷорӯб мезанад.

Дар мижжаҳои ӯ
Хобида гардҳост.
Дар кӯзапушти ӯ
Зардоби дардҳост.

Мурдасту зинда аст
Чанде дар ин ҷаҳон.
Умраш хазон шуда,
Рӯбад зи раҳ хазон.

З-ин раҳ ҷавонияш
Кайҳо гузаштааст.
З-ин раҳ зи дӯши ӯ
Дунё гузаштааст.

Рӯзаш шудаст шом,
Ӯ субҳҷӯ ҳанӯз.
Хезад ҳама саҳар
Бар пешвози рӯз.

Хаш-хаш дами саҳар
Дар кӯчаҳои шаҳр
Ҷорӯб мезанад,
Аз бахри Офтоб
Раҳ тоза мекунад...

## НАМАКИ ХАЛҚ

Гарчи шоир минбари виҷдони халқ аст,
Гарчи шоир ровии армони халқ аст,
Нони шоир аз сухан не,
Нони шоир нони халқ аст.

Халқ мехоҳад, ки дар шеъру сухан
Ахтари иқболи ӯ тобон шавад.
Халқ мехоҳад, ки рӯи сафҳае
Ғунчаи армони ӯ хандон шавад.
Шоире гар соҳиби девон шавад, дарёфт нест,
Халқ бояд соҳиби девон шавад.
Дар радифи ин Зафароботу Файзободҳо
Як Суханобод ҳам бунён шавад –
Як Суханобод – шаҳри ростӣ,
Шаҳре аз виҷдону ҳиммат,
Аз муҳаббат, аз саодат!

Баҳри ин дар тӯли ҳар даҳсолаю садсолаҳо
Дар ҷабини шоири андешаманде
Ҷумла фикру дарду табъу завқи худро,
Ҷумла эҳсоси дақиқу шодию ҳам шавқи худро
Бо чи нийятҳо таҷассум мекунад,
То ба ҳаққи он ҳама нону намак
Шоираш гӯяд каломи бонамак...

Халқи мо аз батни модар шоир аст,
Шоири аз кулли шоирҳои дунё қодир аст,
Лек гарчи Рӯдакию Ҳофизу Хайёмҳояш будаанд,
Лек гарчи Айниву Лоҳутиву
Мирзои Турсунзода дорад,
Боз ҳам дорад ба шоир эҳтиёҷ,
Шоире, то шеърҳои гуфтаву ногуфтаашро
Боз гӯётар бигӯяд,
Боз бурро,
Боз гиро,
Боз аълотар бигӯяд!

Гарчи ҳар дам
Аз таҳи ҳар санги Кӯлобу Хуҷанд,
Аз таҳи ҳар санги Масчоҳу Ҳисору Рашту Дарвоз
Байт мерӯяд чу торон,
Шеър месабзад ба сони сабзаҳои навбаҳорон,
Бо рубоӣ мебарояд кишти деҳқон,
Бо дубайтӣ медурахшад ҳусни инсон,
Гарчи ҳар дам –
Аз замини сахти кӯҳистон сухан сар мезанад,
Дар фазои танги кӯҳистон сухан пар мезанад,
Халқи шоиртабъи мо
Боз ҳам дорад ба шоир эҳтиёҷ,
Шоире то эътибору шуҳраташро
бахри ҳар инсон бигӯяд,
Аз замин то торами кайҳон бигӯяд.

Халқи шоирзоди мо
Месарояд шеъри худро
Дар намуди пунбазорон, ки беҳ аз шеъри сафед аст,
Дар намуди барқи Норак, ки умеди равшани ӯст,
Дар намуди ҳар ниҳоле, ки бараш ишқу умед аст.
Киштзоронаш, ки дон бастанд, «Девони кабир»-анд.
Ҳосили уммеди мардони кабиранд.
Месарояд шеъри оламгири худро
Бо каланду белу мисрон,
Бо сипору пойдосу доси деҳқон,
Шеъри хокӣ, шеъри лалмӣ, шеъри обӣ,
Шеъри деҳқонӣ – суруди офтобӣ...

Лек бо ин табъи яздонии худ
Боз ҳам дорад ба шоир эҳтиёҷ,
Шоире, то меҳнати ӯро ситояд,
Шоире, то қудрати ӯро ситояд.

Шоире пайваста гар шеъри замонгираш нагуфт,
Достоне лоиқи рӯҳи ҷаҳонгираш нагуфт,

Дар ҳақи нону намак гар гуфт шеъри бенамак,
Он намак бешубҳа кӯраш мекунад,
Нони халқаш мезанад.

## ДАР ҚАТОРИ ҚУЛЛАҲОИ ТОҶИКИСТОН

Дар қатори қуллаҳои Тоҷикистон,
Дар қатори қуллаҳои сангу хок
Қуллаи дигар ба гардун сар кашид –
Қуллаи шеъри баланду рӯҳи пок.
Қуллае андар қатори сад ҳазорон қуллаҳо –
Қуллаи шеъри баланду сода аст,
Қуллаи Мирзои Турсунзода аст.

Баъд аз ин, эй дӯстон,
Эй ҳама даъвогарони тахти шеъру достон,
Дар баландӣ ошён мондан кам аст,
Шеъри худ бар ёри худ хондан кам аст...

Гар шумо аҷдоди ӯед,
Гар шумо авлоди ӯед,
Гар шумо аз шеъри ӯ рӯи ҷаҳонро дидаед,
Ҳамчу набзи хештан набзи замон санҷидаед,
Гар шумо дидед, чун як фард олам мешавад,
Оламеро мезанад бар олам, Одам мешавад;

Гар шумо дар ҷашни дафни ӯ сиришк афшондаед,
Мисрае бар ёди ӯ аз достонаш хондаед;
Беш аз ин,
Гар шумо аз кӯҳсоред;
Беш аз ин,
Гар шумо аз ин диёри номдоред;
Беш аз ин,
Гар шумо номуси миллӣ дар вуҷуду зоти худ доред,
Дар баландиҳои кӯҳҳо ошён мондан кам аст,
Ошёне
Дар баландии мақоми ӯ гузоред!

## ВОРИСОН

Ояд аз шеъру сухан бӯи Ватан,
Бинам аз рӯи сухан рӯи Ватан.
Ҳар ки нерӯманд бошад дар ҳунар,
Такя дорад гар ба нерӯи Ватан.
Шоирӣ аслан ватандорӣ бувад,
На суханбофӣ ба ҳар кӯи Ватан.
Шоирӣ он аст, ки бо савқи шеър
Беватанро оварад сӯи Ватан.

Шеър аз меҳри Ватан сар мезанад,
Дар фазои ҷовидон пар мезанад.
Бо фалакпаймо ба кайҳон мепарад,
Сикка бар моҳу ба ахтар мезанад.
Мисли Айнӣ баҳри мардум хешро
Гаҳ ба зиндон, гаҳ ба минбар мезанад.
Мисли Турсунзода бо пайғоми сулҳ
Қитъа-қитъа ҳалқа бар дар мезанад.

Қасди шоир аз сухан одамгарист,
Бехудиҳояш ҳама шӯроварист.
Гетиро хуршед агар равшан кунад,
Синаҳоро – кори шеъру шоирист.
Дар ғами дунё дили худ мехурад,
Дар ҷаҳон то ҷабру зулми барбарист,
Алғараз, бо як сари шӯридааш
Бо тамоми халқи олам ҳамсарист.

Кист мегӯяд, ки мо як беғамем?
Мо дар ин дунё фидои одамем!
Хуни инсон ҳар куҷо дарё шавад,
Мо чу дарёи баҳорон медамем.
Шоирони хуб андар зери хок,
Мурдаю зинда агарчи мо камем,
То бувад олам ба роҳи Инқилоб,
Аскарони Инқилоби оламем!

Мо ҳам аз мардони меҳнатзодаем,
Сина бар амри Ватан бикшодаем.
Баҳри ҷуброни ҳама қарзи замон
Ҷумла дар поси замон истодаем.
Гар ҳама дороии мо як дил аст,
Дил ба рӯи дасти даврон додаем.
Ҳам ба азму ҳам ба назму ҳам ба разм
Пайрави Айниву Турсунзодаем!

## ТАҚЛИДИ МАВЛАВӢ

Ман ошиқи дарёстам,
Пуршӯру пурсавдостам.
То навбати дунё марост,
Дунёстам, дунёстам.

Ман лоиқи номи худам,
Фарзанди айёми худам.
Бо ҳусни оғозе, ки буд,
Ман ҳусни анҷоми худам.

То он даме, ки ман манам,
Милён сарам, милён танам.
Ман сад ҳазорон ҷону дил
Дар ҷилди як пироҳанам.

Гаҳ таъна бар дунё занам,
Гаҳ рахна бар дилҳо занам.
Гаҳ ҳар чӣ ояд пеши рӯ,
Бефарқ пушти по занам.

Гоҳе сияҳмастӣ кунам,
То шукри ин ҳастӣ кунам.
Дар қуллаи табъи баланд,
Эй вой, агар пастӣ кунам.

Гаҳ худшикан, гаҳ бутшикан,
Гаҳ худ ба худ, гаҳ анҷуман.
Гаҳ дар замин, гаҳ дар фалак
Фориғ зи баҳси мову ман –

Ман шоири дилдодаам.
Дар кӯи дил афтодаам.
Гаҳ чун замон печидакор,
Гоҳе чу байти содаам.

Эй, ки намедонӣ маро,
Бо ман макун чуну чаро,
Бе шоиру ошиқ, бидон,
Дунё шавад мотамсаро.

Шоир ба савдояш хуш аст,
Бо ҷони шайдояш хуш аст.
Ҳатто ба наздики худо
Бо бехудиҳояш хуш аст.

Шеърам ниёзи ишқ буд,
Сӯзу гудози ишқ буд.
Шебу фарози байтҳом
Шебу фарози ишқ буд.

Дил дода, дилбар ёфтам,
Сар дода, сарвар ёфтам.
Гул чида, пажмурдам чу гул,
Ғам хӯрда, соғар ёфтам.

Гоҳе зи худ ғофил шудам,
Дарёи бесоҳил шудам.
Гаҳ дар диёри хештан
Муҳтоҷи як манзил шудам.

Гоҳе чу гул пурхандаам,
Гоҳе зи худ шармандаам.
Ман ҳар киям, ман ҳар чиям
То он даме, ки зиндаам,

Ман ифтихори ҳастиям,
Ман эътибори ҳастиям.
Бо ҷумла бори меҳнаташ
Миннатгузори ҳастиям.

Ман як қалам туғёнгарам,
Исёнгарам, исёнгарам.
Бо ҷумла иллатҳои худ
Инсонгарам, инсонгарам!

* * *

Ало, эй Шаҳрзоди ман,
Ало, афсонасози умрбоди ман,
Шабе дигар, даме дигар
Бигӯ афсонае аз олами дигар,
Ки шояд аз табутоби дили пурормони ман
Ҳазор оташ фурӯ мурда, табе монда,
Ки аз умри ҳазору як шаби пурдостони ман
Ҳазораш рафтаву шояд шабе монда...

Ба ҷонам ларза меафтад, чу шабҳо
Биандешам зи бозиҳои дунё –
Биандешам, ки дар поёни роҳи пурхатои худ
Туро гум мекунам рӯзе...

Худоё!
Ту аз ман меравӣ он сон, ки рӯзе омадӣ, аммо
Ту аз ман меравӣ он сон, ки нур аз чашм хоҳад рафт,
Ту аз ман меравӣ он сон, ки аз дил шавқ хоҳад рафт.
Ту аз ман меравӣ он сон, ки барфи домани кӯҳҳо
Баҳорон меравад доманкашон аз ҷо.

Ту аз ман меравӣ он сон, ки бандад кӯч базми
булбулони масту шӯрида
Зи бустони хазондида ба гулзори писандида...
Ту аз ман лаҳза-лаҳза дур хоҳӣ шуд,
Фақат дар хобҳову ёдҳо манзур хоҳӣ шуд.

Худоё, ин чи ҳазён аст?
Худоё, ин чи олоист?
Муроди ман аз ин шеъри пур аз ҳазёну олоӣ
На он буда, ки гӯям шарҳи андӯҳу ҷудоиро.
Муродам буд, то шукри нафасҳои туро гӯям,
Муродам буд, то шукри саропои туро гӯям
Ва ҳам гӯям,
Ки шояд аз табутоби дили пурормони ман
Ҳазор оташ фурӯ мурда, табе монда...
Ва ҳам гӯям,
Ки аз умри ҳазору як шаби пурдостони ман
Ҳазораш рафтаву шояд шабе монда...

* * *

Ман аз чашми ту метарсам,
Аз он чашми пурафсуни ту метарсам.
Чу ҳар дам мешавад кам гармҷӯшиҳои эҳсосам,
Зи ҳусни рӯзафзуни ту метарсам.

Баҳори ман,
Баҳори ошиқии ман гузаштаст.
Туро мебинаму дил андаруни сина метаркад,
Ҳавасҳое диламро чун паланги захмхӯрда
мезанад чангол,
Ба ин ҳоли пареш аз қадди мавзуни ту метарсам.

Чи гӯям?
Чи гӯям ман, к-аз он ногуфтанам беҳ!
Дилам хоҳад, ки дил бандам,
Вале дар синаам дил нест.
Ҳама тарсанд аз таҳдиди қонунҳо,
Ман аз таҳдиди қонуни ту метарсам.

* * *

Баҳор мешавад...
Баҳори пурнигор мешавад.
Замини хотироти ман
Бунафшазор мешавад.
Ба ёди нозҳои кӯдаконаат
Дилам хумор мешавад.

Чи рӯзҳо гузаштаанд,
Ки ман туро надидаам.
Чи дардҳо гузаштаанд,
Ки баҳри ту кашидаам,
Ту – бахти ношинохта,
Ситеғи норасидаам!
Туро чу ёд оварам,
Дилам фигор мешавад.

Ту рафтию зи баъди ту
Баҳори гулфишон гузашт.
Ту рафтию ба ёди ту
Ҷавонӣ бенишон гузашт.
Ту рафтию умедҳо
Чу абри осмон гузашт.
Ба чашми хеш дидаам,
Ки ишқ хор мешавад...

Зи осмони ишқи ман
Ту ахтари фитодаӣ.
Ба кӯҳи орзуи ман
Ту кони нокушодаӣ.
Ба базми зиндагониам
Нахӯрда ҷоми бодаӣ.
Дилам ба ҳаққи ҳусни ту
Ҳамора зор мешавад...

* * *

Аввали ишқ – осмони баланд,
Охири ишқ – хоки домангир.
Аввали ишқ – орзуҳо гарм,
Охири ишқ – орзуҳо пир.

Аввали ишқ – даст бар гардан,
Охири ишқ – дастудилшӯӣ.
Аввали ишқ – рӯ ба рӯи ёр,
Охири ишқ – рӯ ба берӯӣ.

Аввали ишқ – гул ба кокулҳо,
Охири ишқ – мушти хору хас.
Аввали ишқ – соҳиби дунё,
Охири ишқ – мурдаи бекас.

Аввали ишқ – лофи мардона,
Охири ишқ – туҳмати номард.
Аввали ишқ – синаи пуршӯр,
Охири ишқ – синаи пурдард.

Аввали ишқ – бӯсаи ширин,
Охири ишқ – талху шӯриҳо.
Аввали ишқ – нашъаи дидор,
Охири ишқ – заҳри дуриҳо.

Аввали ишқ – гулфишони баҳор,
Охири ишқ – баргрезиҳост.
Аввали ишқ – аввали дунё,
Охири ишқ – охири дунёст!

* * *

Дидаам дилрезаҳое, ки радифи дил нашуд,
Соҳибунвоне басе дидам, яке фозил нашуд.
Зиндагӣ, гар устоди мо туӣ, бепарда гӯй,
Аз чи шогирдони як мактаб ҳама оқил нашуд?!

Ошиқе андар сари паймон зи дунё бигзарад,
Шоири бедордил бо ҷони шайдо бигзарад.
Зиндагӣ, гар раҳбари моӣ, чаро тардомане
Пой тар нокарда, аз гирдоби дарё бигзарад?!

Чоплусе, ноҷавонмарде қасамҳо бишканад,
Нашканад тарфи кулаҳ, аммо ҷаҳон барҳам занад.
Зиндагӣ, гар довари якрӯй бошӣ, пас чаро
Аблаҳе аз бом афтад, гардани мо бишканад?!

## ВОПАСИН НАФАСИ ХАЙЁМ

Илоҷи дард ҷустан дар ҳама ҳол
Зи тибби Бӯалӣ кори наҷиб аст,
Вале баҳри ҳакиме мисли Хайём
«Шифо»-ро хонда, ҷон додан аҷиб аст.

Намеҷуст аз «Шифо» Хайём сеҳре,
Ки сад соли дигар умраш физояд,
Фақат мехост андар вопасин дам
«Шифо»-ро чун дари дунё кушояд.

Фақат мехост бо чашмони Сино
Назар созад ба чашми марг боре.
Фақат мехост андар бистари марг
Варо Сино кунад бемордорӣ.

«Шифо»-ро боз карду чашм пӯшид,
Тамоми дардҳояш бедаво монд.
Миёни сафҳаҳои тибби Сино
Нигоҳи мурдаи дардошно монд.

Ва инак мекушоям ман «Шифо»-ро,
Дилам пур захми носур асту носур,
Ба ҳар захме, ки андар сина дорам,
Ҳама офоқ маъзур асту маъзур.

Ба кулли дардҳои ҷовидона,
Ба ҳар дарде, ки бошад ҷурми айём,
Шифобахшӣ гар аз дастам наояд,
«Шифо»-ро хонда, мемирам чу Хайём...

## ШЕЪРЕ, КИ ХОБ ДИДАМ

Шабонгоҳон чу меафтад ситора
Зи базми ахтарони бешумора,
Хаёлам, бозмегардад зи парвози фалакгире
Ба сӯи ин замин
Аз осмонҳо Экзюперӣ.

Шабонгоҳон чу меафтад ситора
Зи тоқи осмони беканора,
Хаёлам, бозмегардад ба он шӯхию он шангӣ
Ба базми ин замин
Аз осмонҳо Зуҳраи чангӣ.

Агар афтад ситора дар дили шабҳо,
Хаёлам, аз само рӯи фалакпаймо
Гагарин бозмеояд зи парвози нахустинаш,
Заминро мекунад оғӯш эъҷози нахустинаш.

Шабонгоҳон чу андар соҳати кайҳон
Бибинам тори равшан аз пайи ҳар ахтари паррон,
Хаёлам, лираи гумгаштаи Орфей шавад пайдо,
Ба гӯши мо кунад хунё.

Чу ояд ахтаре сарзер аз гардун,
Хаёлам, бо сари шӯридаву пурхун
Петефӣ аз миёни корзорон зинда меояд
Ва Лорка
Бо гитору бо лаби пурханда меояд...

Худовандо!
Намедонам чи фол асту чи таъбире,

Ки ман ин шеърро
Дар хоб дидам вақти шабгире,
Ки худ парвоз мекардам ба сӯи осмони дур,
Ки худ парвоз мекардам ба сӯи ахтарони дур...

## ФАХРИЯ

Асли ман шеъру ғазалҳои мананд,
На ҳамин шӯру мағалҳои мананд.

Ман агар риндиву мастӣ кардаам,
Хотири инсонпарастӣ кардаам...

Ман агар девонагиҳо доштам,
Яъне, бори дарди дунё доштам.

Дар ҷаҳон бо ҷумла бурду бохтам
Ман ҷаҳони хешро ҳам сохтам.

Баҳри тамйизи баду неки ҷаҳон
Бохтам ҷону дилу умри ҷавон.

Аз лаби дарё нарафтам хушклаб,
Беадаб будам ба мизони адаб.

Дида эй бас гарму сарди ошиқӣ,
Шеърҳо гуфтам зи дарди ошиқӣ.

Он ҳама шеъре, ки аз дил гуфтаам,
Баҳри он шириншамоил гуфтаам.

Ишқи ӯ тӯфонзамирам карду рафт,
Бо ҷавониҳо-ш пирам карду рафт.

Пеши ҷонон чунки ҷон афшондаам,
Қолаби берӯҳу беҷон мондаам.

Гарчи рӯзе аз диёрам мебаранд,
Аз Мазорам[1] бар мазорам мебаранд,

Боз ҳам аз ишқ сӯзад гӯри ман
Чун дили ман, чун дили пуршӯри ман.

То ғамам бар ёди ҷонон мерасад,
Сӯзи ҷонам кай ба поён мерасад?

Баъди мурдан ҳам дилам бебарг нест,
Интиҳои ман ҳамин як марг нест.

Марг агар қатъи равони ман бувад,
То куҷо қатъи ҷаҳони ман бувад?!

Ибтидои ман – деҳи хурди Мазор,
Интиҳои ман – ҷаҳони беканор!..

* * *

Барои он ҳама дунёи эъҷоз,
Барои он ҳама ангези парвоз,
Барои он ҳама иршоду илҳом,
Барои он ҳама оғозу анҷом,
Барои он ҳама сӯзу гудози ман
Ман аз ту розиам, эй ҳамниёзи ман!

Барои он ҳама оташ,
Ки дар ҷони мани девона месӯзад,
Барои он шарори дил,
Ки ҳастии маро мардона месӯзад,
Барои шуълаҳои поксӯзи ишқ,
Ки баъди марг чун шамъи мазори ман
Миёни сатрҳои шеър ҷовидона месӯзад,
Ман аз ту розиам, эй ғамгусори ман!

[1] Мазор – Мазори Шариф, зодгоҳи гӯянда.

Маро, ки то кунун дониста будам манзили зан чист,
Ту фаҳмондӣ, ки дунёи дили зан чист.
Ту фаҳмондӣ, ки зан дар ишқ монанди Табиат
Бо Моҳу бо Офтобу бо ҳама сайёраҳои дуру наздик
Офаридгор аст,
Ту фаҳмондӣ, ки зан ҳамчун Худованди таоло
Зи пайғамбартарошон сахт безор аст.

Ту дар ман баҳри ман дарёфтӣ он махзанеро,
Ки гӯӣ, ҳуфрагар
Андар замини ҳафриёти бостон ёбад
Баногаҳ кӯзаи тилло –
Бигирад, пок созад аз ғубору гард,
Ҷилояшро бибинад дар нигоҳи шуълаи хуршед...
Ту дар ман ёфтӣ сад махзани ноёб,
Ту дар ман ёфтӣ сад махзани уммед.

Маро, ки чашмае будам,
Ба дарё ошно кардӣ.
Маро, ки дар замин будам,
Ту ҳамдӯши само кардӣ...

Чи гӯям боз, эй ҳусни ҳаёти ман?
Чи гӯям боз, эй парвози ёди ман?
Барои чашми тобонат,
Барои атри зулфонат,
Барои ҳар сухан,
Ҳар нома,
Ҳар занги телефонат,
Барои хилқати зебопарасти ту,
Барои он, ки ҳастӣ ту,
Ман аз ту розиам, то зиндагиро роҳу манзил ҳаст,
Ман аз ту розиам, то ҳастаму дар синаам дил ҳаст...

* * *

Пас аз чандин сабуриҳо
Ту аз дур омадӣ, аз дури дуриҳо,
Нигоҳат ташнагиҳои муҳаббат дошт,
Садоят ташнагиҳои саодат дошт.

Пас аз он пурғуруриҳо
Ту аз дур омадӣ, аз дури дуриҳо
Зи худ вораставу бо дил напайваста –
Дили сад бор бишкаста...

Пас аз он бевафоиҳо,
Зи ҷони худ ҷудоиҳо
Маро дарёфтӣ аз шеърҳои дардолудам,
Ки аз дурии ту ҳам ҷону дил, ҳам хома фарсудам.

Пас аз чандин ғам овардан,
Пас аз қадди расоямро хам овардан,
Чи гӯям баҳри таскину тасаллоят?
Чи посух месазад баҳри тазаррову таваллоят?

Чи гӯям, эй умеди мурдаи ман,
Ки ишқи одамӣ ҳам мисли ҷони одамӣ як бор
мемирад,
Дигар эҳё нахоҳад шуд,
Дигар он гумшуда пайдо нахоҳад шуд.

Агар дар шеърҳои ман маро дидӣ,
Агар худрову ишқи бебарори мурдаро дидӣ,
Ба зону бар замин биншину омин кун,
Зи ашки лолагун рухсора рангин кун.

Ва бар ман бин миёни байтҳои дардолудам,
Ки вақте ошиқат будам,
Ки қадрашро надонистӣ
Ва ё дарвақт донистан натонистӣ...

Агар хоҳӣ, бигӯям бо ҳама овоз,
Ки аз он шеърҳои пур зи сӯзу соз
Ҳама фармуди ишқи номуроди туст
Ва ҳам аз ман дуои шодбоди туст!

## УМРИ БУЛБУЛ

Умри булбул кӯтаҳ аст.
Бечора булбул
    бо ҳама ширинадоӣ,
    бо ҳама рангиннавоӣ,
    бо ҳама гулдӯстдорӣ,
    бо ҳама фарёду зорӣ
    беш аз як сол умраш нест, афсӯс!

Балки ҷои нолаю афсӯс ҳам нест.
Бар чунин як умри кӯтаҳ низ
    шукр гӯяд ошиқи гул –
    ошиқи бехоб – булбул.

Зоғ механдад ба умраш,
Ғулба механдад ба шукраш,
Лошахор аз лобалои лошаҳо
    талх механдад ба ҳолаш,
                    к-ин чи рӯзею чи умре?
Ин чи ҷои миннату шукре? –
Чанд шаб дар ҳасрати дидори гул нолида рафт,
Субҳ хуфту чеҳраи хандони гул нодида рафт,
    боз шукри умр мехонад,
    боз худро шод медонад,
    ё ки ақлаш мисли умраш кӯтаҳ аст?

Булбули шӯрида механдад,
    балки рӯҳи булбули шӯрида механдад
    ба рӯзу рӯзгори лошахор,
    ҳам ба ҳоли ғулбаи дузд,
    ҳам ба саргинхории зоғи сияҳкор...

«Гарчи сад сол умр мебинед,
Такрори ҳам аст,
Он чи ман дар чор фасли сол –
Як соли ҳаёти хештан дидам,
шумо сад сол ҳам баъди сари ман,
гарчи ҳам доред нерӯи паридан,
гарчи ҳам доред нерӯи ба мурдоре расидан,
меҳнати ин умри кӯтоҳи маро,
лаззати ин умри кӯтоҳи маро,
қимати ин умри кӯтоҳи маро,
ҳикмати ин умри кӯтоҳи маро
ҳаргиз намебинед!

Чунки ман бе шақ-шақу бе коғ-коғ
Хандаи гул ҷустам аз боғе ба боғ.
Чунки ман бо табъи олӣ оҳу зорӣ кардаам,
На чу каргас бо пару боли қавӣ
бо умри афзун лошахорӣ кардаам...

Эй шумо, бемоягони дерсол,
    чор фасли сол
        агар сад сол ҳам кардед умр,
            мешавад такрор ҳар сол,
            мешавад ҳар сол такрор.
Умри кӯтаҳ беҳ зи хории дароз аст.

Шодбахтам ман, ки умрам кӯтаҳ аст,
    баски ман дар чор фасли сол –
        як соли ҳаёти кӯтаҳи хеш
            умр кардам ошиқона,
            ҳам бимурдам ошиқона
            бо суруду бо тарона!»

* * *

Ман дар ин дунё чи дунё доштам?
Ишқи сӯзон, ҷони шайдо доштам,
Меҳри афзун, ёри якто доштам,
Рози пинҳон, доғи пайдо доштам,
Як дили ҳамшӯри дарё доштам.

Ман дар ин дунё чи дунё доштам?
Як кафи бозе чу паҳно доштам,
Як тани танҳои танҳо доштам,
Як дили бо ҷумла дилҳо доштам,
Дар дили имрӯз фардо доштам.

Ман дар ин дунё чи дунё доштам?
Як сари қурбони сарҳо доштам,
Гӯшае бо ҳамназарҳо доштам,
Тӯшае бо ҳамсафарҳо доштам,
Яъне, девони ғазалҳо доштам.

Ман дар ин дунё чи дунё доштам?
На тавалло, на тазарро доштам,
На муросо, на мудоро доштам,
Ҷоннисорон, ман шуморо доштам,
Ҳақгузорон, ман шуморо доштам!

## СОҚИНОМАИ ИМРӮЗИН

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки наздик созад раҳи дури мо.
Бидеҳ, соқӣ, он май, ки ман Мо шавем,
Ҳама дар такопӯи фардо шавем,
Зи ҳар ҷо биёему якҷо шавем,
Ҳама қатраҳоему дарё шавем,
Ҳама волаи ҳусни воло шавем,
Зи пастии худкомӣ боло шавем.
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки наздик созад раҳи дури мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки бино шавад дидаи кӯри мо.
Бидеҳ соғаре, то нишотам диҳад,
Зи марги муаллақ баротам диҳад,
Зи шарри камонҳо наҷотам диҳад,
Ба саҳни чаманҳо бисотам диҳад,
Ба матни замона суботам диҳад,
Ба батни замона ҳаётам диҳад.
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки бино шавад дидаи кӯри мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки равшан шавад хонаи гӯри мо.
Бидеҳ он сабӯе, ки нирӯ диҳад,
Равонро маконе зи минӯ диҳад,
Ба ҳар оҳамон доди ёҳу диҳад,
Амонмон зи ҳар ҷурму оҳу[1] диҳад,
Ба миллат раҳу рӯи яксӯ диҳад,
Ба бешу ками мо тарозу диҳад.
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки равшан шавад хонаи гӯри мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки Рустам шавад ҳар яке пури[2] мо.
Бидеҳ косае, то писарҳои мо
Бибошанд ҳар ҷо сипарҳои мо;
Ки тифлони ширу шакархои мо
Биболанд пеши назарҳои мо;
Ки пайваста бошад сафарҳои мо
Қадам дар қадам бо зафарҳои мо.
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки Рустам шавад ҳар яке пури мо!

[1] Оҳу – гуноҳ, базаҳ.
[2] Пур – писар.

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки равшан шавад шоми дайҷури[1] мо,
Ки хокистари мо шарор оварад,
Ки сарпастии мо манор оварад,
Ки барги хазонмон баҳор оварад,
Ки дуди дадон аз димор оварад,
Ки рӯҳи падарҳо барор оварад,
Ки самти назарҳо ба бор[2] оварад.
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки равшан шавад шоми дайҷури мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки мирад зи ғам хасми манфури мо.
Бинӯшему донем, худхоҳ кист,
Бинӯшему донем, худкоҳ кист,
Бинӯшему донем, гумроҳ кист,
Ки ҷонкоҳи ин гоҳу даргоҳ кист,
Худогоҳ кисту дилогоҳ кист,
Парешонии мо ба дилхоҳи кист.
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки мирад зи ғам хасми манфури мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки афзун шавад ганҷи ганҷури мо.
Бидеҳ соғаре, то ки пулдорҳо
Нашинанд боло зи дилдорҳо;
Ки гулчеҳрагонро ба гулзорҳо
Фароҳам шавад файзи дидорҳо;
Ки аз фазли асрори тӯморҳо
Бимиранд андӯҳу тиморҳо[3].
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки афзун шавад ганҷи ганҷури мо!

[1] Дайҷур – торик.
[2] Бор – боргоҳ.
[3] Тимор – ғам.

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки камтар шавад ранҷи ранҷури мо,
Ки дар хоки Меҳан миҳан[1] кам кашем,
Мабодо, ки дар чолаҳо[2] нам кашем.
Мабодо, ки дар дил фақат ғам кашем,
Мабодо, ки тобуту мотам кашем.
Магӯ бори сангин дамодам кашем,
Дуо гӯй, то ганҷи Ҳотам кашем!
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки камтар шавад ранҷи ранҷури мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки ширин шавад толеи шӯри мо;
Ки моро зи мо дур кардан хатост,
Ҷудоии мо аз тую ман хатост;
Ки оташ ниҳодан ба хирман хатост,
Ки эмин набудан ба маъман хатост;
Ки беаҳд будан ба Меҳан хатост,
Кашидан зи ҳоҷот гардан хатост!
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки ширин шавад толеъи шӯри мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо
Алорағми ин даври ноҷӯри мо.
Бидеҳ косаи май, ки виҷдони мо
Бувад решаи аҳду паймони мо;
Ки он душмани хонаву ҷони мо
Насозад ҷудомон зи имони мо;
Ки дар хоки мо, Тоҷикистони мо
Расад навбати давру даврони мо!
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо
Алорағми ин даври ноҷӯри мо!

---

[1] Миҳан – ранҷ, азоб.
[2] Чола – чол, чуқурӣ, мағок; ҳабсхона.

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки равшан кунад даҳрро нури мо.
Ки аз Ховаронем, Ховар зи мост!
Ки аз доваронем, довар зи мост!
Ки аз сарваронем, сарвар зи мост!
Ки аз меҳтаронем, меҳтар зи мост!
Ки минбархудоем, минбар зи мост!
Ки меҳроваронем, меҳвар зи мост!
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки равшан кунад даҳрро нури мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Биафзо ба бозуи мо зӯри мо,
Ки ман будаму оҳу афсӯси халқ,
Ки ман будаму хасми манҳуси халқ;
Ки ман будаму дӯшу имрӯзи халқ,
Ки ман будаму рози мармузи халқ;
Ки ман будаму рӯзиву рӯзи халқ,
Ки ман будаму рӯҳи пирӯзи халқ!
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Биафзо ба бозуи мо зӯри мо!

Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки бинем он рӯзи манзури мо.
Ки ояд яке мушкилосони мо,
Ки орад ба сад дард дармони мо.
Яке ояду гӯяд аз ҷони мо:
Ба ҳам ҷӯш хур[1], эй Хуросони мо!
Ки дар гардиши ҷому даврони мо
Нигаҳбони мо бод яздони мо!
Бидеҳ, косагул, оби ангури мо,
Ки бинем он рӯзи манзури мо!

---

[1] Ҷӯш хӯрдан – ба ҳам омадан, ба ҳам сохтан.

# АЗ «МОДАРНОМА»

## БА МОДАРАМ

Ба кунҷи сандалӣ биншаста шабҳо, модари пирам,
Ту шояд ҷомаи домодӣ медӯзӣ ба сад нийят,
Ки рӯзи тӯй дида бар қади ман, бишканӣ армон,
Бибинӣ то ба ранги нав, ба ҳусни нав ҷавоният,
Ба он дастони ларзони шарафмандат бимирам ман!

Наёбад чашми камбинат ба ҷустан чашми сӯзанро,
Биларзад дасти пурэъҷози ту дар қабзаи пирӣ,
Валекин боз медӯзӣ ту дастархони гулдӯзӣ,
Ки рӯзи маърака дар байни мардум обрӯ гирӣ,
Чи дунёест дунёи умеди ту,
Аё модар, аё модар!

Ниҳону пардагӣ бигзашт даврони ҷавоният,
Ҳаётат дар гуселу пешвози зиндагӣ тай шуд.
Бикун бо гӯшаи қарси сафедат пок ашкатро,
Ба дунё одамӣ як бор меояд ба пои худ...
Ба оҳи тобнокат аз куҷо акси садо ҷӯӣ,
Аё модар, аё модар!

Бурун аз деҳа норафта, надидӣ рӯи дунёро,
Ба гирди хеш гӯё чарх гаштӣ, зиндагӣ кардӣ.
Ба гирди русто домони гардун, гӯӣ, часпида
Туро барбаст роҳи нийяту азми ҷаҳонгардӣ.
Чи дорад олами дар худ ниҳони ту,
Аё модар, аё модар!

Худо гуфтию оят хондию таъбирҳо ҷустӣ,
Ту доим «Ҳафтяк» мондӣ ба зери болиши кӯдак,
Ки шояд тифл бебоку далеру қаҳрамон гардад,
Дили пайғамбарон гунҷад даруни синаи кӯчак...

Даруни кулбаи пасти назарногири пур аз дуд,
Ба ҳукми қарзи инсонӣ ҷаҳонеро бигунҷондӣ,
Шабонгаҳ мижжа таҳ нокарда, пухтӣ кулчаи ширӣ,
Саҳар фарзандҳоятро ба майдонҳо гуселондӣ,
Шараф андӯхтӣ аз ҷонфишониҳои фарзандон,
Аё модар, аё модар!

Бибинӣ хоб шаб фарзандҳои мурдаи худро,
Биёбӣ саҳнаи дидорбиниҳои рӯҳонӣ,
Ба назди остонат дом монад сояи маргат,
Туро хонад ба сӯи олами торику зулмонӣ.
Матарс аз марг, охир безаволӣ ту,
Аё модар, аё модар!

Ҳазорон маргро, андӯҳу ғамро пушти сар кардӣ,
Нахурдиву напӯшидиву бо сад ранҷ парвардӣ,
Маро бигрифта зери пар.
Барои он ки дар ман зиндаю ҳозир бибинӣ боз
Ҳамон сайёдҳои сайдгашта – рафтагонатро,
Шудӣ хуни ҷигар, модар.

Кунун имрӯз фарзандат – ҷигарбандат ҳунар омӯхт,
Ки ёбад нони беминнат.
Ба номат дафтаре бикшод,
Дуои хайр гӯ, модар,
Ки ӯ бо номи ту дар роҳи раҳҷӯӣ қадам бинҳод.
Варо ту мағфират кун, раҳнамоӣ кун,
Аё модар, аё модар!

Зи лабҳои фурӯрафта, зи ожанги пурасрорат,
Агар дурам, агар наздик, хонам панди ногуфта:
Чи суд аз он гуле, ки зеби як кокул шуду афтод?
Сано бодо ба он гул, ки барои даҳр бишкуфта!
Ту охир ибтидои ибтидоҳоӣ,
Аё модар, аё модар!

Ту ҳоло дар дами пирӣ нафасҳои ғаниматро
Ба нақши гул ба рӯи сӯзаниҳо сабт месозӣ.
Дурахши охирини чашми худро дар дили шабҳо
Барои субҳи фардо ҳадя месозию менозӣ.
Гулу нуру шарофат ёдгор аз ту,
Аё модар, аё модар!

Суруди ҳузнангези қадимиро махон, модар,
Дилатро бо суруди аввалини ман даме афрӯз,
Агар дасторхону ҷомаи нав дӯзӣ бо уммед,
На танҳо баҳри ман,
Баҳри ҳама фардоиён ҳам дӯз!
Ғанимат дон насиби вопасинатро, саломат бош,
Аё модар, аё модар!

## МОДАР

Бӯи ҷону бӯи нону бӯи пистон,
Бӯи гулҳои баҳори баччагӣ,
Бӯи шири гарми навдӯшида меояд зи дастони ту, модар.
Дар рухат ожангҳо, чун сатри шеъри зиндагӣ,
Офарин хонанд бар азму ба имони ту, модар.

Пир гаштӣ, шуълаи ҳуснат парид,
Офтоби зиндагиат бар сари кӯҳе расид.
Панҷаҳои нарму печони ту ногиро шуданд,
Чашмҳои барқафшони ту нобино шуданд.
Мӯйҳоят ранги хокистар шуданд,
Пойҳоят аз сафар шалпар шуданд,
На, макун бо зиндагонӣ хайрбод,
Оҳ, модар! Оҳ, модар!

Гул буду гулдастабандӣ айб буд
Дар замони навҷавониҳои ту,
Лек акнун зиндагӣ ранге гирифт
Аз талошу ҷонфишониҳои ту.

Кӯдакони хору зорат чун кабӯтарҳои ром
Аз сари дастат ба дуриҳо париданд,
Ҳар кучое, ки ту дар дунё надидӣ,
Рафта бо чашми ту диданд.

Омаданд онҳо, туро пазмон шуда,
Боз бар он лонаи эъҷозкор,
Мебарой пешвоз аз кулбаат,
Рехта аз шодӣ ашки шашқатор.

Баъди роҳи дур чун хобанд шабҳо,
Менишинӣ бар сари болинашон,
То бибинӣ дар ҷабину дар сару рӯҳояшон
Аз сафар, аз роҳҳо ному нишон.

Ногаҳон бинӣ ту, як мӯи сафед
Бар сари фарзанд тобад ними шаб,
«Оҳ!» – гӯӣ дар дили шаб бо алам,
«Ин қадар новақт?» – гӯӣ зери лаб.

Зиндагӣ, модар, ҳамин аст...
Мисли ту мо ҳам пурармон мешавем,
Мисли ту мо ҳам ба пирӣ мерасем,
Чун расад навбат, зи дунё меравем.

Ту фақат ҷовид хоҳӣ монд, модар,
Ту фақат ҷовид хоҳӣ монд дар дунёи зебо,
Ту фақат бо ёди фарзандони раҳдур
Мешуморӣ бо ғаму талвоса рӯзу моҳҳоро.

Аз миёни шӯру ғавғои ҷаҳони баччагӣ
Аллагӯиҳои ту ояд ба гӯши ман ҳанӯз,
Лек акнун он садо талқин намесозад ба хоб,
Балки аз хоби гарон даъват намояд сӯи рӯз...

Бо васият, бо дуою орзуҳои муқаддас
Боз ҳам омӯзгорӣ кун маро.
Ҳар ки раҳ гардад ба рӯи хок, пояш гард дорад,
Боз ҳам омурзгорӣ кун маро!

* * *

Ту монанди замин танҳоӣ, модар,
Ту монанди замин яктоӣ, модар.

Заминро ҳар қадар чун моли меросӣ
Миёни ҳам басо тақсим карданд,
Заминро қитъа-қитъа ҳар қадар фарзандгони ту
Барои ҳамдигар такдим карданд,
Вале як рӯз донистанд –
Замин қисмат нахоҳад шуд.

Замину осмон,
Хуршеду Маҳ
Мисли дили ту,
Мисли меҳри ту
Миёни кӯдакон қисмат нахоҳад шуд.

Ҳама Хуршеду Маҳ доранд,
Ҳама бо худ замину осмон доранд,
Вале аслан Маҳу Хуршед,
Вале аслан замину осмон
Монанди ту яктою танҳоянд.

Чунон ки ҳар касеро зодгоҳе ҳаст,
Раҳе, сарманзиле меодгоҳе ҳаст,
Вале баҳри ҳама Модар-Ватан яктост,
Ту ҳам аз баҳри мо мисли Ватан яктоӣ, эй модар.

Ту яктоиву дар ҳар ҷо,
Ту танҳоиву ту бо мо.
Туӣ обастани шодӣ,
Туӣ обастани ғамҳо.
Туӣ обастани имрӯз,
Туӣ обастани фардо.

Замину осмон,
Хуршеду Маҳ,

Модар-Ватан
Аз он азиз астанд,
Ки беҳамтову яктоянд.
Ҳар он чӣ беш аз якто бувад,
Чандон муқаддас нест.

Ту монанди замин танҳоӣ, модар!
Ту монанди замин яктоӣ, модар!

* * *

Чу аз модар ба дунё омадам ман,
Маро дар гоҳвора баста буданд.
Сари гаҳвораам биншаста ёрон,
Бароям номи лоиқ ҷуста буданд.

Ду дасту пои ман маҳкам бубастанд,
Ки донам қадри дасту пои озод,
Дилам мисли асир озодӣ ҷӯяд,
Бичӯяд дар ҷаҳон паҳнои обод.

Маро дар гоҳвора баста буданд,
Ки аз баҳри халосӣ ёбам имкон,
Ки то дар ҷунбиши гаҳвораи хеш
Барои худ шавам тақдирҷунбон.

Маро дар гоҳвора баста буданд,
Ки қадри хонаободӣ бидонам,
Кушоям худ гиреҳ аз мушкили худ,
Зи хурдӣ қадри озодӣ бидонам.

## ҶОМАИ ГАДОӢ

Чу ман бар арсаи ҳастӣ қадам мондам,
Ту бо уммеди бисёре
Дари ҳар хонае рафтӣ.
Гадоӣ кардӣ аз ҳар хонае як пора газворе –
Нахуст аз модарони серфарзанде,

Сипас аз пири ботадбиру солоре.
Нахуст аз тоқивори[1] мурдаи бодавлату бонанг,
Сипас аз махзани бори арӯси бахтбедоре.

Ба рӯи марзае в-он гаҳ,
Миёни пирзанҳои худоҷӯе,
Малофа бар малофа
Пораҳои чанд албонро
Ба нийят дӯхтӣ бо ҳам.
Тамоми халқ, гӯӣ, бар қади ман ҷома пӯшонид.
Тамоми халқ, гӯӣ, қисматам бахшид.
Ту гӯӣ, ҷома неву ҷавшани ман буд,
Ту гӯӣ, пора-пора меҳри мардум дар тани ман буд.

Ман аз он рӯз, эй модар,
Ман аз он рӯз то имрӯзу то ҳастам,
Зи мардум қарздор астам.
Ман аз он ҷомаи садпораву садранг
Тамоми рангҳои зиндагиро хуб санҷидам
Ва андар хидмати мардум камар бастам.

Кунун ман ҳам ба сони ту
Ба ҳар як хона рӯй орам
Барои порае тақдир,
Барои порае тадбир.

Барои порае аз саргузашти халқ,
Барои порае аз сарнавишти халқ,
Ки бо ашъори девонам
Тамоми қарзҳоро пора-пора бозгардонам.
Ба ҷои пораи талбидаат ҳар бор
Орам порае ашъор,
Ки дар ҳар пораи ашъор
Бошад порае иқбол...

[1] Тоқивор – тоҷикии «иртиш».

## ҚАСИДАИ МОДАР

Сад ҷону дил фидои як муддаои модар,
Фатҳу кушоиш орад дасти дуои модар.

Бишнид гар садоям дунёи сахтгӯшон,
Ангезаест шояд аз аллаҳои модар.

Гар шеърaке сурудам аз буду аз набудам,
Дар тинатам сиришта сӯзу навои модар.

Оғози офариниш дар раҳми ӯст, з-ин рӯ
Сад достон бароядн аз як ҳиҷои модар.

Ман як нафас набошам бе ёди зоти қудсаш,
Аз сарсупурдагонам, ҷонам фидои модар.

Аз сатвату[1] зи шуҳрат гар бар фалак занам сар,
Таъзим мекунам боз дар пеши пои модар.

Хира бар он касонам, к-аз хештан ризоянд,
Як бор ношунида ҳарфи ризои модар.

Ғофил аз он, ки Хуршед аз Шарқ барнахезад,
Бошад тулӯъгоҳаш аз хокҷои модар.

Гардун сафо надорад, чашмаш зиё надорад,
Гар дар замин набошад нуру зиёи модар.

Дунё бақо надорад, аммо ба рағми сад марг
Бошад бақои олам маҳзи бақои модар.

Монад замин зи сайрон, афлок ҳам зи даврон,
Гар як нафас наҷунбад дасти сахои модар.

Дунё чи норасо буд, ҳастӣ чи носазо буд,
Халлоқ гар намебуд меҳри расои модар.

Тобад замини паҳно чун дашти хушксоре,
Ашке агар нарезад аз дидаҳои модар.

[1] Сатват – қувват; шукӯҳ.

Як ахтаре нарахшад дар тоқи чархи менӯ
Бе шуълаи нигоҳи толеънамои модар.

Беинтиҳост дунё аз он, ки сӯи некӣ
Ҳеҷ интиҳо надорад ҳеҷ ибтидои модар.

Ҷуз чордарди зодан дарди дигар нахоҳад –
Аз чор самти дунё ояд садои модар.

Шоҳу гадо намонда дар аҳди мо, валекин
Мурданд ҷумла шоҳон охир гадои модар.

Ғамхору ғамшарикон аз мӯи сар зиёданд,
Аммо ба рӯзи сахтӣ холист ҷои модар.

Гар шоирони олам якҷо мадеҳа гӯянд,
Як байт ҳам наарзад андар санои модар.

Аз мармару забарҷад гар пайкара тарошанд,
Кай мекунад таҷассум ранҷу анои модар.

Фарзандгони хомаш кайҳонкушоӣ карданд,
Аз як нигоҳи дилкаш ё дилкушои модар.

Тифлони ғарқи ганҷаш дарёфтанд охир:
Дунё ҷаве наарзад андар баҳои модар.

Оламситонаконаш, гарданшикастагонаш
Рафтанд, чун шикастанд аҳду вафои модар.

Дар ҷангҳои дунё уммедҳош мурданд,
Ҷовид лек зинда-ст уммедҳои модар.

Дарду балои дунё бигрифт модари зор,
Нагрифт лек дунё дарду балои модар.

Гоҳо ҷафо кунад, то одам шавем, илоҳо,
Дигар ҷафо намонад ғайр аз ҷафои модар.

То як шаванд халқон дар зери чархи гардон,
Бинед, яккатозон қадди дутои модар.

Ғамноку хокбарсар з-онам, ки ҳафт дарё
Аз гиря чун нахушкад рӯзи азои модар!?

# АЗ «ИЛҲОМ АЗ «ШОҲНОМА»

## ПИСАРИ ҲАЖДАҲУМИ КОВА

Одамизод ҳанӯз озурда-ст
Аз ҳама ҷангу ҷадалҳои қадим.
Одамизод ҳанӯз ошуфта-ст
Аз ҳама шӯришу балвои қадим.

То абад одамӣ хундор бувад
Аз ҳама душмани аҷдодонаш,
Кини меросии ӯ хоҳад монд
Дар сиришти ҳама авлодонаш.

Гарчи Заҳҳок бувад баста ба кӯҳ,
Гарчи ақл аст кунун гетифурӯз,
Анқариб аст, шавад туъмаи мор
Писари ҳаждаҳуми Кова ҳанӯз.

Коваи досгару чаккушсоз
Оҳанеро пайи қатле нагудохт,
Лек то ҳаст ниҳеби Заҳҳок,
Ханҷару гурзи гарон хоҳад сохт!

Кова зинда-сту нахоҳад мурдан,
Ҷони худро зи қазо бирҳонад,
То зи Заҳҳоки ҳама давру замон
Кини ҳабдаҳ писараш настонад.

Кини ӯ нест фақат дар дили ӯ,
Кини ӯ дар дили ҳар инсон аст,
Кова як Коваи Фирдавсӣ нест,
Кова исёнгари ҳар даврон аст.

Хоса имрӯз, ки як он кофист,
То шавад зеру забар кулли ҷаҳон;
Хоса имрӯз, ки имое бас,
То шавад қасри тамаддун вайрон,

Кова ҳушёртару зиндатар аст,
Муштҳо гурзаи пуробтаранд,
Алҳазар, холигарони[1] Заҳҳок
Писари ҳаждаҳумашро набаранд.

Гурз месозаду омодаи кин
Кова дар рӯи ҷаҳон бедор аст,
Доғи ҳабдаҳ писараш чизе нест,
Доғи абнои башар бисёр аст...

Монда дар таҳлукаи биму бало
Меравад деҳ ба деҳу шаҳр ба шаҳр,
Мезанад бар даҳани ҳар Заҳҳок,
Мекашад кини ҳама мардуми даҳр.

Меравад деҳ ба деҳу шаҳр ба шаҳр,
То ҳама сулҳу сафоҷӯ бошанд.
Ҳама абнои башар, пиндорӣ,
Писари ҳаждаҳуми ӯ бошанд...

## РӮҲИ РАХШ

Аз фазои мулки Эрон то фазои мулки Тӯрон –
Аз Сиистон то Кухистон,
Аз Хуросон то Бадахшон,
Аз фазои лоҷварди мулки Ховар
То фазои нилфоми Бохтар
Ёлҳояш ғарқи нури субҳгоҳӣ,
Чашмҳояш чашмаи нури илоҳӣ,
Мепарад рӯҳе дурахшон
Ҳамчу рӯҳи поки Эрон.

[1] Холигар – холгар, боварчӣ, таббох.

Ғарқаи нури камони Рустам аст,
Ёлафшон мепарад дар осмонҳо.
Шиҳааш бар гӯш ояд
Аз фарози Каҳкашонҳо.
Шиҳааш дорад танини ҷовидон
Дар замонҳо, дар маконҳо,
Рӯҳи ӯ рӯҳи бузургист –
Зинда бошад бо заминҳо, бо замонҳо.

Рӯзгоре бори Рустамро бибардошт,
Олам аз нерӯи яздонии Рустам бохабар шуд.
Рустам акнун рафта бар хоби абад,
Рӯзгори Ковусу Кай ҳам ба сар шуд.
Ӯ ҳам акнун рӯҳи исёнии ором аст,
Ӯ ҳам акнун рӯҳи озодии айём аст.

Чанд дашти корзораш пушти сар шуд,
То ҷаҳон аз зиндагонию амонӣ баҳравар шуд.
Ин замон баргустувонро пора карда,
Мепарад ӯ, мепарад то ҷовидон
Ҳамчу рӯҳи поки Эрон
Дар фазои дури кайҳон...

Гӯри ӯ паҳлӯи гӯри Рустам аст,
Гӯри ӯ тимсоли ӯст –
Яъне болои сари Рустам ба по истодааст.
Ҳамчу он Рахши сабукбол,
Ҳамчу он Рахши накӯфол
Бар набарди навбатӣ омода аст.
Ё мисоли посбони рӯҳи инсон
Гӯшҳоро бар садоҳои замину осмон бикшодааст –

Аз куҷое гар расад бар гӯши ӯ табли хатар,
Мекунад бедор Рустамро зи хоби ҷовидон
Баҳри ҳифзи ҷони инсон!

## ҒУРУРИ РУСТАМ

Ман гардани адовати шайтон шикастаам,
Ман муҳраи сиёсати шоҳон шикастаам.
Бо гурзи тобдори худ фирӯз будаам,
Бо мушти обдори худ сандон шикастаам.

Бо рӯҳи бешикасти худ дар дашти разму кин
Ковусро зи чанги асорат раҳондаам.
Ӯ худ касе набуд, ки бошад сазои тахт,
Аммо манаш ба маснади Эрон нишондаам.

Парвози ӯ ба осмон чун мурғи хонагӣ
Кӯтоҳ буду дар сараш боди ғурур буд.
Медид ӯ зи шонаи ман дуртар, вале
Бе чашми ман ду дидаи бинош кӯр буд.

Ман дар мурури қисмати пирӯзманди хеш
Бар ҳар балову ҳар қазо пирӯз будаам.
Аммо даме, ки эҳтиёҷ аз доманам гирифт,
Арзи ниёз бар дари Ковус бурдаам.

Як бор дар иродати худ хӯрдаам шикаст.
Дар рӯи дастҳои ман Суҳроби нозанин
Меканд ҷону аз падар шафқат умед дошт,
Мемонд доғи хуни ӯ бар домани замин...

Як қатра нӯшдору зи Ковус хостам,
Ӯ дар ҷавоб хашми буранда зи теғ дошт.
Суҳроб то бимираду ман ҳам ба доғи ӯ,
Як қатра нӯшдоруяш аз ман дареғ дошт.

Он рӯз буд аввалин рӯзи шикасти ман.
Дарёфтам, ки мардумӣ осон набудааст.
Бардоштам ғирев ба Ковус аз ҷигар:
«Ҷони ту ҷону ҷони касе ҷон набудааст?!

Ман баҳри ту зи ҷони худ кардам басе гузар,
Ман баҳри ту зи оташи сӯзон гузаштаам.
Аз баҳри тоҷу тахти ту, к-арзандаи ман аст,
Аз коми шеру ханҷари буррон гузаштаам.

На молу ҷоҳ ҷустаам, на маснади баланд,
З-инҳо баланд будаам ман бо ғурури хеш.
Хоки Ватан набуд агар пушту паноҳи ман,
Кай ифтихор кардаме танҳо ба зӯри хеш?!

Бо ин ҳама ғурур надонистаам, дареғ,
Дар давлатат тараҳҳуме арзон набудааст.
Бо ин ҳама ғурур надонистаам, дареғ,
Ҷони ту ҷону ҷони касе ҷон набудааст...

Ин аввалин шикасти ман дар корзорҳо
Аз дасти туст, аз дили бемуддаои туст.
Пирӯзӣ аз ман асту зи Эрони зиндадил,
Нафрини ман ба ҳастии бемуттакои туст!»

Бо ин ҳама диловарӣ донистам, эй дареғ:
Дарде намекушад маро, бедардӣ мекушад.
Мардонагист ҳар куҷо, фирӯз мешавам,
Мардӣ намекушад маро, номардӣ мекушад...

## ПУШТИБОНӢ

Дар ҳама Эрону Тӯрон
Ҳамнабарди Рустами дастон касе нест.
Ҳамбару ҳамбози ӯ дар рӯи дунё
Аз тамоми зодаи инсон касе нест.

Хомаи Фирдавсӣ то бошад мададгор,
Пуштбонӣ то кунад бо сеҳри нерӯи сухан
Ҳеҷ кас бар Рустами дастони ӯ
Ҳеҷ гаҳ пирӯз натвонад шудан!

Ҳеҷ зӯре, ҳеҷ ҳукме, ҳеҷ қонуне
Азми Рустамро намеёрад шикастан.
Ҳеҷ теғе, ҳеҷ марге, ҳеҷ яздоне
Риштаи умраш намеёрад гусастан.

Аз ҳама гурзи гарону теғу ханҷар,
Аз ҳама дори баланди ваҳшатангез
Бар сари Рустам гаронтар, ҷонситонтар
Ғайри ҳукми хомаи Фирдавсӣ нест!

Алғараз, ҷуз рӯҳи исёнии шоир
Ҳамсару ҳамшӯри Рустам нест, нест!
Ғайри Фирдавсию рӯҳи ҷовидонаш
Ҳеҷ кас ҳамзӯри Рустам нест, нест!

Шоирон дар ҳар замоне, ҳар маконе
Пуштбони қаҳрамонон будаанд,
Гарчи худ буданд бепушту панохе
Пуштбони навъи инсон будаанд.
Зиндаю мурда – ба ҳар ҳоле, ки бошанд,
Сарпарасти бепаноҳон будаанд.

Пуштбони ҳар касе гар шоире ҳаст,
Ҷовидон бар тораки ӯ афсаре ҳаст.
Пуштбони шоире гар дар ҳама афлок нест,
Эй бузургон, бок нест!..

## ГИРЯИ КОВА БА ҲАБДАҲ ПИСАРАШ

Даруни синаи сардам дили садпора мегиряд,
Миёни хонаи бекӯдакам гаҳвора мегиряд.

Зи базми гарми шоҳон хандаи мастона меояд,
Ба чашми ман вале ҳар хишти бурҷу бора мегиряд.

Замин – бечора, медонам, фалак бечоратар аз ӯ,
Ду бечора ба аҳволи мани бечора мегиряд.

Замину осмон танҳо, ба гардун ахтарон танҳо,
Хаёлам, бо мани танҳо ҳама сайёра мегиряд.
…………………………………………………...

## НАВҲАИ ТАҲМИНА
## БАР СУҲРОБ

Таҳминаам, Таҳминаам,
Аз дарду ғам ду нимаам.
Дар ҳасрати Суҳроби ял
Дурҷи ғамон шуд синаам.

Суҳроби ман – меҳроби ман,
Хуршеди ман, маҳтоби ман,
Дар ин ҷаҳони бекасӣ
Яктои ман, ноёби ман,

Дар дашти кин саргашта шуд,
Дар хоку хун оғушта шуд,
Аз меҳри Рустам зода шуд
В-аз қаҳри Рустам кушта шуд.

Афтод аз болои зин
Чун ахтар аз чархи барин,
Шири сафедам аз танаш
Дарёи хун шуд бар замин.

Гуфтам, ки меёбад асар
Аз Рустами олиназар,
Бо он нишоне аз падар
Шуд бенишон аз баҳру бар.

Гулчини давронам гузашт,
Гулрези бустонам гузашт.
Теғе, ки Рустам зад бар ӯ,
Аз ҷавшани ҷонам гузашт.

Акнун чи дорад буди ман,
Фардои бемақсуди ман?
Дасти кӣ гирад рӯзи марг
Аз пояи тобути ман?

Фарёд аз бахти бадо!
Аз Рустамо, аз қисмато!
Дунё тиҳӣ шуд чун дилам,
Воҳасрато, вовайлато!

## ОХИРИН ҶАНГИ РУСТАМ

Гурз тобон дар офтоби саҳар,
Зери рон Рахши баркҷавлон аст.
Мешиносед? Рустами дастон
Бар набарди раво шитобон аст.

Рӯҳи номурдании Фирдавсӣ
Аз куҷое ҳамедиҳад овоз,
Боз Рустам ба шӯр меояд,
Мекунад сӯи дашти кин парвоз.

Дар куҷое шавад адолат хор,
Дар куҷое адовату кин аст.
Дар куҷое гар одамизода
Мубталои ҷазои сангин аст;

Дар куҷое, ки рӯҳи озодон
Мешавад пойкӯби шайтонҳо.
Дар куҷое, ки мешавад саркӯб
Худшиносиву шӯру исёнҳо,

Мезанад бонг рӯҳи Фирдавсӣ:
Боз бояд ба душманон овехт!
Боз ҳам рӯзи гурзу майдон аст,
Боз хуни ҳалол бояд рехт!

Мепарад Рахш ҷониби майдон
Ҳамчу рӯҳи шикастнодида.
Рустами ял ба хонаи зинаш –
Рӯҳи мардонагии санҷида.

Ҳамчунон бо ғурури мардона
Рӯй пурбим, чашм барқафшон
Дар ҳама ҷангҳои дунёӣ
Пешҷанг аст Рустами Дастон.

Дар ҳама ҷангҳост ӯ фирӯз,
Аз ҳама ҷанг қаҳрамон ояд.
Гарчи дар «Шоҳнома» ӯ мурдаст,
Гарчи номаш зи бостон ояд;

Гарчи ӯ буд нозиши Эрон,
Ифтихору шукӯҳи дерин буд,
Охирин ҷанги Рустами Дастон
Гӯӣ дар остони Берлин буд...

## АРВОҲИ ДОМАНГИР

Мепарад рӯҳи Рустами Дастон
Ҷониби мулки умри ҷовидон.
Рӯҳи Таҳмина – рӯҳи домангир
Мепарад аз қафош бо таъхир.

Аз миёни ғубори умри абад
Акси Суҳроби ял ба гавҳари чашм
Бингарад сӯи рӯҳи Таҳмина
Рӯҳи Рустам ба узр аз дари чашм:

Васли мо, гӯӣ, фасли мо будаст,
Эй дареғи муҳаббати инсон!
Васли як дам – фироқи якумрӣ,
Ишқи як шаб – азоби ҷовидон...

Ғарқа дар хоку хун тани Суҳроб
Хира тобад даруни чашмонаш.
Норизо аз ҳаёти ҷовидон –
Бинӣ аз зӯри худ пушаймонаш.

Дар лабонаш ҳазору як нафрин
Бар набарду кашокаши шоҳон.
Мепарад гарчи сӯи умри абад
Бар замин бингарад ба сад армон.

Рӯҳи Суҳроб – рӯҳи норозӣ
Мекашад низ аз гиребонаш.
Рӯҳи Таҳмина – рӯҳи домангир...
Мекашад бар замин зи домонаш...

## ФИРДАВСӢ ВА ТЕМУР

*(Ривоят)*

Масти хун бо савлату боди бурут
Чун суи Эронзамин лашкар кашид,
Ланг-лангон Темури бедодгар
Бар мазори поки Фирдавсӣ расид.

Бар сари хоки гиромӣ по фишурд,
Мушти хокеро гирифту бод кард.
Баъд байти зерро бо захрханд
Гӯиё аз номи худ бунёд кард:
«Сар аз хок бардору Эрон бубин,
Ба чанги далерони Тӯрон бубин!»

Ногаҳон Фирдавсӣ берун шуд зи гӯр,
Устухонҳо ларз-ларзон аз ғазаб.
Байти зеринро бихонду ғайб зад
Ҳамчу нақши зузанаб дар коми шаб:
«Дар Эрон намондаст шеру паланг,
Ҷаҳонро гирифтаст рӯбоҳи ланг...»

Лол шуд Темур чу санги рӯи гӯр,
Мушкилашро кард осон аскаре:
«Мурдагонаш гар чунин зӯроваранд,
Зиндагонашро чи сон зӯр оварӣ!»

Пирмарде гуфт: «Гоҳо, ҳазратам,
Мурдаҳо аз зиндаҳо афзалтаранд.
Фатҳи кӯҳ аз фатҳи рӯҳ осонтар аст,
Мурдаҳо аз зиндаҳо пурдилтаранд...»

## ВАСИЯТИ ФИРДАВСӢ

Кашф нанмояд ситора дар фалак
Ҳеҷ як ахтаршинос андар ҷаҳон
Бо умеди он, ки тобад аз само
Бар сари ӯ бештар аз дигарон.

Шоирӣ ҳам чун расадҷӯӣ бувад –
Доимо ҷӯяд ситора дар Ватан,
То шиносад ахтари иқболи халқ,
Баҳри нафъи худ намегӯяд сухан.

Ҳеҷ деҳқон тухм н-афшонад ба хок
Бо умеди он, ки дар рӯи Замин
Ғайри кишти ӯ нарӯяд майсае,
Нангарад ҷуз ӯ касе сӯи Замин.

Шоирӣ ҳам бар масал деҳқонӣ аст,
Бо умеде корад ӯ тухми сухан,
То бисабзад, гул кунад, бор оварад
Чун дарахтон дар заминҳои Ватан.

Ҳеҷ меъморе насозад хонае
Бо умеди он ки дар он одамӣ
Рӯзи хуш нодида, пурғам бигзарад
Дар ҷаҳон чун бенасиб аз оламе.

Шоирӣ ҳам бар масал меъморӣ аст,
Зиндагиро ҳар нафас дигар кунад.
Аҳли ҷонро дӯсттар бо аҳли ҷон,
Ошиқонро боз ошиқтар кунад.

Ҳеҷ як кишваркушо андар замин
Кишвареро баҳри худ накшодааст,
Пой андар кишвари накшодае
Аз барои суди худ нанҳодааст.

Шоири дафтаркушо кишваркушост.
Қасдаш он бошад зи шеъру шоирӣ,
К-одамӣ ҳар лаҳза одамтар шавад,
То кунад чашми ҳақиқат доварӣ.

Эй, ки суди хеш ҷӯёнӣ зи шеър,
Хешро беҳуда саргардон макун!
Ман, ки пур кардам ҷаҳонро аз сухан,
Дасти холӣ рафтаму дил пур зи хун...

Панди ман бипзиру ёде кун зи ман,
Дар ҷаҳони шоирӣ шодӣ маҷӯ.
Табъи олӣ гар атоят кардаанд,
Дар сухан дигар мукофоте маҷӯ!

## КОРЕЗИ ФИРДАВСӢ

Орзуе дошт Фирдавсӣ ба дил,
Ранҷи чандинсола гар судаш диҳад,
Баҳри подоши суханҳои баланд
Силае гар шоҳ Маҳмудаш диҳад,

Дар деҳи Бож аз барои ҳамдеҳон
Аз барои хайр корезе канад.
Об орад бар замини хушклаб,
Ташнагиҳои заминро бишканад.

Лек на Маҳмуд инъомаш бидод,
На замини ҳамдеҳонаш об хурд.
Шоир андар орзуи ҷӯи об
Ҳамчу оби ҷӯй печутоб хурд.

Орзуи шоир андар дил бимурд,
Об н-омад ҳеҷ андар ҷӯи ӯ,
Лек корезе, ки андар назм канд,
Пур бувад ҷовид з-оби рӯи ӯ.

Оре, корезе, ки андар назм канд,
Ҷовидон ҷорист бар нафъи башар.
Лек дар ӯ об не, хуни дил аст,
Лек дар ӯ об не, хуни ҷигар...

## АЗ «КОРИСТОНИ НОРАК»

### БУНЁДГОҲИ КОХИ НУР

Дар тангнои кӯҳ,
Дар ҳавзае, ки мешавад бунёд Кохи нур,
Ғавғои маҳшар аст.
Ин ҷо на савти хонише, на саҳни ромише,
Дунёи дигар аст.

Чангу ғубору таркишу чак-чоки путкҳо,
Фарёди кӯҳафкани «Белаз»-баҳодур аст.
Бунёдгоҳи Кохи нур он сон тапишгаҳест,
То ҳар буни сутуни он аз достон пур аст.

Кафшергар, ки аз нигаҳаш барқ меҷаҳад,
Пайвандгори оташу барқ аст бегумон.
Таркибҳои Кох мураккаб шавад аз ӯ,
Пайвандҳо шаванд бақодор ҷовидон.

Як сӯ тунелҳо
К-омодаанд Вахшро яксар фурӯ баранд,
Фардо паёми нурро чун муждаи саҳар
Қад-қадди сим ба манзили ҳар нурҷӯ баранд.

Вахши ситезахӯ ба ҳама шӯроварӣ
Ҷорист пурсалобату пурфахру пурғурур.
Чун марди ҷангӣ ташнаи пайкори навбатӣ,
Чун марди роҳ озими бас роҳҳои дур.

Ҳар коргар ба сурати як бурҷи Кохи нур,
Ҳар чашм бемуболиға хурест[1] бас қадир.
Дар чеҳраҳо талиаи имону эътиқод,
Дар бозувон матонату неруи беназир,

Бо азми ҷазм рӯзу шабон кор мекунанд
Аз санг нанг ҷуставу аз об обрӯ.
Созанд то ба ёдгор аз хок Кохи нур
Ҷанганд бо табиати мағрур рӯ ба рӯ.

Як рӯз то ба сурати нуру чароғи барқ
Бар хонаҳои одамон бебок по ниҳанд.
Дар базмҳои дӯстӣ нуру сафо шаванд,
Дар ҷашну сури ошиқон нав-нав ҷило диҳанд;

Бар ёдгори он ҳама чашме, ки нур ҷуст,
Аммо умеди нурро бар гӯри тира бурд,
Бар ёдгори он ҳама азме, ки бенишон
Дар кулбаҳои лоии беравшаноӣ мурд,

Ҳар як чароғ барқ фурӯзад ба сақфҳо,
Чун чашмҳои равшани ҳар хонадон шавад.
Вахши шукӯҳманд
Гардад раҳо зи банди кӯҳ, озоду бовиқор
Машъал ба даст ходими давру замон шавад.

---

[1] Хур – хуршед.

## БУНЁДКОРОН

Дидам, ки чашмҳошон чун чашмаҳои нуранд,
Милён киловати нур аз чашмашон ҳувайдост,
Ҳар набз ноқили зӯр амсоли ноқили нур,
Ҳар дил даруни сина чун кӯраи тавоност.

Қоматбаланду пурдил, гарданфарозу хушбин
Ҳар мардро чу рукне бар Кохи нур дидам,
Дар бурҷи чашмҳошон дидам тулӯи фардо,
Дар боли абруҳошон парвози дур дидам.

Ҳар кас ба ин иморат бахше вуҷуди худро
Бахшад ба орзуе, то ҷовидон бимонад.
Ҳар даст – шоҳтире, ҳар бозуе – равоқе,
Дар Кохи нури Норак аз ӯ нишон бимонад.

Марди тамомдасте – меъмори кордида
Бинҳод хишти аввал бо санъату маҳорат.
Бо дасти рост онро бинҳод рост, гӯӣ,
Бошад бинои умраш ин Кох, ин иморат.

Бо сад ҳазор нийят созанд Кохи анвор
Созанд, гӯӣ, ҳар як кохи муроди худро.
Созанд қасри умру ному нишони инсон,
Бинҳода дар ниҳодаш ҷузве ниҳоди худро.

Дидам, ки мегузорад меъмори покбунёд
Бунёди хештанро дар ҷои пойдевор,
Дарёфтам, ки буда бунёди одамизод
Бунёди ҳар чӣ созад дар зери чархи даввор...

## СУТУНҲО

Ҳама чун аскарони сафкашида
Ҳазор андар ҳазоранд.
Ситода дар рада мисли низомӣ
Қатор андар қаторанд.

Ҳама чун аскарони навбатӣ дар посгоҳи хеш
Гӯё посбони рӯшноиянд.
Миёни даштҳову дарраҳову кӯҳҳо,
гармою сармоҳо
Ба монанди ризокору фидоиянд.
Ҳама чун қосидону чопарони навбатӣ
дар роҳу манзилҳо
Паёми нур меоранд аз шаҳре ба шаҳре,
кӯй то кӯе.
Саф андар саф ҳама чун ноқили нуранд.
Мусофирҳои бас раҳҳои дуранд.
Мусофирҳои роҳи дур чун марди сафоҷӯе.

Ва ё онҳо асои ҷумла кӯрону асои нурҷӯёнанд,
Ки дар тӯли ҳазорон сол роҳи равшанӣ ҷуста,
Асои хешро дар роҳҳо гум кардаанд.
Имрӯз чун ёде зи соҳибшон
Асоҳо дар сари роҳу миёни даштҳо руста?
Сутунҳо гар асои нурҷӯёнанд,
Фардо чун зи Нуристони Норак қосидони нур
Қатор андар қатора,
Ҳазор андар ҳазора
Ба манзилҳо паёми нур меоранд,
Мапиндоред онҳоро тани хушки дарахте,
Баски онҳо посбононанд,
Онҳо пайкари озодмардонанд.
Ва симҳошон
Раги шарёни ононанд...

## ҲАМОСАИ ЧАШМУ ЧАРОҒ

Нахустин одаме, к-андар миёни зулматистони
муҳити хеш нуре ҷустуҷӯ мекард,
Ва андар кулбаи тораш чароғе орзу мекард,
Нахустин бор сӯи осмон наззора карду дид
андар сақфи гардун моҳтобу ахтари рахшон,

Ба сақфи кулбаи музлим
Ба тақлиди ситора ё ки маҳ ӯ ҳам
чароғе сохт, афрӯзонд.

Нахустин моҳтоби сунъии инсон,
Нахустин ахтари маснӯи тобон,
Нахустин ахтари дар кулбаҳо рахшон –
чароғи ӯст.

Сипас дар партави чашму чароғу
донишу биниш
Ба мулки нуриён инсони хокӣ роҳҷӯӣ кард.
Шабонгоҳон ба аҷроми самоӣ розгӯӣ кард.

Сипас дар партави чашму чароғӯ сохт устурлоб
дар тақлиди чашми худ,
Зи роҳи чашм бар асрори бархе нуриён
раҳ бурд.
Сипас
Дар кулбаҳои равшани худ
одамӣ дигар намегунҷид,
Агарчанде муаммои фалакҳоро намефаҳмид,
Аммо ӯ
Зи гардишҳои чашми хештан медид
гардишҳои дунёро,
Ба саргардонию саргаштагиҳо
Ӯ аён медид вақте чарх мегардид сар
Гардиши чархи фалакро,
Гардиши сайёраҳоро.
Сипас аз роҳи нури чашм роҳи нуриёнро ҷуст,
Муаммои замину осмонро ҷуст.
Зи роҳи чашм чашми ахтаронро дид,
Зи рӯи ақл рӯи ин ҷаҳонро дид.

Сипас дар чашми ӯ
Дар донишу дар биниш дар фитрати паҳновари ӯ
Дар ниҳоди поки исёнпарвари ӯ

Ин ҷаҳон бо ҷумлаи мавҷуду маъдум,
Бо ҳама аҷроми улвӣ,
Бо ҳама аҷноси сифлӣ як ба як гунҷид...

Тавонӣ гуфт:
Ҳама нуре, ки дар дунёст,
нури чашми Инсон аст.
Ҳама роҳи ҷаҳон –
Андар замину осмон
аз роҳи дил,
аз роҳи ақл,
аз роҳи чашмон аст!

## СУРУДИ ТУНЕЛКОРОН

*«Санг ҳам диле дорад...»*
*Бедил*

Санг санг аст, лек дил дорад,
Раҳ кушоем дар дили ҳар санг.
Нарм созем мо дили сахташ
Бо қувои саноеъу фарҳанг.

Кӯҳҳоро зи по дарандозем,
Ҷигари кӯҳро шикоф кунем.
Аз садоҳои ғурришу таркиш
Ларза дар ҷони кӯҳҳо фиканем.

Кӯҳ ҳам то расад ба кӯҳ имрӯз
Мисли одам ба одами дигар,
Раҳ кушоем дар дили ҳар кӯҳ,
Раҳ кушоему олами дигар.

Ҳар кадоме чу пораи хора
Кӯҳзодему кӯҳпарвардем.
Кӯҳ не, ганҷи кӯҳ фахри мост,
Номбардори мардуми мардем.

Кӯҳ кӯҳ аст, лек дил дорад,
Дили ӯ низ чун дили инсон
Ҳиссае рози худ аён созад,
Оламе рози худ кунад пинҳон.

Мо чу асрордони куҳсорем,
Розҳои дили варо ҷӯем.
Ҳам аз ӯ бишнавем рози дил,
Ҳам ба ӯ рози хешро гӯем.

То варо боз ҳам баланд кунем,
То кушоем банд аз бандаш,
То ситонем ганҷҳои варо –
Ганҷи чун кӯдаки ҷигарбандаш:

То бисозем ҳамчу кӯҳи Нор
Қалъаи нур з-ормони сафед.
То набошем дар ҷаҳони зулм
Мисли аҷдод хаставу навмед.

То зи ҳар кӯҳ рӯҳи нав ёбем,
Раҳ кушоем сӯи нуристон,
То зи сангаш барои худ созем
Ҳайкале – ёдгори ҷовидон...

# АЗ ҒАЗАЛҲО

* * *

Мард он, ки сарафроз сари дор бимирад,
Як бор таваллуд шуда, як бор бимирад.
Мард он, ки сари қулла чу ҳамхонаи Хуршед
Аз қисмати худ розию саршор бимирад.
Мард он, ки сабуктар бикунад бори Заминро,
Бо умри гаронбор гаронбор бимирад.
Бо дӯсти наздик равад манзили дуре,
Бо ёр ва ё бо алами ёр бимирад.
Дар хоб ба овози Замин гӯш ниҳад шаб,
Рӯзона чу ҳақдӯст, зада ҷор, бимирад.
Мард он, ки намонад зи шабаш шишаи холӣ...
Пуршӯру пурошӯбу пурасрор бимирад.
Мард он, ки тиҳӣ буда чунон косаи танбӯр,
Бо нағмаю оҳанги шарарбор бимирад.
Мард он, ки намирад зи қазо бо аҷали худ,
Дар ишқ ва ё кор ва ё ор бимирад.
Мард он, ки шарафманду баномусу ҷавонмард
Бо ин ҳама озор сазовор бимирад!

* * *

Мо баҳри дилшиносон шеъру тарона ҳастем,
Баҳри навошиносон чангу чағона ҳастем.
Гӯянд, шоири хуб фарзанди даври хеш аст,
Баҳри замоншиносон мо худ замона ҳастем.
Мо – кӯҳзода, аммо дилҳои нарм дорем,
Дар тангнои кӯҳӣ дилбекарона ҳастем.
Гар рӯдаки деҳи мо бар баҳрҳо нарезад,
Дарёи дил хурӯшон, мо худ равона ҳастем.
Он қадр ҳам ҷадиду он қадр ҳам қадимем,
Гоҳе ҳақиқати кул, гоҳе фасона ҳастем.
Аз мост сарбаландӣ, аз мост низ пастӣ,
Гаҳ осмона ҳастем, гаҳ остона ҳастем.

Он ҳафт марди шоир чун Ҳафтдодаронанд[1],
З-онҳо чу осмони ҳафтошёна ҳастем.

* * *

Мо солхурда ҳастем ё сол хурда моро?
Мо умр бурда бар сар ё умр бурда моро?
Мо ҷонсупор будем бар ҳоҷати замона,
Ё азми ҷонсупорӣ осон супурда моро?
Бо ёри норпистон хуфтем, ғофил аз он
Ҳамчун анори ширин дасте фишурда моро.
Роҳи дароз тай шуд дар умри кӯтаҳи мо,
Роҳе фасурда кардем ё раҳ фасурда моро?
Дар пеши чашми Хуршед арчанд кам набудем,
Кам дида чашми камбин, камтар шумурда моро.
Гумкардаҳои моро ҳар зиндадил биёбад,
Дилмурдагон валекин хонанд мурда моро!

* * *

Аз кӯҳ санге чун фитад, сад сангро беҷо кунад,
Марде чу номардӣ кунад, сад мардро расво кунад.
Нодон чу доноӣ кунад, аҳсан бигӯемаш ҳама,
Аммо чи битвон кард, агар нодоние доно кунад?
Шавқе агар саркӯб шуд, нохуб шуд, нохуб шуд,
Аз кӯрзавқе дод, агар истеза бо бино кунад!
Ҳар кас тавонад рӯдро бо ҷӯйҳо созад ҷудо,
Он кист, к-аз дарёдилӣ як қатраро дарё кунад?
Ҳар кас тавонад мурдаро бар хок биспорад, вале,
Он кист, хоки мурдаро тоҷи сари дунё кунад?
Ман бо касе ҳамдостон, эй дӯстон, эй ростон,
К-имрӯзи худро зинае то қуллаи фардо кунад.

---

[1] Ишора ба ҳафт шоире, ки Гёте эътироф кардааст: Фирдавсӣ Анварӣ, Румӣ, Низомӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва Ҷомӣ.

* * *

Бедарди дил касест, ки дилбар надоштаст,
Бедарди сар касест, ки худ сар надоштаст.
Бехештан касест, ки аз хештан нарафт,
Бедавлат он касест, ки модар надоштаст.
Бемазҳаб он касест, ки нашнохт шахси худ,
Беманзил он касе, ки сару бар надоштаст.
Хушбахт он касест, ки дар ҷодаи ҳаёт
Рашку ҳасад ба ёру бародар надоштаст.
Бадбахт он касест, ки дар арсаи талош
Як душмани ба хеш баробар надоштаст...

* * *

Як зумра касон пиртаваллудшудагонанд,
Эҳсоси ҷавонони дилошуфта чи донанд.
Инҳо на сағиру на кабиранд, дареғо,
Оташ, ки наянд, об дар оташ нафишонанд.
Сурат ҳама солор, вале сифр ба сират,
Ду соҳили хушкидаи беоби равонанд.
Оҳиста зи ҷо хоста, оҳиста нишинанд,
Ҷуз хеш набинанд, вале чашми замонанд.
Аз оташи эҳсос битарсанду ғами ишқ,
Пиндор, ки худ зодаи на ину на онанд.
Дар қолаби одоб бигунҷида чи некӯ,
Ин гуна ба қолаб ҳамаи умр бимонанд.
Бинанд ба чашми ҳасад эъҷоби[1] ҷавонон,
Хоҳанд ҷавон будану аммо натавонанд...

* * *

Ишқ дар дил шуълаи субҳи саодат будааст,
Ошиқӣ эҳсоси бахшишҳои қисмат будааст.
Дар ҷавонӣ ишқ буду давлати дунё набуд,
Он ҳама бедавлатиҳо хуб давлат будааст.

[1] Эъҷоб – тааҷҷуб; ғурур; шавқу завқ, шодиву хурсандӣ.

Баски аз пои равон мондем, ҳасрат мекунем
Аз пайи хубон давидан ҳам ғанимат будааст.
Дар фалак ҷустан ситора санъат асту дар замин
Хештанро гум накардан низ санъат будааст.
Одамӣ баъд аз заволи умр мефаҳмад, ки умр
Як назар бар осмон бо чашми ҳайрат будааст.
Беҳтарин ганҷе, ки одам ёфт, гар симу зар аст,
Беҳтарин ганҷе, ки гум кард ӯ, муҳаббат будааст.

* * *

То ту ба додам мерасӣ, оҳам ба Кайвон[1] мерасад,
То ту ба қадрам мерасӣ, умрам ба поён мерасад.
То ёри роҳам мешавӣ, аз роҳ берун мешавам,
То мушкил осон мекунӣ, сад марги осон мерасад.
То ёд меорӣ зи ман, беёд меафтам зи дард,
То теғи абрӯ мекашӣ, теғи табибон мерасад.
То аҳду паймон мекунӣ, паймонаам пур мешавад,
То ваъдаи гул медиҳӣ, фасли зимистон мерасад.
То даст бар дил мениҳӣ, аз даст хоҳад рафт дил,
То ту ғами мо мехурӣ, моро ғами ҷон мерасад.

* * *

Чунонат ёд меорам, ки раҳгумкарда манзилро,
Чунонат дӯст медорам, ки дарёбурда соҳилро.
Чунонат рағбате дорам, ки хушкистон ба бороне,
Чунонат рӯзу шаб ҷӯям, ки Сино ҳалли мушкилро.
Чунон роҳи ту мепоям, ки роҳи бахт мепоянд,
Чунон хайри ту мехоҳам, ки деҳқон кишту ҳосилро.
Чунон васли ту мехоҳам, ки пире навҷавониро,
Чунонат орзумандам, ки ҳар кас бахти комилро.
Чи талхиҳо чашидам ман зи ҷоми рӯзгори хеш,
Бибинам то ба коми дил туи ширишамоилро.
Диламро бесадо бурдӣ, намедонам, куҷо бурдӣ,
Туро пайдо кунам, эй кош, то пайдо кунам дилро!

---

[1] Кайвон – ситораи Зуҳал, ки наҳс шумурда мешуд.

* * *

Сад баҳрро гузаштаму дар соҳилам ҳанӯз,
Сад боғ мева чидаму беҳосилам ҳанӯз.
Сад бандро кушодаму растам зи сад бало,
Накшода аст уқдаи банди дилам ҳанӯз.
Сад марг пушти сар шуду сад дард зери по,
Дар ҳифзи хеш он қадар ноқобилам ҳанӯз.
Бишнида асрҳои аср андарзи шоирон,
Касби камол кардаву нокомилам ҳанӯз.
Як умр роҳ ҷуставу як ҷоситодаам,
То осмон паридаву по дар гилам ҳанӯз.

* * *

Ёдгори Айниву ин кӯҳсорон зинда бод!
Шеъри Турсунзодаву ин обшорон зинда бод!
Ғунчаҳои пахта механдад зи хандохандашон,
Хандаҳои духтарон дар пахтазорон зинда бод!
Модарон то ҳол мепоянд роҳи аскарон,
Охирин уммеди ин уммедворон зинда бод!
Ташнагӣ хуб аст, водорад, ки ҷӯи чашмае,
Ташнагиҳои дил аз дидори ёрон зинда бод!
Гармтар аз оташу равшантар аз хуршеди Шарқ
Бӯсаҳои аввалини дӯстдорон зинда бод!
То сухан парвоз омӯзад зи мурғони ҳаво,
Лонаҳои мурғакон дар шохсорон зинда бод!
Тирборон кардани мо кӯшиши беҳуда аст,
Ҳар ки моро мекушад бо шеърборон, зинда бод!

* * *

Ба ҳама нағмаи ноҷӯр дилам месӯзад,
Ба ҳама тинати бенур дилам месӯзад.
Зи ҳама раъшаи пирона танам меларзад,
Ба асогирии ҳар кӯр дилам месӯзад.
Беди Маҷнун шуда сархам зи маломат бинам,
Ба ҳама валвалаю шӯр дилам месӯзад.

Офтоб аз ҳасади шамъ наафтад зи фалак,
Ба шикоятгари пурзӯр дилам месӯзад.
Ҳар гаҳе то ба фалак роҳ барад маҳвора,
Ба дили ошиқи раҳдур дилам месӯзад.
Ба раҳи кӯршуда бе равуюю такутоз,
Ба сари холию мағрур дилам месӯзад.
Ба қади модари пирам, ки заминбӯс шуда,
Мениҳад по ба лаби гӯр, дилам месӯзад.

* * *

*Барои Бозор Собир*

Нест осон бурдани бори сухан,
Сода набвад ин ҳама кори сухан.
Аз гули хору зи хори гул маро
Кардӣ мафтуни гулу хори сухан.
Аз хасе дарёфтӣ бӯи касе,
Аз пари коҳе – пару боли сухан.
Эй бас озори сухан ҳам дидаӣ,
То биёбӣ сирри осори сухан.
Қадри шеър афзуд чун нарху наво
Аз туфайли ту ба бозори сухан.
Мову ту дар шоирӣ ҷон медиҳем
Оқибат дар кунҷи девори сухан.

* * *

Аз дур ошёни туро ёд мекунам,
Дар ҳар куҷо нишони туро ёд мекунам.
Аз кӯчаҳои шаҳр хаёлӣ чу бигзарам,
Айвони гулфишони туро ёд мекунам.
Аз ҳафт ранги тобиши рангинкамони дур
Садрангии ҷаҳони туро ёд мекунам.
Оғӯшам аз ҷавонию зебоӣ пур шавад,
То чеҳраи ҷавони туро ёд мекунам.
Дар об дида ҷилваи чашми ситорагон,
Чашмони меҳрубони туро ёд мекунам.

Ҳар гаҳ забони хомаам гирад зи изтироб
Лабҳои байтхони туро ёд мекунам.
То бӯи дард бишнавӣ аз шеърҳои ман,
Он дардҳои ҷони туро ёд мекунам.
Азбас дар остони ту мондаст лахти дил,
Як умр остони туро ёд мекунам...

* * *

Ёр меҷӯему бо ноёр қисмат мекунем,
Баҳр меҷӯему бо ҷӯе қаноат мекунем.
Ишқ меҷӯему аз шавқе пушаймон мехурем,
Ком меҷӯему бо ҷоме кифоят мекунем.
Меҳр меҷӯем, аммо баъд аз муҳри никоҳ
То фалак аз муҳри меҳри худ шикоят мекунем.
Рӯзи аввал пеши пои ёр сар меафканем,
Рӯзи дигар бар сари ӯ сад қиёмат мекунем.
Ваҳ, чи бадбахтист, ё Раб, дар ҷаҳони бурду бохт
Давлати дил дода аз каф, боз савлат мекунем.
Ман намедонам, чи дорад расми каҷдорумарез,
Ки ба рағми асли худ бо ғайр одат мекунем.
Ман намедонам, чи дорад ормони мо, ки мо
Хизр меҷӯему бар хирсе ибодат мекунем.

* * *

Зинда бош, эй чашмаи илҳоми ман,
Халқи ман, эй асли нангу номи ман.
Бахти сабзу рӯи сурху чашми сер,
Обрӯю иззату икроми ман.
Ман агар имрӯз мирам дар ғамат,
Ту ба фардо мебарӣ пайғоми ман.
Шодбахтам з-он ки бо шеъру суруд
Сарфи айёми ту шуд айёми ман.
Кай чунин мастӣ раво медоштам,
Ту намебудӣ агар ҳамҷоми ман?
Дар дилам гар оташи меҳрат набуд,
Пухта кай мешуд каломи хоми ман?

Баҳри хушкомии ту гуфтам сухан,
Бо сухан бардоштӣ то коми ман.
Боз ҳам раҳни[1] ғами ҷони ту бод
Ҷони ман, ин ҷони беороми ман.
Ин ғазал гуфтам, ки ёд орӣ ба меҳр
Дар ҳама оғозҳо-т анҷоми ман...

* * *

Куштаи бисёр додӣ, боз рӯҳат зинда аст.
Поя дар ин хок дорӣ, давлатат поянда аст.
Гарчи аз домони кӯҳат рӯди хун ҷорӣ шуда,
Қуллаи кӯҳат нишони қуллаи оянда аст.
То туро бетоб дидам, тоб хӯрдам рӯзу шаб,
Шукри борӣ, аз пайи шаб субҳи ту тобанда аст.
Бетараф хонд он ки моро, буд ӯ худ бешараф,
Ҷон канад беҳ он касе, к-аз халқи худ дил кандааст.
Синаҳо шуд реш аз дасти ду-се тан хомриш,
Миллати пуртоқати ман, душманат шарманда аст.
Нестам рӯсӯхта дар рӯ ба рӯят, эй Ватан,
Ҳарф-ҳарфи шеъри ман аз меҳри ту оганда аст.
Буд сархам Парчамат аз бори дарду мотамат,
Дар нишони нав бидидам, шери ту разманда аст.
Зиндагонӣ зинда мегардад зи хуни куштагон
Дар миёни гиряву мотам тулӯъи ханда аст.
Ин баҳор аз гӯрҳо гар сабза хунин медамад,
Рӯҳи бедори шаҳидон зиндагибахшанда аст.
Мурд чандин бор, аммо боз бистонд интиқом,
Миллати ман то қиёмат бо қиёмаш зинда аст!

[1] Раҳн – гарав.

# АЗ РУБОИҲО

Бечорааму ҳазору як чора кунам,
Дилро пайи дилшиносӣ овора кунам,
З-он чӯб, ки аблаҳе тарошад тобут,
Болор ба хона ё ки гаҳвора кунам.

Анбоне зи Рӯдакӣ ба дӯшам дорам,
Таҳҷуръаи Хайём ба сар бардорам.
Чун пайраҳаҳои камбари зодгаҳам
Сар бурда ба пои шоҳраҳ бигзорам.

Бар ошиқ агар зи ёр ҷабре ояд,
Аз толеъи хеш шиквaҳо бинмояд.
Шоир чу ба ихлоси халоиқ насазад,
Аз хомаи хештан биранҷад бояд.

Мо сӯхтагони оташи бедудем,
Аз будани хештан ҳама нобудем,
Фирдавсӣ наем, лек дар аҳди дигар
Озурда зи носипосии Маҳмудем.

Пирони хирад ба ҳар замоне буданд,
Бар миллати хеш тарҷумоне буданд.
Гар ҳикмати халқ ганҷи бесоҳиб буд,
Онҳо ба мисоли посбоне буданд.

Шоир набувад, ҳар он ки девон дорад,
Зебо набувад, ҳар он ки марҷон дорад.
Ошиқ набувад, ҳар он ки дар хилвати шаб
Паймонаи май ба ҷои паймон дорад.

Оини ту хештанфурӯзӣ бошад,
Дар оташи ишқ поксӯзӣ бошад.
Хайём, чу абёти ту, эй кош, умрам
Кам бошаду пур зи созу сӯзе бошад.

Хайём, суханҳои ту нотакрор аст,
Ҷоми хиради ту ҷовидон саршор аст.
Ҳар кас, ки нахӯрд ҷоми ту, мастӣ кард,
Ҳар кас, ки бихӯрд, оқилу ҳушёр аст.

Ҷомеву бутеву ошиқӣ хуш ҳолест,
Соле, ки гузашт бо хушӣ, хуш солест.
Хайём, ба ҳар замона дар базми хирад
Ҷоми ту пур аст, лек ҷоят холист.

Ин субҳ давоми шоми чун зиндон аст,
Ин ханда нишони дидаи гирён аст.
Ҳар чизи наве, ки ҳозирон ёфтаем,
Гумкардаи рафтагони пурармон аст.

Мо ҳалқаи байни аввалу анҷомем,
Парвардаи асри бисту шири хомем.
Хайём, кӣ гуфт, буда безурёте,
Модом ки мо шаҳписари Хайёмем?!

Эй хок, туро ба ашки худ нам кардем,
То бар сари ту мотами нав кам кардем.
Мо доғи туро ба хуни дилҳо шустем,
То санги туро ҳайкали одам кардем.

Ҳайф аст, агар умр шикоре бошад,
Озод зи дарду доғу оре бошад.
Дар пайраҳаи ҳаёт по мондани мо
Айб аст, агар қадамшуморӣ бошад.

Борон чу гирист, гиря бунёд бикун,
Тундар чу фиғон кашид, фарёд бикун.
Ҳар гоҳ ситорае фитад аз гардун,
Эй ёр, ситораи маро ёд бикун.

Дарёст равону соҳилаш бепарвост,
Дарёст барошуфтаю соҳил барҷост.
Дарё чу бихушкид, бимонад соҳил
Ҳамчун ду лабе, ки аз лаби ёр ҷудост.

Хушбахт касе, ки хидмати ёр кунад,
Ҳар ҷо, ки қадам ниҳод, гулзор кунад.
Зангӯлаи гоҳвораю гиряи тифл
Ҳар субҳ варо зи хоб бедор кунад.

То чанд ту бо гузаштагон менозӣ,
Бо Рӯдакию ба Ҳофизи Шерозӣ?
Вақт аст, сари минбари озоди сухан
Хайёми дигар, Ҳофизи дигар созӣ!

Ҳар чашм, ки наззора кунад, ҷӯё нест,
Ҳар роҳбари савор раҳпаймо нест.
Ҳар ланг нашуд ҷаҳонситон чун Темур,
Ҳар кӯр ба мисли Рӯдакӣ бино нест.

Хушбахт касе, ки ном бар ном орад,
Дар иди Ватан ҷону дил инъом орад.
Монандаи кӯлвори қосид ҳар субҳ
Холӣ шаваду ба халқ пайғом орад.

Дар чархи куҳан бахти нав эҷод кунед,
Ин хоки куҳанро ба навӣ шод кунед.
Номе ба харита нест аз деҳаи ман,
Ёрон, зи суруди ман варо ёд кунед.

То чархи фалак хаёли мо афзун рафт,
Бисёр зи дида ашку аз дил хун рафт.
Нашкаста пари Дедалу Икар зинҳор,
Варна ба суи фалак Гагарин чун рафт?!

Чун коғази солхурда афсурда шудем,
Бишкуфта ба бахти халқ, пажмурда шудем.
Якчанд чу санги осиё чарх задем,
То мардумӣ нон хуранд, мо хурда шудем.

Хонед ба базми ошиқӣ номаи ман,
Пӯшед ба қомати сиҳӣ ҷомаи ман.
Сар пои сутуни ростӣ буда маро,
Созед сутуни хонае хомаи ман!

Ин умр, ки дар паноҳи худ мегузарад,
Бо айби худу гуноҳи худ мегузарад.
Аз бом фитад яке, яке аз гардун,
Ҳар кас зи ҷаҳон ба роҳи худ мегузарад.

Ҳар гул, ки шукуфад, лаби хандидаи мост,
Ҳар чашма, ки ҷӯшад, дили болидаи мост.
Ҳар барги хазон, ки тирамаҳ мерезад,
Аз камҳавасиҳо гули ночидаи мост.

Дар вақти ҷавониам ҷавонӣ кардам,
Бар домани ёр дилфишонӣ кардам.
Афтодам агар, фитодам аз дори баланд,
Бо номи баланд зиндагонӣ кардам.

Гар дард барад, дарди замонат бибарад,
Гар об барад, оби калонат бибарад,
Дар ҳавзаи хушкида чи заврақ ронӣ,
Бигзор, ки тӯфони ҷаҳонат бибарад.

Дунё ба мисоли бори ноҳанҷор аст,
Вазнаш ҳама бар дӯши каси пурбор аст.
Аз калла манорасозӣ осон дар он,
Аз ақл манора сохтан душвор аст.

Чандон нахурам бода, ки гардам беёд,
Наъра накашам, ки зиндагӣ доду надод.
Нанг аст ба мастӣ шуҳра гаштан, аммо
Ҳар кас, ки чу Хайём хурад, нӯшаш бод!

Бо оби ҷабин кунем таъмири замин,
Бо ақл раво кунем тадбири замин.
Дар рӯи замин пой ниҳодан саҳл аст,
Ё тири замин шавем, ё зери замин!

Хиште нашудам, ки қаср бунёд кунанд,
Рӯде нашудам, ки боғ обод кунанд.
Як байт шудам, ки вақти мастӣ хонанд,
Аз мастии шоиронаам ёд кунанд.

Кори ҳама кас баробари ҳиммати ӯст,
Умри ҳама кас нишонаи қимати ӯст.
Даҳчанди қад аст ҳайкалу мақбара, лек
Қабри ҳама кас баробари қомати ӯст.

Дар қасри ҳаёт санги бунёдам ман,
Як кӯдаки хушноми ҷаҳон зодам ман.
Таърих ба пушторали ман сарборӣ,
Фарзанди тамоми одамизодам ман!

Машъал бишавед дар шаби зулмонӣ,
Сӯзед, ки олам бишавад нуронӣ.
Бар як худи Хуршед гарон аст, охир,
Бар олами беканор нурафшонӣ...

Фархунда касе, ки ёр бо ёр шавад,
Аз хоби саҳар ба бӯса бедор шавад.
Овезад агар, ба зулфи ёр овезад,
Гар ҳалқаи зулф ҳалқаи дор шавад.

Ин одамиён агарчи аз ҳам дуранд,
Дар расму адаб ба ҳамдигар ноҷӯранд,
Ноне бихуранд ҷумла аз як гандум,
Сармаст ҳама зи оби як ангуранд.

Имрӯз туро қасри забарҷад созанд,
Таъриф кунанд, аз ту Муҳаммад созанд.
Чун даргузарему гӯрҳамсоя шавем,
Қабри ману ту баробари қад созанд.

Якчанд дар ин ҷаҳон зи худ пайдо шав,
Бар ҳусну ҷамоли зиндагӣ шайдо шав.
Сино нашавӣ, ҳиммати синоӣ кун,
Маҷнун нашавӣ, дилшудаи Лайло шав.

Дар олами савту шеъру пандам зоданд,
Монанди манора сарбаландам зоданд.
Аммо ба ҳама шахсарию лоқайдӣ
Чун кӯҳ ба хок пойбандам зоданд.

Ҳар кас, ки наёфт роҳи соҳибназарон,
Бояд биравад ба маҳфили бебасарон.
Ҳар кас, ки забони модариро гум кард,
Бояст, ки гум шавад зи хоки падарон!

Бе мову ту даҳр номукаммал будаст,
Муҳтоҷ ба мо ҷаҳони маътал будаст.
Ҳар кас зи хатои умр тарсад, ӯро
Худ зода шудан хатои аввал будаст.

Шеъре, ки зи мағзи дилу ҷон мегӯям,
Оё пайи умри ҷовидон мегӯям?
Деҳқон на пайи умри абад кишт кунад,
Ман ҳам сухане чу деҳқон мегӯям.

Бунёди ҷаҳон ҳама зи бунёди ман аст,
Ободии даҳр аз тани ободи ман аст.
Ҳар гоҳ, ки шеъри оташин ғамро сӯхт,
Донед, навиштаҳои аҷдоди ман аст.

Онҳо, ки фақат гирди сари хумгаштанд,
Жӯлида ба хок, радди мардум гаштанд.
Он умр, ки гум шудаст дар мастиҳо,
Он қадр биҷустанд, ки худ гум гаштанд.

Он рӯз мабод, шоире пир шавад,
Аз ҷони худу ҷони ҷаҳон сер шавад.
Ҷӯед чу маъдан аз дили ӯ сухане,
Рӯзе бирасад, ки ҷустанаш дер шавад.

Аз ҷабри гуноҳи хештан нагрезам,
З-он по, ки фитодаам, зи нав бархезам,
Ҳаргиз набарам ба нокасе рӯи ниёз,
Дастам шиканад, ба гарданам овезам.

## АЗ ДУБАЙТИҲО

Биё, дар ин ҷаҳон бо ҳам бигардем,
Ғаме ҷӯем, то беғам бигардем,
Ҷаҳон бас аз сари одам гузаштаст,
Биё, гирди сари одам бигардем.

Замин зери само бояд бимонад,
Замона бебало бояд бимонад.
Ҷавонӣ бигзарад охир, валекин
Ҷавонмардии мо бояд бимонад.

Баҳори ошиқон дорад хазонҳо,
Вафои дилбарон дорад гумонҳо.
Сари вақт аз сари дилбар бигардед,
Ҷавонҳо, эй ҷавонҳо, эй ҷавонҳо!

Биё, то ҷон ба ҷон бошему бошем,
Нишони бенишон бошему бошем.
Ҷаҳон бо мо сару коре надорад,
Барои ҳам ҷаҳон бошему бошем.

Ду дӯшиза сафои рӯҳи ман буд,
Ду дӯшиза балои ҷону тан буд;
Яке дӯшизаи ширинсухан буд,
Яке дӯшизаи шеъру сухан буд.

Сабӯеро ба бӯе мефурӯшанд,
Нумӯеро ба мӯе мефурӯшанд.
Чи гӯям як гурӯҳи бенасабро,
Ки дарёро ба ҷӯе мефурӯшанд.

Биё, гулро ба гул пайванд созем,
Биё, дилро зи дил хурсанд созем.
Дар ин дунё, ки худ фанду фиреб аст,
Чаро мо ҳамдигарро фанд созем?

Ду чашма як шавад, дарё бисозад,
Ду дил қоим шавад, дунё бисозад.
Агар имрӯз аз дирӯз хуб аст,
Ҷаҳони равшани фардо бисозад.

Нагӯед ӯ ҷавон буду ҷавон мурд
Ва ё аз ҷаври чархи осмон мурд.
Ба санги гӯри ман, ёрон, нависед,
Ки Лоиқ лоиқи шеъри замон мурд.

Сипардӣ ту Хуросони суханро,
Бадахшону Сиистони суханро,
Аё шоир, басо ҷон кандӣ, аммо
Накандӣ риштаи ҷони суханро.

Умеди зиндагӣ уммеди ишқ аст.
Ҷаҳон як нусхаи тақлиди ишқ аст.
Ту Хуршеде, ки мебинӣ ба гардун,
Фақат як шуълаи хуршеди ишқ аст.

Фалак пири балокаш буду бошад,
Замин саҳни кашокаш буду бошад,
Ҷаҳонро кӯри модарзод пиндор,
Ки Инсонаш асокаш буду бошад.

Басо дидам, ки дар доме фитоданд,
Ба ҷурми ком ном аз даст доданд.
Гадое нест дар мулки ман, аммо
Гадотабъу гадочашмон зиёданд.

Набояд ҳофизи ҳар ину он буд,
Набояд посбони нокасон буд.
Ба ҷои моли анбору мағоза
Бузургонро бибояд посбон буд.

Хазонрезу хазонрезу хазонрез,
Чаро умри ҷавонӣ бигзарад тез?
Чаро одам надонад қимати умр?
Чаро ночиз гардад аз пайи чиз?

Зи ҳар осори мо дар дил асар нест,
Ниҳоли умр доим пурсамар нест.
Раҳи кайҳон шавад наздик, аммо
Раҳе аз роҳи дилҳо дуртар нест.

Ҷавонему ҷавонему ҷавонем,
Беҳин меросдорони замонем.
Замин паст, осмон азбас баланд аст,
Миёнҷии замину осмонем.

Агар мардони раҳ дар раҳ бимонанд,
Магӯ, онҳо касони нотавонанд.
Агар худ ноумеди нимароҳанд,
Умедеро ба манзил мерасонанд.

Ҷаҳонеро ба мо мерос доданд,
Фазоеро пайи парвоз доданд.
Чу моро модарон зоданд рӯзе,
Заминро ҳамчу пойандоз доданд.

Дили мо мазҳари оянда бошад,
Туфайли мо ҷаҳон поянда бошад.
Ҳазорон зиндагон мурданду рафтанд,
Замини мурдае то зиндабошад.

Туро ҷуз марди бопаймон наёбад,
Туро ҷуз ғолиби майдон наёбад.
Ту он кони тилой, духтари кӯҳ,
Ки ҳар як кӯрдил осон наёбад.

Ҷаҳону зиндагонӣ бо ту зебад,
Суруру шодмонӣ бо ту зебад.
Ҷавонӣ кун, ҷавонӣ кун, ки имрӯз
Хушиҳои ҷавонӣ бо ту зебад.

Барои дилкушодон даҳр танг аст,
Барои шишадилҳо даҳр санг аст.
Барои чашмтангон умр мол аст,
Барои кинадорон сулҳ ҷанг аст.

Худафрӯзӣ шиори шоирон аст,
Худомӯзӣ китоби оқилон аст.
Агар мо як дам аз худ розӣ бошем,
Зи мо норозӣ фардои ҷаҳон аст.

Ба ёди рафтагон овоз кардам,
Ба роҳи рӯҳашон парвоз кардам.
Ман анҷоми ҳаёти мурдагонро
Зи субҳи умри худ оғоз кардам.

Маро ё зуд ё дер офариданд,
Маро ҷавшан ва ё тир офариданд.
Ба дарду бар ҷароҳатҳои дунё
Пайи дармону тадбир офариданд.

Диле дорам, ки лабрези суруд аст,
Саропо ларзаи амвоҷи рӯд аст.
Ниёзу нози ӯ бар дӯши умрам,
Ба ҳар роҳе равам, ноозмуд аст.

Ниҳоли умр пайванде нагирад,
Аҷалро ақл дар банде нагирад.
Ғанимат, эй ҷавонон, панди пирон,
Ки аз пирон аҷал панде нагирад.

Биё, эй дӯст, қадри ҳам бидонем,
Ки ҳоло навхату шӯху ҷавонем.
Ҷавонӣ чун ниҳоли гул набошад,
Ки онро ҳар баҳор аз нав шинонем.

Яке андешаманду худгаре буд,
Дигар инсони инсонпарваре буд.
Яке баъд аз вафоташ пайкаре ёфт,
Дигар дар зиндагонӣ пайкаре буд.

Саҳар дарё чу тифли тозарӯй аст,
Чу шеъри тар, бибинӣ, оби ҷӯй аст,
Барои дидани дидори Хуршед
Миёни баргҳо хуш гуфтугӯй аст.

Дар ин дунё агар дунё надорӣ,
Сари пуршӯру пурсавдо надорӣ,
Аз ин як рӯзи кӯтоҳат чи ҳосил,
Дар имрӯзат агар фардо надорӣ?!

Зи оҳан одами оқил насозанд,
Зи фӯлод одами комил насозанд.
Бисозанд офтобу моҳи маснӯъ,
Чу мо инсони соҳибдил насозанд.

Лаби дарё сафои рӯҳу ҷон аст,
Дили дарё ҷаҳони бекарон аст.
Хурад мавҷе сари мавҷи дигарро,
Вале дарё равон асту равон аст...

Касоне, ки ғами дунё надоранд,
Ба сар андешаи фардо надоранд,
Ҳама доранд аз моли ҷаҳон, лек
Дар ин дунёи равшан ҷо надоранд.

Ҷаҳон майдони исёну набард аст,
Дар ӯ тавъам ҳама дармону дард аст.
Биёбонгардро гоҳе барад об,
Ба хушкӣ ғарқ гаҳ дарёнаворд аст.

Тулӯи бахти мо аз синаи мост,
Умеду орзу ганҷинаи мост.
Нумӯи кишти фардои ҷаҳонҳо
Зи тухми киштаи деринаи мост.

Замину осмони ман – дили ман,
Баҳори ман, хазони ман – дили ман.
Туро ҳам донаму ҳам менадонам,
Аёну ноаёни ман – дили ман.

Зиёда кишвари мо кӯҳсор аст,
Зи тоҷи қуллаҳояш тоҷдор аст.
Агар баҳре надорад кишвари мо,
Дили мо баҳрҳои беканор аст.

Саводи шоирӣ мактаб надорад,
Қалам парвои рӯзу шаб надорад.
Бувад шоир фидоии замона,
Ҷаҳони шоирӣ мансаб надорад.

Бидонад дарди ҳар як дилшикаста,
Бидонад ранҷи теша, ранҷи даста.
Бувад хунёгари мумтоз шоир,
Ки донад нағмаи тори гусаста.

Набошӣ як нафас осуда, эй дил,
Нахоҳӣ як дами беҳуда, эй дил.
Ҳар он роҳе, ки нопаймудаам ман,
Ту онро сарбасар паймуда, эй дил.

Агар бишкаст оҳан ё ки фӯлод,
Нагӯям, эй дареғ, эй вой, эй дод!
Валекин аз хиёнатҳои ёрон
Диле чун бишканад, фарёду фарёд!

Чи хуш мегуфт борон дар биёбон:
Шитобон омадам, рафтам шитобон.
Зи шаб то субҳдам хондам тарона,
Вале нашнид гӯши сахтхобон.

Баҳор асту бирезад резаборон,
Нишоне хоҳад аз ман рӯзгорон.
Ҳар он нахле, ки биншондам, шавад, кош,
Сутуни хонаи навхонадорон.

Саҳар хуршед бикшояд дари ман,
Нишинад ҳамчу ёре дар бари ман.
Кушояд чашми рӯзи дигарамро,
Бипурсад, то чи бигзашт аз сари ман...

Ба ҳар паҳно бичӯ паҳнои худро,
Аз ин дунё ситон дунёи худро.
Зи камобии дарё тирамоҳон
Бибин ҳоли дили дарёи худро.

Чу мирад шоире, ҳайкал гузоранд,
Ҳисоби байтҳояшро шуморанд.
Вале аз шеърҳои мурдаи ӯ
Ба дилҳо зррае парво надоранд.

Гаҳе на ёди хӯрду хоб кардем,
Ки то рози диле дарёб кардем.
Барои ташнагони зиндагонӣ
Дили худро шабу рӯз об кардем.

Дар ин дунё бубояд қаҳрамон буд,
Пайи ҳифзи амонӣ беамон буд.
Ба дилнармӣ наёрӣ тоби сахтӣ,
Бибояд, сахтрӯю сахтҷон буд.

Чаро таънам занӣ, беақли сода,
Ки ту чобуксавору ман пиёда?
Ба ҷое, ки саворон мешитобанд,
Расад оқил ба як ҷо истода...

Бадо шаҳре, ки он ҷо оқиле не,
Барои фахри мардум фозиле не.
Чи бадбахт аст он мулку маконе,
Ки дарё дораду дарёдиле не.

Аламбардори номи ман ту бошӣ,
Давоми ман, паёми ман ту бошӣ.
Бимирам сарбаланд, эй тифли фардо,
Агар қоиммақоми ман ту бошӣ.

Сухан аз пеши худ кай бофтам ман,
Варо аз рози дилҳо кофтам ман,
Дарозу кӯтаҳии сатрҳоро
Зи ожанги ҷабинҳо ёфтам ман.

Якеро қасру боғу маҳмиле[1] ҳаст,
Чароғи ақл неву манзиле ҳаст.
Якеро махзани пур аз тилое,
Маро дар махзани сина диле ҳаст!

Напурсида зи мо, зоданд моро,
Насиби зиндагӣ доданд моро.
Барои хеш то роҳе биҷӯем,
Сари дуроҳа бинҳоданд моро.

Дилам дарёст, соҳилҳо, куҷоед?
Дилам раҳҷӯст, манзилҳо, куҷоед?
Русуми дилбарӣ омӯхтам ман,
Шуморо ҷӯям, эй дилҳо, куҷоед?

Замину осмон боҳам наояд,
Ба дунё одами беғам наояд.
Шабе аз гиряи борон шунидам,
Ки ҳаргиз дидае бенам наояд.

Гуноҳи шоирон беҳ аз савоб аст,
Сиришки талхашон беҳ аз шароб аст.
Ба базми синаи онон шитобед,
Ки дуди оҳашон беҳ аз кабоб аст.

[1] Маҳмил – ҳавдаҷ, каҷовае, ки ба шутур баста, одам савор мекарданд.

Ғами дунё ҳама ғамхори мо шуд,
Ками дунё ғами бисёри мо шуд.
Сабукборон ҳама рафтанд осон,
Набурда борашон сарбори мо шуд.

Чи суд аз шуҳрати барвақту осон?
Чи суд аз нашри чанде шеъру дастон?
Дили шоир ба монанди замин аст,
Ки бояд кард ҳар дам киштгардон.

Намонад кишти деҳқон нодуруда,
Намонад шеъри шоир носuруда.
Дар ин дунёи бурду бохт, эй кош,
Намонад коми ошиқ норабуда!

Чи бошад дил, агар дилбар набошад?
Сари коре агар дар сар набошад?
Ҳама ғамро бувад хурсандӣ аз пай,
Ғаме аз беғамӣ бадтар набошад.

Зи ҳар як кӯҳ кони зар наёбӣ,
Зи ҳар баҳри дамон гавҳар наёбӣ.
Чу аз ёри нават гардӣ пушаймон,
Ту ёри куҳнаро дигар наёбӣ.

Замоне дар дилам ишқу ҳавас буд,
Ситора аз бароям дастрас буд.
Агар ман рӯи дунёро надидам,
Насиби дидани рӯи ту бас буд.

Ало, эй нозанини моҳпайкар,
Лаби дарё биёӣ кӯзабарсар.
Лаби дарё биёӣ, об агар нест,
Зи дарёи дили ман ёд овар.

Ду-се рӯзе дар ин дунёстам ман,
На бедарду на бепарвостам ман.
Бишуд ҳар сол соле умрам афзун,
Надонистам, ки худро костам ман.

Замину осмон дур аст, эй гул,
Чу чашми бахти мо кӯр аст, эй гул.
Агар боҳам наояд қисмати мо,
Ҳама офоқ маъзур аст, эй гул.

Диле гар ҳаст, умеди дилбаре ҳаст,
Саре гар ҳаст, умеди сарваре ҳаст.
Гузашт имрӯзу парвое надорем,
Дили мо пур, ки рӯзи дигаре ҳаст.

Зи кибру мастиву майхонашинӣ
Заминро гоҳ зери по набинӣ.
Замин гоҳо аз он ларзад, ки гӯяд:
Ғанимат дон, ки дар рӯи заминӣ...

Яке берӯю дар чархи барин аст,
Дигар рӯсурх дар зери замин аст.
Чу рӯзе баркашӣ суду зиёнро,
Басо болонишин поённишин аст.

Яке гӯру дигар кон меканад боз,
Яке девори зиндон меканад боз.
Яке дил меканад аз ишқи ёре,
Яке чаҳ, дигаре ҷон меканад боз.

Ба ҳар роҳе, ки рафтам санг дидам,
Ба рӯи ҳар касе ожанг дидам.
Ба абрӯи касе, ки раҳнавард аст,
Нишони раҳ – ғубору чанг дидам.

Муҳаббат масдари рушду камол аст,
Раҳи паймон на роҳи қилуқол аст.
Агар дар ишқ банди дил насӯзад,
Кушоди банди мушкилҳо муҳол аст.

Фитад аз осмон ахтар, наёбӣ,
Ҷавонӣ бигзарад, дигар наёбӣ.
Бинеҳ сар бар сари зонуи ёре,
Ки умрат чун басар шуд, сар наёбӣ.

Хуш аст он, к-ӯ ками худро физояд,
Ғамеро бо ғами дигар зудояд.
Сано бодо ба он марде, ки ҳар рӯз
Худ аз худ дар дилаш дунё кушояд.

Муҳаббат ҳолию фардои умр аст,
Муҳаббат шӯриши дарёи умр аст.
На ҳар савдогар ин ҷо суд ёбад,
Муҳаббат, ҷони ман, савдои умр аст.

Кушоду басти мушкилҳо ту бошӣ,
Сафои дидаву дилҳо ту бошӣ,
Валекин дар ҳама айём, эй ишқ,
Ҷазои ҷумла оқилҳо ту бошӣ.

Туро меҷӯям аз ҳар боғу гулшан,
Туро меҷӯям аз дунёи равшан.
Туро меёбаму гум мекунам боз,
Аҷаб беҳудакорам, вой бар ман!

Дилам ҳамошёни булбулон буд
Ба саҳни бӯстонҳо нағмахон буд.
Баҳорон буду булбул буду гул буд,
Ҷавонӣ буду ёри ман ҷавон буд.

Дили ман, эй дили овораи ман,
Ту гум кардӣ ба ҳар ҷо чораи ман.
Агар аз дасти ту гирям шабу рӯз,
Начунбонад касе гаҳвораи ман.

Табиби ман ба ғайри ман касе нест,
Ҳабиби ман ба ғайри ман касе нест.
Ман аз ин умрфарсоӣ бидонам:
Рақиби ман ба ғайри ман касе нест.

Нишони мо пас аз мурдан биҷӯянд,
Хатои мо пас аз мурдан бигӯянд.
Чи гулҳо, ки надидему начидем,
Пас аз мурдан зи хоки мо бирӯянд.

Дили беишқ ҳам озурда гардад,
Тани бедард ҳам фарсуда гардад,
Хазон гардад дарахти бесамар ҳам,
Гули бебӯй ҳам пажмурда гардад.

Фиреби зиндагӣ бар ҷои панд аст,
Тамоми фанди ӯ бар ҷои қанд аст.
Замин паст, осмон дуру баланд аст,
Ғанимат ҳар писанду нописанд аст.

Гуноҳи мо ба ҷои ёдгор аст,
Хатои мо ба ҷои шоҳкор аст.
Хазони мо нишони тирамаҳ нест,
Хазони мо ғизои сад баҳор аст.

Дили ман, эй дили ман, эй дили ман,
Раҳи ман, раҳбари ман, манзили ман.
Маро куштӣ ту дар роҳи ҳавасҳо,
Бади ман, душмани ман, қотили ман.

Дареғо, аспи қисмат зин надорад,
Сари савдоиён болин надорад.
Ҳама хоҳанд вазни худ бидонанд,
Тарозуи касе шоҳин надорад.

Агар, эй дӯстон, аҳли сафоед,
Ба дарди шоирон гар ошноед,
Аҷал чун чашми шоирро бипӯшад,
Шумо девони шеърашро кушоед.

Тую ман ҳам ҷавон будем вақте,
Фидоии замон будем вақте.
Нишони мо пас аз мурдан кӣ бошад?
Нишони мурдагон будем вақте...

Фиреби ошноёнро чи гӯям?
Ғироми дӯстдоронро чи гӯям?
Занон мардона гоҳо ишқ варзанд,
Заифиҳои мардонро чи гӯям?!

Равонам ҷониби фардои қисмат,
Зи дасти бераҳу саҳрои қисмат.
Дар ин дунёи нопайдоканора
Занам пай, то кунам пайдои қисмат.

Ҷаҳони хеш аз дунё биёбам,
Мақоми хеш дар дилҳо биёбам.
Валекин рӯзҳои рафтаамро
Бувад оё, ки аз фардо биёбам?!

Ба гардун моҳ ҳар мавсим набошад,
Вафои ошиқон доим набошад.
Вафо пироҳани танг асту кӯтоҳ,
Ба қадди ҳеҷ кас қоим набошад.

Ҳама фарзанди мо қобил наояд,
Ҳама раҳҷӯй бар манзил наояд.
Ба ҳар як тир як сайде наафтад,
Зи ҳар як шеър бӯи дил наояд.

Чу санги кӯҳҳо носуфтаам ман,
Чу ганҷи кӯҳҳо бинҳуфтаам ман.
Ҳама донанд шарҳи ҳоламу лек
Дареғо, қиссаи ногуфтаам ман.

Гаҳе ёру гаҳе бор аст дунё,
Гаҳе тору гаҳе дор аст дунё.
Надонад қимати мардон, агарчанд
Харидор асту бозор аст дунё.

Яке ёду дигар фарёд дорад,
Яке доду дигар бедод дорад.
Касе, к-аз ақлу дониш дур бошад,
Ба буҳтонбофӣ истеъдод дорад.

Зи шеъри мо дили моро шиносанд,
Зи феъли мо гили моро шиносанд.
Зи ранги рӯи мо дар гардиши вақт
Бисоти манзили моро шиносанд.

Машав аз ину он мағрур, эй дил,
Сабуксорӣ набошад кори оқил.
Зи таърифи зиёд аз ҳад наболӣ,
Ки он ҳам мекушад чун заҳри қотил.

Аз ин дунё, аз ин дунёи зебо
Басо рафтанд беномунишонҳо.
Ситора ҷуставу мурданд бешамъ,
Худо ҷустанду гум карданд худро...

Биё, то гӯямат шарҳи ғами дил,
Сухан бикшоям аз бешу ками дил.
Чи мебинӣ зи сайри рӯи олам,
Биё, сайре бикун дар олами дил

Бузургоне, ки худро мешиносанд,
Ҳамеша бениёзу беқиёсанд.
Ҳамеша дар азоб аз шуҳрати худ,
Ҳама аз доди қисмат дар сипосанд.

Дарахти пирро дар тирамаҳ бин,
Чу пири қадхамида зору мискин.
Бинолад реша аз тан, тан зи реша:
Фиғон аз талхиҳои умри ширин...

Замон гаҳ қаср, гоҳе гӯр созад,
Ки то вайронае маъмур созад.
Касе бигрезад аз чашми замона,
Замона чашми ӯро кӯр созад.

Надидам дил, ки доғи дилбаре нест,
Надидам сар, ки бе дарди саре нест.
Надидам кас аз он мушкилкушоён,
Ки худ дармондаи пеши даре нест.

Мақоми хеш то бишнохтам ман,
Басо сар бохтам, дил бохтам ман.
Бисозам то бинои бахти худро,
Басо бо зиндагонӣ сохтам ман.

Саҳаргоҳе, ки борон нам-наме дошт,
Дилам аз беғамии ту ғаме дошт.
Надонистам, ки дар ишқу муҳаббат
Дили пурорзуям чӣ камӣ дошт?!

Ту медонӣ, ки худ ин чархи даввор
Бувад бар нохуни мо зор ҳар бор.
Дамад ҳар субҳи содиқ аз дили пок,
Барояд Офтоб аз чашми бедор.

Замоне бигзарад исёну шӯрат,
Ҳама андешаҳои роҳи дурат.
Ҳазорон боғ сабзонӣ ба уммед,
Бирӯяд то дарахте рӯи гӯрат.

Зи ношодии мо шоданд чанде,
Зи бедардӣ танободанд чанде,
Зи сайди зинда метарсанд аздур,
Ба сайди мурда сайёданд чанде.

Бибояд шодмону комрон зист,
Ғанӣ андар канори дилбарон зист.
Чу рӯзат пур шавад аз бахши қисмат
Ба рӯзи дигарон кай метавон зист!?

Гули ман, бе ту дил ғамнок гардад,
Ба чашмам танг ин афлок гардад.
Ту бошӣ, хок гирам, зар шавад, лек
Набошӣ, зар бигирам, хок гардад.

Гирифти маҳ– гирифти хотири ман,
Шикасти роҳ – садди манзили ман.
Агар дар мисрае як сакта бинам,
Ҳазорон сакта афтад дар дили ман.

Дили бедоғ дар дунё наёбӣ,
Сари бедарду бесавдо наёбӣ.
Биёву гавҳари чашми маро бин,
Ки ин гавҳар ту аз дарё наёбӣ.

Гуле ёбӣ, кунӣ бустон фаромӯш,
Ба нафъи ҷон кунӣ ҷонон фаромӯш.
Чу шамъе ёбӣ, эй ношукр, боре,
Ту созӣ аз Маҳи тобон фаромӯш.

Зи хоку санг бас оина созанд,
Зи неши мор бас нӯшина созанд.
Агар бӯзина одам шуд, бибинед,
Зи нав аз одамӣ бӯзина созанд.

Ҳама кори ҷаҳон андар ҳисоб аст,
Савол ин ҷосту ҷое ҷавоб аст.
Нахуст аз бозупечи гоҳвора
Бидонистам – насибам печутоб аст.

Ба тан пироҳани ҷуллу фасурда,
Тамоми меваҳошон чида бурда,
Хазон мерезад аз шохи дарахтон
Чу гунҷишкони ногаҳ тирхурда.

Бар ҳар вазъе шинос авзои худро,
Аз ин дунё биҷӯ дунёи худро.
Зи камобии дарё тирамоҳон
Бибин ҳоли дили дарёи худро.

Ман аз роҳи ниҳони худ битарсам,
Ман аз умри ҷавони худ битарсам.
Надорам боки неши теғи нокас,
Ман аз неши забони худ битарсам.

Қудумат нек бод, эй тифли навзод,
Ба рӯи олами вайрону обод,
Ба гардун ахтарат бошад-набошад,
Ба мардум ахтари бахтат аён бод!

Зи ҷоми ҳастӣ май хурдему рафтем,
Диле додему дил бурдему рафтем.
Чу дунё ҷои худёбист, донед,
Ки худро ҷустуҷӯ кардему рафтем.

Зи хуни гарми мо фаввора созед,
Зи барқи чашми мо истора созед.
Агар мирем, дорем орзуе,
Ки аз тобути мо гаҳвора созед.

Барои халқ буд доне, ки киштем,
Барои халқ буд, к-аз худ гузаштем.
Накардем иддаои баркамолӣ,
Сухан аз халқ буду мо навиштем.

Дар ин дунё ягон кас ҷовидон нест,
Сутуни гунбади кавну макон нест.
Ҷаҳон баҳри ҳама бошад, валекин
Ҳама андар ҷаҳон баҳри ҷаҳон нест.

Сарам қурбони меҳри модарон буд,
Дилам подоши васли дилбарон буд.
Сабук будам аз он дар зиндагонӣ,
Ки бори зиндагӣ бар ман гарон буд.

Табиат хаставу ноҷӯру нотоб,
Зи ҳар шохе бирезад, гӯӣ, зардоб.
Тапад барги хазон, афтода аз шох,
Чу моҳии бурунафтода аз об.

Касе нагзашта дарси мактаби дил,
Надонад матлаби дил, мазҳаби дил.
Шабу рӯзи Худо бисёр, лекин
Манам қурбони ҳар рӯзу шаби дил.

Дареғо, иддае кӯтоҳдастанд,
Ки аз таърихи худ тарфе набастанд.
Миёни кӯҳҳои сарбаафлок,
Чи гӯям, иддае ҳастанду пастанд.

Кӣ ҳастиву чи ҳастӣ, худ надонӣ,
Надорӣ ҳамзабону ҳамзабонӣ.
Ба дӯши ту агар бори ҷаҳон нест,
Чаро ту бори дӯши ин ҷаҳонӣ?

Туӣ буду набудам, миллати ман,
Туӣ самти суҷудам, миллати ман.
Суруди умри ман поён пазирад,
Ту мехонӣ сурудам, миллати ман.

Ба зери хок бас аллома хуфта,
Ҳазорон шӯришу ҳангома хуфта.
Агар «Шаҳнома»-и Фирдавсӣ бо мост,
Ба зери хок сад «Шаҳнома» хуфта.

Дар ин дунё, ки эҷоди тазод аст,
Ба қавли Рӯдакӣ, абр асту бод аст.
Пайи одамгарӣ фурсат надорем,
Пайи ноодамӣ фурсат зиёд аст.

Туро кай ёди дарди ину он буд?
Туро кай ҳамрикобӣ бо замон буд?
Ҳама бори гарон бар дӯши Айнӣ,
Ба дӯши ту фақат хоби гарон буд...

Агар аз бенишониҳо нишонам,
Ҷаҳонро баъди худ холӣ намонам.
Ҷаҳон нашносадам, боке набошад,
Агар худро шиносам, сад ҷаҳонам!

Муборак шӯри дарёи ҷавонӣ,
Расишҳою тапишҳои ҷавонӣ,
Дар ин дунёи пири пирафшон
Ҳумоюн бод дунёи ҷавонӣ!

Агар фармуди он Якто намешуд,
Гуноҳ аз Одаму Ҳавво намешуд,
Агар як дин ҷаҳонро пок медошт,
Дигар дин дар ҷаҳон пайдо намешуд.

Бидонӣ то ки қадри кудрати хеш,
Бидон аввал тавони фитрати хеш.
Барои ҳурмати ман гар нахоҳӣ,
Зи ҷо бархез баҳри ҳурмати хеш.

Маро гаҳ маст мебинед, ғам нест,
Шуда аз даст мебинед, ғам нест.
Баландии шуморо мепарастам,
Маро гаҳ паст мебинед, ғам нест.

Зи имон дам занад, имон надорад,
Зи виҷдон дам занад, виҷдон надорад.
Ҷаҳон пур шуд зи устоди бузурге,
Ки як шогирди абҷадхон надорад.

# МУНДАРИҶА

## МУЪМИН ҚАНОАТ

## ЯК ЧАМАН СУХАН


**Ба ҷои пешгуфтор** ........ 5

**Аз шеърҳо**

Ба ҳаводори забони тоҷикӣ ........ 8
Обшор ........ 8
Ҳукм бар ситора кунем ........ 10
Ҷилвагоҳи ҳақиқат ........ 10
Пири гулфурӯшон ........ 10
Оташи ишқ ........ 11
На ҳукм, на ҳикмат ........ 11
Мезебад ........ 11
Ҳусн ........ 12
Ману шабҳои бехобӣ ........ 12
Нарав, қуи сафеди ман! ........ 13
Об мехӯрад... ........ 15
Гули бодом ........ 15
Садди назар ........ 18
Як чаман сухан ........ 19
Олам ғазаломез шуд ........ 20

**Аз «Созҳои Шероз»**

Тахти Ҷамшед ........ 20
Маро гуфтӣ: биё, Шероз –пойандоз ........ 21
Суруди охирин ........ 21

**Аз достонҳо**

Сурӯши Сталинград ........ 24
Тоҷикистон – исми ман ........ 46
Гаҳвораи Сино ........ 59
Падар ........ 100
Китобҳои захмин ........ 108
Мавҷҳои Днепр ........ 117
Достони оташ ........ 124
Ситораи Исмат ........ 140

## БОЗОР СОБИР

## ШОХИ ҚАЛАМ

**Ба ҷои пешгуфтор** ........ 161
Тоҷикистон ........ 164
Забони модарӣ ........ 165
Шоиру шеъре агар ҳаст… ........ 168
Бухоро ........ 170
Девори Бухоро ........ 172
Дарвозаи Бухоро ........ 173
Сангари сангини Истиқлол ........ 175
Дар оғӯши кӯҳистон ........ 176
Хати сурх ........ 177
Пас аз мо ........ 179
Хонақоҳи ман ........ 181
Даҳ сол ман набудам… ........ 183
Зиёрати қишлоқ ........ 185
Баҳори Роғон ........ 188
Соядасте ба қаҳрамонони ҷумҳурӣ ........ 190
Кӯчаҳои ҷавонӣ ........ 190
Ман худамро кушта-кушта… ........ 192
Ғазои Восеъ ........ 194
Тирамоҳ ........ 195
Кафани сурхи ман ........ 197
Бо чамидан, бо шамидан, бо чашидан… ........ 197
Асп ........ 198
Ба хотираи бародарам профессор Темур Собиров ........ 199
Олучаи латтадор буд модари ман ........ 201
Сӯзан агар дар дили ман монд ........ 202
Фасли обшустаи зард ........ 202
Мадду ҷазр ........ 204
Ашкам маро гулӯла мезанад ........ 205
Навбаҳор – устои марҳамбанд ........ 206
Пуштаҳо ........ 208
Дарахти сабда шуд дар пушта модар ........ 209
Кулбаи модар ........ 211
Бачаҳои деҳотӣ ........ 213

Чорчашма........................................................................ 214
Фарзанди деҳқон ......................................................................... 219
Сурхии рӯятро бидеҳ ........................................................................ 220
Баҳор омад ......................................................................... 221
Теғи Сино ........................................................................ 223
Аҳмади Дониш ........................................................................ 224
Айнӣ ........................................................................ 225
Китоби «Тоҷикон» ........................................................................ 226
Мекашад моро дарӣ аз ҳар даре ...................................... 228
Чун қалам нест касе ҳамхунам ........................................ 229
Душанбе........................................................................ 230
Шоиронро масупоред набӯсида ба хок........................... 231
Худамро мебарам бар дӯши худ боз ................................ 232
Барои худам ........................................................................ 234
Шабеҳа ........................................................................ 237
Сабук ........................................................................ 238
Хонаи мӯр ........................................................................ 239
Саҳна ........................................................................ 240
Шеъри бесадо ........................................................................ 242
Тирамоҳам ........................................................................ 243
Бо доғҳо дар боғҳо ........................................................................ 244
Сафаре ба дилҳо ........................................................................ 245
Ҳастии бузургон чист? ........................................................................ 246
Дар ёдбуди Муҳамадҷон Раҳимӣ .................................... 247
Барои Раҳим Ҳошим ........................................................................ 248
Ёдкарди Ҷумъа Одина ........................................................................ 249
Кӯдакиям ҳанӯз гирён аст ........................................................................ 250
Ошдони модар ........................................................................ 251
Дахма ҷустуҷӯ дорам ........................................................................ 251
Назми мо то асри бист ........................................................................ 252
Кафшер ........................................................................ 254
Шафақи ранг ........................................................................ 256
Соядасте ба «Фарҳанги забони тоҷикӣ»......................... 256
Аз номи Низом Қосим ........................................................................ 256
Роҳҳо ........................................................................ 256
Суруди шабҳангом ........................................................................ 258
Ту ними манӣ ........................................................................ 259

Юсуф ........................................................................ 259
Гург ва барф.............................................................. 261
Кӯҳи лолагардан........................................................ 262
Ҳамхуни лолаҳо ........................................................ 263
Сарнома...................................................................... 264
Дилам месӯзад............................................................ 264
Дар офтобшин ........................................................... 265
Мешавам аз нестиат нест ........................................... 266
Номаҳо ...................................................................... 267
Дар зери шаршара ...................................................... 269
Аз мӯйи то зонуи ту як мӯ набахшам бар касе ............. 270
Дилхунук.................................................................... 270
Бӯса ба дунё задам ..................................................... 271
Сафедор..................................................................... 272
Хобат барад ба ҷунбиши мавзуни набзи ман ................ 273
Борон ........................................................................ 273
Аз дарахти соя афтодам.............................................. 275
Хотира ....................................................................... 276
Аз хуни Сиёвушем ...................................................... 277
Биншин ба рӯи чашми ман ......................................... 278
**Аз «Чорпора»** ........................................................... 279
**Аз «Гулҷӯш»**............................................................. 287

**Аз «Шеърҳо барои бачаҳо»**

Фабрикаи абр ............................................................. 291
Аэропорт .................................................................... 291
Ҷорӯби оҳанрабо ........................................................ 291
Уқёнуси Ором.............................................................. 291
Набераам Анӯша ......................................................... 292
Рассом........................................................................ 292
Соя ............................................................................ 293
Фаввора ..................................................................... 293
Гови ҳазорпистон ....................................................... 293
Зеби фасли тирамоҳ ................................................... 293
Боғи Момаи Ангур ..................................................... 294
Ҳаво ........................................................................... 295
Субҳи қишлоқ ............................................................ 295

Асо ва айнак ........................................................................ 295
Косапушт ............................................................................. 295
Тарбуз ................................................................................ 296
Чанор .................................................................................. 296
Ситораи Кремл .................................................................... 297
Қишлоқи ман ....................................................................... 297
Кӯдакии ман ........................................................................ 298
Китоби баҳор ....................................................................... 298
Гови фалак дар айлоқ .......................................................... 298
Меваи маснӯъӣ .................................................................... 299
Дарахти маснӯъӣ ................................................................. 299
Куку..................................................................................... 299
Тӯрпардаи тортанак............................................................ 300
Гулҳои зинда ....................................................................... 300
Як бача буд .......................................................................... 300
Чистони ҳавопаймо............................................................. 301
Фабрикаи «Ширин» ............................................................. 301
Кран..................................................................................... 302
Гулҳои қоқу ......................................................................... 303
Ҷанг ..................................................................................... 303
Телпак ................................................................................. 303
Чистони харчанг ................................................................. 303
Асо....................................................................................... 303

**Аз тарҷумаҳо**

**Пабло Неруда**
Бехобӣ .......................................................................... 304
Китоб............................................................................ 305
**Хосе Рисал**
Охирин падруд ............................................................. 306
**Ҷорҷ Байрон**
Прометей ...................................................................... 308
Вақт .............................................................................. 310
**Гийом Аполлинер**
Исфаҳон ........................................................................ 311
Тирамоҳ ........................................................................ 313
**Сергей Есенин**
Эй хумори бӯса ............................................................. 314
Ба сарои падар намеоям .............................................. 315

## ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

## ЗАБОНИ ДИЛ

**Ба ҷои пешгуфтор** .......... 316
Нӯшбод .......... 320
Суруди хайрбод .......... 321
Духтари рустоӣ .......... 323
Маро хушбахт кун, эй гул .......... 324
Кабӯтарҳо .......... 325
Ту бошию ману ин кӯҳсорон .......... 326
Достони дастҳо .......... 327
Шеъри нав .......... 329
Зангӯла .......... 330
Китоби сангин .......... 331
Бимон, то дар дили покат дили ман ошён монад .......... 331
Ман намемирам .......... 332
Тарона .......... 333
Ишқи аввал - ғӯраи сармозада .......... 335
Боз мехоҳам, ки аз нав кӯдаки нодон шавам .......... 336
Нарафт ӯ як қадам берун зи Шероз .......... 337
Барои Маҳмуди Воҳид .......... 338
Ало шодоб соҳилҳо .......... 339
Бӯалӣ - бихради накӯфарҷом .......... 340
Араб гӯянд Синоро гурӯҳе .......... 341
Ман аз ин қофияпардозиҳо бисёр дилгирам .......... 342
Кӣ дар овони ҳаждаҳсолагиаш .......... 344
Ба ҳар ҷое, ки ман рафтам .......... 345
Рӯзҳо мегузаранд .......... 346
Аз хато, аз ғурур, аз таъхир .......... 348
Таманно .......... 349
Қадри шоир .......... 350
Деҳи кӯчида .......... 351
Баландиҳо .......... 352
Марсияи Хуршед .......... 354
Айнӣ .......... 356
Таърих гувоҳ аст... .......... 358
Оли Сомон .......... 360

Баъд аз ҳазор сол........................................................... 362
То дил накунад дард, надонӣ, ки дилат ҳаст .................. 363
Дар баччагӣ ...................................................................... 364
Китобҳои шаҳид ............................................................. 364
Оқибат мерасам ба он манзил ......................................... 366
Баччагиам бекасу танҳо гузашт ....................................... 367
Боз як рӯзи ғаму шодӣ гузашт......................................... 368
Ҷавонии падарон............................................................. 369
Ту, эй гаҳвораю тобути ишқи ман.................................... 370
Дар Варзоб...................................................................... 371
Барфу борон рехт дарҳам ҳамчу дарди ошиқӣ ............... 372
Шукр гӯям зиндагиро бо ҳама ширину талх .................. 373
Миёни ин ҳама ғавғои ҳастӣ ......................................... 374
Падарам, эй падари деҳқонам ........................................ 375
Хоки Ватан ..................................................................... 377
Аҳмади Дониш................................................................ 379
Он лаҳза, ки дар хонаю дар шаҳр нагунҷӣ ...................... 380
Суғдиён ҳар гаҳ ба кӯи дӯст меҳмон мешуданд ............ 381
Муборакбоди ишқ........................................................... 381
Мезанад борон ба шиша.................................................. 382
Ифтихор.......................................................................... 383
Хокрӯб ........................................................................... 384
Намаки халқ ................................................................... 385
Дар қатори қуллаҳои Тоҷикистон .................................... 387
Ворисон........................................................................... 388
Тақлиди Мавлавӣ............................................................ 389
Ало, эй Шаҳрзоди ман ..................................................... 391
Ман аз чашми ту метарсам ............................................ 392
Баҳор мешавад... ............................................................ 393
Аввали ишқ – осмони баланд .......................................... 394
Дидаам дилрезаҳое, ки радифи дил нашуд ..................... 394
Вопасин нафаси Хайём .................................................. 395
Шеъре, ки хоб дидам ...................................................... 396
Фахрия ........................................................................... 397
Барои он ҳама дунёи эъҷоз ............................................ 398
Пас аз чандин сабуриҳо .................................................. 400
Умри булбул ................................................................... 401
Ман дар ин дунё чи дунё доштам? ................................. 403
Соқиномаи имрӯзин ....................................................... 403

**Аз «Модарнома»**

Ба модарам ........ 408
Модар ........ 410
Ту монанди замин танҳоӣ, модар ........ 412
Чу аз модар ба дунё омадам ман ........ 413
Ҷомаи гадоӣ ........ 413
Қасидаи модар ........ 415

**Аз «Илҳом аз «Шоҳнома»**

Писари ҳаждаҳуми Кова ........ 417
Рӯҳи Рахш ........ 418
Ғурури Рустам ........ 420
Пуштибонӣ ........ 421
Гиряи Кова ба ҳабдаҳ писараш ........ 422
Навҳаи Таҳмина бар Суҳроб ........ 423
Охирин ҷанги Рустам ........ 424
Арвоҳи домангир ........ 425
Фирдавсӣ ва Темур ........ 426
Васияти Фирдавсӣ ........ 427
Корези Фирдавсӣ ........ 428

**Аз «Користони Норак»**

Бунёдгоҳи кохи нур ........ 429
Бунёдкорон ........ 431
Сутунҳо ........ 431
Ҳамосаи чашму чароғ ........ 432
Суруди тунелкорон ........ 434

**Аз ғазалҳо**

Мард он, ки сарафроз сари дор бимирад ........ 436
Мо баҳри дилшиносон шеъру тарона ҳастем ........ 436
Мо солхурда ҳастем ё сол хурда моро? ........ 437
Аз кӯҳ санге чун фитад, сад сангро бечо кунад ........ 437
Бедарди дил касест, ки дилбар надоштаст ........ 438
Як зумра касон пиртаваллудшудагонанд ........ 438
Ишқ дар дил шуълаи субҳи саодат будааст ........ 438
То ту ба додам мерасӣ, оҳам ба Кайвон мерасад ........ 439

Чунонат ёд меорам, ки раҳгумкарда манзилро ............... 439
Сад баҳрро гузаштаму дар соҳилам ҳанӯз ....................... 440
Ёдгори Айниву ин кӯҳсорон зинда бод! .......................... 440
Ба ҳама нағмаи ночӯр дилам месӯзад .............................. 440
Нест осон бурдани бори сухан ........................................ 441
Аз дур ошёни туро ёд мекунам ....................................... 441
Ёр мечӯему бо ноёр қисмат мекунем .............................. 442
Зинда бош, эй чашмаи илҳоми ман ................................. 442
Куштаи бисёр додӣ, боз рӯҳат зинда аст ........................ 443

**Аз рубоиҳо** ........................................................................ 444
**Аз дубайтиҳо** ..................................................................... 450

**«АХТАРОНИ АДАБ»**
**ИБОРАТ АЗ 50 ҶИЛД**

**Ҷилди 47**

**Муъмин ҚАНОАТ**
**ЯК ЧАМАН СУХАН**

**Бозор СОБИР**
**ШОХИ ҚАЛАМ**

**Лоиқ ШЕРАЛӢ**
**ЗАБОНИ ДИЛ**

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Азиз Қурбонзода*
Мусаҳҳеҳ *И. Шоева*
Ҳуруфчинии *Маҳвора, Ҳадя ва Сипеҳр*

Ба матбаа 02.12.2020 супурда шуд.
Чопаш 18.12.2020 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 30,0. Андозаи 60x90 $^{1}/_{16}$.
Адади нашр 5000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев 17а

Дар чопхонаи ҶДММ «Илм» чоп шудааст.